Дар мақолаи мазкур саҳми ақвими ориёӣ, минҷумла тоҷикон дар ташаккулу такомули соҳаҳои гуногуни илм ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ақвоми ориёинажоди эронитабор аз даврони басо куҳан на танҳо бо илмҳои гуногун ошноӣ доштанд, балки аз поягузорони илмҳои мухталиф низ будаанд.Аҷдодони тоҷикон дар радифи дигар халкҳои соҳибтамаддун ихтироъкор ва соҳиби чандин навъи хат ва алифбо мебошанд. Аз чумла, Ибни Муқаффаъ дар бораи ҳафт навъи хатти тоисломии аквоми эронитабор маълумот додааст. Яке аз риштаҳои рушдёфтаи илм дар миёни аҷдоди мо илми ситорашиносӣ мебошад, ки онҳо аз даврони басо қадим ва минҷумла аз ибтидои пайдоиши оини зардуштӣ ба ин илм ниёзмандҳои зиёд доштанд. Барои донистани асрори коинот донишмандони эронитабор ҳамеша дар талош буданд ва натоиҷи ин талошҳо таҳияи яке аз нахустин ҷадвали ситорашиносӣ (зиҷ) дар аҳди Ҳахоманишиён буд. Донишмандони эронитабор ҳамчунин аз поягузорони илми риёзӣ ба шумор меравaнд. Нахустин осори риёзии онҳо лавҳаҳои гилие мебошанд, ки аз ҷонибы бостоншиносон дар Шуш кашф шудаанд. Аз ошноӣ бо сарчашмаҳои хаттӣ бармеояд, ки гузаштагони мо ҳамчунин аз поягузорони илми тиб ба шумор меравaнд. Аз чумла, дар фаргарди XX қисмати «Вандидод»- и Авесто аз нахустин пизишк ба исми Тарита ёд шудааст.Тибқи маълумоти Абдӯрайҳони Берунӣ дар илми гоҳшуморӣ (солшуморӣ) ҳатто қибтиён (сокинони Мисри қадим) ба форсиён, суғдиён ва хоразмиён пайравӣ кардаанд. Гузаштагони мо дар ташаккули улуми дигар низ саҳми босазое гузоштаанд.



**Калидвожаҳо:** Ориёиҳо, Эронзамин, Авесто, Ҳахоманишиён, Сосониён, арабҳо, юнонӣ, паҳлавӣ, дониш, хирад.


## АРИЙЦЫ ОСНОВАТЕЛИ НАУК В МИРЕ


В данной статье автором исследован вклад арийской цивилизации, в том числе таджиков, в формирование и совершенствование различных сфер науки. Арийская цивилизация, в том числе иранские народности, с древнейших времен были знакомы не только с различными науками, но также сами являлись их основателями. Предки таджиков наравне с другими цивилизованными народами являются первооткрывателями наук и имеют несколько видов письменности и алфавита. В том числе, Ибн Мукаффаъ приводит сведения о семи видах

дисламской письменности иранских племен. Одной из развитых ветвей науки среди наших предков была наука астрономии, котораяе еще с древнейших времен, в том числе с периода появления зорастризма имели большую склонность к ее изучению. Для раскрытия тайн вселенной персидские ученые всегда стремились к изучению и познанию наук и результатом этих стараний стало составление одного из первых астрономических таблиц (календаря) в период правления Ахеменидов. Персидские ученые считаются одними из основателей математических наук. Их первым математическим наследием является глинянная доска, которая была обнаружена археологами в городе Шуш. Из знакомства с письменными источниками становится очевидным, что наши предки также являются основателями медицинской науки. В том числе, в XX части раздела «Вандидод» Авесты напоминается об одном из первых врачей по имени Тарита. Согласно сведений Абурайхана Беруни в науке о летоисчислении даже жители древнего Египта следовали персам, согдам и хорезмцам. Также наши предки внесли огромный вклад в формирование и развитие других наук.

**Ключевые слова:** Арийцы, Иран, Авеста, Ахеминиды, сасаниды, арабы, греки, пехлевиды, знания, ум.

**THE AREAS OF FOUNDERS OF THE SCIENCES IN THE WORLD**

In this article, the author has studied the contribution of the Aryan civilization, including Tajiks, to the formation and improvement of various spheres of science. The Aryan civilization, including the Iranian nationalities, since ancient times were familiar not only with different sciences, but also themselves were their founders. The ancestors of the Tajiks, along with other civilized peoples, are the pioneers of science and have several types of writing and alphabet. Including, Ibn Mukaffa gives information on seven types of pre-Islamic writing of the Iranian tribes. One of the developed branches of science among our ancestors was the science of astronomy, which, even from ancient times, including from the period of the emergence of zarastrism, had a great propensity to study it. For the disclosure of the secrets of the universe, Persian scholars have always sought to study and knowledge of the sciences and the result of these efforts was the compilation of one of the first astronomical tables (calendar) during the reign of the Achaemenids.Persian scientists are considered one of the founders of mathematical sciences. Their first mathematical legacy is a clay board, which was discovered by archaeologists in the city of Shush. From familiarity with written sources it becomes evident that our ancestors are also the founders of medical science. Including, in the XX part of the section "Vandidod" Avesta is reminded of one of the first doctors named Tarita. According to the information of Aburaykhan Beruni in the science of chronology, even the inhabitants of ancient Egypt followed the Persians, Sogd and Khorezmians. Also our ancestors made a huge contribution to the formation and development of other sciences.

**Key words:** Aryans, Iran, Avesta, Achiminids, Sassanids, Arabs, Greeks, Pahlavides, knowledge, mind..

**Сведения об авторе:** ***Расулиён К.Р.*** **-** Таджикский национальный университет, доктор исторических наук профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **904-88-71-77**

**Information about the author:** ***Rasuliyon K.R.*** - Tajik National University, Doctor of History and Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Telephone: **(+992) 904-88-71-77**

**УДК 9+9(581)**

# ИСЛОҲОТИ ҲУКУМАТИ АМОНУЛЛОҲХОН – МАРҲИЛАИ АВВАЛИ НАВСОЗӢ ДАР АФҒОНИСТОН

***Баҳодуров Б.Ф.***

**Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Пас аз ба охир расидани ҷанги сеюм бо Британияи Кабир ва ба даст овардани истиқлолияти сиёсии Афғонистон дар моҳи августи соли 1919, ҳукумати Амонуллоҳхон ба амалӣ намудани ислоҳоти васеъ шурӯъ намуд. Ба даст даровардани истиқлолияти сиёсӣ барои рушди минбаъдаи тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон заминаи устувор гузошт. Ба гузаронидани ислоҳот иқдом намуда, ҳукумати Амонуллоҳхон танҳо мақсад надошт, ки ниҳодҳои анъанавии ҷомеаро тағйир ва навсозӣ намояд. Ба ақидаи олими намоёни афғоншинос В.Г. Коргун, ҳукумат дар назди худ вазифаи васеътар - «ба амал баровардани навсозии амиқи тамоми низоми ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодии давлат ҷиҳати таъмини пешрафти иҷтимоиро гузошта буд» [4,с.14]. Дар назар гирифта шуда буд, ки барномаи ислоҳот ҳадафмандона бояд дастгоҳи кӯҳнаи асримиёнагии феодалиро аз байн мебурд, зеро ин амр тақозои замон буда, натиҷаи рушди кишвар ва зуҳури муносибатҳои нави сармоядорӣ дар ним қарни охир буд.

Бояд зикр намуд, ки дар асл барномаи ислоҳоти ҳукумати ҷавонафғонҳо инъикоскунандаи манфиати табақа ва қишрҳои нави ҷомеа буда, дар шароити мавҷудияти низоми қафомондаи асримиёнагӣ онҳо нақши иҷтимоии худро иҷро карда наметавонистанд. Аз тарафи дигар, танҳо аз тариқи аз байн бурдани боқимондаҳои сохти асримиёнагӣ, ҳукумат метавонист тараққиёти иҷтимоиро таъмин намуда, сатҳи болотари некуаҳволии оммаҳои васеи аҳолӣ ва пойгоҳи устувори иқтисодии давлатро таъмин намояд. Ба ақидаи олими амрикоӣ Сензил Навид, маҳз ҳамин аҳдофро шоҳ Амонуллоҳхон

дар муроҷиати худ ба мардуми кишвар дар арафаи иди фитр дар соли 1923 таъкид намуда, изҳор дошта буд, ки «қасд дорад қонунҳоеро барои пешрафт ва беҳтар сохтани шароити зиндагии мардуми Афғонистон рӯйи кор оварад» [8,с.94].

Ба андешаи В. Коргун, вижагии ба амал баровардани ислоҳотро ба назар гирифта, метавон онҳоро ба се бахши асосӣ тақсим намуд: сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-маишӣ [4,с.15].

Ислоҳоти ҳаёти сиёсии кишвар аз қадами қатъӣ дар роҳи таҳкими пояҳои низоми шоҳии мутлақ (монархияи конститутсионӣ) - қабули аввалин Қонуни асосӣ – «Низомномаи давлати олияи Афғонистон» дар соли 1923 оғоз гардид. Қонуни асосӣ истиқлолияти сиёсӣ, озодӣ ва баробарҳуқуқии шаҳрвандони Афғонистонро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, новобаста аз мансубияти миллӣ, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ эълон намуд. Моддаи 11 қонун эълом менамуд, ки озодии инсон аз таъқибот ва дахолати ғайриқонунӣ ҳимоя гардида, ҳеҷ кас бе қарори маҳкама ба ҳабс ва ҷавобгарӣ кашида намешавад [7,мм.1-32].

Қонуни асосӣ салоҳиятҳои шохаҳои асосии ҳокимият - қонунгузор, иҷроия ва судиро муайян намуда, дар ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ тағйироти ҷиддӣ ворид намуд. Бо мақсади пешгирии худсарии қозиҳо кодекси ҷиноятӣ қабул гардид, ки мутобиқи он қонунвайронкуниҳо ба ҷиноятӣ, шаҳрвандӣ ва мансабдорӣ тақсим гардида буданд. Маҳкама (Суд)-и Олӣ ташкил дода шуда, шаклҳои бераҳмона ва вазнини ҷазо ва шиканҷаҳо аз байн бардошта шуданд.

Дар низоми марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатӣ ислоҳоти куллӣ гузаронида шуд. Барои идораи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ вазоратхонаҳо ва мақомоти онҳо дар воҳидҳои маъмурии кишвар, аз ҷумла вазорати низомӣ, корҳои дохилӣ ва хориҷӣ, адлия, молия, маориф, кишоварзӣ ва ғ. ташкил дода шуданд. Тақсимоти нави ҳудудӣ-маъмурии кишвар гузаронида шуд, ки мутобиқи он Афғонистон аз 5 музофот - Кобул, Қандаҳор, Ҳирот, Мазори Шариф ва Қаттағану Бадахшон ва 4 вилоят – Шарқӣ, Ҷанубӣ, Фароҳ ва Маймана иборат буд. Дар навбати худ, ин воҳидҳои маъмурӣ ба вулусволӣ ва алоқадорӣ тақсим мешуданд.

Бо мақсади таҳкими пояҳои сиёсии низоми шоҳӣ ва устувор гардонидани мавқеи он дар маҳалҳо бо фармони Амонуллоҳхон яке аз ниҳодҳои машваратии давлатӣ – Шӯрои аъён ва ё Дорулиншо, дар ибтидо ба маҷлиси «Шӯрои хос» ва сипас ба «Шӯрои давлатӣ» табдил дода шуд. Аъзоёни он дар марказ ва минтақаҳо ба таври баробар аз маъмурони баландмақоми давлатӣ, қисми дигарашон аз намояндагони интихобии мардум иборат буданд. Вазифаи Шӯрои давлатӣ ва шӯроҳои воҳидҳои поёнии ҳудудӣ-маъмурӣ аз муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо, муҳокимаи буҷа, баррасии қарору шартномаҳои байнидавлатӣ иборат буда, салоҳиятҳои онҳо дар моддаҳои 39-49 Қонуни асосӣ сабт гардида буданд.

Сиёсати гузаронидани ислоҳот ва навсозии ҳукумати Амонуллохон дар байни оммаҳои васеи аҳолӣ ҳамовозӣ ва пуштибонӣ пайдо намуда буд. Муаррихи намоёни таърихи Афғонистон Мирғулом Муҳаммад Ғубор қайд менамояд, ки «мардуми Афғонистон, ки толиби пешрафт буданд, ҷиддан ба муозиддат ва ҳамроҳи давлат бархоста, аз тамоми реформҳои ҷадид амалан истиқбол карданд» [2,с.789]. Бинобар маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи авзои ҷамъиятии кишвар дар солҳои аввали ҳукумати Афғонистон ҳаминро қайд намудан ҷоиз аст, ки агар дар солҳои муборизаи мусаллаҳона ба муқобили таҷовузкорони англис мардум бо ҷону моли худ мубориза бурда бошанд, пас аз касби истиқлолияти сиёсӣ дар нимаи аввали солҳои 20-уми асри XX аз сиёсати ислоҳоткоронаи ҳукумат дастгирӣ намуданд. Мисоли равшани ин дастгирӣ дар он зоҳир мегардид, ки мардум ҳангоми пардохти андози солона ба таври ихтиёрӣ як рупия ба номи «ионаи маориф» ба ҳисоби буҷаи давлат мегузарониданд ва дар ҳашарҳои умумихалқӣ дар сохтмони роҳҳои нав фаъолона иштирок мекарданд.

Ба ақидаи Ғубор, маҳз ҳамин пуштибонии васеи мардуми кишвар буд, ки дар марҳилаи аввали гузаронидани ислоҳот (1919-1923) ҳукумат ба таъсири омилҳои манфӣ – пурра дарк накардани моҳияти ислоҳот аз тарафи табақаҳои поёнии ҷомеа, таассуб ва

куҳнапарастии аксарияти аҳолӣ ва дахолати густурдаи неруҳои хориҷӣ нигоҳ накарда, дар амалӣ намудани нақшаҳои ислоҳот дар маҳалҳо комёбии назаррас ба даст оварда буд. Файз Муҳаммади Котиб, яке аз ходимони намоёни сиёсии Афғонистони ин давра дар бораи дастовардҳои ҳукумати ҷавонафғонҳо таъкид намуда, менависад: «Хизматҳои ӯ (Амонуллоҳхон – Б.Б.) ба даст овардани истиқлолият, имзои қарордод бо кишварҳои муқтадир, ташкили мактабҳои мухталиф, ворид намудани дастгоҳу олотҳои муосири техникӣ ва сохтмони корхонаҳои саноатии соҳаҳои гуногун ва ғ. мебошанд» [9,с.32].

Мутаассифона, пас аз шӯриши қабилаҳои вазирӣ дар Хост, дар соли 1924, ки таҳти таъсир ва дасисаи англисҳо дар байни дигар қабилаҳои паштун дастгирӣ пайдо намуда буд, ҳукумати ҷавонафғонҳо маҷбур гардид дар гузаронидани ислоҳот ақибнишинӣ намуда, барои марҳилаи дувуми гузаронидани онҳо дар байни оммаҳои васеи аҳолӣ корҳои таблиғотиро вусъат диҳад.

Бо мақсади ба вуҷуд овардани заминаи иқтисодӣ барои амалӣ намудани ислоҳот ҳукумати Амонуллоҳхон низоми қаблии муносибатҳои иқтисодиро тағйир дода, ҳаҷми андозҳои давлатиро барои деҳқонон, чорводорон ва ҳунармандон коҳиш дод. Дар мадди аввал низоми пардохти андоз ба таври нақдӣ ҷорӣ карда шуд. Аз ҷумла, ҳаҷми андоз аз маҳсулоти кишоварзӣ ва молиёти бозор кам карда шуда, низоми маҷбурии барои эҳтиёҷоти давлат бо нархи паст харидорӣ намудани маҳсулоти ғалладона аз аҳолӣ, ба ихтиёри шахсони алоҳида вогузор кардани умури ҷамъоварии андози давлатӣ, вобастагии ҷамъоварии молиёт байни давлат ва супорандагони андоз аз заминдорони калон, маликони сарватманд ва пешвоёни қабилаҳо, иҷрои корҳои маҷбурӣ ва ғайраро бекор карда шуданд. Ҳамзамон, ҳаҷми собити андози пулӣ аз маҳсулоти кишоварзӣ таъйин гардида, супорандагони андоз дар идораҳои давлатӣ сабти ном ва муваззаф гардида буданд, ки молиёти давлатиро на ба ихтиёри хону маликҳо, балки ба буҷаи давлат пардохт намоянд. Давлат маҳсулоти зарурии кишоварзиро барои таъмини эҳтиёҷи лашкар аз деҳқонон ва чорводорон бо пули нақд ва бо ризоияти тарафайн харидорӣ намуда, солона саршумори чорвои аҳолиро мегузаронид ва тибқи муқаррарот бо номи «маҳсули мавошӣ» – андоз аз чорворо меситонид. Бо мақсади тарбияи мутахассисини соҳаи молиёт ва андоз дар Кобул мактаби дафтардорӣ ташкил дода шуда, хатмкардагони он барои кор ба мақомоти молия ва андози кишвар сафарбар мегардиданд. Дар натиҷа дар муддати кӯтоҳ дар Афғонистон низоми муосири танзими умури молӣ ва андозситонӣ барпо карда шуд.

Ҳамин тариқ, ислоҳоти низоми ҷамъоварии андоз барои наздик гардидани истеҳсолоти кишоварзӣ ба бозор, боло рафтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва афзоиши нақши унсурҳои сармоядорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуданд. Дар баробари ин, ислоҳот раванди аз замин маҳрум гардидани табақаи васеи деҳқононро вусъат бахшида, сафи деҳқонони безаминро махсусан дар минтақаи сукунати ақаллиятҳои миллӣ зиёд намуд. В.Г. Коргун дар бораи пайомади манфии ислоҳот қайд менамояд, ки афзоиши сафи деҳқонони камзамин ва безамин пойгоҳи иҷтимоии неруҳои мухолифи давлат – «рӯҳониёни иртиҷоӣ, заминдорони калон ва хонҳоро васеъ намуд» [4,с.18]. Ин неруҳо норозигии деҳқононро дар охири солҳои ҳукмронии ҳукумати Амонуллоҳ истифода бурда, ниҳоят сабаби сарнагун гардидани он гардиданд.

Дар давоми солҳои 1922-1923 дар кишвар барои рушди иқтисод, устувор гардонидани мақомоти марказӣ ва минтақавии идоракунии давлатӣ, муайян намудани салоҳиятҳои маъмурони давлатӣ якчанд қонун ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ - низомномаҳои «Вазоифи ҳукком ва маъмурин», «Ташвиқи саноат», «Қонуни қарз» ва ғ. қабул гардиданд. Қабули қонун дар бораи фурӯши амволи давлатӣ ва татбиқ гардидани он дар марҳилаи ибтидоӣ бар зарари деҳқонон буда, боиси кам гардидани заминҳои давлатӣ, мустаҳкам гардидани сектори хусусии замин ва аз байн рафтани заминҳои вақф гардида буд. Ба танзим даровардани фаъолияти гумрукӣ, аз байн бурдани пардохтҳои зиёд ва ҷорӣ намудани андози ягонаи гумрукӣ барои рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ ва ташкили сандуқи сармоягузориҳо мусоидат намуд. Танзими умури гардиши мол ва бозор, дастгирии давлатии тиҷорат ба ташкили ширкатҳои калони тиҷоратӣ оварда

расонд, ки ҳанӯз дар солҳои 20-ум дар бозори дохилии Афғонистон ва тиҷорати байналмилалӣ нақши калон мебозиданд. Иқдоми дигари молиявии давлат чопи пулҳои қоғазӣ буд. Мутобиқи ислоҳоти пулии соли 1920, пулҳои қоғазӣ бо арзиши 1, 5, 25, 50 ва 100 афғонӣ ба муомилот бароварда шуданд. Ҳамзамон, давлат сикка задани тангаҳои тиллоиро бо арзиши 0,5, 1, 2 ва 5 амония ба роҳ монда буд [2,с.792]. Барои муомилоти дохилӣ ва таъмини эҳтиёҷоти бозори чаканафурӯшӣ тангаҳои нуқрагӣ ва мисӣ сикка зада мешуданд. Ҳамин тариқ, танзими давлатии муомилоти пулӣ ва таъйини арзиши собити пули қоғазӣ бо тилло ба рушди тиҷорати дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат намуд.

Дар ҳамин давра ширкатҳои калони тиҷоратии «Танвирот», «Мутар», «Адвия», «Руфақои афғон», «Иттиҳоди афғон», «Қамар» ва ғ. ба фаъолият шурӯъ намуданд ва ҳамзамон бо иштироки сармояи олмонӣ ширкати тиҷоратии «Зиёъ ва Ҷарманӣ» ташкил ёфт [2,с.791]. Бузургтарин иқдоми давлат бо мақсади таъмини рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ ташкил додани ширкати давлатии тиҷоратии «Амония» ба шумор меравад. Фаъолияти Дафтари тиҷоратии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Кобул, имзои шартномаи тиҷоратӣ бо Британияи Кабир ва таъсис дода шудани вазифаи намояндаи тиҷоратӣ дар назди сафоратҳои кишвар дар хориҷ ба рушд ва афзоиши ҳаҷми муомилоти тиҷоратӣ байни Афғонистон ва кишварҳои хориҷӣ оварда расонд.

Яке аз натиҷаҳои ба амал баровардани ислоҳоти соҳаи иқтисод, андоз ва гумрук, боло рафтани ҳаҷми солонаи ҷамъоварии андоз дар кишвар буд. Мутобиқи маълумотҳои эҳсоиявӣ, агар то амалӣ намудани ислоҳот ҳамасола маблағи 80 млн рупия молиёт ҷамъоварӣ мегардид, пас аз ин маблағи солонаи молиёт дувуним маротиба афзоиш ёфта, ба 180 млн расида буд [2,с.792]. Боло рафтани ҳаҷми даромадҳои давлатӣ имкон дод, ки ҳукумат барои рушди соҳаи маориф 15 млн рупия равона намояд. Бояд қайд намуд, ки хароҷоти давлат дар ин соҳа пас аз хароҷоти низомӣ ва масорифи танзими умури дарбор дар ҷойи сеюм меистод.

Пас аз қабули нахустин Қонуни асосӣ дар ҳаёти фарҳангии кишвар тағйироти куллӣ ба амал омад. Моддаи 28 қонун таҳсилоти ибтидоиро ҳатмӣ эълон намуда буд [7,мм.1-32]. Дар саросари кишвар сохтмони шабакаи васеи мактабҳо, дар пойтахт ва марказҳои вилоятҳои кишвар сохтмон ва ташкили мактаб-литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ оғоз гардид. Соли 1920 аввалин мактаби миёнаи занона дар Кобул таъсис ёфт. То соли 1927 дар мамлакат 322 мактаби ибтидоӣ фаъолият дошт, ки дар онҳо 51 ҳазор талабагон таҳсил менамуданд [2,с.793].

Дар Кобул дар баробари литсейи «Ҳабибия» литсейҳои нави «Амон» ва «Амонӣ» бо ҳамкории Фаронса ва Олмон ташкил дода шуда, омӯзишгоҳҳои касбии тиҷорат, алоқа, санъат, меъморӣ, кишоварзӣ, тиббӣ, умури манзил ва ғ. ба фаъолият шурӯъ намуданд. Дар соли 1927 дар ин муассисаҳои таълимӣ бештар аз 3,5 ҳазор донишҷӯён машғули таҳсил буданд. Дар давраи солҳои 1923-1927 вазорати маориф 133 номгӯй китобҳои дарсӣ ба теъдоди қариб 700 ҳазор нусха нашр намуд [2,с.793]. Аз соли 1921 оғоз намуда, ҳамасола 200 писарону духтарони Афғонистон барои идомаи таҳсил ба Ҳиндустон, Туркия, Иттиҳоди Шӯравӣ, Олмон, Италиё ва дигар кишварҳо фиристода мешуданд [6,с.43].

Бо ибтикори ҳукумати Амонуллоҳхон дар Кобул ду китобхона ташкил дода шуда, равшанфикрони кишвар бо мақсади ғанӣ гардонидани ганҷинаи китобхонаҳо китобҳои худро ба он туҳфа намуданд. Ҳамин тариқ, дар Кобул Китобхонаи машҳури миллӣ ташкил ёфта, тадриҷан ба маркази бузурги фарҳангӣ табдил ёфт. Дар ибтидои солҳои 20-ум дар Кобул театри синамо ва дар Пағмон театри касбӣ ташкил дода шуд. Аз ҳисоби буҷаи давлат дар пойтахт ва марказҳои вилоятҳо 13 рӯзнома ва маҷалла интишор мегардид: «Амон афғон» (1919), «Иттиҳоди машриқӣ»(1921), «Афғон» (1922), «Иршод-ул-насвон» (1922), «Маориф» ва ғ. Таъсис ва фаъолияти марказҳои фарҳангӣ ба рушди маориф, бедор кардани шуури сиёсии мардум ва таблиғи моҳияти ислоҳот ва чорабиниҳои ҳукумат дар байни оммаи васеи аҳолӣ мусоидат намуд.

Дар марҳилаи дувуми ислоҳот, ки соли 1928 пас аз сафари тӯлонии шоҳ Амонуллоҳхон ба кишварҳои Ғарб ва ИҶШС оғоз гардид, вазъи сиёсии кишвар тағйир

ёфта буд ва акнун ҳукумат мисли пештара «аз ҳимоят ва пуштибонии тӯдаҳои васеи мардум» бархӯрдор набуд. Сабаби асосии боло рафтани сатҳи норозигии мардум аз сиёсати ислоҳоти ҳукумати Амонуллоҳхон аз он иборат буд, ки онҳо хусусияти радикалӣ дошта, боз ҳам қатъитар ва шитобкорона амалӣ мегардиданд. Ҳадафҳои асосии марҳилаи дувуми ислоҳот дар баромади шоҳ дар назди вакилони Луи Ҷиргаи моҳи августи соли 1928 баён гардиданд.

Моҳияти чорабиниҳои нави ҳукумат аз маҳдуд кардани имтиёзҳои табақаҳои ашроф, заминдорони калон ва рӯҳониён иборат буд: унвон, дараҷа ва лақабҳои имтиёздиҳанда бекор карда шуд; дар бораи гузаронидани санҷиши сатҳи дониш ва такмили ихтисоси ходимони дин қарори ҳукуматӣ қабул гардид; хатмкардагони мадрасаи Деҳбанд (Девбанд)-и Ҳиндустон дигар дар дохили Афғонистон ба таблиғоти динӣ машғул шуда наметавонистанд ва қарор дар бораи ташкили маҳкамаҳои дунявӣ (ғайридинӣ) қабул гардид.

Бояд таъкид кард, ки чораҳои ҳукумати Амонуллоҳхон ва ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар ба муқобили арзишҳои динӣ ва пояҳои дин равона набуданд. Аз нигоҳи худи Амонуллоҳхон маҳдуд кардани имтиёзҳои рӯҳониёни иртиҷоӣ барои барқарор гардидани ислом ва арзишҳои воқеии динӣ бояд мусоидат менамуд. Дар ҳақиқат ислом барои низоми ҳукмрон барои мустаҳкам кардани мавқеи буржуазияи миллӣ дар ҷомеа ва устувор намудани пояҳои муносибатҳои сармоядорӣ зарур буд.

М. Ғубор пас аз баррасии омилҳои асосии нокомии ислоҳотҳои солҳои 20-ум ба хулосае меояд, ки дар баробари «мухолифати ақаллияти феодалҳо ва рӯҳониён», «таассуби миллати Афғонистон» ва «мудохилати як кишвари хориҷӣ» сабаби асосии бенатиҷа мондани ислоҳот аз он иборат буд, ки эътирозу норозигии мардум, аз ҷумла муборизаи мусаллаҳонаи он «бар зидди зулм ва хиёнат» равона гардида буд. Ба ақидаи Ғубор, иллати асосии нокомии ҳукумати Амонуллоҳхон ва шикасти сиёсати ислоҳоткоронаи он «сӯйиистифодаи идораи давлат, бекифоятии маъмурини давлат буд, ки ҳар амри ҳаётӣ ва муқаддасро бо ришватхорӣ ва хиёнат мулаввас (олуда - Б.Б.) мекарданд ва ҳар ислоҳотро ба шакли манфур ва макрӯҳ дар назди миллат тамсил мекарданд» [2,с.790].

Ба ақидаи олими тоҷик М.Давлатов, новобаста аз он ки Ғубор пайрави сиёсати ислоҳкоронаи Амонуллоҳ ва ҳаракати ҷавонафғонҳо буд, нисбат ба ҳукумат ва роҳҳои амалӣ намудани ислоҳот мавқеи оштинопазир дошт. Дар таҳлили натиҷаҳои фаъолияти даҳсолаи ҳукумати Амонуллоҳхон, Ғубор табақаҳои меҳнаткашро бо мутлақияти подшоҳӣ, дарбор, ашрофони феодалӣ, хонҳои қабилаҳо ва дастгоҳи давлатӣ, ки дар асл ба истисмори доираҳои васеи аҳолӣ машғул буданд, муқобил мегузошт [3,с.15]. Ба назари мо, ин аз як тараф аз воқеъбинии муаллиф ва аз тарафи дигар, аз моҳияти зиддимардумии низоми мутлақияти подшоҳӣ шаҳодат менамуд. Ҳамин тавр, яке аз сабабҳои асосии нокомии сиёсати ислоҳоти Амонуллоҳхон мавзеъгирии доираҳои сарватманд, ки тарафдори барқарор кардани низоми қаблӣ буданд ва аз тарафи дигар, муборизаи оммаҳои васеи аҳолии меҳнаткаш ба муқобили зулм ва истибдод буд [1,сс. 209-210].

Шоҳиди дигари амалӣ намудани ислоҳоти ҳукумати ҷавонафғонҳо Файз Муҳаммади Котиб - муаллифи асари «Китоби тазаккур ал-инқилоб» дар бораи сабабҳои асосии нокомии марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон таъкид менамояд: дар соҳаи иқтисодӣ Амонуллоҳхон пулҳое сикка мезад, ки қурбу эътибор надоштанд, андозҳои вазнин ҷорӣ намуд ва пардохтҳои гумрукиро боло бурд. Маъмурони давлатӣ ба ҷойи татбиқ намудани ислоҳот ба ришваю порагирӣ машғул буданд, дар соҳаи маънавиёт бошад, ташкили мактабҳои занона, бекор кардани ҳиҷоб ба заволи ҳукумати ҷавонафғонҳо оварда расонд [9,с.32].

Олимони шинохтаи шӯравӣ В.М. Массон ва В.А. Ромодин дар бораи нокомии ислоҳотҳо қайд менамоянд, ки ба хислати пешрафта доштани онҳо дар шароити онвақтаи Афғонистон нигоҳ накарда, онҳо моҳиятан маҳдуд буданд, зеро «рушди босуръати муносибатҳои пулӣ-молӣ дар кишвар ба боло рафтани истисмори деҳқонон ва

чорводорон аз тарафи соҳибмулкони сарватманд ва афзоиши босуръати норозигии табақаҳои меҳнаткаши аҳолӣ оварда буд» [5,с.406].

Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки яке аз сабабҳои асосии нокомии сиёсати ислоҳот ва билохира аз байн рафтани қудрати Амонуллоҳхон мавқеи оштинопазири ҳукумати Британияи Кабир буд. Ба назари олими афғон Сайидол Юсуфзай, пас аз муайян шудани барномаи сафари тӯлонии Амонуллоҳхон ба кишварҳои Аврупо англисҳо атрофиёни шоҳро ба зарурияти бекор кардани сафар ба Иттиҳоди Шӯравӣ ва Туркия водор карданд. Ниҳоят ин кӯшишҳои англисҳо барбод рафтанд ва пас аз анҷом ёфтани сафари хориҷии ҳайати баландпояи афғонӣ бо сарварии шоҳ ба ин ду кишвар, ҳукуматдорони Британияи Кабир ба амалӣ намудани нақшаи қаблан тарҳрезишудаи аз байн бурдани ҳукумати ҷавонафғонҳо даст заданд [10,с.10-12].

Ҳамин тариқ, таҳлили натиҷаҳои мусбат ва пайомадҳои манфии сиёсати ислоҳкоронаи шоҳ Амонуллоҳхон нишон медиҳад, ки пас аз касби истиқлолият дар Афғонистон марҳилаи амалӣ намудани навсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ оғоз гардид. Ба талошҳои созанда ва бунёдкоронаи ҳукумати ҷавонафғонҳо нигоҳ накарда, марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон дар ниҳоят дар байни оммаҳои васеи аҳолӣ дастгирӣ пайдо накард ва ноком гардид. Ин нокомӣ ва шикасти сиёсати ислоҳоткорона дар таърихи муосири Афғонистон таҷрибаи талх маҳсуб ёфта, омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба нокомӣ ва сарнагун гардидани ҳукумати ҷавонафғонҳо бо сарварии Амонуллоҳхон оварда расониданд. Ба омилҳои дохилӣ шитобкорӣ дар гузаронидани ислоҳот, мутобиқат надоштани ислоҳот ба воқеиятҳои ҷомеаи онвақта ва ба инобат нагирифтани расму анъанаҳои миллӣ ва динӣ дар гузаронидани ислоҳот, нусхабардории таҷрибаи кишварҳои аврупоӣ ва хиёнати ходимони мақомоти давлатӣ ва ғ. шомил гардида, омили беруна бошад, аз дахолати густурдаи ҳукуматдорони англис ба умури дохилии Афғонистон ва даст задани ҷосусони онҳо дар иғвои неруҳои иртиҷоӣ дар дохили кишвар иборат буд.

## АДАБИЁТ


1. Асадуллоев Қ. Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна. Китоби дарсӣ / Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т. Муҳиддинов. –Душанбе: Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, 1975. –260 с.
2. Ғубор М.М. Афғонистон дар масири таърих/ М.М. Ғубор. – Кобул: Матбааи давлатӣ, 1967. –852 с.
3. Губар М.Г.М.Г. Афганистан на пути истории/ М.Г.М.Г. Губар – М.: Наука, 1987. –208 с.
4. Коргун В.Г. Афганистан в 20-30-е годы XX в. Страницы политической истории / В.Г. Коргун. –М.: Наука, 1979. -160 с.
5. Массон В.М. История Афганистана. Т. II. Афганистан в новое время / В.М. Массон, В.А. Ромодин. –М.: Наука, 1965. –551 с.
6. Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане / Х. Назаров. -Душанбе: Дониш, 1989. – 268 с.
7. Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон / Ҳ. Назаров. –Душвнбе: Пайванд, 2005. – 492 с.
8. Низомномаи давлати олияи Афғонистон. Кобул, 1303(1924). [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.moj.gov.af/fa/page/2994 (санаи истифодабарӣ 10.08.2018).
9. Сензил Н. Афғонистон дар аҳди Амония. Вокунишҳои мазҳабӣ ва таҳаввулоти иҷтимоии замони салтанати Амонуллоҳхон (1919-1929) / Н. Сензил. – Ҳирот: Аҳрорӣ, 1388(2010). – 327 с.
10. Файз Мухаммад. Книга упоминаний о мятеже / Файз Мухаммад. –М.: Наука, 1988. –284 с.
11. Юсуфзай С. Нодир чӣ гуна ба подшоҳӣ расид?/ С. Юсуфзай. –Кобул: Майванд, 1381 (2002). – 83 с.


## ИСЛОҲОТИ ҲУКУМАТИ АМОНУЛЛОҲХОН – МАРҲИЛАИ АВВАЛИ НАВСОЗӢ ДАР АФҒОНИСТОН


Дар мақола марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон таҳқиқ гардида, қайд карда мешавад, ки таърихи муосири Афғонистон чанд марҳилаи навсозии иҷтимоиро бо ибтикори низомҳои сиёсӣ ва ҳукуматҳои гузашта аз сар гузаронидааст. Марҳилаи аввали навсозӣ давраи ҳокимияти шоҳ Амонуллоҳхон (1919-1929)-ро дар бар мегирад. Минбаъд дар давраҳои ҳукмронии Зоҳиршоҳ (1931-1973), Муҳаммад Довуд (1973-1978), ҳукумати коммунистӣ (1978-1992) ва низоми мавҷуда (пас аз соли 2001) барои навсозии ҷомеаи анъанавии Афғонистон кӯшиш карда шуд, вале натиҷаи дилхоҳ ба даст наомад. Зуҳур ва рушди муносибатҳои нави сармоядорӣ дар Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои XX дар назди низоми сиёсии ҳукмрон зарурати гузаронидани ислоҳотро ба миён овард. Табақаҳо ва қишрҳои нави иҷтимоӣ – сармоядорон, тоҷирон ва нухбагони нави сиёсӣ пуштибони гузаронидани ислоҳот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, ҳанӯз дар давраи ҳукмронии амир Ҳабибуллоҳхон (1901-1919) ба ташкили ҳаракати ислоҳталаби сиёсӣ – наҳзати ҷавонафғонҳо даст заданд. Ҳамзамон, дар ҷомеа табақаҳои

анъанавӣ – заминдорон ва рӯҳониёни калон, ҳокимон, хону маликҳо ва пешвоёни қабилаҳо мавқеи муҳофизакоронаро ҳифз намуда, шадидан муқобили гузаронидани ислоҳот буданд. Рақобати тарафдорони ду ҷараён сабабгори бесуботии сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гардида, ниҳоят ба кушта шудани Ҳабибуллоҳхон дар моҳи феврали соли 1919 ва ба сари қудрат омадани ҳукумати ислоҳотталаби ҷавонафғонҳо бо сарварии шоҳ Амонуллоҳхон гардид. Дастоварди бузурги ҳукумати Амонуллоҳхон касби истиқлолияти сиёсӣ, қабули аввалин Қонуни асосӣ ва ба амал баровардани барномаи васеи ислоҳот буд, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва давлатиро бар бар мегирифт. Мутаассифона, таҳти таъсири омилҳои зиёди дохилӣ ва беруна ҳукумати ҷавонафғонҳо ба нокомӣ ва аз даст додани қудрати сиёсӣ дучор шуд. Дар мақола дар бораи натиҷаҳои мусбӣ ва пайомадҳои манфии барномаи ислоҳоти марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон дар солҳои 20-уми асри гузашта сухан меравад.

**Калидвожаҳо:** Афғонистон, истиқлолияти сиёсӣ, ҳукумати Амонуллоҳхон, нахустин Қонуни асосӣ, навсозӣ, барномаи ислоҳот, натиҷа ва пайомадҳо, сабабҳои нокомӣ.

## РЕФОРМЫ ПРАВИТЕЛЬСТВА АМАНУЛЛАХАНА – ПЕРВЫЙ ЭТАП МОДЕРНИЗАЦИИ В АФГАНИСТАНЕ

В статье исследуются проблемы первого этапа модернизации в Афганистане и отмечается, что история современного Афганистана знает ряд этапов проведения модернизации общества по инициативе существующих политических режимов и правительств. Первый этап модернизации охватывает период правления шаха Аманууллахана (1919-1929). В последующем в периоды правления Захиршаха (1931-1973), Мухаммад Давуда (1973-1978), коммунистического правительства (1978-1992) и нынешнего режима (после 2001 года) были предприняты попытки модернизации традиционного афганского общества, которые не дали ожидаемых результатов. Возникновение и развитие новых капиталистических отношений в Афганистане в конце XIX – начале XX вв. ставили перед правящими режимами необходимость проведения реформ. Новые социальные классы и сословия – крупные собственники, торговцы и новая политическая элита были сторонниками проведения реформ во всех сферах политической, экономической и культурной жизни и ещё в период правления эмира Хабибуллахана (1901–1919) приступили к созданию политического реформаторского течения - движения младоафганцев. Одновременно традиционные сословия – крупные землевладельцы и духовенство, правители, ханы, малики и вожди племен стояли на консервативных позициях и яростно выступали против проведения реформ. Соперничество сторонников двух течений стало причиной политической и общественной нестабильности, приведшее в итоге к убийству Хабибуллахана в феврале 1919 года и приходу к власти реформаторского правительства во главе с Аманууллаханом. Крупнейшим достижением правительства Аманууллахана было достижение независимости, принятие первой Конституции и осуществление программы широких реформ, охватившие все сферы общественной и государственной жизни. К сожалению, под влиянием многочисленных внутренних и внешних факторов правительство младоафганцев потерпело крах и потеряло политическую власть. В статье речь идет о положительных результатах, отрицательных последствиях и причинах неудач проведения программы реформ первого этапа модернизации в Афганистане в 20-е годы XX века.

**Ключевые слова:** Афганистан, политическая независимость, правительство Аманууллахана, первая Конституция, модернизация, программа реформ, результаты и последствия, причины неудач.

## THE REFORM OF AMANULLAKHAN GOVERNMENT-FIRST STAGE OF MODERNISATION IN AFGHANISTAN

The article analyses problems of first stage of modernization in Afghanistan and points that the history of modern Afghanistan knows numbers of stages of conducting modernization of society by initiative of existing political regimes and governments. The first stage of modernization covers the period of governing of Amanulla Khan (1919-1929). Further, during period of Zahir Shah governing (1931-1973), Muhammad Dovud (1978-1978), communist government (1978-1992) and the current regime (after 2001) were undertaken attempts to modernise traditional Afghan society, which didn't bring the expected results. The appearance and development of new capitalistic relations in Afghanistan in late XIX and beginning of XX centuries created necessity for governing regimes to conduct reforms. The new social classes and professional associations- huge owners, traders and new political elite were supporters of conducting reform in all spheres of political, economic and social life and during period of governing of Emir Habibulla Khan (1901-1919) started to create political reformatic trend - the movement of Young Afghans. At the same time, traditional estate - big landlords and clergies, governors, khans, and tribe leaders stand on conservative position and furiously were against conduction of reforms. The rivalry of supporters of two trends became a reason for political and social instability, which brought to killing of Habubulla Khan in February 1919 and bringing to power a reformatic government headed by Amanulla Khan. The great achievement of Amanulla Khan government was independent, adoption of first Constitution and implementation of programme of wide reform which covered all spheres of public and state life. Unfortunately, under influence of many internal and external factors the government of Young Afghans crashed and loosed political power. This article tells about positive results, negative consequences and reasons of failure of conducting reforms of first stages of modernization in Afghanistan in 20$^{th}$ years of XX century.

**Key words:** Afghanistan, political independence, Government of Amanulla Khan, first Constitution, modernization, reform program, results and consequences, the reasons of failure.

**Сведения об авторе:** ***Баходуров Бехруз Файзуллоевич*** – Курган-Тюбинский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры всеобщей истории. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 65. E-mail: **www.ktsu.edu.tj**. Телефон: **(+992) 918-99-44-64**

**Information about author: Bahodurov Behruz Faizulloevich -** Kurgan-Tubin State University named after Nosir Khusrava, teacher of the Department of World History. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini Street, 65. E-mail: **www.ktsu.edu.tj.** Phone: **(+992) 918-99-44-64**

УДК: 950 (575. 3)

# ТАЪРИХИ МАДРАСАҲОИ БЕКИИ ҲИСОР ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

*Сангинов Далер*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба шаҳодати муаррих Абӯбакри Наршахӣ, нахустин мадраса дар Бухоро бунёд ва солҳои 937-938 бар асари сӯхтор нобуд гардидааст. Дар асрҳои XI-XII дар кишварҳои ғарбии олами ислом таъсис ёфтани мадраса ба фаъолияти ҳукуматдорони Салчуқӣ, ки ба интишори фарҳанги эронӣ мусоидат мекарданд, алоқаманд аст. Мадраса, аслан ҳамчун таълимгоҳи олии динӣ аз замони таҷаддуди фарҳанги форсу тоҷик (асрҳои IX-X) дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон рӯйи кор омадааст. Ба таркиб, тартиботи дохилӣ ва ҳаёти илмии мадраса дорулфунунҳои антиқаи ибтидои асрҳои миёнаи Эдесса, дорулфунунҳои Эрону Гунди Шопур таъсири зиёде расондаанд. Аллакай исбот шудааст, ки дар асри XII системаи таълимотии мадраса ба ташаккулёбии системаи коллеҷҳо дар Аврупои Ғарбӣ таъсир расонидааст.

Бояд зикр кард, ки дар маълумотҳои бисёре аз муҳаққиқон оиди дар Ҳисор дар нимаи аввали садаи XIX вуҷуд доштани танҳо ду мадраса ишора мешавад. Вале Гулшанӣ дар асари худ "Таърихи Ҳумоюн" оиди мавҷуд будани ду мадрасаи калони сангини дуошёна (Мадрасаи Куҳна ва Мадрасаи Нав) як мадрасаи чӯбин (бо номи "Чашмаи моҳиён") дар паҳлуи қалъаи Ҳисор ва якчанд мадрасаҳои хурд хабар медиҳад. Тибқи маълумоти ӯ миқдори хонандагон зиёда аз даҳ ҳазорро ташкил медод [1,с.113]. Мавҷуд будани мадрасаи сеюм, Мадрасаи бомӣ ва ё Чашмаи моҳиёнро академик А.Мухторов низ тасдиқ кардааст [9,с.185].

Мадрасаи Кухна дар самти ҷанубии Қалъаи Ҳисор, дар муқобили Арк воқеъ аст. Мадрасаи Кухна аз сохти анъанавӣ баъзе фарқиятҳо дорад: каноти рости биноро пурра масҷид бо пешайвонаш ишғол намуда, дар қаноти чап дарсхона вуҷуд дорад. Вазифаи дарсхонаро чор ҳуҷраи масоҳати ҳар яке 16 метри мураббаъ иҷро менамоянд, ҳуҷраҳои боқимонда 13 метри мураббаъ мебошанд. Тарҳи умумии нақша ҳавлии калонеро мемонад, ки се қаноти он бо 32 ҳуҷраҳои майдаи ҷудогона иҳота гаштааст. Ҳуҷраҳо бо гунбазҳо пӯшонида шудаанд ва дари даромади онҳо аз ҷониби ҳавлӣ мебошад [2,с.199 ]. Ҳар ҳуҷра аз бухорӣ (оташдони деворӣ), токчаҳои китобу зарфмонӣ иборат буда, бомаш гунбазмонанд (балхӣ) мебошад. Меҳроби мадраса дар яке аз чаҳор ток, ки нисбатан чуқуртар аст, ҷой дорад. Масоҳати умумии майдони бино 2550 метри мураббаъро ишғол менамояд. Ба ақидаи М.С. Андреев, мадраса ва корвонсаройи кухна дар интиҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX аз ҷониби Саидбой Атолиқ сохта шудаанд. Дар оғози асри XX дар Мадрасаи Кухна аз 100 то 150 хонанда таҳсил мекард. Ба онҳо Мулло Ҳоҷӣ, Мулло Зиёвиддин ва Мулло Дона дарс медоданд. Маоши солонаи мударрис 300 пайкар буд. Таҳсил дар мадраса соли 1921 қатъ мегардад [7,с.21].

Мадрасаи Нав дар қисмати ғарбии Регистон ҷойгир аст, ба қавли мардум ин мадраса баъди 50 соли сохта шудани мадрасаи Кухна бунёд гардидааст, аз ин хотир номи «Мадрасаи Нав»-ро гирифтааст [4,с.55]. Дар вақти ҳукмронии Абдулкаримхон Мадрасаи Навро мадрасаи Улламо ном мебурданд. Тибқи маълумотҳои бадастомада зани тоҷире аз Хӯқанд бо номи Ойиша, мубталои бемории диққи нафас будааст. Баробари ба Ҳисор омадан, шифо меёбад ва муқимии ин ҷо шуда, ҳамин мадрасаи дуошёнаро месозад. Ба ақидаи М.С. Андреев, «Мадрасаи муҳташам» ба Мадрасаи Нодир - девонбегии Бухоро шабоҳат дорад. Нисбат ба Мадрасаи «Кухна» намои ин мадраса дуошёна мебошад, намои асосӣ муҳташам, вале номутаносиб аст. Дар маркази намо пештоқ вуҷуд дорад ва дар кунҷҳои он бурҷчаҳо ҷойгиранд. Таҳкурсии бино аз хишти пухта тақрибан 0,40 м мебошад. Ҳавлии мадраса мураббаъшакл ва дар атрофи он 20 ҳуҷра ҷойгир аст. Соли 1971 дар заминаи азнавсозии ёдгорӣ бино мавриди тадқиқ қарор дода шуд. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки бино хеле хуб сохта шудааст. Баландии платформаи сангин аз тарафи ҷанубу шарқии бино 2,40-2,50 м. баландии нимаи шарқӣ - 1,60-1,70 м ва баландии кунҷи шимолиаш бошад, 1м-ро ташкил медиҳад [1,с.180].

Бояд қайд намуд, ки дар Мадрасаи Нав аз 80 то 90 нафар шогирдон таҳсил ва аз ҳисоби даромади вақф зиндагӣ мекарданд. Мударриси охирини он Мулло Чокар буд.

Шумораи мударрисони мадрасаҳо кам набуданд. Яке аз мударрисон ва донишмандони мадраса Домулло Бердиқул буда, дар мадрасаи Мири Араби Бухоро 12 сол таҳсил намудааст. Ба хотири таҳсилу тадрис (дарсдиҳӣ) шуда ҳатто оиладор нашудааст. Аз сабаби насл надоштан, васият мекунад, ки дар байни ин ду мадраса (Наву Куҳна) ӯро дафн намоянд, ки ақаллан шогирдон ӯро ёд кунанд. Ҳоло оромгоҳи домулло Бердиқул дар байни ду мадраса воқеъ аст. Ҳарду мадраса марказҳои бузурги ҷамъиятиву фарҳангии Ҳисори интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX маҳсуб мегардиданд. Мадрасаҳои мазкур таъмиру тармим гардида, ҷузъи Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Қалъаи Ҳисор мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки мадрасаи сеюм бо ду ном – «Чашмаи моҳиён» ва «Мадрасаи бомӣ» машҳур гаштааст. Ба ақидаи академик Аҳрор Мухторов, сабаби «Чашмаи моҳиён» ном гирифтани мадраса дар он аст, ки мадрасаи мазкур дар назди «Чашмаи моҳиён» ҷойгир будааст. Барои он «Мадрасаи бомӣ» ном гирифт, ки рӯйи он ҳамвор андова мешуд. Мутаассифона, маълумоти муфассал доир ба ин мадраса боқӣ намондааст. Оиди мадрасаи «Чашмаи моҳиён», маълумотҳое, ки бостоншиносон Г.Г. Денишев ва П.Т. Самойлик дар натиҷаи ҳафриёт ба даст овардаанд, муҳиманд. Ин кофтукови археологӣ соли 1982 дар шарқи Ҳисортеппа оғоз гардид [5,с.128]. Дар рафти кори ҳафриётӣ дар мавзеи «Чашмаи моҳиён» тарҳи мадраса ва пойдевори он маълум гашт. Деворҳои ин бино аз хишти пухта будааст. Дар назди бинои мадраса, чунонки ишора шуд, яке аз панҷ дарвозаи шаҳр воқеъ буда, номи «Чашмаи моҳиён»-ро дошт [9,с.185]. Тибқи ақидаи академик Н.Неъматов ва Р.Муқимов, мадрасаи мазкур дар асрҳои XV-XVI сохта шудааст.

Дар водии Ҳисор яке аз мадрасаҳои машҳуртарин Мадрасаи Қаратоғ ба ҳисоб мерафт. Ин мадраса дар деҳаи Қаратоғ воқеъ буд [12,с.303]. Ба қавли одамони куҳансол мадраса дар маркази қария, дар ҷойи мактаби ҳозираи таҳсилоти миёнаи ба номи Мирзо Турсунзода воқеъ гардида буд. Ҳавлии росткунҷа бо 22 ҳуҷра иҳота гардида, пештоқи мадраса бо даромадгоҳи он дар тарафи ғарб ҷойгир буд. Аз ҷанубу ғарб биноро бозорча, ҳамчунин дуконҳои фурӯши алочаи машҳури қаратоғӣ иҳота мекарданд. «Растаи бойҳо» бошад, аз майдони назди мадраса оғоз гардида, дар Қаратоғи Поён анҷом мепазируфт. Дар даромади мадраса чойхона ҷойгир буд. Ҳавлии мадраса тақрибан 1 таноб дарахтони туту себ ва зардолую биҳӣ дошт. Начандон дуртар аз дарахти калони чинор дарсхона воқеъ гардида буд. Ҳуҷраҳо дару тирезаҳои хуштарҳ доштанд. Хона аз ҳуҷраи хоб, даҳлез, ошхонаю оташдон иборат буд. Дар гузашта Қаратоғ яке аз қарияҳои сераҳолӣ маҳсуб мегардид, мадраса низ хеле серодам буд. Дар он ҳамзамон зиёда аз 80-90 нафар шогирдон таҳсил мекарданд. Мударрисони онҳо Қорӣ Абдулло (аз Қаратоғ), Муфтӣ Домулло Қурбон, Мирзо Бобониёз ва дигарон буданд, ки дар ҳар давра дарс гуфтаанд. Мадраса дарбон дошт, ки ӯ аз тоҷирони ҳезумфурӯш ҳезум мегирифт ва барои нигоҳдории талабагони бенаво истифода мекард. Аз рӯйи қоида, тоҷирони ҳезумфурӯш ба фоидаи талабагон якдонагӣ болори чӯбин медоданд. Дар шимоли мадраса қорихонае ҷойгир буд, ки 10 ҳуҷра дошт ва дар он 15-20 нафар талабагон мехонданд. Қории калон - Қорӣ Ашӯри Қаратоғӣ буд. Аз ҷиҳати моддӣ мадраса аз ҳисоби даромади вақф ва баъзе хайроти беки Ҳисор таъмин карда мешуд. Музди мударрисро худи бек медод. Ба талабагон ҳар моҳ тақрибан 10 тангагӣ дода мешуд [7,с.23-24].

Қайд кардан бамаврид аст, ки соли 1289-и ҳиҷрӣ (1872 мелодӣ) амири Бухоро Музаффар дар Қаратоғ корвонсаройи чӯбин ва 29 дукон месозад. Даромади ин дуконҳо ба хазинаи мадраса ворид мешуд [6,с.122]. Дар он аз ҷумла гуфта мешавад: «Дар таърихи шаҳри ҷамодиуссонии 1289 ҳиҷрӣ баробар ба 1872 мелодӣ буд, ки вақф кардаанд ва тасаддуқи саҳеҳи шаръӣ намуданд ҳамагӣ ва тамоми як боб сарои чӯбин муштамил бар бисту нӯҳ боб ҳуҷра тааллуқ ба давлатхонаи олӣ дошта (амир ал Муъминин) воқеъ дар вилояти Қаратоғ аз тавобеи вилояти Ҳисор аз маҳкуми балади фохираи Бухорои Шариф... ҳудуди арбааи он (сарои чӯбин) ғарбан пайваста аст ва бозорҳои мавзӯи мазкур фосил дакокини бозори мазкур шимолан мулосиқ аст ба роҳи ом. Фавосил фи-ал-кул маълума аст, бар мадрасаи муштамила ба масҷид омад ва бисту панҷ боб ҳуҷроти чӯбин, ки низ воқеъ аст дар мавзеи мазкур. Ҳудуди арбааи он ғарбан пайваста аст ва роҳи ом ва баъзе дакокини бозорҳои мазкур фавосил фи-ал-кул маълуми бо ҷамъии ал-ҳуқуқ ва ал-мурофӣ. Ҷаноби олиҳазрат шарт карданд, ки мутаваллии шаръии ин вақф як нафар шахсе, ки ба мадрасаи мазкур мударрис бошад ва дар айёми таҳсил ба таълими улуми шаръия машғул

буда, толибони илмро таълим карда бошад, ӯ бошад. Шарт кардаанд ҷаноби олиҳазрат, ки аз ҳосили ин вақфи мазкур мутаваллии шаръӣ аввало индал эҳтиёҷи иморати Зарурия ва ё марҳамати Лобудияи мавқуфи мазкур сарои мавқуфаро бар бист саҳм қисмат намуда, ду саҳмро ҳақултавлия, ушр ва ду саҳми дигарро ҳақултадриси худ гирад ва се саҳми онро ба имомалхатиби масҷиди мазкур, ки як шахс бошад, ба вай бидиҳад ва даҳ саҳми онро ба толибони илм, ки ба ҳуҷроти мадрасаи мазкура ба ҳар ҳуҷра ду нафар аз аҳли илм ё баъзе аз қориён истиқомат дошта бошанд, индал савоб ба онҳо тақсим намуда бидиҳад ва як саҳми онро ба муаззин ва як саҳми онро ба фаррош як саҳми онро ба сартароши мадрасаи мазкур бидиҳад ва охират-ул-фуқаро ал-муслимин ҳукм карда шуд аввало ба сиҳатии он ва сонияи ба лузуми он, муҳри амир Музаффар, қозиюлқузот, қозӣ Мир Саъдаддин ибни Мулло Мир Зиё ва чанд муҳри дигар ҳаст» [11,с.129-130].

Дар Душанбе ҳамагӣ ду мадраса - Мадрасаи Ҷомӣ ва Мадрасаи Ҳоҷӣ Яъқуб фаъолият мекарданд. Мадрасаи Ҷомӣ дар назди масҷиди Ҷомӣ ҷойгир буд. Ин мадраса ба Худойназар-девонбегӣ - маъмури машҳури амир, забткунандаи Қаротегин ва Дарвоз тааллуқ дошт. Тибқи маълумоти бадастомада, дар арафаи барпошавии ҳокимияти шӯравӣ дар мадрасаи Худойназар аз 150 то 200 муллобача ва дар Мадрасаи Ҳоҷӣ Яъқуб зиёда аз 30 муллобача таҳсил мекарданд.

Вале М.С. Гулшанӣ фақат оиди вуҷуд доштани як мадраса ва 15 масҷид хабар медиҳад [3,с.128]. Муҳаққиқи таърихи шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ Х.Пирумшоев ба ахбори муаллифони тоинқилобӣ такя карда, қайд мекунад, ки ҷойҳои тамошобоби баъзе шаҳрҳои бекигарӣ бинои мадраса маҳсуб меёфтанд. Онҳо асосан дар наздикии бозорҳо ҷойгир шуда, аз хишти пухта дар шакли чоркунҷа сохта мешуданд ва бинои мадраса дорои ҳавлии дохилӣ буд [10,с.92].

Мадрасаи Файзобод дар қисмати шарқии бӯстонсарои амлокдорӣ дар паҳлуи масҷиди ҷомеъ ҷойгир буд. Бино якошёна буда, дорои 22 ҳуҷра буд. Мударрисони мадраса домулло Авлиё, мулло Муҳаммад Зуҳур, домулло Табаралӣ, домулло Абдураҳим буданд. Дар мадраса тақрибан 100-120 муллобачаҳо дарс мехонданд. Бояд зикр намуд, ки дар мадрасаи мазкур донишҷӯён тахминан 6-8 сол таҳсил карда, баъдан таҳсилро дар мадрасаҳои Ҳисор ё Бухоро давом медоданд. Бояд гуфт, ки аз байни муҳассилини мадраса намояндагони илму адаб, ба монанди Мирзо Фозил, Мирзо Ҳоҷӣ, Мулло Ҳақназар, Мирзо Азим, Толиби Бедакӣ баромадаанд. Мавриди зикр аст, ки Толиби Бедакӣ донишманди илмҳои риёзӣ ва нуҷум буд [7,с.26].

Мадрасаи дигари ноҳияи Файзободи имрӯза мадрасаи деҳаи калони Гумбулоқи Боло буд, ки соли 1895 бо маблағи яке аз заминдорони калон - Алии Ҷучӣ сохта шудааст. Мадраса аз 13 ҳуҷра ва масҷид иборат буд. Дар мадрасаи мазкур тахминан 60-65 нафар таҳсил мекарданд. Мударрисони мадраса дар даврҳои гуногун домулло Нуралӣ, домулло Шоҳ, домулло Ашӯр ва домулло Маҳмадӣ маҳсуб меёфтанд [7,с.26].

Мадрасаи «Холбойқаро» дар шаҳри Ваҳдати имрӯза ҷогир буд. Мадраса аз 12 ҳуҷра иборат буд. Мударриси мадраса домулло Сафар маҳсуб меёфт. Дар мадрасаи мазкур зиёда аз 100 нафар таҳсил мекарданд [7,с.25].

Бояд зикр намуд, ки дар мадрасаҳои бекии Ҳисор фанҳои сарфу наҳви забони арабӣ, илми баён, таърих, ҳикмат, мантиқ, адабиёт, забони модарӣ, риёзиёт, нуҷум, табииёт, ҷуғрофия, қироати Қуръон, аҳкоми шаръ, фиқҳ, ақоиди исломӣ (калом), шариати ислом таълим дода мешуданд. Ба мадраса шогирдон аз синни 15-16-солагӣ қабул мегардиданд. Барномаи машғулият ва адабиёти таълимӣ вобаста ба шароит ва ихтисоси мударрис тағйир меёфт. Дар мадрасаҳои бекии Ҳисор асосан чор рӯз дарс дода мешуд: шанбе, якшанбе, душанбе, сешанбе. Рӯзҳои чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа рӯзҳои истироҳатӣ ва худомӯзӣ буданд. Ба ғайр аз ин, рӯзҳои иди Қурбон, Рамазон ва ҷашни Наврӯз дарс қатъ мегардид. Агар дар Бухорову Самарқанд ва дигар шаҳрҳои Аморати Бухоро ибтидои таҳсил ба охири моҳи сентябр рост меомад, дар бекии Ҳисор бошад, дар моҳи ноябр оғоз шуда, то охири моҳи апрел давом мекард. Мисли дигар шаҳрҳои марказӣ дар мадрасаҳои бекии Ҳисор гурӯҳи хурдро “адно”, миёнаро –“авсат”, калонро -“ало”. Дар мадрасаҳои мазкур барномаҳои муайян вуҷуд надоштанд. Барномаҳо аз донишу малакаи худи мударрис вобаста буданд. Тамоми бахшҳо аз китобҳои дарсии алоҳида иборат буданд. Аз муҳассилин талаб карда мешуд, ки мазмуни китобро аз худ кунанд. Ба тариқи ихтиёрӣ осори шоирону мутафаккирони Шарқи мусулмонӣ мавриди таълиму тадрис ва мубоҳиса қарор мегирифт. Ҳар рӯзи дарсӣ мударрисон бо толибилмон як-якуним соат машғул мешуданд. Ба корҳои хоҷагидорӣ мутаваллӣ мутасаддӣ буд. Соҳиби мадраса, ҳоким ё қозикалон мударриси мадрасаро таъйин мекард. Ҳар мадрасаи бекии Ҳисор вобаста ба

даромади худ мударрис, муид, мутаваллӣ, имом, сӯфӣ, фаррош, сартарош, посбон ва ошпаз дошт.

Аксарияти мадрасаҳои бекии Ҳисор соҳиби заминҳои обӣ, лалмӣ, канал, об, хонақоҳ, масҷид ва осиёбҳо буданд. Аз ин рӯ, қариб ҳамаи мадрасаҳо номи поягузорони хешро доштанд.

Қаламрави Ҳисор ба олами тамаддуни Ховар бисёр ашхоси муътабарро эҳдо кардааст, ки ҳар кадоме дар ҷодаи илму адаб, таъриху фарҳанг, шариату тариқат ва амсоли инҳо саҳми хоксоронаи худро гузоштаанд [8,с.262]. Толибони боистеъдод, шоирони номдор, ҳамин мадрасаҳоро хатм карда буданд. Тибқи маълумотҳои бадастовардашуда чунин шоирон мадрасаҳои Ҳисорро хатм кардаанд:

Низомиддин ибни Яъқуб-ул-Ҳисорӣ, Биҳиштии Ҳисорӣ, Муҳаббати Ҳисорӣ, Хоҷа Абдураҳим ибни Хоҷа Абдураҳмони Ҳисорӣ, Қудсии Ҳисорӣ (Ҷомии Сонӣ), Ҷомии Ҳисорӣ, Хоксорӣ, Шоҳӣ, Мавлоно Хиргоҳӣ, Фавқии Ҳисорӣ (Мискин), Тошхоҷаи Ирсӣ, Саидҷони Ҳисорӣ, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Мирзо Мункӣ, Мирзо Мурассаъ, Фориғи Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Мулло Исои Бадахшони (Мавзун), Мулло Муҳаммадшарифи Ғамгин, Имомиддини Банда, Мулло Азимқули Холӣ, Домулло Хоҷимуроди Розӣ, Қозӣ Комили Комил, Музмари Ҳисорӣ, Ҳазинии Ҳисорӣ, Хатиби Ҳисорӣ, Мавлоно Ушшоқи Ёвқутчии Ҳисорӣ, Ҷазбии Ҳисорӣ, Дабири Ҳисорӣ, Бисмили Ҳисорӣ.

Бояд қайд намуд, ки дар Мадрасаи Нав ҳокими Ҳисор тамоми олимону шоирони он давраро ҷамъ намуда, «Доираи адабии Ҳисори Шодмонро ташкил карда буд. Умуман бисёр биноҳои маъмурӣ ва олии Ҳисори кухна дар аҳди Абдулкаримхон (ҳокими охирин то ба аморати Бухоро зӯран тобеъ карда шудани Ҳисор) сохта шуданд, ки давраи шукӯҳу азамати Ҳисори мустақил ба шумор мерафт. Шоирон мулло Муҳаммад Раҷаби Парӣ, Мулло Эсои Бадахшонии Мавзун, Саидҷон, Мирзо Олимҷони Ҳасрат, Тошхоҷаи Ирсӣ, Мирзо Мункӣ ва дигарон аз фаъолони ҳамин маҳфили адабӣ буданд [13,с.6].

Чунончи, Мирзо Абдулазими Сомӣ доир ба ин маҳфили адабӣ чунин маълумот дарҷ намудааст:

*Дар он дам, ки Абулкарим дар Ҳисор*
*Ҳукумат ҳамекард аз ихтиёр,*
*Дар он вақт аз шоирони надим*
*Ҳамебуд Мулло Раҷаб мустақим.*
*Тахаллус Парӣ шуҳраи ҳар диёр,*
*Шуда шеъри ӯ шухра андар Бухоро.*
*Дигар махдумони бухорӣ, ки шон*
*Ба озодагӣ шуҳра андар ҷаҳон,*
*Саидҷону Мирзои Мункӣ дигар,*
*Чунин боз чанде балоғатасар,*
*Ба суҳбат шабу рӯз ҳамроҳи ӯ,*
*Ба шеъру ғазал доштандӣ ғулӯ…[13,с.7].*

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар баробари шоирон мадрасаҳои Ҳисорро олимон, ба монанди Собир Сайқалии Ҳисорӣ, Домулло Бердиқул, Толиби Бедакӣ, Мавлоно Юсуфи Кангуртӣ, Мавлоно Абдулҳай ибни Хоҷа Чокари Ҳисорӣ, Мавлоно Абдурасули Қубодиёнӣ, Мавлоно Юсуфбой, Мавлоно Муҳиддини Ҳисорӣ (Абдулазиз), Рабии Саъдулло, Мавлоно Холмуҳаммади Кӯлобӣ (Халифаи Шаҳид), Миён Убайдуллоҳ, Мавлоно Шайх Нуриддин (Соҳибнафас), Мавлоно Закариёи Симиганҷӣ, Домулло Муҳаммад Шариф, Домулло Насриддин, Мавлоно Қутбиддин (Махсуми Бемалол), Муфтии Сангинмурод, Эшони Саъдуллохон, Эшони Ҳомидхон (Хатиб), Мулло Файзулло, Мулло Абдукарим, Мулло Абдураҳим, Мулло Абдуҳаким, Домулло Наҷмиддин, Домулло Ҳамро ва ғайраҳо хатм кардаанд.

В советский период исследователи основное внимание обратили на изучение социально-экономической и культурной жизни социалистического общества [5,с.21]. Поэтому исследования М.Р. Шукурова были в основном направлены на эту тематику. Действительно, советскому читателю было интересно знать о социалистических преобразованиях в социально-экономической и культурной жизни страны.

Исследуя научные работы М.Р. Шукурова, мы с уверенностью, можем сказать, что они охватывают весь период дореволюционной и послереволюционной истории культуры Таджикистана. Однако основное направление, которому М.Р. Шукуров особо уделял внимания, является история культурной жизни Советского Таджикистана. Здесь особенно важно остановиться на географии его научных исследований.

Следует также подчеркнуть, что М.Р. Шукуров, освещая вопросы культурно строительства Советского Таджикистана, связывает их с экономикой и со всеми проявлениями многогранной жизни советского общества. Он не изучает вопросы культурного строительства в отдельности. В своих научных изысканиях, анализируя этот вопрос, особое внимание он уделяет проблемам идеологии и культуры в социалистическом строительстве. Действительно, когда мы наличия вопросов индустриализации страны и коллективизации сельского хозяйства, возникают вопросы идеологии, культуры и духовной жизни в целом. Невозможно было показать историю социалистической индустриализаций без развития культурно-технического уровня населения и формирования национальной интеллигенции. Невозможно будет раскрыть национальное строительство без освещения проблем национальных культур и ликвидацией безграмотности населения. Именно в такой постановки освещены вопросы в научные изысканиях профессора М.Р. Шукурова, которая является вполне закономерной.

Процесс культурного строительства в молодом Советском Таджикистане детально и поэтапно освещен в одной из его первых монографий - «Культурная революция в Таджикистане». Эта книга, по утверждению большинства исследователей, является великим достижением в историографии Таджикистана. Настоящая монография считается одной из наиболее фундаментальных работ М.Р. Шукурова, в ней детально рассмотрены все проблемы культурного строительства в Советском Таджикистане.

Таким образом, автор в отдельной главе книги анализирует становление и развитие системы народного образования и процесс ликвидации неграмотности среди взрослого населения республики. Работа отличается и тем, что при поэтапном освещении истории народного образования республики и его достижений, которые нельзя и невозможно отрицать, автор указывает и на отрицательные моменты, трудности, недостатки, упущения в период формирования новой образовательной системы. Эта особенность наблюдается и в других его исследованиях, которые, в основном, посвящены истории культурного строительства в республике.

Эта книга охватывает историю культуры Таджикистана советского периода. В книге впервые на основе архивных данных анализированы основные проблемы народного образования - образование и развитие школы, внедрение обязательного образования, ликвидация безграмотности, строительство новых школ, образование и подготовка таджикской интеллигенции, развитие культурных и образовательных учреждений, учреждение и развитие национальной печати, образование таджикской советской литературы и т.д. Автор на основе корректных и правильных примеров старается анализировать процесс формирования новой системы советских школ, деятельность партийной и комсомольской организации республики. В ней исследованы также основные проблемы системы народного образования, науки, искусства и литературы. В книге также отмечена кропотливая работа таджикской интеллигенции в деле ликвидации безграмотности, восстановления новой жизни, а также воспитания население страны.

Но здесь необходимо отметить один момент, что на основе исследований М.Р. Шукурова, процесс развития культуры народа невозможно оценить только в какой-то одном определенный период. Этот сложный процесс охватывает все исторические периоды развития каждого народа. Поэтому мы уверены утверждать, что труды таджикского историка -профессора М.Р. Шукурова, хотя охватывают отдельные исторические периоды культурной жизни таджикского народа, но они неразрывно связаны между собой. Например, профессор М.Р. Шукуров в своей монографии «История культурной жизни Советского Таджикистана», анализирует предвоенный период, то есть 1917-1940 гг. Освещение основных культурных преобразований в годы Великой Отечественной войны, также являются особым периодом в развитии культуры таджикского народа.

М.Р. Шукуров в пяти своих произведениях анализирует историю формирования и развития культуры таджикского народа. Он детально анализирует все стороны этого процесса, выявляет основные достижения культуры в Советском Таджикистане. Также он, еще в 50-е годы XX века, определил свою точку зрения о периодах развития культуры, которые были приняты видными советскими учеными и историками.

Анализируя труды профессора М.Р. Шукурова и их значение в развитии общественно-политической и культурной жизни Таджикистана, нами были определены следующие этапы развития культуры в Советском Таджикистане:

1. Начальный этап (1917-1929 гг.), образование Таджикской АССР в составе Узбекской ССР (1924), образование Таджикской ССР (1929) и начало строительства социалистическое общество.

2. Второй этап на основе исследования М.Р.Шукурова относится к 1930-1941 гг. В этот период были осуществлены целый ряд преобразований в культурной и образовательной жизни республики, особенно формирование советской интеллигенции, создание театрального искусства и т.д.

3. Третий этап относится к периоду Великой Отечественной войны (1941-1945 гг), в котором все деятели сферы культуры создавали свои произведения в основном на военно-патриотическую тематику.

4. Четвертый этап, относится в послевоенному периоду, в котором отмечается расширенный темп роста учреждений сферы культуры, формирование новых театров, коллективов художественной самодеятельности, а также просветительских учреждений.

Таким образом, исследуя труды профессора М.Р. Шукурова, мы придем к выводу, что он внес огромный вклад в развитие таджикской историографии. Действительно, сегодня мы не можем представить историографическое наследие советского периода Таджикистана без трудов профессора М.Р. Шукурова. Его произведения не теряли своего значения и после изменения политической системы в Республике Таджикистан. Наоборот, сегодня в период государственного суверенитета Таджикистана наши соотечественники должны относиться к трудам профессора М.Р. Шукурова с особым вниманием.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Брагинский И.С. Предисловие. Шукуров М.Р. Культурная жизнь Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. Монография / И.С. Брагинский. –Душанбе: Ирфон, 1985. -160 с.
2. Наимов М. Устоди фархангшинос / М. Наимов, Н. Мирзоев // Омузгор. -2010.- 4 июнь.- №25 (2345).
3. Шукуров М.Р. История культурной жизни Советского Таджикистана (1917-1940 гг.). Монография / М.Р. Шукуров. –Душанбе: Ирфон, 1970. - 493 с.
4. Шукуров М.Р. Культурная жизнь Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. Монография / М.Р. Шукуров. –Душанбе: Ирфон, 1985. -160 с.
5. Из истории культурного строительства в Таджикистане (1924-1941 гг.). -Душанбе: Ирфон, 1966. -Т.1. -670 с.
6. Из истории культурного строительства в Таджикистане (1941-1960 гг.). -Душанбе: Ирфон, 1972. -Т.2. -512 с.
7. Из истории культурного строительства в Таджикистане. –Душанбе, 1968. -Вып. 1. – 230 с.
8. История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977 гг.) / под ред. К.П. Марсакова. -Душанбе: Дониш, 1979. -Т.1. -284 с.
9. Народное хозяйство Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.). -Душанбе: Дониш, 1980. -172 с.


## НАҚШИ ОСОРИ ИЛМИИ ПРОФЕССОР М.Р.ШУКУРОВ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОН


Профессор М.Р.Шукуров дар рушди таърихнигории тоҷик саҳми бузург гузоштааст. Осори ӯ ба шумораи он асарҳои бунёдӣ дохил мегардад, ки барои омӯзиши бунёди фарҳанг дар Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Дар ҳақиқат таърихнигории давраи шӯравиро бе асарҳои профессор М.Р. Шукуров тасаввур намудан номумкин аст. Осори М.Р. Шукуров тамоми давраҳои рушди бунёди фарҳангии Тоҷикистони Советиро дар давоми солҳои 1917-1980 дар бар мегирад. Профессор М.Р. Шукуров дар асоси маводҳои бойгониҳо дар осораш масъалаҳои асосии маориф, аз он ҷумла маориф ва рушди мактабҳо, ҷорӣ намудани таҳсили ҳатмии миёна, маҳви бесаводӣ, сохтмони мактабҳои нав, тарбия намудани зиёиёни тоҷик, рушди муассисаҳои тарбиявӣ ва фарҳангӣ, таъсис додан ва рушди матбуоти миллӣ, адабиёти советӣ ва ғайраро мавриди омӯзиш қарор додааст. Бояд қайд намуд, ки М.Р. Шукуров дар таҳқиқотҳои худ тамоми ҷанбаҳои ин равандро, яъне инқилоби маданиро баррасӣ намуда, дастовардҳои асосии маданиятро дар ҷумҳурӣ муайян менамояд. Дар осори ӯ марҳалаҳои асосии рушди маданӣ дар Тоҷикистони Советӣ муайян гардида, таҳлил гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** маданият (фарҳанг), сохтори маданиву фарҳангӣ, таърихнигорӣ, таърих, инқилоби фарҳангӣ, маҳви бесаводӣ.


## НАУЧНЫЕ ТРУДЫ ПРОФЕССОРА М.Р. ШУКУРОВА В ИСТОРИОГРАФИИ КУЛЬТУРНОЙ ЖИЗНИ ТАДЖИКИСТАНА


Профессор М.Р. Шукуров внес огромный вклад в развитие таджикской историографии. Произведения Шукурова М.Р. принадлежат к числу тех фундаментальных трудов, которые служат основой для изучения истории культурного строительства в Таджикистане. Действительно историографию советского периода Таджикистана трудно представить без трудов профессора М.Р. Шукурова. Труды ученого включают в себя все периоды истории культурного строительства Советского Таджикистана, начиная с 1917 года до 1980 года. Профессор М.Р. Шукуров на основе архивных данных анализировал основные проблемы народного образования - образование и развитие школ, внедрение обязательного образования, ликвидация безграмотности, строение новых школ, образование и подготовка таджикской интеллигенции, развитие культурных и образовательных учреждение, учреждение и развитие национальной печати, образование таджикской советской литературы и т.д.

Следует также подчеркнуть, что М.Р. Шукуров в своих трудах анализирует все стороны этого процесса - культурного строительства, выявляет основные достижения культуры в республике. В его трудах анализированы и выделены основные периоды развития культуры в Советском Таджикистане.

**Ключевые слова:** культура, культурное строительство, историография, история, культурная революция, ликвидация безграмотности.

**SCIENTIFIC WORKS OF PROFESSOR M.R. SHUKUROV IN THE HISTORIOGRAPHY OF CULTURAL LIFE IN TAJIKISTAN**

Professor M.R. Shukurov made a huge contribution to the development of Tajik historiography. The works of M.R. Shukurov, are among those fundamental works that serve as a basis for the study of the history of cultural construction in Tajikistan. Indeed, the historiography of the Soviet period of Tajikistan is difficult to imagine without the labors of Professor M.R. Shukurov. The works of the scientist include all the periods of the history of the cultural construction of Soviet Tajikistan, from 1917 to 1980. Professor M.R. on the basis of archival data, analyzed the main problems of public education-the formation and development of the school, the introduction of compulsory education, the elimination of illiteracy, the construction of new schools, the formation and training of the Tajik intelligentsia, the development of cultural and educational institutions, the establishment and development of the national press, the formation of Tajik Soviet lite It should also be emphasized that M.R. Shukurov in all his works analyzes all aspects of this process - cultural construction, reveals the main achievements of culture in the republic. His works analyzed and highlighted the main periods of cultural development, in Soviet Tajikistan.

**Key words:** culture, cultural construction, historiography, history, cultural revolution, elimination of illiteracy.

**Сведения об авторе:** ***Улугова Мархабо Хайталиевна*** - Таджикский национальный университет, аспирант третьего курса кафедры отечественной истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-36-85-79**

**Information about the author**: ***Ulugova Markhabo Haitalievna*** - Tajik National University, graduate student of the third year of the department of national history. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **988-36-85-79**

**УДК:7.0 (575.3)**

# БУЛБУЛИ САНЪАТИ ТОҶИК - ШОИСТА МУЛЛОҶОНОВА

***Б. М. Саидова, С.Х. Зубайдуллоев***

**Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода**

Модар барои ҳама гуна давраҳои таърих нобиғаҳое зода, ба тамаддуни ҷаҳон ҳадя месозад, ки дар лаҳзаҳои ҳассос барои миллати худ хизматҳои шоён менамоянд. Дар солҳои 40–уми асри XX ба майдони саҳна ҳунарманде баромад, ки бо овози ҷаззобаш дар дилу дидаи мардум ҷойи намоёнро ишғол кард, ки то имрӯз аз ӯ ҳама хурду бузург ба некӣ ёд мекунанд. Ин нобиғаи ҳунар Муллоҷонова Шоиста Рубишовна мебошад. Табиат ба ӯ овози дилнавозу латиф бахшидааст. Шоиста Муллоҷонова на танҳо дар дохили Тоҷикистон, балки дар миқёси собиқ мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ шуҳрату маҳбубият дошт.

Муллоҷонова Шоиста Рубишовна 3 сентябри соли 1925 дар шаҳри Душанбе чашм ба олами ҳастӣ кушодааст [1, с.3]. Соли 1940 дар шаҳри Душанбе олимпиадаи ҷумҳуриявӣ гузашт. Дар ин олимпиада истеъдоди Шоиста Муллоҷонова диққати бисёр ходимони санъатро ба худ ҷалб намуд, ки ин барои фаъолияти минбаъдааш дар ҷодаи санъат ба ӯ роҳ кушод [6]. Овози беғашу баландаш ва санъати худододаш сабаб гардид, ки фаъолияти сарояндагияшро дар синни 16-солагӣ дар соли 1941 дар лаҳзаҳои вазнини Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ансамбли бонувони рубобнавозони Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷураев оғоз бахшад [8, с.313]. Аз ҳамин лаҳза сар карда, миёни мардум маҳбубият пайдо намуд. Ҳама бо ифтихор, бо умеду орзу дар васфаш сухан гуфта, ба шавқ меомаданд. Ӯ пайваста бо шавқ мехонд, бо ҳунармандону оҳангсозони машҳури он давра ҳамкорӣ мекард ва маҳорати сарояндагӣ ва овозхониашро сайқал медод.

Шоиста Муллоҷонова соли 1943 Омӯзишгоҳи педагогии занонаи шаҳри Сталинобод (феълан Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнии шаҳри Душанбе)–ро хатм намуда, ҳамчун ҳунарпешаи Филармонияи давлатӣ фаъолияти корияшро идома дод [5]. Композитори маъруфи тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ шаби 8 майи соли 1945 аз тариқи радио мешунавад, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ғалаба ба даст омадаасту фардо пирӯзӣ таҷлил мегардад, ба Боқӣ Раҳимзода занг зада хоҳиш мекунад, то ба ин муносибат ҳарчи зудтар шеъре эҷод намояд Боқӣ Раҳимзода, ки дар ҳамсоягии Зиёдулло Шаҳидӣ мезист, ин хоҳишро рад намекунад, шеъри ҷашнӣ менависад ва соатҳои 12–1–и шаб меорад. Зиёдулло Шаҳидӣ ҳамон лаҳза ба он оҳанг мебандад. Соати 5–и саҳар ба Шоиста Муллоҷонова тариқи телефон занг зада, ба хонаи худ даъват менамояд ва сурудро якҷоя тайёр мекунанд. Соати 8: 30 дақиқаи 9 май суруд аз радио ба шарафи Рӯзи Ғалаба бори аввал бо як маҳорати баланд садо дод. Соати 2–и ҳамон рӯз дар Боғи марказии пойтахт ба номи Ленин (феълан Боғи маркази ба номи устод Рӯдакӣ) дар ҳузури мардум ин булбули санъати тоҷик «Иди Зафар муборак»–ро хонд. Аз ҳамин лаҳза сар

карда, ҳамасола бахшида ба Рӯзи Ғалаба суруди мазкур чун пайки пирӯзӣ дар саросари кишвар садо медиҳад [2].

Соли 1948 Шоиста Муллоҷонова бо Беляев Ефрем Харитонович оила барпо намуда, соҳиби 3 фарзанд: Беляева А. Х. (соли таваллудаш 1948), Беляева Н. Х. (соли таваллудаш 1951), Беляева Содия (соли таваллудаш 1958) мегардад [1, с.9]. Баҳри баланд бардоштани савияи дониш ва истеъдоди худ Шоиста Муллоҷонова соли 1947 ба Консерваторияи давлатии шаҳри Маскав ба номи П. И. Чайковский дохил шуда, онро соли 1953 бо ихтисоси сарояндаи опера бомуваффақият хатм намуда, ба шаҳри Сталинобод (феълан шаҳри Душанбе) баргашта, дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ба фаъолият шурӯъ намудааст [1, с.15].

Партияҳои беҳтарини сароянадагии Шоиста Муллоҷонова инҳоянд: Татяна «Евгений Онегин»–и аз операи П Чайковский, Марфа «Арӯси шоҳ»–и Н.Римский–Корсаков, Гулизор «Шӯриши Восеъ»–и С. Баласанян. Инчунин нақшҳои беҳтарини сарояндагиаш: Нисо аз операи С Беласанян, Маҳин «Тоҳир ва Зуҳро»–и А Ленский, Неда аз операи Р Леонновалло «Паяси», Виопетта аз операи Д Ж. Верди «Травиата», Микаэла аз операи Ж. Бизе «Кармен» иҷро намудааст [1, с.16].

Соли 1957 Шоиста Муллоҷонова аз Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ба Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба кор гузашт [1,16]. Шоиста Муллоҷонова соли 1957 дар Фестивали шашуми ҷавонон ва донишҷӯёни ҷаҳон дар шаҳри Маскав комёбии калонро ба даст овард. Дар ин фестивал ӯ дар байни садҳо ҳарифонаш ғолиб омада, соҳиби ду медали тилло гардид [1, с.16]. Шоиста Муллоҷонова иштирокчии дукаратаи даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар шаҳри Маскав (солҳои 1951–1957) мебошад [1, с.16].

Соли 1957 дар тамоми театру толорҳои шаҳри Маскав суруд, оҳангҳои чангу рубоб, карнаю сурнай, таблу танбӯри тоҷик садо медод. Дар консерти ҳисоботие, ки дар Театри калони ИҶШС барпо гардид, ҳунарпешагони тоҷик бо навбат ба саҳна баромада, бо сурудҳои мафтункунандаи худ қалби тамошобинонро ба ҷӯш меоварданд. Шоиста Муллоҷонова ба як гурӯҳ духтарони рубобнавоз ба саҳна баромада, бо овози дилнавозу маҳинаш диққати тамоми аҳли толорро ҳамчун оҳанрабо ба худ ҷазб намуд. Пас аз анҷоми суруд чапакзаниҳои зиёд толорро фаро гирифт ва бо хоҳиши мухлисон бори дигар суруди худ «Хуш он замон»-ро такроран суруд [6].

Суруд қувваи ҷозибанок дорад. Дар суруде, ки сухани шоир, оҳанги бастакор ва овозу маҳорати сароянда ба ҳам мувофиқ оянд, он суруд ба кас илҳоми нав, рӯҳи тоза мебахшад. Шоиста Муллоҷонова ҳам аз қабили ҳамин гуна нафарост. Овози ӯ дар дилу дидаи мардум маскан гирифта буд. Беҳуда нест, ки ӯро «булбули санъати тоҷик» гуфтаанд. Сурудҳои халқӣ ва классикии тоҷикӣ, таронаҳои халқҳои Шарқ ва собиқ ҷумҳуриҳои бародарӣ, аз қабили русӣ, озарбойҷонӣ, арманӣ, туркманӣ, қазоқӣ, афғонӣ, индонезӣ, ҳиндуӣ, молдаваниро бо маҳорати баланд иҷро менамуд.

Дар шаҳри Маскав Конгресси шарқшиносони ҷаҳон баргузор гардид. Ба ин муносибат 6 ноябри соли 1960 Шоиста Муллоҷонова бо як гурӯҳ ҳунармандон барои гузаронидани консерт ба Индонезия сафар намуданд. Дар шаҳри Ҷакарта пойтахти Индонезия онҳоро раиси ҷамъияти дӯстӣ бо мамлакатҳои хориҷии Индонезия пешвоз гирифт [7, с.20].

Шоиста Муллоҷонова пеш аз сафар ба Индонезия дар зарфи 1–2 рӯз суруди индонезиягиро аз худ намуда, дар консерт дар назди тамошобинони шаҳри Ҷакарта бо як маҳорати баланд иҷро намуд. Суруд чунон ба аҳли толор маъқул мешавад, ки ӯро маҷбур менамоянд, гаштаю баргашта суруди хондаашро сарояд. Муаллифи он суруд ба саҳна баромада, бо чашмони пур аз ашки шодӣ ба Шоиста Муллоҷонова миннадорӣ намуда, чунин мегӯяд: «Ман намедонистам, ки суруди ман ба мардум ин қадар маъқул мешавад. Ин ба шарофати хизмати шумост. Ҳазорҳо раҳмат ба шумо, ба халқе, ки шуморо тарбия кардааст» [3, с. 9]! 16 ноябр Президенти Ҷумҳурии Индонезия доктор Сукарно гурӯҳи ҳунармандонро ба қасри худ таклиф намуда, онҳоро 18 ноябр ба боғи шахсии худ барои тамошо даъват мекунад, аз соати 12 то 7 бегоҳ он боғи муҳташамро гурӯҳи ҳунармандон, аз он ҷумла Шоиста Муллоҷонова тамошо намуданд. Баъд аз консерт Сукарно ба шарафи ҳунармандони Шӯравӣ зиёфат орост ва ба онҳо гулдастаю тӯҳфаҳо тақдим намуд [7, с.20].

Баъд аз Идонезия гурӯҳи ҳунармандон, ки дар он Шоиста Муллоҷонова низ буд, ба Бирма омада, дар он ҷо 7 рӯз истода, консертҳо доир карданд. Дар шаҳри Рангун пойтахти Бирма дар консерт 8 ҳазор нафар тамошобин иштирок дошт ва ба ҳунару истеъдоди ҳунармандони мо баҳои баланд дод [7, с.20].

Шоиста Муллоҷонова соли 1966 бо ҳайати ҳунармандони ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Фестивали дӯстии халқҳо бо роҳбарии нависандаи машҳури Қирғизистон, Лауреати Мукофоти Ленинӣ Чингиз Айтматов ба Ҳиндустон рафтанд. Дар он ҷо Шоиста Муллоҷонова бо ҳунармандону шоирони ҳинд, ба монанди Анура Асаф Алӣ, Раҷ Капур, шоири маъруфи Ҳиндустон Амрита Притан вохӯрд. Онҳо ба Шоиста

Муллоҷонова аз фарҳангу маданияти бои тоҷикон ёдовар шуда, аз шоирони маъруфи мо Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ ва Мирзо Турзунзодаро таъриф када, ба онҳо баҳои баланд доданд. Бону Анура дар бораи маданияти халқи тоҷик ва санъати тоҷикон сухан гуфта, дар охир як байт аз Саъдӣ бо забони ҳиндӣ қироат кард [4, с.19]:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*

Солҳои 1968–1973 Шоиста Муллоҷонова ба ҳайси муаллимаи калони овозхонии академӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т. Шевченко (феълан Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) бо миқдори 0,5 воҳиди корӣ фаъолият мекунад. Ӯ дар таълиму тарбия ва тайёр намудани кадрҳои ҷавон хизматҳои арзанда намуда, шогирдони зиёдеро ба саҳнаи мусиқии касбӣ ҳидоят ва эҳдо кард, ки номи ӯро абадӣ сохтаанд [1, с.3].

Пас аз таъсис ёфтани Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода (соли 1973), аз 30 августи соли 1975 таҳти фармони №157 Шоиста Муллоҷонова дар кафедраи овозхонии академӣ фаъолияти омӯзгориашро идома мебахшад. Аз 28 январи соли 1977 бо фармони №11 Шоиста Муллоҷонова ба унвони дотсенти кафедраи овозхонии академӣ шарафманд шуд. 1 феврали соли 1988 бошад, Шоиста Муллоҷонова дотсенти кафедраи мусиқии Шарқ бо сарбории 420 соат фаъолияти педагогии худро идома додааст [1, с. 3]. Аз 16 ноябри соли 1989 таҳти фармони №157 Шоиста Муллоҷонова бо сабаби беморӣ ва гузаронидани табобати тӯлонӣ дар шаҳри Маскав аз фаъолияти омӯзгорӣ дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода озод карда шуд. Ҳамон давра ректори донишкада дотсент Абдушукурова Т. М. буд [1, с.11].

Соли 1991 Шоиста Муллоҷонова ба Амрико рафта, дар ансамбли «Шашмақом», ки роҳбаронашон Фотима Куйнова ва Илёс Муллоева (Илёс Муллоева хатмкунандаи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода) мебошанд ба кор даромада, то охири ҳаёташ дар ин ансамбл кору фаъолият намудааст [9].

Шоиста Муллоҷонова 26 июни соли 2010 дар беморхонаи штати Квинс, Ню–Йорки ИМА дар синни 85–солагӣ аз олам даргузашт. 27 июни соли 2010 дар оромгоҳи Яҳудиён дар Лонг–Айланди Ню–Йорк аст, ӯро ба хок супурданд [9].

Шоиста Муллоҷонова барои хизматҳои шоёнаш, ки дар тӯли ҳаёташ барои пешрафти санъати тоҷик кардааст, бо медалу мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардидааст. Соли 1945 унвони «Артисти хизматнишондодаи ИҶШС Тоҷикистон», соли 1946 Медали «Хизмати шоён» дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, соли 1949 Ордени «Нишони фахрӣ», соли 1954 медал «Барои хизматҳои шоён», соли 1957 бо Ордени «байрақи Сурхи меҳнат», соли 1970 Медал «ба муносибати 100-солагии В.И Ленин», соли 1972 бо Ордени «Ленин», соли 1975 Медал «Барои 30–солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ва дигар медалу мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудааст [1, с.22].

Рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо мегузаранд, аммо номаш ва садои хуши овозхони шаҳир аз ёдҳо, аз дилҳо намеравад. Ӯ барои миллати тоҷик ва барои рушди санъати тоҷик хизматҳои арзанда намудааст. Номат ва ёдат ба хайр, Шоиста Муллоҷонова.

## АДАБИЁТ


1. Бойгонии Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Парвандаи. 157. 51 с.
2. Абдулқодири Раҳим. Таърихи эҷоди суруди «Иди Зафар» // Ҷумҳурият. –2017.–5 майи. –№92 (23173).
3. Гулов И. Булбули Тоҷикистон (очерк) / И. Гулов // Машъал. -Душанбе, 1961. –№9. –С.9.
4. Дар мулки дӯстон. Суҳбат бо Артисткаи халқии РСС Тоҷикистон Шоиста Муллоҷонова //Занони Тоҷикистон. Журнали ҳармоҳаи адабӣ – бадеии ПК Тоҷикистон. –Душанбе, 1966. –№10. –С19.
5. Шаҳобиддини Ҳақназар. Шоистаи шаҳрошӯб // Адабиёт ва санъат. –2005, 24 ноябр. –№47 (1290).
6. Шодӣ Ҳ. Булбули шоистаи гулшан // Тоҷикистони Советӣ. –1964, 1 декабр. –№281(11.760).
7. Шоиста Муллоҷонова. Самимияти дӯстон (аз хотираи сафар) / Ш. Муллоҷонова // Занони Тоҷикистон. Журнали ҳармоҳаи ва адабӣ – бадеии ПК Тоҷикистон. –Душанбе, 1961. –№2. – С.20.
8. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -Душанбе, 1989. – Ҷ. 2. –559 с.
9. [Захираи электронӣ ]. https://ru.wikipedia.org/wiki 29 июн 2011.


## ШОИСТА МУЛЛОҶОНОВА–БУЛБУЛИ САНЪАТИ ТОҶИК


Шоиста Муллоҷонова бо овози дилнавозу латиф, на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он шуҳрату маҳбубият дошт. Солҳои 40 – уми асри XX ин нобиғаи ҳунар бо суруди «Иди Зафар муборак», шеъри Боқӣ Раҳимзода, оҳанги Зиёдулло Шаҳидӣ , ки бори аввал 9–уми майи соли 1945 садо дода буд, дар саросари кишвар машҳур гашт. Шоиста Муллоҷонова соли 1943 Омӯзишгоҳи педагогии занонаи шаҳри Сталинобод (феълан Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнии)–ро хатм намуда, ҳамчун ҳунарпешаи Филармонияи давлатӣ фаъолияти корияшро идома дод. Шоиста Муллоҷонова соли 1957 дар Фестивали шашуми ҷавонон ва донишҷӯёни ҷаҳон дар шаҳри Маскав комёбии калонро ба даст овард. Дар ин фестивал ӯ дар байни садҳо ҳарифонаш ғолиб омада, соҳиби ду медали тилло гардид. Солҳои 1968–1973 Шоиста Муллоҷонова ба ҳайси муаллимаи калони овозхонии академӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т. Шевченко (феълан Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) фаъолият намудааст. Аз 30 августи соли 1975 то 16 ноябри соли 1989 Шоиста

Муллоҷонова дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода чун омӯзгори калони кафедраи сарояндагӣ ва аз соли 1988 дотсенти кафедраи мусиқии Шарқ кор кардааст. Умуман, Шоиста Муллоҷонова дар тӯли ҳаёти худ дар таълиму тарбия ва тайёр намудани кадрҳои ҷавон хизматҳои арзанда намуда, шогирдони зиёдеро ба саҳнаи мусиқии касбӣ ҳидоят ва эҳдо кардааст, ки номи ӯро абадӣ сохтаанд.

**Калидвожаҳо:** муаллиф, маҳорат, дил, мардум, Тоҷикистон, овозхон, Сталинобод, Шоиста Муллоҷонова, тоҷик, муаллима, суруд.

### ШОИСТА МУЛЛОДЖОНОВА – ПРИНЦЕССА ТАДЖИКСКОГО ИСКУССТВА

Авторы в своей статье говорится о неповторимой, талантливой женщине таджикской нации, которая нашла место в сердцах и душах людей. Она проявила себя в Таджикистане, но а также за границей. Её хороший голос был уже знаменит, когда ей было 16 лет и она обнаружила свой талант. Она закончила Педагогический Университет Сталинабада и как актриса продолжала свою деятельность в таджикской Филармонии. В 1957 г. Шоиста Мулладжонова начала работать в Таджикской Национальной Филармонии. В 1957 г. в залах города Москвы прозвучали голоса «карнай-и-сурнай». В 1960 г. Шоиста Муллоджонова поехала в Индонезию с группой молодых актёров и перед тем, как туда поехать она выучила индонезийскую песню наизусть и покорила Индонезию своим голосом. Шоиста Рубиновна Мулладжонова родилась 3 сентября 1925 г. в городе Душанбе. В 1940 году в городе Душанбе прошла республиканская олимпиада. В этой олимпиаде талант Шоисты Мулладжановой привлек внимание всех деятелей искусств. Её неповторимый голос и её талант стали причиной того, что она начала свою деятельность в 16 лет. Шоиста Мулладжонова своим трудом и талантом внесла огромный вклад в культуру таджикского народа и была награждена орденами и медалями. Шоиста Мулладжонова в 1991 году эмигрировала в США и входила в состав ансамбля «Шашмакам», которым руководили Фатима Куйнова и Илияс Маллаев и продолжала свою деятельность до конца своих дней. Она скончалась 26 июня 2010 года в больнице штата Квинс, в городе Нью-Йорк США и была похоронена на еврейском кладбище в Лонг-Айленде Нью-Йорка. Пройдут года, месяца и дни, но её имя и её красивый голос не перестанут быть особыми и важными.

**Ключевые слова:** автор, единственная, сердца, душа, люди, Таджикистан, иностранный, голос, закончить, Сталинобод, Шоиста Мулоджонова, таджики, филармония, актёры, Москва, город, Индонезия, стихи, деятельность.

### SHOISTA MULOJONOVA–THE QUEEN OF TAJIK ART

The author in his article describes about the unique talented woman of Tajik nation who could find a place in the heart and soul of the people. She found succeed in Tajikistan and as well in foreign countries. Her good voice was already known when she was just 16 years old and she started to show her talent. She graduated National Pedagogical of Stalinobod and as an actor continued her activity in Philharmonic.In 1957 Shoista Mullojonova started to work in the Tajik national Philharmonic of Tajikistan. In 1957 in the halls of Moscow city was sounded the voice of «karnay and surnay». In 1960 Shoista Mulojonova had a trip to Indonesia with the young actors. Before going to Indonesia she learnt by heart the Indonesia poem in two days.
Shoista Mullojonova Pubishovna was born in 3rd of September in 1925 in Dushanbe city. In 1940 she took part in republic competitions and after that all the art leaders were interested to her talent. Her unusual voice and great talent were a reason that she became popular in 16. Shoista Mullojonova made an important contribution in the culture of Tajik nation and was rewarded with medals. In 1945 as an influent actress of Soviet Tajikistan, in 1946 was awarded with the medal of fame during the Great Patriotic War. Shoista Mullojonova in 1991went to USA and became a part of ensemble of «Shashmakom», which was headed by Fotima Kuynova and Ilyas Mullaeva and continued her activity till the end of her life. In 2010 the 26th of June she was died in the hospital of Kvins state, in New York city in the USA was buried in Jewish graveyard in Long-Aylend in New York.During several years her wonderful voice still alive in the heart of Tajik people.

**Keywords**: author, unique, talented, heart, soul, people, Tajikistan, foreign, voice, graduated, Stalinobod, Shoista Mullojonova, Tajik, Philharmonic, actor, Moscow, city, Indonesia, poem, activity.

**Сведения об авторе:** ***Саидова Бибиой*** - Таджикский государственный институт культуры и искусств им.М.Турсунзаде, преподаватель кафедры общественных наук. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбада, 73 А.
***Зубайдуллоев Саидджон*** - Таджикский государственный институт культуры и искусств им.М.Турсунзаде, преподаватель кафедры общественных наук. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Борбада, 73 А.. Телефон: **988.12.90.78**

**УДК: 32+327(5753)**

## ТАРКИБИ ДИНӢ ДАР МУНОСИБОТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Мирзоев Ғ.***
**Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Чунон ки маълум аст, дар муносиботи байналмилалӣ давлатҳо иштирокчӣ ва бозигарони асосӣ ба шумор мераванд. Онҳо миллатҳои гуногунро муттаҳид менамоянд, ки ҳар як аз онҳо дар муҳити фарҳанги маънавии миллӣ ҳастии хешро нигоҳ медоранд.

Яке аз унсурҳои муҳим ва ҳассоси ҳаёти маънавӣ дин маҳсуб меёбад, ки заминаҳои он ҳоло дар нахустин умумиятҳои ҷомеавии арзивуҷудкардаи даврони бостонии башарият ба ташаккулёбӣ оғоз карда буданд. Доир ба зарурати пайдоиши ин падидаи ҷомеавӣ чандон таваққуф намекунем, зеро он дар адабиёти махсуси соҳа ҳаматарафа таҳқиқ ва таҳлил гардидааст. Танҳо ҳамин нуктаро ишора менамоем, ки динҳо дар заминаи хеле қадимаи ҷаҳонбинии устуравӣ, нахуст дар шакли бисёрхудоӣ (политеизм) ва минбаъд, дар натиҷаи

расидани ҷомеа ба сатҳи нисбатан болотари тафаккур ва ташаккулёбии тафаккури мантиқӣ, дар шакли якхудоӣ (монотеизм) арзи вуҷуд карданд ва ба тамоми манотиқи олам паҳн гардида, на танҳо падидаи эътиқод ба қувваҳои фавқуттабиӣ, балки унсурҳои урфӣ ва анъанавии ҳаёти инсону ҷомеа низ гардиданд.

Сабаби асосии чунин шудани динҳо, қабл аз ҳама, аз он иборат буд ва ҳаст, ки:

аввалан, инсони ибтидоӣ бо донишу малака ва тафаккури маҳдуди хеш наметавонист тамоми ҳодисоти табиии ҳамарӯза ба ҳаёташ таъсиррасонро маънидод карда тавонад ва, дар ниҳояти амр, як қуввваи фавқуттабиии ғайбро эҷод кард, ки дар тамоми масъалаҳои ҳалнопазир ва даҳшатовари ҳаёташ ба он қувва мурочиат менамуд. Чунин қувваро инсони ибтидоӣ берун аз табиат мепарварид, ки дастнорас ва дарки ҳикматаш низ ба он имконнопазир буд;

сониян, динҳо, дар раванди ташаккулёбиашон, тамоми меъёрҳои муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳоро, тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва фарҳангии одамонро, тамоми меъёрҳои идораи ҷомеаро дар худ гирд меоварданд, аз ғалбери бамувофиқарасонӣ ба муқаррароташон гузаронидан сар карда, то ба амалияи таърихии ҷомеавиашон интиқол медоданд, таҳриру ифода мекарданд ва аз номи ҳамон қувваи фавқуттабиӣ боз ба инсонҳо онҳоро бармегардониданд. Ба ҳамин васила, гӯё, ба манбаи ягонаи тарбияи инсон ва идораи ҷомеа табдил меёфтанд;

севум, дар заминаҳои мазкури муддати тӯлонии таърихӣ арзи вуҷуд кардани динҳо, таълимоти динӣ ба як унсури бениҳоят мустаҳкам ва ташаккулдиҳандаи шуури одамон ва ҷудонопазири ҳаёти маънавии инсону ҷомеа табдил ёфт ва, ҳоло низ, сарфи назар аз рушди бениҳоят волои илмҳои гуногуни табиатшиносӣ ва кашфи бисёр муаммоҳои табиат, ҳамчунин таҳлилоти илмии далолаткунанда ба он, ки кадом як қувваи фавқуттабиии ғайбро на ҳаст ва на нест гуфтан номумкин аст, дин дар ҳаёти ҳамарӯзаи инсонҳо ва ҷомеа, чунонки дар боло низ зикр кардем, на танҳо ҳамчун эътиқод, балки ҳамчун як унсури ҳамқадами доимии ҳаёти ҷомеа амал карда истодааст;

чаҳорум, боз ҳам дар заминаҳои дар боло овардаамон, динҳо ҳамчун яке аз унсурҳои таъсиррасон ба ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар сиёсати давлатҳо ва муносиботи байналмилалии онҳо иштирок менамоянд.

Баъзе давлатҳои дунёи муосир, аз ҷумла Подшоҳии Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Афғонистон, Покистон ва ғайра, худро расман давлатҳои мазҳабӣ эълон карда, дар асоси меъёрҳои динӣ давлатдорӣ мекунанд, ҳуқуқ ва озодиҳои табиии инсонҳоро сарфи назар менамоянд, иродаи ҳама бошандагонро ҳам ба зӯрӣ ва ҳам тавассути тарғибот ба қонуну қоидаҳои давлати мазҳабӣ тобеъ мегардонанд;

панҷум, боз дар асоси маҷмӯи заминаҳои мазкур, унсури динӣ дар сиёсати хориҷии давлатҳо ва муносибатҳои байналмилалии онҳо, дар сиёсати Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкорӣ ва Амният дар Аврупо, ҳамчунин созмонҳои дигари ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ва, дар иртибот ба он, дар қонунҳои асосии давлатҳои ҷудогона рукни муҳимро ишғол намуда, дифоъкунандаи ҳуқуқи инсон дар ҷодаи адои эътиқодот ба шумор меравaнд. Масалан, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудааст, ки «… ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд» [10,с.12], ё дар Оинномаи СММ ин мавзӯъ чунин ба расмият доровaрда шудааст, ки: «Ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли мушкилаҳои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гуманитаридошта ва барои ҳавасмандгардонӣ ва инкишофи эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама бе тафриқаи нажод, ҷинс ва дин татбиқ карда мешавад …» [11, моддаи 1, банди 3].

Доир ба ин масъала мисолҳои зиёд овардан мумкин аст, вале бо овардаҳо иктифо менамоем ва собит мекунем, ки дин ва таълимоти динӣ ҳамчун яке аз шаклҳои шуури ҷомеавӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла муносибатҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок мекунад.

Иштироки дин ва таълимоти динӣ ду ҷиҳат дорад: мусбат ва манфӣ. Вақте дин ва таълимоти динӣ барои ташаккули фарҳанги волои маънавии инсону ҷомеа, барои интишори адолати иҷтимоӣ, барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, баҳри таъмини баробарии аъзоёни ҷомеа, барои пешгирии мусаллаҳшавии аз меъёр зиёди давлатҳо, барои пешгирии ифлосшавии муҳити зист, барои таъмини инсоният бо оби ошомиданӣ, ғизо ва зиндагии осудаву ором, барои таъмини сулҳу амнияти доимӣ ва, умуман, баҳри ҳаёти саодатмандонаи инсоният равона карда мешавад, инсоният онро бо камоли мамнуният ва ризоияти том мепазирад. Аммо вақте дин ва таълимоти динӣ акси ҳама овардаҳо амал менамояд, созмонҳои ирҳобӣ (террористӣ) ва ифротӣ (экстремистӣ) ташкил мекунад, байни милали мухталиф ва адён низоъ бармеангезад, тундравӣ касб менамояд, қоида ва меъёрҳои худро ба замони муосир ва тақозоҳои он мутобиқ намегардонад, раванди пешрафт ва такомули ҷомеаро ба асрҳои миёна бозгардониданӣ мешавад,

инсонҳоро барои расидан ба ин мақсадҳои иртиҷоӣ қатли ом мекунад, сулҳу амониро халалдор менамояд, он ҳаргиз аз ҷониби башарияти мутамаддин пазируфта намешавад.

Сабабҳои расидан ба чунин ҳолат аз чиҳо иборат буда метавонанд?

Аввал он ки динҳо падидаи даврони муосир нестанд ва раванди воқеиятҳои муосирро инъикос накардаанд ва карда низ наметавонанд, зеро муқаррароти онҳо, мутаассифона, қолабӣ, тағйирнопазир ва ё бениҳоят камтағйир мебошанд.

Дувум ин ки муқаррароти китобҳои ба ном муқаддаси динӣ, тибқи таълимоти худи он китобҳо ва таълимоту тафсироти динӣ, ба Худо алоқаманд карда мешаванд ва онҳоро ба ҷуз Худо қувва ва зеҳни дигари кайҳоние нест, ки тағйир дода тавонад. Аз нуқтаи назари илми муосир чунин объекти таҳқиқ то ба ҳол кашф нашудааст ва дар бораи объекти номаълум илм чизи муайяне нагуфтааст ва гуфта низ наметавонад, зеро, чунонки ишора рафт, объекти таҳқиқ ҳоло кашф нашудааст. Он ақидае, ки гӯё қувваи фавқуттабиӣ танҳо тавассути ақл муайян дониста мешавад, ба ҷуз қолаби таълимоти динӣ чизи дигаре нест, зеро ҳамон ақл дар натиҷаи маърифати объект арзи вуҷуд менамояд.

Севум он ки чун муқаррарот ва таълимоти динӣ инъикоси хаёлии сатҳи зеҳни замони бисёр дури гузаштаи ҳаёти ҷомеа маҳсуб меёбанд, батамом ба тақозоҳои замони муосир мувофиқат карда наметавонанд ва ба тазодҳои ҳалнопазир мувоҷеҳ мегарданд. Тазодҳои мазкур дар ҳаёти ҷомеа инъикос меёбанд ва онро ба табақаҳои гуногун, вобаста ба сатҳи маърифату фарҳангашон, тақсим мекунанд. Дар натиҷа, дин ва таълимоти динӣ ба мақсади татбиқ кардани ҳадафҳои худ ба сиёсат даст мезанад, ҳаракатҳои гуногунро созмон медиҳад ва барои ҳалли тазодҳои бавуҷудомада мубориза оғоз мекунад.

Сабаби чаҳорум аз он иборат аст, ки аксарияти аҳолии олам, тақрибан 80 дарсад [4,с.57] худро мансуб ба ин ва ё он мазҳаби динӣ медонад, вале мансубияти бештари онҳо шаклӣ буда, то ба сатҳи таҳлили илмиву фалсафии дин нарасидааст. Азбаски теъдоди аксари башарият худро эътиқодманди динҳо муаррифӣ мекунад, динҳо дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеаи башарӣ таъсиргузор набуда наметавонанд. Бинобар ин дар мулоқоти сатҳи олии гуманитарии умумиҷаҳонӣ, ки 23-24 майи соли 2016 дар Истамбули Туркия баргузор гардид ва мавзӯи асосии баррасиаш дин ва шумор мерафт, шахсиятҳои пешаҳои гуногуни воломақоми ҷаҳон дар ҳамоиши мазкур баромад карда, аз рӯҳонияти динҳо хоҳиш намуданд, ки онҳо дар бартараф кардани бухронҳо мусоидат намоянд.

Як мулоҳизаи дигари муҳимро қайд накарда наметавонем. Он ҳам бошад, набудани таҳаммулпазирӣ байни мазҳабҳову динҳои гуногун, ки боиси ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои тундрави ирҳобӣ ва ифротӣ мегарданд. Масалан, ҳаракат ва созмонҳои «Ал-қоида», «Давлати исломӣ», «Толибони ҷанганда», «Бародарони мусалмон», «Ҳизбуллоҳ» ва амсоли онҳо, ки ба муносиботи байналмилалии ҷомеаи башарӣ бетаъсир нестанд.

Сарфи назар аз он, ки созмонҳову ҳаракатҳои мазкур фарогири муносибатҳои байналмилалии Шарқи Наздик ва Миёна маҳсуб меёбанд, вале фаъолияти онҳо берун аз манотиқи номбаршуда баромада, ба мушкилии байналмилалӣ табдил ёфтаанд ва амнияти байналмилалиро нооором мекунанд.

Яке аз сабабҳои қувват гирифтани созмонҳову ҳаракатҳои динӣ дар олами муосир ва манотиқи номбурда аз ақибмондагии сатҳи фарҳанги илмиву маънавии аҳолии ин минтақаҳо бошад, сабаби дигар аз муддати тӯлонӣ дар тобеияти мустамликавӣ, ки воситаҳои идорааш ба тафаккур ва шуури ҷомеавии бошандагони ин манотиқ таъсири манфӣ нарасонида наметавонист, иборат аст, ки он эътирози на танҳо маънавӣ, балки муқобилияти феълии инқилобиро ба вуҷуд наоварда наметавонист.

Ғайр аз ин, ҳама гуна мудохила ба корҳои дохилӣ барои таҳмил кардани тартиботи сиёсии демократии Ғарб, махсусан тавассути воситаҳои зӯрӣ, ки онҳо бе дарки анъанаҳои миллии ин кишварҳо сурат мегирифтанд, муваффақият пайдо накарданд, балки баръакс сабаби аксуламалҳо гардиданд. Чунончи, дар китоби «Муносибатҳои байналмилалии муосир» қайд карда шудааст, ки «Ҳодисаҳои олами араб нишон доданд, ки муқовимати қисмати навхоҳи ҷомеа бар зидди фармонравоӣ ва худкомагии дурушт дар оқибат ба дигаргуниҳои демократӣ оварданаш ҳатмият надоштааст. Дар ҷомеаи анъанавӣ, дар оқибати кор, қувваҳои сиёсие баромадаанд, ки арзишҳои либералиро эътироф надоранд ва қобиланд, то ба аҳолии ноумедшуда ва бағазабомада танҳо алтернативаи исломиро пешниҳод намоянд» [7,с.199].

Сабаби панҷум ба он алоқамандӣ дорад, ки дар ҷомеаҳои номутамаддин ва баъзан қисмате аз ҷомеаҳои мутамаддин низ, мазҳабро ба миллат марбут медонанд ва муборизаҳои миллии худро дар зери парчами дин оғоз ва идома медиҳанд.

Сабаби шашум аз он иборат аст, ки доир ба таълимоти динӣ дар таърихи башарият аксаран ба риё роҳ медиҳанд, ҳамду сано мехонанд, онҳоро таҳлили илмӣ намекунанд, тазодҳои дохилиашонро ошкор наменамоянд. Бадии кор дар он аст, ки ҳатто баъзе олимон китобҳои диниро пур аз илм маънидод менамоянд. Масалан, профессор Ҷ. Алимӣ дар рӯзномаи «Пайк» дар зери сарлавҳаи «Қуръон – маҷмӯаи илмҳост, на ҷаҳлу хурофот» [8] мақолае менависад ва баъзе аз ифодаҳои ривоятии қуръониро ба сифати ихтироoти

илмӣ ба қалам медиҳад, ки он, мутаассифона, аз надоштани таҳлилоти илмии профессори мазкур шаҳодат медиҳад ва ба ҷуз риё чизи дигаре намебошад. Иллати чунин рафтори ҳам сиёсатмадорон ва ҳам, мутаассифона, баъзе олимону аҳли зиёи соҳаҳои дигари фарҳанги башарӣ аз он иборат аст, ки динҳо ва таълимоти онҳо тӯли садсолаҳову ҳазорсолаҳо, чунонки дар боло низ қайд карда будем, ба яке аз унсурҳои урфиву анъанавии ҳаёти маънавии инсоният табдил ёфтаанд ва онҳоро, сарфи назар аз он ки барои пешрафти илм, техника ва технология ҳеҷ суде надошта бошанд ҳам, аз ҳаёти маънавии инсоният зудудан имконнопазир шудааст. Бинобар ин дар сари қудрати ҳокимияти сиёсӣ будагон дин ва таълимоти диниро дар идоракунии давлат сарфи назар карда наметавонанд, зеро он низ дар дасти онҳо як навъ аз муҳимтарин олоти идоракунии ҷомеа ба шумор меравад. Баъзе олимон ва зиёиён бошанд, риёро дар назди дин ва таълимоти динӣ барои дар байни баъзе табақоти ҷомеа пайдо кардани нуфузи дурӯғин истифода мекунанд, ки он ба манфиати илми ҳақиқӣ нест.

Чунончи, вақте дар бораи ислом сухан мекунанд, чунини ифодаро истифода менамоянд, ки гӯё он ба зоти худ ҳеҷ ҷурме надорад ва ҳама ҷурм аз мусалмонии бандаҳост. Ба чунин ифода, ки таърихи тӯлонии дифоъ аз исломро дорад, муҳаққиқ ҳаргиз набояд розӣ шавад, зеро дар таълимоти ислом бисёр тазодҳо ва маводеро пайдо кардан мумкин аст, ки низоангезанда ба шумор меравaнд. Масалан, яке аз арзишҳои идеологии ислом ҷиҳод ба шумор меравад, ки он на танҳо дар ибтидои пайдоиши ислом, балки то кунун маънии ҷанг, яъне сарфи тамоми қувва ва имкониятро барои интишори ислом ва музаффарияти он дар назар дошта, онро ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як мусалмон маънидод менамояд. Аз мафҳуми ҷиҳод мафҳуми дигар, ки онро муҷоҳид меноманд, сохта мешавад. Муҷоҳид ҷанганда, шахсе, ки дар роҳи интишор ва побарҷо гардонидани ислом ҷони худро дареғ намедорад. Ҳар он касе, ки дар замони муосир дар сафҳои созмонҳои ирҳобӣ меҷангад, худро муҷоҳид эълон менамояд ва дар роҳи расидан ба мақсад, ки онро дар боло зикр кардем, ҷони худро нисор мекунад ва аз дар ин роҳ шаҳид шудан ҳеҷ боке надорад.

Дар ин хусус мисолҳои дигари зиёдро овардан мумкин аст, ки онҳо ҳаргиз ба тафаккур ва ҷаҳонбинии инсони муосир на танҳо мувофиқат намекунанд, балки арзишҳои диние мебошанд, ки инсонро ба урфҳои зиндагии асримиёнагӣ даъват мекунанд ва ба пешравии он монеагузор мешаванд. Чунончи, ба ҳукми қонун даровардани бисёрзанӣ, поймол кардани баробарҳуқуқии зан, даъват танҳо ба зикри шабонарӯзии Худованд, даст назадан барои таҳқиқи соҳаҳои илмҳои табиатшиносии муқобил ба офариниш ва ғайра аз чунинҳо ба шумор меравaнд.

Мутаассифона, дар ҷомеаҳои номутамаддин дар ин мавзӯъ бисёрандешӣ ғайриимкон аст, зеро инсоне, ки аз қолаби муқаррароти таълимоти динӣ берун мебарояд, ҷомеаи номутамаддин вайро аз худ берун мекунад. Сабаби чунин будани ҷомеаи номутамаддин дар ҷаҳолат будани он ба шумор меравад. Ҷаҳолат таҳаммулпазир буда наметавонад, дар доираи қолаб боқӣ мемонад. Дар ин бора мулоҳизаҳо хеле зиёданд, вале бо гуфтаҳо иктифо мекунем ва собити далел менамоем, ки рӯҳониён аз ин ҳолат бисёр моҳирона истифода мекунанд ва таълимоти диниро миёни мардум боз ҳам пурқувваттар мегардонанд. Ҳолати кунунии ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба гуфтаҳои боло мисол шуда метавонад, зеро таваҷҷуҳи аҳолӣ, махсусан ҷавонон, на ба омӯзиши таърихи пайдоишу таҳлили муҳтавои таълимоти динӣ, балки барои иҷрои унсурҳои зоҳирии он равона гардидааст, ки он дар онҳо шуури хаёлӣ ташаккул дода истодааст ва ба омиле табдил ёфта истодааст, ки онҳо ба дастовардҳои илмии исботшуда ва дар амалияи зиндагӣ истифодашаванда низ шубҳа мекунанд.

Сабабҳои дар боло номбаргардида ба он далолат мекунанд, ки унсури динӣ чи дар сиёсати дохилӣ, чи хориҷӣ ва чи муносибатҳои байналмилалӣ иштирок дорад ва дар ҳалли масъалаҳои ҳамкориҳои мутақобилаи бозигарони муносиботи мазкур, махсусан, бозигарони асосӣ, нақши муассир дорад. Ба ин гуфтаҳои муаллиф ҳодисаҳои дар Сурия, Ироқ, Афғонистон, Либия, Миср ва ғайра, ки солҳои ахир ба вуқуъ пайвастаанд, шаҳодат медиҳанд. Дар ҳодисаҳои дар ин кишварҳо рухдода, на танҳо манфиатҳои абарқудратон, ки, албатта, онҳо омили асосӣ ба шумор меравaнд, балки омили динӣ низ муассир маҳсуб меёбад. Ё, масалан, ҳодисаҳое, ки дар собиқ Югославия рух дода буданд, низоҳъо на танҳо дар асоси манфиатҳои миллӣ, балки динӣ низ арзи вуҷуд карданд ва ҳамин омили ахирӣ муносибати давлатҳои манфиатдори оламро ба ҳодисаҳои мазкур муайян менамуд. Чунончи, теъдоди зиёди кишварҳои мусалмонӣ дар низои баамаломада ҷонибдори Босния ва Гертсоговина ва мусалмонони Косово буданд, ки чунин ҷонибдорӣ танҳо аз лиҳози омили динӣ ба шумор мерафт. Мисоли дигар аз он иборат аст, ки дар ҷанги шаҳрвандии дар Тоҷикистон баамаломада чандин давлатҳои хориҷӣ бетараф набуданд. Агар якеҳо ҷонибдори ҳаракати давлати исиломӣ буда бошанд, дигарон ҷонибдори давлати дунявӣ буданд. Чунонки таърих гувоҳ аст, нақши чунин муносибат дар ҷанги мазкур бисёр назаррас буд.

Барои тафсири ифодаи мазкурамон лозим меояд суоле гузошта бошем, ки чаро дар замони муосири зинаи хеле баланди рушди ҷомеа дин ва таълимоти динӣ қудрат пайдо кардааст, ки сулҳу амнияти башариятро халалдор кунад, ҳазорҳо ҳазор мардумон аз дасти ирҳобиён ва ифротгароён кушта шаванд, шаҳру деҳот ва кишварҳо вайрону валангор гарданд, мардум фирорӣ ва муҳоҷири иҷборӣ шавад ва ғайра? Суолҳо бисёранд, ки ҷавоб мехоҳанд. Ҷавоб ба ҳамаи ин ва дигар суолҳо аз он иборат аст, ки, мутаассифона, то ба ҳол башарият аз сатҳи ташаккули инсонӣ ба сатҳи инсонияти мутамаддин нарасидааст. Ҳеҷ як ҳукумати давлати муқтадири олам намехоҳад, ки аз мағрурӣ ба тавозӯъ фарояд, аз ҷоҳилӣ ба оқилӣ рӯ оварад, яъне аз, умуман, инсон будан ба инсони мутамаддин шудан ҳаракат кунад, аз доираи манфиатҳои сиёсии худ барояд ва дар ғами ҳазорҳо ва миллионҳо мардуми фирорӣ, муҳоҷир, хонавайрон, ҳазорҳо ва миллионҳо кушташудагон бошад ва ғайра. «Дев»-и даҳшатбори замони муосир аз манофеи абарқудратон, аз ғурури худкомаву томравоҳо, аз ҷаҳолати диниву мазҳабӣ иборат аст, ки ҳамаи он аз нобудии фарҳанги сиёсии дар сари қудрати ҳокимият будагон шаҳодат медиҳад. Роҳи ягонаи ҳалли мавзӯъ низ аз ҳамин гуфтаҳо бармеояд, яъне инсон бояд акси гуфтаҳои болоро анҷом диҳад, ба инсони мутамаддин будан рӯ оварад, ғурурро як сӯ гузорад. Хулоса, фарҳанги муносиби даврони муосирро ташаккул диҳад, вагарна ҳаргиз аз болои ҳаракатҳои ирҳобӣ ва ифротӣ ғолиб омада наметавонад. Ин ҳақиқатро бояд тамоми давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дарк карда, чунин қарорҳоеро қабул кунанд, ки масъалаи пойдории раванди тамаддунсози муосир таъмин ва ҳифз карда шавад.

Дин то андозае дар сиёсати чи дохилӣ, чи хориҷӣ ва чи муносиботи байналмилалӣ таъсиргузор шуда, ки боис ва заминаи арзи вуҷуд кардани назарияҳои «бархӯрд» ва «муколамаи тамаддунҳо» низ гардидааст. Назарияи бархӯрди тамаддунҳо дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомадааст, балки он ифодагари тазодҳо ва ҳодисаҳои даргири нимаи дувуми асри XX, ибтидои асри XXI ва, шояд, даҳсолаҳои минбаъда низ бошад. Назарияи мазкур ба яке аз маъруфтарин сиёсатмадорон ва сиёсатшиносони муосири амрикоӣ, директори Институти тадқиқоти стратегии назди Донишгоҳи Гарварди ИМА С. Хантингтон тааллуқ дорад, ки далелҳои исботкунандаи таҳлилоташ ба куллӣ набошад ҳам, вале яке аз омилҳои ба вуҷуд омадани бархӯрдҳои замони муосир ба шумор меравand. Моҳияти назарияи С. Хантингтонро фарзияе ташкил мекунад, ки мувофиқи он низоъҳои ҷаҳонӣ дар заминаи бархӯрди тамаддунҳои мухталиф ба вуҷуд меоянд. Дар ин гуна бархӯрдҳо, тибқи фарзияи ӯ, дин нақши асосӣ мебозад. Тамаддунҳои бархӯрандаро тақсимбандӣ карда, ба онҳо тамаддуни Ғарб, ки ба он тамаддуни атлантикӣ ва ҷопониро дохил мекунад (тамаддуни ҷопонӣ ба он хотир, ки баъди соли 1945 Ҷопон бо Ғарб дар иртиботи зич амал мекунад) ва тамаддуни манотиқи боқимондаи олам, тамаддуни Ғарб ва тамаддуни исломӣ, тамаддуни масеҳияти Ғарб ва масеҳияти православӣ, яъне таркиши тамаддунҳо ба бархӯрди байниҳамдигарии тамаддунҳои мазкур алоқамандӣ дорад [1,с.583-586].

Аммо зарур аст таъкид кунем, ки сармашқ кардан ва дар асоси ҳамин гуна назария амал кардани ҳаракатҳои гуногуни сиёсӣ, ҳарбиву сиёсӣ ва, бахусус, амал кардан дар муносиботи дуҷониба, бисёрҷониба ва байналмилалии давлатҳои мухталиф, ба сулҳи олам халал ворид менамояд, ба ҳамкориҳои мутақобилан судманди миёни субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Бинобар ин дар муқобили назарияи мазкур назарияи дигари ҷавобгӯ ба тақозои замон арзи вуҷуд кард, ки он бо ибтикори яке аз президентони собиқи Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммади Хотамӣ ташаккул ёфт ва аз ҷониби роҳбарияти сиёсии кишварҳои мухталифи ҷаҳон роҳандозӣ гардида истодааст. Масалан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар суханронии худ дар Симпозиуми байналмилалӣ доир ба мавзӯи «Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир» чунин қайд карда буд, ки «... раванди ҷаҳонишавӣ арзишу асолатҳои миллии халқу миллатҳои гуногунро таҳти хатари нобудӣ қарор дода, зуҳуроти бархӯрди фарҳангу тамаддунҳоро ба миён овард. ... Тоҷикон, ки дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ бисёр давраҳои печидаву мушкилро пушти сар кардаанд, дар ҳама давру замонҳо аз таҳаммулгароӣ ва маслиҳату муколама кор гирифта, борҳо собит сохтаанд, ки бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоту низоъҳо ва ба ҳам муқобил гузоштани ҷаҳонбиниву ақидаҳои мухталиф метавонад на танҳо сабабгори фасоди ахлоқ ва халалдор гардидани фарҳангу тамаддунҳо, балки шикасти давлатҳо низ гардад» [9,с.78].

Сарфи назар аз он ки назарияи С. Хантингтон аз камбудиҳои ҷиддӣ орӣ нест, вале амалияи муносибатҳои байналмилалӣ нишон дода истодааст, ки омили диниро ҳамчун яке аз омилҳои баҳаракатоварандаи низоъҳои байналмилалӣ аз эътибор соқит кардан мумкин нест, зеро ин омил феълан вуҷуд дорад, амал мекунад ва дар сафарбар кардани теъдоди зиёди мардумони ҷаҳон таъсиррасон низ мебошад.

Ғайр аз ин, амалияи раванди таърих нишон дода истодааст, ки омили тамаддунӣ, аз ҷумла дин, кияке аз унсурҳои он ба шумор меравад, дар ҳамкориҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷонибаи соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии субъектҳои сиёсати хориҷӣ низ нақши муайян бозида истодаанд. Чунончи, тамоми кишварҳои олам, ки

аксарияти аҳолиашон аз мусалмонон иборатанд, Созмони Ҳамкории Исломиро таъсис доданд ва дар доираи созмони мазкур ҳамкориҳои бисёрҷонибаи соҳаҳои мухталифро анҷом медиҳанд. Дар доираи ин созмон Бонки Рушди Исломӣ таъсис дода шудааст, ки маблағҳои он аз ҳисоби якчанд давлати ғании мусалмонӣ, аз ҷумла Подшоҳии Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Кувайт ташаккул меёбад. Бонки мазкур ба рушди кишварҳои мусалмонӣ маблағгузориҳои молиявӣ менамояд.

Теъдоди зиёди созмонҳои дигари исломӣ таъсис дода шудаанд, ки фаъолияти онҳо ба муносиботи байналмилалӣ бетаъсир нест. Масалан, Конгресси Умумиҷаҳонии Исломӣ (Муътамар-ул-ъолам-ил-исламӣ), ки соли 1926 бо ташаббуси подшоҳи Арабистони Саудӣ созмон дода шуда буд ва аз соли 1949 ба фаъолият оғоз кард. Созмони бонуфузи дигар бошад, Лигаи олами исломӣ (Робитат-ул-ъолам-ил-исломӣ), ки соли 1962 дар Макка таъсис дода шуда буд ва то ба ҳол фаъолона кор мекунад [5,с.131-137]. Илова бар ин, давлатҳои мусалмонии аз ҷиҳати тавони молиявӣ қудратманд ба кишварҳои мусалмонии ақибмонда пайваста кумакҳои молиявии бебозгашт мекунанд ва ғайра.

Чунин ҳол дар ҳамкориҳои байни давлатҳои масеҳӣ низ дида мешавад. Ҳеҷ набошад, дар интихоби шариконн ҳамкорикунанда саравҳал таваҷҷуҳ ба ҳаммазҳабони худ карда мешавад. Чунин муносибат танҳо дар сурате татбиқ мегардад, ки байни ҳаммазҳабон ихтилоф вуҷуд надошта бошад.

Аммо қайд кардани он низ зарур аст, ки ҳамфарҳангиву ҳаммазҳабӣ дар муносибатҳо омили ҳалкунанда шуда наметавонанд, зеро омили ҳалкунанда, дар ҳама давру замон, манфиатҳои гуногуни кишварҳо, қабл аз ҳама манфиатҳои иқтисодӣ ба шумор мераванд. Ин хулоса кайҳост, ки раднопазир ва бешубҳа аст, зеро дар муносибoти байналмилалӣ кишваре нест, ки манфиатҳои миллии худро надошта бошад. Аммо дар ин мақола таваҷҷуҳ ба манфиат набуда, балки ба таркиби динӣ дар муносибoти байналмилалӣ мебошад, ки он дар равобити мазкур, албатта, дар баъзе ҳолатҳо, нақши омили ангезандаро мебозад.

Мусаллам аст, ки таълимоти динҳо дар муддати тӯлонии таърихӣ ба урфу анъанаҳои мардуми ҷаҳон табдил ёфтанд, ҳаёти маънавии одамон бе иштироки онҳо тасаввур карда намешавад. Бинобар ин унсури мазкур ҳамчун як меъёри ҳуқуқи инсон пазируфта мешавад ва созмонҳои ҳимоякунандаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва ғайра аз тамоми давлатҳои ҷаҳон тақозо мекунанд, ки ин ҳуқуқи инсонҳо риоя карда шаванд, доир ба ин мавзӯъ шуури таҳаммулпазирӣ ташаккул дода шавад. Ин муносибати башардӯстона маънии онро надорад, ки аз имконияти фароҳамовардаи созмонҳои ҷаҳониву минтақавӣ барои озодона ба ҷо овардани эътиқодот суиистифода карда шавад, ҳаракату созмонҳои ҷанганда дар зери парчами динҳо ба вуҷуд оварда шаванд, сулҳу оромӣ ва амнияти бошандагони ҷаҳон зери хатар гузошта шаванд.


**АДАБИЁТ**

1. Мухаев Р.Т. Политология: учебник / Р.Т. Мухаев. – Москва: Проспект, 2010. - 640 с.
2. Подольская Е.А. Религиоведение: Кредитно-модульный курс / Е.А. Подольская, Т.В. Подольская. –М.: Издательство-торговая корпорация «Дашков и К»; Ростов н/Д: «Наука-Спектр», 2017. – 336 с.
3. Современные международные отношения: Учебник / под ред. А.В. Торкунова, А.В. Малыгина. –М.: Издательство «Аспект-Пресс», 2014. - 688 с.
4. Докинз Р. Бог как иллюзия / Ричард Докинз; пер. с англ. Н. Смелковой. – СПб.: Азбука, Азбука-Аттикус, 2015. – 512 с.
5. Ислом. Маълумотномаи мухтасар. Нашри дуюм бо иловаҳо; тарҷ. аз русӣ. -Душанбе: Ирфон, 1990. -144 с.
6. Қуръон бо тарҷумаи форсии он. - Теҳрон, 1997. – 612 с.
7. Шерзот Абдуллозода (Абдуллоев). Асосҳои диншиносӣ. – Душанбе, 2016. – 478 с.
8. Алимӣ Ҷ. Қуръон – маҷмӯаи илмҳост, на ҷаҳлу хурофот // Пайк. - 2016. - 24 феврал. - №8 (132).
9. Раҳмон Э. Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир (С.77-91) // Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. – Душанбе: Адиб, 2009. – 464 с.
10. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 136 с.
11. Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид. – Моддаи 1, банди 3.



**ТАРКИБИ ДИНӢ ДАР МУНОСИБОТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

Дар муносибoти байналмилалӣ давлатҳо иштирокчӣ ва бозигарони асосӣ ба шумор мераванд. Онҳо миллатҳои гуногунро муттаҳид менамоянд, ки ҳар як аз онҳо дар муҳити фарҳанги маънавии миллӣ ҳастӣ доранд. Динҳо, дар раванди ташаккулёбиашон, тамоми меъёрҳои муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳоро аз худ карда, ба манбаи тарбияи инсон, ташаккули шуур, идораи ҷомеа ва ба омили таъсиррасон ба сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Таълимоти динӣ дар ҳамзистии байниҳамдигарии динҳо ва мазҳабҳои гуногун таҳаммулпазириро тарғиб мекунанд, вале таҳаммулпазир нестанд, ки он ба тазодҳои ботинии таълимоташон алоқамандӣ дорад. Яке аз сабабҳои тавсеа ва пурқувват гардидани таълимоти динӣ дар миёни ҷомеаи муосир, махсусан ҷавонон, риёи аҳли зиё ба шумор меравад. Ташаккули фарҳанги муосири динӣ бар асоси таҳлил, омӯзиш ва ибрози ақидаҳои озодандешӣ доир ба таълимоти динӣ дар ҷомеаҳои ғайримутамаддин имконнопазир аст, зеро чунин ҷомеаҳо таҳаммулпазир ба плюрализм нестанд. Дин то андозае дар сиёсати чи дохилӣ, чи хориҷӣ ва чи муносибoти байналмилалӣ таъсиргузор шуда, ки боис ва заминаи арзи вуҷуд кардани назарияҳои «бархӯрд» ва «муколамаи тамаддунҳо» низ гардидааст. Амалия нишон дода истодааст, ки омили динӣ дар ҳамкориҳои байналмилалии дуҷониба ва

бисёрҷонибаи субъектҳои сиёсати хориҷӣ низ нақши муайян бозида истодааст. Ин ва мушкилиҳои дигари мавзӯъ дар мақола мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** дин, таркиби динӣ, урф, анъана, ҳаёти маънавӣ, шуури динӣ, таълимоти динӣ, иштироки дин, таъсири дин, омили динӣ, нақши дин, ирҳоби динӣ, ифроти динӣ, муносиботи байналмилалӣ, манфиат, муносибат ба дин, дин ва манфиат.

**РЕЛИГИОЗНАЯ СОСТАВЛЯЮЩАЯ В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ**

В международных отношениях государства являются основными участниками и игроками. Они объединяют различные нации, каждая из которых в среде своей духовной культуры обеспечивает свое существование. Религии в процессе своего формирования осваивали все нормы взаимоотношений людей и превращались в источник воспитания человека, формирования сознания, управления обществом, становились также и влияющим фактором на политику и международные отношения. Религиозные учения относительно сосуществования между религиями и различными религиозными течениями пропагандируют толерантность, однако не являются толерантными, что связано с имманентными противоречиями самих религиозных учений. Одной из причин расширения и упрочения религиозных учений в современном обществе, особенно среди молодежи, является лицемерие интеллегенции. Формирование современной религиозной культуры на основе анализа, изучения и выражения взглядов свободомыслия относительно религиозных учений в нецивилизованных обществах являются невозможным, так как подобные общества не являются толерантными к плюрализму. Религия стала настолько влиятельной как во внутренней и внешней политике, так и в международных отношениях, что послужила основанием также и для возникновения теорий «столкновение» и «диалога» цивилизаций. Практика показывает, что религиозный фактор играет определенную роль как в двусторонних, так и в многосторонних взаимодействиях субъектов внешней политики. Эти и другие проблемы этой области стали предметом исследования в данной статье.

**Ключевые слова:** религия, религиозная составляющая, обычай, традиция, духовнвная жизнь, религиозное сознание, религиозное учение, участие религии, влияние религии, религиозный фактор, роль религии, религиозный терроризм, религиозный экстремизм, международные отношения, интерес, отношение к религии, религия и интерес.

**RELIGIOUS COMPONENTS IN THE INTERNATIONAL RELATIONS**

In international relations, states are the main actors and players. They unite different peoples, each of which, in the midst of its spiritual culture, ensures its existence. Religions originate in the basis of very ancient mythological world-view, first in the shape of polytheism and then in the shape of monotheism, and have spread all over the world, becoming not only the subject of faith, but also becoming the components of traditions and customs of people and societies. Religious teachings concerning coexistence between religions and various religious movements uphold the principles of tolerance, although they are not tolerant, which is due to immanent contradictions of religious teachings. One of the reasons of widening and strengthening religious teachings in the conditions of contemporary society, especially youth, is intellectual's hypocrisy. The formation of contemporary religious culture in the basis of analysis, learning and expressions of freethinking views relating religious teachings in uncivilized societies are impossible, since such societies are not tolerant to the pluralism. Religion has become so influential both in domestic and foreign policy, and in international relations, which has served as grounds also for the origin of the theories "collision" and "dialog" of civilizations. The practice shows that religious factor plays certain role both in bilateral and multilateral interactions of foreign policy actors. These and other problems of this field have become the subject of research in this article.

**Key words:** religion, religious component, custom, tradition, spiritual life, religious consciousness, religious stadies, participation of religion, widespread of religion, religious influence, religious factor, the role of religion, religious terrorism, religious extremism, international relations, interest, attitude to religion, religion and interest.

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Гуломжон*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат философских наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **907-50-49-89.** E-mail: **mirzoev.gulomjon@mail/ru**

**Information of author:** ***Mirzoev Gulomjon*** - Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Philosophy, Associate Professor of the Department of Humanitarian Disciplines. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Street, 64/14. Phone: **907-50-49-89**. E-mail: **mirzoev.gulomjon@mail/ru**

**УДК: 329.1/.6**

# ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ

***Қурбонова Ширин***

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар қатори дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ давраи гузаришро аз сар гузаронида истодааст. Дар ин давра бояд тамоми низоми сиёии ҷомеа модернизатсия карда шавад. Ин раванд ба инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар ин давра ба ҷойи як ҳизби ҳукмрони коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ имконият фароҳам омад, ки дар Тоҷикистон якчанд ҳизбҳои нав ташкил ёбанд. Ташаккули ҳизбҳои нав ва пайдо шудани қувваҳои оппозитсионӣ нишонаи демократикунонии ҳаёти сиёсӣ буда, нерӯҳои сиёсӣ ифодакунандаи манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа мебошанд.

Инчунин қонуни дигаре, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро ба танзим медарорад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» мебошад, ки моҳи ноябри соли 1998 қабул гардидааст. Дар моддаи 1-уми қонуни мазкур ҳуқуқи шаҳрвандон дар бораи муттаҳид гаштан дар атрофи ҳизбҳои сиёсӣ ва озодона баромадан аз онҳо муайян карда мешавад [6,с.167].

Дар замони муосир васоити ахбори омма (ВАО) нақши калидӣ дошта, таъсири амиқи худро ба ҳамаи қишрҳои ҷомеа мерасонад. Замони муосирро бе ВАО тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар бораи нақши муҳимми ВАО ва таъсири онҳо ба мафкураи мардум маълумоти зиёд мавҷуд аст. Инъикоси воқеаву рӯйдодҳои мамлакат, минтақа ва олам фаъолияти рӯзмарраи расонаҳои хабарӣ маҳсуб меёбад, вале матбуоти ҳизбӣ дар маъракаҳои сиёсӣ ва интихоботӣ чун обу ҳаво зарур аст. Яке аз принсипҳои асосии ҷомеаи демократӣ ин озодии сухан, мавҷудияти матбуоти оппозитсионӣ, фаъолияти системаи бисёрҳизбӣ мебошад.

Дар айни ҳол, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон як нашрияи марказӣ - «Минбари халқ» ва панҷ рӯзномаи вилоятию шаҳрӣ ва ноҳиявӣ: «Мароми пойтахт» (шаҳри Душанбе), «Сухани халқ» (вилояти Суғд), «Ҳамрози халқ» (вилояти Хатлон), «Ҳидоят» (шаҳри Турсунзода), «Овози халқ» (Шӯрообод) ва қариб дар ҳамаи вилоятҳою шаҳри Душанбе сомонаҳои интернетию нашрияҳои ҷамъиятӣ дорад, ки ҳамаи онҳо ба минбари ҳақиқии аъзоёни ҳизб табдил ёфтаанд. Ба воситаи ин расонаҳо ғояҳои созандаи ҲХДТ ҳамаҷониба таблиғ карда мешаванд [14,с.46].

«Минбари халқ» ягона нашрияе мебошад, ки самти асосии фаъолияташ тарғиби барномаи ҳизб, инъикоси сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардоҳи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон, инъикоси воқеии фаъолияти ҳизб, мавқеи он дар ҷомеа ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии ҲХДТ чун неруи пешбарандаи ҷомеаи кишвар дар маркази диққати кормандони нашрия қарор дорад. Бо мақсади тарғибу ташвиқи ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин аз сомонаҳои интернетӣ ва матбуоти даврӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон “Минбари халқ” аз соли 1996 инҷониб нашр мешавад. Шумораи нахустини он 7-уми сентябри соли 1996 бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба дасти хонандагон дастрас гардид. Нашрия то ин муддат таҳаввулоту дигаргуниҳои зиёдро пушти сар кард. Баробар ба таҳким ва густариши фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мазмун ва мундариҷаи он шаклу мазмуни тоза пайдо кард. Нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон “Минбари халқ” имрӯз дар шакли ҳафтанома ва бо теъдоди зиёда аз 50 ҳазор нусха нашр мегардад. Инчунин дар шабакаи интернетӣ сомонаи махсуси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон www.hhdt/tj (www.tribun.tj) фаъол буда, дар сомонаҳои иҷтимоӣ саҳифаҳои вижа таъсис дода шудааст [3,с.112].

Нашрияи «Минбари халқ» инъикосгари фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, масоили ҷавонону занон буда, дар мавриди рушди маънавию ахлоқӣ, таҳсил ва фаъолияти онҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ, тарбияи ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонун дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони мамлакат саҳми арзанда дорад.

Аз ин рӯ, ҳифз кардан ва таҳким бахшидани давлатдории миллӣ, ҳифзи ин дастоварди бузург, яъне ҳимояи давлату давлатдории миллӣ ва таҳкими аркону пояҳои он хусусан дар шароити пуртазоду печидаи солҳои охир, рӯз аз рӯз мураккаб шудани вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани рақобат ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазир гардидани истиқлолияти давлатҳои миллӣ муҳим буда, самтҳои асосии фаъолияти нашрияи «Минбари халқ»-ро ташкил медиҳад.

Ҳарчанд ки аз замони ба истиқлол расидани давлати мо ҳанӯз давраи зиёде нагузаштааст, вале ба ҳамагон маълум аст, ки густариши раванди гуногунандешии сиёсӣ, рушди босуръати фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва ниҳодҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар бомаром меафзояд. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони начандон тӯлонӣ тавонист, ки аз таърихи конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузории меъёрҳои бунёди фаъолияти давлати демократӣ – асосҳои сохти давлатдории демократӣ, аз ҷумла моҳияти дунявӣ ва иҷтимоии он, муқаддас будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунандешии сиёсӣ, таъсиси парламенти касбӣ, кафолати адолати судӣ ва баробар будани ҳамаро дар назди қонун, инчунин озодии виҷдонро эълон ва таъмин намояд [8,с.14].

Ҳар як фарди ҷомеаи мо солҳои охир шоҳиди ходисаҳое гардида истодаанд, ки баъзе доираҳои байналмилалӣ тавассути расонаҳои иттилоотӣ ва бо истифодаи моҳирона аз

ноогоҳиву бехабарии мардум, махсусан гурӯҳҳои алоҳидаи ҷавонон, равандҳои сиёсиву иҷтимоии як қатор кишварҳоро ба чи роҳи харобиовар оварда расонидаанд.

Дар зеҳну шууру насли наврас ва ҷавонони мамлакат ҳисси баланди эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзишу илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонунро тарбия намудан вазифаи ҳар яки мо мебошад, то онҳо дар оянда ҳамчун фарзандони шоистаи мо кору пайкори насли имрӯзаро идома бахшида, ватани азизамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонанд.

Аз таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муддате чанд сипарӣ шуд. Дар ин муддат дар ҷомеаи Тоҷикистон воқеаҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангие ба вуқӯъ пайвастанд, ки аксари онҳо барои тақвияти сулҳу осоиш дар кишвар, баланд гардидани эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон, худогоҳии мардуми мо, истеҳкоми появу рукнҳои асосии давлатамон, рушди минбаъдаи халқи Тоҷикистон дар роҳи бунёд аҳамияти фавқулода доштанд.

Ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ ғояи ягонаи умумимиллии моро ташаккул медиҳанд. Мо имрӯз метавонем бигӯем, ки ғояҳои сулҳ, ваҳдат, ягонагии Тоҷикистон, бунёди давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд рукнҳои асосии идеологияи умумимиллии моро ба вуҷуд овардаанд.

Бо шукӯҳу тантанаи умумихалқӣ баргузор намудани ҷашни 1100-солагии Давлати Сосмониён ва иштироки меҳмонони олимартабаи хориҷӣ ба ҳисси худшиносии миллӣ, ифтихори ватандории мардуми мо такони ҷиддӣ дод [4,с.98].

Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медоданд, ки нуфузу обрӯи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон рӯз аз рӯз меафзуд. Сокинони кишвар моҳияти оиннома ва барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дуруст дарк намуда, ба сафҳои он рӯз аз рӯз фаъолона пайваст мешуданд. Аз он давра, ки Тоҷикистон моҳиятан ҳамчун давлати миллӣ ташаккул ва тараққӣ меёфт, дар инкишофи давлат давраи муҳимми таърихӣ ба ҳисоб мерафт. Чуноне ки таҷрибаи давлатҳои мутамаддин нишон медиҳад бо усули ҷаҳиш гузаштан аз ин давра ба манфиати таҳкими давлатдорӣ нест. Вале ин маънои онро надошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фақат бо таҷрибаву анъанаҳои миллии худ маҳдуд шуда, аз дастовардҳои кишварҳои пешрафта сарфи назар карда бошад. Баръакс, ҳизб, ки бунёди давлати демократиро мақсади асосии худ қарор дода буд, таҷрибаи давлатҳои пешрафтаро меомӯхт ва унсурҳои беҳтаринро бо назардошти хусусиятҳо, талабот ва манфиатҳои давлатӣ истифода мекард [14,с.53].

**АДАБИЁТ**


1. Ахмедов Д. Специфика развития многопартийности в Центральной Азии и её влияние на политическую культуру (на примере Республики Таджикистан) / Д.Ахмедов // Вестник Таджикского национального университета. – 2009. – №2 (50). – С. 115- 121.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ”, 13 ноябри соли 1998 // Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон. Маълумотнома. – Душанбе, 2002. – С.3-12.
3. Достиев А. Ҳизб зодаи масъулият / А.Достиев. – Душанбе, 2000. – 180 с.
4. Зикриёев Ф. Таърихи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / Ф.Зикриёев. – Душанбе, 2010. – 102 с.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2002. – 38 с.
6. Муҳаббатов А. Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ). Монография / А.Муҳаббатов. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 144 с.
7. Муҳаббатов А. Давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ // Сотсиализм. – Душанбе, 2001. – №1-2. – С.24-27.
8. Набиев В. Бисёрҳизбӣ- тақозои замон // Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон. Маълумотнома. – Душанбе, 2002. – С.14-26.
9. Истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули системаи сиёсии бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон // Ахбороти Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2001. – №1. – С.23-32.
10. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – 39 с.
11. Раҳмонов Э.Ш. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XXI. – Душанбе: Матбуот, 2000.
12. Ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Политические партии Республики Таджикистан). Мураттибон: А.Тоиров, Б.Руо ва М.Мухторов. – Душанбе, 2005. – 392 с.
13. Широков Б. Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо (солҳои 1989-1992) / Б.Широков, А.Маҳмадкаримов. – Душанбе, 1994.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. Аз таърихи таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. (Ба истиқболи 20- солагии таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон). -Душанбе: Эр-граф, 2014. – 312 с.


**ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАТБУОТИ ДАВРӢ**


Дар мақола вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият нишон дода шудааст. Фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар матбуоти даврӣ ва воситаҳои ахбори омма (ВАО) оварда шудааст. Ҳамчунин, дар мақола оиди фаъолияти нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, «Минбари халқ» маълумот оварда шудааст. Дар заминаи

адабиёти истифодашуда фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар матбуоти даврӣ нишон дода шудааст. Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давраи рушду инкишофи кишвар ва баланд бардоштани сатҳи шуури сиёсии мардум дар мақолаи мазкур дарҷ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** матбуоти даврӣ, Минбари халқ, воситаҳои ахбори омма, парламенти касбӣ, гуногунандешии сиёсӣ, шуури сиёсӣ, демократия, арзишҳои миллӣ,системаи бисёрҳизба, вазъияти сиёсӣ.

**ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НАРОДНО-ДЕМОКРАТИЧЕСКОЙ ПАРТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПРЕССЕ**

В статье показано политическое, экономическое, социальное и культурное положение Республики Таджикистан в период независимости. Деятельность Народно-демократической партии Таджикистана представлена в прессе и в средствах массовой информации. В статье также отмечается деятельность центрального публичного управления Народно-демократической партии Таджикистана «Минбари Халк». На основе использованной литературы показана деятельность Народно-демократической партии Таджикистана в прессе. В этой статье отражена роль Народно-демократической партии Таджикистана в развитии страны и усилении политического сознания народа.

**Ключевые слова:** периодическая пресса, минбарский халк, средства массовой информации, профессиональный парламент, политический плюрализм, политическое сознание, демократия, национальные ценности, многопартийность, политическая ситуация.

**THE ACTIVITY OF THE DEMOCRATIC PEOPLE'S REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE PRESS**

The article shows the political, economic, social and cultural situation of the Republic of Tajikistan during the independence period. The activity of the People's Democratic Party of Tajikistan is presented in the press and mass media. The article also points out the activities of the central public administration of the People's Democratic Party of Tajikistan, "Minbari Khalq". On the basis of used literature, the activity of the People's Democratic Party of Tajikistan is shown in the press. The role of the People's Democratic Party of Tajikistan in the country's development and the increasing the political consciousness of the people has been reflected in this article.

**Key words:** periodical press, Minbari Khalq, Mass media, professional parliament, political pluralism, political consciousness, democracy, national values, multi-party system, political situation.

**Сведения об авторе:** ***Курбанова Ширин*** – Институт истории, археологии и этнографии имени А.Дониша Академии наук Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, докторант отдела отечественной истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 904-01-64-43**

**Information about the author:** ***Kurbanova Shirin*** - Institute of History, Archeology and Ethnography named after A.Donish of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, doctoral student of the department of national history. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: **(+992) 904-01-64-43**

**УДК: 93+32+891.550 (575.3)**

# ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

***Шарофов Э.У.***

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ**

Шукронаи неъматҳои истиқлол, ки имрӯзҳо халқи ободкору созанда ва меҳанпарвару меҳнатдӯсти мо дар рушди давлатдории миллӣ қадамҳои устувори худро гузошта истодааст. Аз ин рӯ, комилан табиист, ки вазъи имрӯзаи кишварамон дарку эҳсоси нави арзишҳои фарҳангию миллиро тақозо намудааст. Зеро дар баробари ба даст овардани истиқлолият заминаи мусоиди ташаккулёбии худшиносии миллӣ, тавҷҷуҳ ба мероси таърихии халқи худ, эҳёи давлати миллӣ, забони миллӣ, анъанаҳои фарҳангию маърифатӣ, идҳою маросимҳо ва ғайраро тақозо дорад.

Таърих гувоҳ аст, ки ташаккули ҳар як давлати соҳибистиқлол, пеш аз ҳама, ба анъанаҳои миллӣ-фарҳангӣ, ба дарки мансубияти миллӣ, сарватҳои бемислу монанду нотакрори фарҳангӣ, ки таърихи ҳар як халқро тавлид месозанд, ба муҳити табиӣ ва дастовардҳои гуногуни ҳаёти маънавӣ такя мекунад. Гузашта аз ин, воқеияти миллии ҳар як халқ бо арзишҳои умумибашарӣ ҳамаҷониба омезиш ёфта, бо равандҳои умумиинсонӣ пайваст мешавад [4,с.48].

Маънӣ ва моҳияти худшиносӣ назди орифон ва ҳакимони гузаштаамон ба назар мерасад, масалан Мавлонои Балхӣ ғафлат ё нашнохтани худро балои олами башарӣ арзёбӣ кардааст:

*Гуфт бо дарвеш рӯзе як хасе,*
*Ки туро ин ҷо намедонад касе.*
*Гуфт ӯ: Гар менадонад омиям,*
*Хешро ман лек медонам киям.*

*Вой агар баръакс будӣ дарду реш,*
*Ӯ будӣ бинои ман, ман кӯри хеш.*

Мавлоно муътақид аст худшиносӣ вақте ҳосил мешавад, ки одамӣ аз хештани козибаш, ки ҳамон манияти аст, бигзарад. Ин хештаншиносӣ танҳо аз тариқи ботин ҳосил мешавад, зеро то замоне ки одамӣ мафтуни нақшу нигорҳои зоҳири худ аст, наметавонад ҳуввияти ҳақиқии хешро бишносад. Сипас, меафзояд, кассе, ки худро нашносад, ба нафси аммораш хубӣ мекунад ва бо дигарон душманӣ меварзад ва натиҷагирӣ мекунад, ки ҷавҳари тамоми донишҳо худшиносӣ аст.

*Ҷони ҷумла илмҳо ин аст ин,*
*Ки бидони ман киям дар явми дин.*
*Он усули дин бидонистӣ ту, лек*
*Бингар андар асли худ гар ҳастӣ нек.*
*Аз усулайнат усули хеш беҳ,*
*Ки бидонӣ асли худ, ай марди меҳ!*
*Аспи ҳиммат сӯйи ахтар тохтӣ,*
*Одами масҷудро нашнохтӣ.*
*Охир одамзодаӣ, ай нохалаф!*
*Чанд пиндорӣ ту пастиро шараф.*

Ҳамаи мо шоҳидем, ки таърихи башарият тамаддунҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст, ки нақши бузурги онҳо дар рушду такомули маънавии инсоният эҳсос магардад. Тамаддуни ориёӣ низ дар таърихи инсоният таъсири амиқ гузошта, бо осори гаронбаҳои худ шуҳрати ҷаҳонӣ касб намудааст. Аз ин рӯ, шахсоне ҳастанд, ки мехоҳанд робитаи хунии моро бо тамаддуни ориёӣ ба таври сунъӣ қатъ намуда, таърихи гузаштаи хешро ба фаромӯшӣ ҳавола кунем. Бале, имрӯз беш аз 97% мардуми сарзамини мо дини исломро пайравӣ менамоянд ва аҷдодони баору номуси мо тибқи тавону истеъдоди фитрии хеш саҳми хешро дар рушду пешрафти дини мубини ислом бо ҳарфҳои заррин навиштаанд. Бале, имрӯз мо ҳама мусулмонему аз сарчашмаи ноби таълимоти ислом ва Пайғамбари акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам оби илҳом мехӯрем, вале ҳеҷ кас ба мо дар ҳеҷ давру замон иҷозат намедиҳад, ки таърихи аҷдодони хешро дидаву дониста аз лавҳи хотираи таърих маҳв созем. Ба мо касе чунин ҳуқуқи маънавиро дода наметавонад ва ҳеҷ кадоми мо ҳуқуқи маънавии онро надорем, ки фарҳанги миллии худро ҷудо аз фарҳанги ориёии аҷдодон арзёбӣ намоем ва ё аз ҳама бадаш, ба он муқобил гузорем. Дуруст аст, ки халқи бузургвори мо дар тӯли таърихи зиёда аз ҳазору сесадсолаи хеш таълимот ва шароити ноби исломиро пазируфта дар пӯсту хуну устухони хеш ҷойгузин кардааст ва касе дигар наметавонад онро аз мо ҷудо созад.

Таърихи ҳар миллат, ки решаи амиқи таърихӣ дорад, хазинаи бебаҳои маърифат ва манбаи тиллоии сабақомӯзиро фарогир аст. Қатъи назар аз он, ки миллат кӯчак аст ё бузург, тақдири ҳалкунандаро дар давру замонҳо дар радифи давлатҳои мавҷуда бозидааст ё не, таърихи он барои инкишофиояндаи ҳамон миллат аз ҳар ҷиҳат ибратомӯз аст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолати таърихии миллати тоҷик возеҳ таъкид шудааст: «Мо халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор медонем…»[1, с.6].

Мо тоҷикон бо вуҷуди таърихи ғанию фарҳанги оламгирамон борҳо дар айёми гардишҳои куллӣ дар интихоби арзишҳои тақдирсоз ба хатогиҳо роҳ додаем ва ҳар хатои кардаи аҷдодони мо ба завол ёфтани истиқлолият ва давлатдорӣ мусоидат кардааст. Бурду бохти тақдирсозу тақдирсӯзи давлатдории аҷдодии мо бо бунёд ва заволи давлати Сомониён вобаста аст.

Маҳз чунин хатоҳо буданд, ки чароғи давлатдории халқи тоҷик ба муҳлати ҳазор сол хомӯш гардид. Ин шикасти давлатдории сеҳазорсолаи форсҳо дар Туронзамин буд. Яке аз ин хатоҳои нобахшиданӣ ва бузурги таърихӣ интихоби роҳ ва арзишҳои миллӣ буд.

Хизмати Сомониён ва таърихии фарзандони фарзонаи миллат чун Муҳаммад Исмоили Бухороӣ, Фирдавсӣ, Мавлонои Балхӣ, Низомумулки Тӯсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва садҳо каси дигар буд, ки забони модарии мо ҳифз шуда, то замони мо расидааст. Таърихи

халқҳои ҷаҳон шоҳиди он воқеияти таърихиест, ки бурду бохти ҳар як миллат аз он вобастагӣ дорад, ки дар чунин давраҳои тақдирсоз фарзандони баору баномуси он ба ин даъватҳои бузург чӣ гуна посух медиҳанд.

Миллат ва давлате, киояндаи худро равшан дидан мехоҳад, бояд аз таърих сабақ бардошта, мероси таърихии худро зинда нигоҳ дорад намояд. Табиист, ки ҳар миллату давлат дар интихоби арзиш ва меросияти таърихӣ бояд манфиатҳои миллат, давлат ва наслҳоиояндаро мадди назар бигирад [2,с.23].

Мо халқу миллати бузургвори тоҷик, ки аз соҳибихтиёрии мардуми худ ва бори дигар хандидани бахт ба ҷаҳониён огаҳӣ додаем, бояд аз манфиатҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ ҳимоя намуда, тухмҳои поки бедории миллӣ ва худшиносии миллатро дар қалби мардумон кишт намоем ва аз Худованди бузург илтиҷо намоем, ки моро дар ин кори хайр ҳидояту раҳнамоӣ намояду ба мо қудрату тавони амалӣ намудани ин нияти хайрро ато намояд.

Шумо огоҳед, ки имрӯзҳо даҳҳо ташкилоти ифротӣ ва террористӣ аз номи ислом ҳадс мезананд. Ҳар кадом худро ҳомии дини ислом муаррифӣ намуда, бо ҳар роҳу восита ақидаи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ паҳн менамоянд. «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Давлати исломӣ», «Салафияи ҷиҳодӣ», «Ҷабҳат-ун-Нусра», «Ҳаракати исломии Туркистон» ва даҳҳо ташкилоти террористии дигар танҳо як ақида ва як ҳадаф доранд: инкори арзишҳои миллӣ, барҳам задани сарҳадоти давлатӣ, фарҳангиву миллӣ. Ҳадафи онҳо бо эҷоди таҳаввулоти фикрӣ дар афроди ҷомеа ба сӯуи инқилоби сиёсӣ кашондан ва бо истифода аз неруи онҳо ҳукуматро ба даст овардан аст.

Яке аз таълимоти ин ташкилот ин аст, ки дунёро ба дор–ул–куфр ва дор–ул–ислом тақсим мекунанд (сарзаминҳои кофирӣ ва сарзаминҳои мусулмонӣ). Ба ақидаи онҳо ҳамаи кишварҳои ғарбӣ ва ҳатто кишварҳои мусулмоннишину исломӣ дор–ул–куфр ба ҳисоб мераванд, зеро кишварҳои ғарбӣ аслан кофирҳо буда, ҳокимони кишварҳои мусулмонӣ бошанд, бар асоси барномаҳои куфр амал мекунанд. Бинобар ин, ин дор–ул–куфрҳо (яъне, кишварҳои ғарбӣ, кишварҳои мусулмоннишин ва ҳатто кишварҳои исломӣ) бояд бо роҳи зӯроварӣ ва «ҷиҳод» ба дор–ул–ислом табдил дода шаванд.

Мақсади асосии ин ташкилоти террористӣ ба воситаи барҳам додани миллатҳо, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ба даст овардани ҳокимияти мутлақ аст. Аз ин бармеояд, ки дигар миллатҳо ҳуқуқи арзи вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, пайравони салафия урф, истеҳсон, қиёс ва дигар қоидаҳои фиқҳиро қабул надоранд ва анъанаҳои миллиро бидъат мехонанд [6,с.7].

Дар заминаи таълимоти салафия “Давлати исломӣ” ақидаҳои худро такмил ва тундтар намуда, мардумеро, ки онҳоро қабул надоранд, кофир эълон менамояд. Агар ба аъмоли “Давлати исломӣ” таваҷҷуҳ кунем, мебинем, ки мақсади асосии онҳо кам кардани сафи мусулмонон аст. Аз ҷониби давлатҳои ҳадафманд ду гурӯҳи мусулмон: шиа ва суннӣ муқобили якдигар барангезонида шуданд. Ҳарду гурӯҳ иддао дорад, ки мазҳаби онҳо ҳақ аст.

Аслан, ихтилофоти шиаву суннӣ 1300 сол қабл оғоз шудаву то ба имрӯз роҳи ҳалли худро пайдо накардааст. Дар ин муддат садҳо муқовиматҳои мусаллаҳонаву ҷангҳо ба вуқуъ пайвастаанд, аммо роҳи ҳалли масъаларо пайдо карда натавонистанд. Идеологҳои “Давлати исломӣ” мехоҳанд тавассути куштори бераҳмонаи ақаллиятҳои мазҳабӣ, ҳарчи бештар одамон ва давлатҳои ҳамсояро ба муҳориба шомил намоянд. Мутаассифона, як идда одамони бефаҳм, гумроҳ, ҷиноятпеша ва бефарҳанг ба дурӯғи “Давлати исломӣ” бовар кардаанд. Гумон мекунанд, ки ба ҷиҳод мераванд ва шаҳид мешаванд. Аммо оқибати ҳамаи онҳо як аст – мисли саг куштаву хору залил шудан аст.

Боиси хушнудист, ки мардум аз симои воқеии террористон ва ҳадафҳои аслии онҳо огоҳӣ пайдо намуда, дигар ба шиорҳои бардурӯғашон бовар надоранд. Аммо ҳанӯз ҳам моро лозим аст, ки ба мардум ҳақиқатро баён намоем ва ҷавононро аз доми тазвир ва талбиси иблис наҷот диҳем.

Ҳар миллат дар ислом ҳуқуқи арзи вуҷуд дорад, соҳиби забон, тамаддун, урфу одат ва анъанаҳо будан шараф аст ва мо мардуми шарифи тоҷик аз миллати худ ва аҷдодони

бонуфузамон мефахрем, ки илмро аз Сурайё дарёфта, дар замин тадвин намуданд. Беш аз ҳазор сол аст, ки аҳли олам аз осори Бухориву Муслим, Марғелониву Ҷомӣ ва садҳо фарзандони барӯманди миллати тоҷик илми исломӣ ва забони арабӣ меомӯзанд [5,с.28].

Мо, ҳамагон, бояд шукри замона кунем, ки маҳз ҳамин даврон ба миллати азияткашидаи тоҷик соҳибистиқлолиро тақдим намуд. Ба шарофати соҳибистиқлолӣ имконияти дар бораи худшиносии миллӣ, андешаи миллӣ, ҳувияти миллӣ на фақат қазоват намудан, балки дар сатҳи баланди мақомоти сиёсӣ ва заминаи амиқ амалӣ гардонидани онро пайдо кардем. Зиёда аз ин роҳбарияти олимақоми тоҷикон, пеш аз ҳама, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти стратегии ин омилро ба таври равшан барои инкишофи ояндаи халқи тоҷик, тақвияту пойдорӣ ва якпорчагии давлати миллӣ, ташаккули худогоҳию худшиносӣ, ифтихору эътибори тоҷикон аз минбарҳои баланди ҷомеаи ҷаҳонӣ эълон дошт. Аввалин маротиба дар таърихи навтарини тоҷикон Сардори сиёсии миллат дар хусуси инкишофи худогоҳию худшиносӣ на танҳо даъватҳо мекунад, балки дар ин самт як қатор иқдомҳои барҷастаи мушаххасу амалӣ ба анҷом расонид, ки онҳо аз яктараф ба раванди худшиносию бедории тоҷикон такони ҷиддӣ дода, таъсири фавқулода расониданд, аз тарафи дигар, барои бартараф кардани баъзе норасоиҳо, хатогиҳо ва хислатҳои номақбули равонӣ заминаҳо фароҳам оварданд.

Ҳама гуна истиқлолият аз худшиносию ватандӯстӣ ибтидо мегирад, барои ҳамин биёед аз даргоҳи Худованди мутаол илтиҷо намоем, ки роҳи интихобшудаи моро дар масири худшиносӣ ва ватандӯстӣ ва таҳкиму тақвияти давлатдорӣ бобаракату пурфайз намояд. Худованд мададгорамон бошад, ки ҳар шаҳрванди кишвар дар ин масири тақдирсоз саҳме ба андозаи тавону масъулияти хеш гузошта бошад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Матбуот, 2004. -65 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст. –Душанбе: Матбуот, 2001. -37 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе - шаҳри дустӣ ва бародарӣ. –Душанбе: Ирфон, 1998. -32 с.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост. –Душанбе: Шарқи озод, 2001. -94 с.
5. Набиев В. Навниҳолони боғи истиқлол / В.Набиев. – Душанбе: Авесто, 2001. -66 с.
6. Партии и движения Таджикистана. - 1999. -№10. -77 с.


## ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН


Ташаккули ҳар як давлати соҳибистиқлол, пеш аз ҳама, ба анъанаҳои миллӣ-фарҳангӣ, ба дарки мансубияти миллӣ, сарватҳои бемислу монанду нотакрори фарҳангӣ, ки таърихи ҳар як халқро тавлид месозанд, ба муҳити табиӣ ва дастовардҳои гуногуни ҳаёти маънавӣ такя мекунад. Зиёда аз ин, роҳбарияти олимақоми тоҷикон, пеш аз ҳама Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти стратегии ин омилро ба таври равшан барои инкишофи ояндаи халқи тоҷик, тақвияту пойдорӣ ва якпорчагии давлати миллӣ, ташаккули худогоҳию худшиносӣ, ифтихору эътибори тоҷикон аз минбарҳои баланди ҷомеаи ҷаҳонӣ эълон дошт. Аввалин маротиба дар таърихи навтарини тоҷикон Сардори сиёсии миллат дар хусуси инкишофи худогоҳию худшиносӣ на танҳо даъватҳо мекунад, балки дар ин самт як қатор иқдомҳои барҷастаи мушаххасу амалӣ ба анҷом расониданд, ки онҳо аз якатараф ба раванди худшиносию бедории тоҷикон такони ҷиддӣ дода, таъсири фавқулода расониданд, аз тарафи дигар, барои бартараф кардани баъзе норасоиҳо, хатогиҳо ва хислатҳои номақбули равонӣ заминаҳо фароҳам оварданд. Ҳама гуна истиқлолият аз худшиносию ватандӯстӣ ибтидо мегирад, барои ҳамин биёед аз даргоҳи Худованди мутаол илтиҷо намоем, ки роҳи интихобшудаи моро дар масири худшиносӣ ва ватандӯстӣ ва таҳкиму тақвияти давлатдорӣ бобаракату пурфайз, равшан намояд. Худованд мададгорамон бошад, ки ҳар шаҳрванди кишвар дар ин масири тақдирсоз саҳме ба андозаи тавону масъулияти хеш гузошта бошад.



**Калидвожаҳо:** худшиносии миллӣ, шуури миллӣ, андешаи миллӣ, ҳувияти миллӣ, ифтихори Ватану ватандорӣ, фарҳанг, тамаддун, мероси фарҳангӣ, робитаҳои байналхалқӣ, истиқлолият.


## ФОРМИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ И САМОПОЗНАНИЯ МОЛОДЁЖИ


В статье рассматриваются проблемы развития национального самосознания и самопознания молодёжи в результате обращения к национальному самосознанию и самопознанию, гордости за древнюю историю и культуру нации, традициям, патриотизму и почитанию древнего наследия. Особое внимание уделено проблемам дальнейшего развития национального самосознания и самопознания молодого поколения. Участие молодежи в общественно-политической жизни страны представляет интерес как с точки зрения ее собственного развития, так и возрастания ее роли в укреплении независимости Республики Таджикистан. Всестороннее изучение и анализ проблемы особенно актуальны в условиях Республики Таджикистан, где около 60 процентов населения составляет

подрастающее поколение. Молодое суверенное государство Таджикистан более 27 лет уверенно шагает по пути строительства демократического, правового и светского общества, коренным образом реформируя и трансформируя свои социальные структуры, политические и экономические ориентации. Переход к независимости для таджикистанцев был нелегким процессом. Стремление установить мир и национальное согласие, вернуть на Родину беженцев, восстановить предприятия и организации, разрушенные войной, практически осуществить политические и экономические реформы были основными достижениями этого периода. «За этот период, - отмечал Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, - в мировоззрении таджиков произошли действительно революционные преобразования, которые несравнимы с прошедшими историческими этапами». Сегодня все жители страны, независимо от национальной или религиозной принадлежности, придерживаются одной мысли - Таджикистан общая и единственная Родина всех его граждан, любить и обеспечивать его политическую и экономическую и культурную безопасность - священная обязанность каждого гражданина.

**Ключевые слова:** национальное самосознание, национальное самопознание, патриотизм, цивилизация, традиция, культура, нация, независимость.

**THE FORMATION OF NATIONAL IDENTITY AND SELF-KNOWLEDGE OF YOUNG PEOPLE**

The article deals with the problems of development of national self-consciousness and self-knowledge of youth as a result of the appeal to national self-consciousness and self-knowledge, pride in the ancient history and culture of the nation, traditions, patriotism and veneration of the ancient heritage. Special attention is paid to the problems of further development of national consciousness and self-knowledge of the younger generation. The participation of young people in the socio-political life of the country is of interest both in terms of its own development and in increasing its role in strengthening the independence of the Republic of Tajikistan. Comprehensive study and analysis of the problem is particularly relevant in the conditions of the Republic of Tajikistan, where about 60 percent of the population is the younger generation. For more than 27 years, the young sovereign state of Tajikistan has been steadily moving towards building a democratic, legal and secular society, radically reforming and transforming its social structures, political and economic orientations. The transition to independence for Tajikistan was not an easy period. The quest for peace and national reconciliation, the return of refugees, the restoration of war-torn enterprises and organizations and the practical implementation of political and economic reforms were the main achievements of that period. "During this period," President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon noted, "there have been truly revolutionary transformations in the worldview of Tajiks, which are incomparable to the past historical stages. Today, all residents of the country, regardless of their national or religious affiliation, hold the same idea - Tajikistan is the common and only homeland of all its citizens, to love and to ensure its political, economic and cultural security - a sacred duty of every citizen.

**Key words:** national consciousness, national self-knowledge, patriotism, civilization, tradition, culture, nation, independence.

**Сведения об авторе:** ***Шарофов Эрадж Умрибаевич*** – Таджикский технический университет им. М.С. Осими, кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных и общетехнических дисциплин. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект академиков Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 93-767-26-77.** E-mail: **vip.sharofzoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharofov Eraj Umribaevich*** - Tajik Technical University. M.S. Osimi, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanitarian and General Technical Disciplines. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academic Prospect of Radjabovs, 10. Phone: **(+992) 93-767-26-77.** E-mail: **vip.sharofzoda@mail.ru**

**УДК:93+94(3) (09) (575)**

# ХАТАРҲОИ МУОСИРИ АМНИЯТИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Меъроҷиддини Насридин***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир, дар замони ҷаҳонишавӣ дарки амнияти миллӣ аз чаҳорчӯбаи амиқи махсуси ҳарбӣ ё ҳарбӣ-сиёсӣ мебарояд. Таъмини он ба сифати андешидани чораҳои заминавии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, хислати иттилоотӣ, мубориза бо коррупсия, зидди барангехтани фитнаҳои қавмӣ-миллӣ, тарғиби ҷудоиталабӣ ва экстремизми динӣ ва бо терроризм дар ҳама гуна зуҳуроташ зоҳир мешавад. Хатарҳои асосии дохилию хориҷӣ ва мушкилоти амнияти миллии кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ ва ҳамчунин амнияти минтақавии онҳо дар маҷмӯъ, боиси бавуҷудоии сабабҳои гуногун шудааст, ки асоситаринашон инҳоянд:

− мавҷудияти мушкилиҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷиддӣ дар ҳамаи кишварҳои минтақа, паст шудани сатҳи зиндагии аксари аҳолӣ ва дар заминаи ин афзоиши норозигии иҷтимоӣ, ки фазои мусоиде барои фаъолияти бунёдгароии исломӣ, ҷудоиталабӣ ва терроризми байналхалқӣ фароҳам меорад;

− тағйироти бунёдӣ дар мавқеъҳои геостратегӣ, ки бо кӯшиши ИМА ва муттаҳидини он бо НАТО баҳри таъсир расонидан ба нуфузе, ки Россия дар Осиёи Марказӣ дорад, ба

амал меоянд, сохтани пойгоҳҳои ҳарбӣ ва дар асоси он таъсис додани модели нави амниятии минтақавӣ, ки ба манфиатҳои онҳо ҷавобгӯ бошад;

– авҷгирии низоъҳои мусаллаҳона дар кишварҳои ҳамҷавори минтақа Афғонистон ва Покистон;

– мавҷудияти гуногунфикрӣ ва зиддиятҳои ҷиддӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ.

**Хатарҳои муосири амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ.** Чуноне ки таҳлилҳо оиди ҳолати амниятӣ дар минтақа нишон медиҳанд, тақрибан дар давоми даҳсолаи асри нав дараҷаи хатарҳои низомӣ ба амнияти миллӣ нисбат ба солҳои 90-ум дар ҳудудҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон кам шудааст, ки он вақт тавассути қувваҳои экстремистӣ авҷ мегирифт [2,с.26].

Ин қувваҳо зери шиорҳои иртиҷоии исломӣ ва миллатгароӣ бо дастгирии фаъоли ошкори молиявӣ, моддӣ ва созмонҳои байналхалқии террористӣ, аз ҷумла онҳое, ки дар ҳудуди Афғонистони ҳамсоя ҷойгиранд, ки он вақт дар зери назорати Толибон буданд, баромад менамуданд.Баъд аз аввалин амалиёти ҳарбии муваффақ алайҳи террористон дар Афғонистон низоми Толибон дар охири соли 2001 аз байн рафта, қувваҳои динӣ-экстремистӣ, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ амал мекарданд, ба монанди “Ҳаракати исломии Ӯзбекистон (ҲИУ)” ба таври чашмрас заиф шуда, қобилияташонро аз даст доданд (агарчи мувaққатан). Дар натиҷа, чунин амалҳо муваққатан қатъ гардиданд, ки бевосита бо таҳдиди низомии берунаи амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ алоқаманд буданд [8, с.106].

Зиёда аз ин, ҳамсояҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ алоқамандиашонро барои инкишоф додани муносибатҳояшон нишон медиҳанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ дар инкишофи шиддатнокӣ ва ҳатто дар тақобули ҳарбӣ роҳ намедиҳанд.

Мутаассифона, хатари ҳарбии амниятии хориҷа ҳангоми азнавбарқароршавии низоми Толибон дар Афғонистон ё ба сари қудрат омадани гурӯҳҳои иртиҷоии исломӣ дар Покистон метавонад дубора тақвият ёбад. Ҳамаи ин саҳнаҳо ҳангоми давом ёфтани низоъҳои мусаллаҳона, ки вақтҳои охир на танҳо дар Афғонистон, ҳамчунин шимолу ҷануби Покистон ва дигаргунсозии он дар ҳаракатҳои сиёсӣ ба назар мерасад, метавонад ба воқеият мубаддал гардад.

Дар алоҳидагӣ алоқамандии қишри болоии ҷамъият бо қишри поёнии он (дар мисоли мардуми шаҳр ва деҳот) дар миёнаи даҳсолаи аввали садсола дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар дараҷаи баланди интиқодӣ расидааст-дар миёни минтақа ва дар зерминтақаҳои алоҳидаи он (мисол, дар водии Фарғона) хеле баланд аст [8,с.109].

Дар оғози бӯҳрони умумиҷаҳонии охири даҳсола, вазъи ҳалли аксари масъалаҳои иҷтимоӣ, махсусан онҳое, ки ба таъмини шуғли аҳолӣ дахл доранд, танҳо бадтар шуд. Маҷмӯи ҳамаи ин сабабҳо ташкили майдонҳо барои инкишоф додани ҳаракатҳои эътирозӣ маҳсуб меёбад, ки аввалан орому мусолиматомез буда, баъдан ба қувваҳои иртиҷоии мухолифин ҳам аз лиҳози ҳуқуқӣ ва ҳам аз лиҳози ғайриҳуқуқӣ табдил меёбанд, ки дар дохили минтақа ва хориҷи он паҳн менамоянд.

Мисоли наздики он ба пастшавии сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки оқибат бо сатҳи иҷтимоӣ-сиёсӣ пайваст шуда, ба инкишофи ба ном “хатарҳои ғайрианъанавӣ”-и амнияти милии онҳо дар шакли экстремизми динӣ, терроризм, тиҷорати маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунии аҳолӣ мусоидат мекунад, ки хислати иҷтимоӣ доранд. Ҳарчанд ки чунин хатарҳоро “нарм” мешуморанд, дар асл “сахт” ҳисоб мешавад, яъне хатари ҳарбиро дар баробари амнияти миллӣ гузоштан, пурра “хатарҳои анъанавӣ” ба ҳисоб мераванд [1,с.176].

Дар навбати худ, тақвияти ин хатарҳо ба шахшавии нави сиёсӣ оварда мерасонад, чуноне ки дар соли 2005 Қирғизистон ва Ӯзбекистон таҷриба карданд. Дар шароити дучанд афзудани бӯҳрони молиявӣ-иқтисодӣ ҳолати кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ вазнинтар хоҳад шуд ва онҳо мустақилона дар алоҳидагӣ бо маҳдудияти имкониятҳо ва захираҳои табиии худ наметавонанд ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии худро тағйир диҳанд.

**Тадбирҳо оиди мубориза бар зидди хатарҳои ғайрианъанавӣ.** Миёни хатарҳои ғайрианъанавии амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ мусобиқаи қаҳрамонӣ одатан ба

терроризм дода мешавад, ки, дар навбати худ, бо экстремизми динӣ ва ҷудоиталабӣ алоқамандӣ дорад.

Муҳиммияти мубориза зидди терроризмро тамоми кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мепазиранд, ки нишонаи возеҳи фаъолияти онҳо дар Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) дар ташкил намудани сохтори минтақавии зиддитеррористӣ, Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) бо қароргоҳаш дар Тошкент ва ҳамчунин дар ҷаласаҳои зиддитеррористӣ дар чорчӯбаи СҲШ, ки асосан доимо дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба гузаронида мешавад, тавсиф меёбад [9].

Тавре зикр кардем, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити ҷорӣ бо хатарҳо ва мушкилотҳои бавуҷудорандаи гуруснагии оммаи васеи аҳолӣ бармехӯранд.

Ҳарчанд ки ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ тағйироти чашмрасро бардошт надоранд, боз норозигии қисми зиёди аҳолӣ аз сатҳи зиндагӣ ба рушди исломи иртиҷоӣ, хусусан дар деҳот мусоидат мекунад. Дар ин шароит созмонҳои иртиҷоии исломӣ, ба монанди "Ҳизб-ут-Таҳрир ал- Ислом" зиёд шуда, амалан дар ҳамаи кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолият менамоянд ва ба низоми идории имрӯза мушкилот эҷод мекунанд.

Ҳамчунин, моҳи майи соли 2009 дар яке аз хиёбонҳои Андиҷони Ӯзбекистон аз ҷониби тундгароёни исломӣ амали террористӣ иҷро шуда буд, ки дар натиҷаи он як корманди милитсия ва якчанд нафар маҷруҳ шуданд. Ғайр аз ин, ҷанговарон пулеро дар назди сарҳади Қирғизистон дар 80 километрии Андиҷон мавриди тирпаронӣ қарор доданд ва дар Хонаобод Шуъбаи корҳои дохилиро мавриди ҳамла қарор доданд. Масъулияти ин амали террористиро созмони экстремистии "Ҷиҳод-ул Ислом" ба уҳда гирифт.

Мубориза зидди маводи мухаддир, ки дар шароити кунунӣ яке аз хатарҳои дигари ғайрианъанавии минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад, ба амнияти миллии кишварҳои минтақа таҳдид мекунад.

Бо маълумотҳои нопуррае, ки оиди истеҳсоли маводи мухаддир дар Афғонистон дорем, то ба дасти Толибон гузаштани низоми идорӣ дар ин кишвар, ҳудуди он васеъ шуд. Ҳамчунин, зиёдшавии истеҳсоли афюн на танҳо дар он минтақаҳое, ки аслан кишти он ба роҳ монда шуда буд, ба назар мерасад, балки дар он маҳалҳое, ки аслан афюн кишт намешуд, ё истеҳсоли он дар шакли кам ба роҳ монда шуда буд, ба назар мерасад [7,с.65-76].Дар натиҷа, аллакай соли 2003 кишти зироати афюн аз 28 вилояти Афғонистон ба 32 вилояти он паҳн гашт, чуноне ки мутахассиси рус оид ба тиҷорати маводи мухаддир Е. Степанов қайд мекунад, "ҳамаи он минтақаҳое, ки барои даҳсолаҳои оянда кишти кӯкнор ба нақша гирифта шуда буданд, ҳоло мавриди кишт қарор додаанд" [7,с.65-76].

Сониян, алоқаи Толибон низ нисбати афюн иваз шудааст. Баъди шикасти охири соли 2001 онҳо тавонистанд қӯшунҳои ҷангии худро аз нав ташкил намоянд ва ҳаракатҳои фаъоли иғвоангезонаро дар Афғонистон ташкил намоянд.

Содироти маводи мухаддир аз Афғонистон барои коркарди он тавассути ҳудуди Тоҷикистон сурат мегирад, ки лозим аст чораҳои ҷиддие барои мубориза зидди маводи мухаддир дар сарҳадҳои тоҷику афғон андешида шаванд. Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи мубориза бо чунин шаклҳои хатаррасон ба амнияти кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ андешидани чораҳои хислати муташаккилӣ дошта, ки барои беҳтар намудани табодули иттилоъ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи давлатҳои аъзои СААД ва СҲШ сурат мегирад, баромад менамояд.

Ҳамчунин, лозим аст сатҳи ҳамкорӣ миёни вазоратҳои дифоъ ва вазоратҳои корҳои дохилӣ, қӯшунҳои сарҳадӣ ва хадамотҳои махсуси кишварҳои Осиёи Марказӣ баланд бардошта шавад ва ҷудоиҳои мавҷуда миёни кишварҳо ҳангоми гузаронидани амалиётҳои зиддитеррористӣ аз миён бардошта шаванд. Чуноне ки қайд карда шуд, диққати махсус бояд ба ҳалли масъалаи амнияти сарҳадии тоҷику афғон равона шавад, ҳамчунин аз ҳисоби ташкили асбобҳои пайгирии муосири он ва назорат аз болои маводи мухаддир, беҳтарсозии табодули маълумот оиди мавзеи истеҳсолшавӣ ва захиравии он, хатсайр ва усулҳои ҳамлу нақли маводи мухаддир пайгирӣ шаванд.

Маълумотҳои бадастмеомада бояд ба мақомотҳои салоҳиятдори ҳукуматҳо-аъзоёни СААД баҳри қабули чораҳои муайяншаванда ирсол карда шаванд.

Ниҳоятан, бояд зидди амалҳои коррупсионӣ, ки дар тамоми кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ васеъ паҳн шудаанд, баҳри таъмини шароити мусоиди корӣ ва нест кардани ниҳодҳои ғайриқонунии молиявӣ, ки ба ситонидани маблағҳои хислати ҷиноидошта, аз ҷумла аз ҳисоби тиҷорати маводи мухаддир машғуланд, муборизаи муназзам бурда шавад. Дар айни замон ба муҳиммияти бечунучарои чорабиниҳои муташаккилонаи фавқуззикр ва баамалбарории амалиётҳои оперативӣ-техникӣ оиди мубориза бо терроризм, тиҷорати маводи мухаддир ва экстремизми динӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ нигоҳ накарда, лозим аст, ки таваҷҷуҳи бештар ба рушди иқтисодӣ ва камшавии фосилаҳои мавҷуда миёни табақаҳои аҳолӣ бояд равона карда шавад.

Зиёда аз ин, ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳои зиддитеррористӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таъминоти иттилоотӣ-тарғиботии онро тақвият бахшидан лозим аст, чунки мафҳуми “терроризм” ва “терроризми байналхалқӣ” аксаран чун дохилӣ ҳисоб намешаванд, ҳамчунин қувваҳои сиёсии хориҷӣ барои мақсадҳои ғаразнок аз муборизаҳои хусусии худ зидди терроризм истифода менамоянд.

Чуноне ки пештар таъкид шуд, хатару таҳдидҳои асосии миллӣ ва минтақавии амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ натиҷаи бевоситаи ташаннуҷи иҷтимоӣ дар кишварҳои минтақа ба ҳисоб рафта, шояд бештар дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ бояд татбиқи ҳадафҳои муҳимми ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ дар асоси дуҷониба ва бисёрҷониба нақши боризро бозад.

## АДАБИЁТ


1. Абдулло Р.Г. Интеграция Центральной Азии-кому это выгодно? //Проекты сотрудничества и интеграции для Центральной Азии. -С. 176-184.
2. Акимбеков С.М. Российская политика в Центральной Азии (Состояние и перспективы) / С.М. Акимбеков //Pro et Contra. -2000. -№3. -С. 75-88.
3. Абдулатипов Р.Г. Таджикистан станет лидером в регионе // Информационное агенство «Regnum». 27.02.2006 [электронный ресурс]. http://www.regnum.ru/news/596643.html.
4. Файзуллаев Д.А. Таджикистан. В геополитических лабиринтах / Д.А. Файзуллаев // Азия и Африка сегодня. -2007. -№8. -С. 26-30.
5. Файзуллаев Д.А. Центрально-азиатский атомный «ренессанс» / Д.А. Файзуллаев // Азия и Африка сегодня. -2009. -№8. -С. 26-31.
6. Дундич А.С. Политическая стабильность в Центральной Азии: перспективы для России / А.С. Дундич // Вестник МГИМО-Университета. -2012. - №2. -С. 24-27.
7. Степанова Е.А. Роль наркобизнеса в политэкономии конфликтов и терроризма / Е.А. Степанова. -М., 2005. - С. 65-76.
8. Kubicek P. Regionalism and Nationalism in Central Asia / P. Kubicek // Europe-Asia Studies. - 1997. -№4. -P.637-655.
9. Statement by President Nazarbayev, reported in BBC Monitoring, inside Central Asia, issue 337 (31 July-6 August 2000).
10. The new Central Asia and its Neighbors (London: Royal Institute of international Affairs/Pinter 1996). P. 206.


## ХАТАРҲОИ МУОСИРИ АМНИЯТИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ


Осиёи Марказӣ баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба яке аз минтақаҳои муҳимми стратегӣ табдил ёфт. Албатта, мавқеи хуби ҷуғрофӣ ва захираҳои табиӣ аз қадим мавқеи минтақаро дар низоми манфиати абарқудратҳо муайян менамуданд, вале воқеиятҳои нави геополитикӣ мақоми Осиёи Марказиро ба маротиб боло бурд. Вале дар баробари касби истиқол ва воридшавӣ ба ҷаҳони муосир кишварҳои минтақа бо хатарҳои муосир рӯ ба рӯ гаштанд. Агар пештар хатар маънои таҳдид яз ягон кишвар ё блоки кишварҳоро дошта бошад, пас хатарҳои муосир хислати дигар дошта, миқёси умумиҷаҳонӣ ва таҳдиди нестии кишварҳои мустақилро доранд. Муҳаққиқ ба хатарҳои муосири Осиёи Марказӣ диққат дода, онҳоро ба дохилӣ ва хориҷӣ ҷудо намудааст. Ҳар як гурӯҳи хатарҳо, ба ҳамкорӣ ва амнияти кишварҳо таъсири ҷиддӣ дошта, нодида гирифтани онҳо метавонад ба маҷмӯи амниятии минтақавӣ таъсири манфӣ расонад. Аз ҷониби дигар, дарки хатар имкони муттаҳидшавии талошҳои амниятии кишварҳоро возеҳ намуда, дурнамои ташаккули амнияти дастаҷамъиро фароҳам меорад. Дар мақолаи муаллиф тадбирҳои пешгирии хатарҳои муосир ва роҳҳои мубориза бо он нишон дода шудаанд, ки аҳамияти илмӣ, амалии онро афзоиш медиҳад. Зиёда аз он, нақши ҳамгироӣ дар пешгирии нофаҳмиҳои дохилии кишварҳои минтақа ва рушди ҳамкориҳо таъкид шудааст.



**Калидвожаҳо:** амният, минтақа, хатар, Осиёи Марказӣ, терроризм, ихтилоф, мубориза, ғайрианъанавӣ, миллӣ, ҳамкорӣ, ҳарбӣ-сиёсӣ.


## СОВРЕМЕННЫЕ УГРОЗЫ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ


Центральная Азия после распада Советского Союза стала одним из важных стратегических приоритетов. Разумеется, ее положение и природные ресурсы уже давно определяют положением региона в режиме власти, но новое геополитическое значение Центральной Азии резко возросло. Однако модернизация страны и модернизация

современного мира столкнулись с современными угрозами. Если прежняя опасность представляет угрозу для любой страны или страны блока, то современные угрозы имеют еще одну характерную черту, - глобальный масштаб и неопределенность независимых государств. Исследование фокусируется на современных угрозах Центральной Азии и интегрирует их во внутренние и внешние. Каждая группа риска оказывает значительное влияние на сотрудничество и безопасность стран, и их отказ может негативно повлиять на региональную безопасность. С другой стороны, восприятие риска является достаточно ясным, чтобы укрепить усилия страны по обеспечению безопасности и создать основу для создания коллективной безопасности. В статье автора приведены меры по предотвращению современных угроз. Кроме того, в ней подчеркивается роль взаимозависимости в предотвращении внутренних конфликтов между странами региона и развитии сотрудничества.

**Ключевые слово:** безопасность, регион, угроза, Центральная Азия, терроризм, противоречие, борьба, нетрадиционный, национальный, сотрудничество, военно-политический.

**THE MODERN THREATS TO THE SECURITY OF THE COUNTRIES CENTRAL ASIA**

Central Asia after the Soviet Union collapse became one of the important strategic priorities. Of course, a good geographical location and natural resources have long been determined by the region's position in the regime of power, but the new Geopolitical origins of the Central Asia have risen sharply. However, modernization of the country and modernization of the modern world has been faced with contemporary threats. If the former danger has a threat to any country or country of bloc, then modern threats have another characteristic, global scale, and uncertainty of independent states. The research focuses on the modern threats of Central Asia and integrates them into internal and external. Each group of threats to the security and security of the countries has a serious impact and their negative impact on regional security will negatively impact. On the other hand, the risk perception will be to clarify the possibility of consolidation of security efforts in the field of protection, and to provide a framework for the formation of collective security. In the author's article, the measures to prevent contemporary threats and the ways in which it has been demonstrated that the importance of science and its practicality increases. Moreover, it emphasizes the role of interdependence in preventing internal conflicts between the countries of the region and the development of cooperation.

**Key words:** security, region, threat, Central Asia, terrorism, contradiction, fight, non-conventional, national, cooperation, military-political.

**Сведения об авторе:** ***Меъроджиддини Насридин*** **–** Таджикский национальный университет, аспирант 2-го курса кафедры зарубежного регионоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **938-14-44-48**

**Information about the author:** ***Meorodzhiddini Nasridin*** - Tajik National University, post-graduate student of the 2nd year of the department of foreign regional studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **938-14-44-48**

**УДК: 93+327+491.550+491.55(575.3)**

# ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР ДАВРОНИ ШӮРАВӢ

***Қамаров А.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мардуми тоҷику араб аз қадим алоқаҳои зиёде байни ҳам доштанд. Бахусус баъд аз зуҳури дини ислом ва интишорёбии фарҳанги исломӣ, муносибатҳои илмӣ-фарҳангӣ миёни ин ду мардум хело мустаҳкам гардиданд. Маҳз ҳамин дини ислом буд, ки муҳаббати илму таълимро дар дили мардумон кошта, қадру манзалати баландмартабае барояшон додааст. Чуноне ки доктори илми филология, профессор Тоҷиддин Мардонӣ зикр кардааст: “Дини ислом нақши босазои аҷдодони моро мансух нагардондааст. Маҳз дар қарнҳои аввали ислом, хусусан, дар замони хилофати Аббосиён осори таърихию фарҳангии мардуми мо – форснажодон – ба тавассути забони арабӣ нигоҳ дошта шуд. Мероси фикрии юнониёни қадим маҳз ба туфайли забони арабӣ ҳифз гардид ва минбаъд ба забони лотинӣ тарҷума шуда, дастраси аврупоиён гардид, ки онҳо дар натиҷа ба осори Уқлидусу Гераклит, Афлотуну Суқрот, Плотону Арасту ва ғайра шинос шуданд.

Беш аз ҳазору чаҳорсад сол дини мубини ислом ва ойини муҳаммадӣ роҳи инсониятро нурафшон мекунад. Ва ин ақида, ки он ҷабран бар сари мардум таҳмил шудааст, ба ҳақиқат мувофиқ нест. Он ҷангҳоеро, ки дар тӯли таърих барои ҳукму молу ҷоҳ рух додаанд, низ бо ислом пайваст кардан дуруст нест. Чунки ҷангҳои хуношом дар олами масеҳият аз он ҳам бештар буданд. Ҳамчунин миёни бединон” [3,с.80-122].

Воқеан, футуҳоти исломӣ як наҳзати маънавии азиме буд, ки дар кураи Замин ба вуҷуд омад ва нақши дигар тамаддунҳоро хира намуд.

Донишманди эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ дар бораи ононе, ки омадани исломро ба сарзамини форсҳо харобиовару манфӣ тасвир мекунанд, чунин гуфтааст: “...аммо

ҷирахорон “муздурон”-и истеъмор ноҷавонмардона наҳзати исломиро дар радифи ҳамлаи Искандар ва муғул қарор медиҳанд” [4,с.87-90].

Бо интишор ёфтани дини ислом фарҳанги миллатҳои гунонун ба як фарҳанги пурқудрати исломӣ табдил гардид ва намояндагони онҳо дар рушду тараққии он саҳми бузург гузоштанд. Тоҷикону форсҳо аз ҷумлаи маъруфтарин донишмандоне мебошанд, ки дар риштаҳои гуногуни илм саҳми бузург гузоштаанд, аз ҷумла: Имом Муҳаммад Исмоили Бухорӣ, Имом Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, Имом Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, Абурайҳони Берунӣ, ал-Хоразмӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ ва дигар донишмандони бузург, ки хизмати эшон барои ҷаҳониён мисли офтоб равшан аст.

Бо мурури замон ва дигар гаштани ҳукуматҳо дар асри XX мардуми тоҷик дар зери ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ қарор гирифта, фарзандони тоҷик барои ватану меҳани хеш хело талошҳо намуданд. Дар даҳаҳои сеюму чоруми асри бист ҳамкориҳо миёни Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои араб оғоз ёфтанд ва аз сабаби он ки Тоҷикистон ҷузъе аз он ба ҳисоб мерафт, ба он низ рабт дошт.Тибқи маълумотҳои нашршуда алоқаҳои фарҳангии муваффақе, ки Иттиҳоди Шӯравӣ бо кишварҳои араб дошт, ба василаи “Ҷамъияти умумииттифоқии равобити фарҳангӣ” соли 1925 ба вуҷуд омаданд [2,с.149].

Дар он даврон чанде аз намояндагони ҷамъиятҳои арабӣ ба “Ҷамъияти умумииттифоқии равобити фарҳангӣ” дархостҳо медоданд, ки ҳама гуна адабиётро оиди сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ нисбати Шарқ, ки дар рӯзномаҳову маҷаллаҳои Шӯравӣ ба табъ мерасиданд, барояшон равон созанд. Солҳои 1926–1928 аввалин бор ба воситаи ин ҷамъият ба Сурия 40 китоби советӣ равон карда шуд ва аз он ҷо 64 китоби арабӣ оварда шуд. Ба Алҷазоир 375 китоб равона гашту 307 китоб қабул гардид ва ба Фаластин зиёда 1000 китоб бурда шуду қариб 6000 китобҳои арабиву яҳудии асримиёнагӣ оварда шуд [2,с.150].

Дар солҳои бистуми асри гузашта табодули китобӣ бо кишварҳои араби Судон, Сурия, Лубнон, Ироқ, Миср, Фаластин, Алҷазоир, Тунис ва Арабистон зиёд гардид ва бахусус равобит бо Миср дар ҳоли рушд қарор дошт. Соли 1928 шартномаи дӯстию тиҷорӣ миёни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Яман баста шуд, ки баъд аз он равобити фарҳангӣ миёни ин ду кишвар ба таври шакли назаррас рушд меёфт [2,с.151].

Бояд гуфт, ки ҳамкориҳои гуногунсоҳаи илмӣ-фарҳангии Иттиҳоди Шӯравӣ дар самтҳои омода кардани кадрҳои миллӣ, мусоидат дар рушди соҳаи илм, таҳсилоти олӣ, санъат, тандурустӣ, варзиш, ташкили намоишҳо ва табодули радио-телевизионӣ ва сайёҳӣ вусъати зиёд ёфта, ҳамкориҳои ИҶШС бо кишварҳои араб ба василаи шӯрои ҷамъиятҳои дӯстии халқҳо сурат мегирифт [5,с.10].

Чизи дигаре, ки ба равобити фарҳангии Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои араб таъсир мегузошт, ин буд, ки намояндагони ҷамъиятҳои илмию фарҳангии ҳарду тараф аз осорхонаҳо, акдемияҳои илмӣ ва донишгоҳҳо боздид мекарданд ва дар ин росто корҳои экспедитсионии академик Н.И. Вавилов низ назаррас буд. Академик Н.И. Вавилов гиёҳшинос буда, барои маърифату шинохти гиёҳҳои фарҳангии олам иқдом намуда, ба кишварҳои шарқи баҳри Миёназамин, мисли Сурия, Фаластин, Урдун ва Миср ташриф бурд ва ин ба дӯстии мардуми арабу шӯравӣ изофа гардид [2,с.149].

Соли 1930 намояндаи савдои Иттиҳоди Шӯравӣ дар Яман Б.И. Онишенко дар яке аз бозорҳо ногаҳон ду лавҳаи биринҷиеро бо навиштори сабоӣ ба даст овард, ки ба мабдаи таърихи кунунии мо тааллуқ дошт. Дастхатти нодири кашфнашудаи ҷанубиарабӣ аз тарафи шарқшинос-арабшиноси шӯравӣ Ю.И. Крачковский рамзкушоӣ гардид, ки ин мақому манзалати Иттиҳоди Шӯравиро дар ҷаҳони араб боз ҳам баланд гардонд. Ю.И. Крачковский яке аз аввалин аҷнабиёне буд, ки узви вобастаи Академияи Арабии илмҳо дар Димишқ гардид ва президенти академия ӯро ҳамчун профессори русе, ки забони арабиро аз арабҳо беҳтар медонад, мехонданд [2,с.155].

Дар давраҳои баъдиҷангӣ иштироки тоҷикон дар равобити хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ хело намоён гардид, аз ҷумла Мирзо Турсунзода дар кумитаи ҳамбастагии халқҳои Осиё ва Африқо адои вазифа менамуд. Шоир Мирзо Турсунзода бо адо кардани

масъулияти хеш ба бисёри кишварҳои араб сафар кардаанд, ки дар натиҷа ӯро ҳамчун тарғибгари фаъоли ғояҳои сулҳ ва дӯстии халқҳо мешинохтанд.

Мирзо Турсунзода бо адибони ироқӣ, чи дар ватани худ, чи дар худи сарзамини Байнаннаҳрайн ва чи дар мамлакатҳои дигар вомехӯрд ва миёни онҳо суҳбатҳои гарм ва munoқишаҳои ҷиддие дар атрофи шеъру адаб, вазъияти кунунии фарҳанг дар Шарқ, мақоми аҳли қалам дар давраи муосир, ҷараёни ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоии замон, тақдири одамон дар ин ё он гӯшаи замин ба амал меомад. Симои ҷозибаноки ин марди бузургдил, чашмони пурнур, рафтори хоксорона, суханронии ҳалимона ва қудрату маҳорат ва матонати ӯ дар ҳимояи принсипҳои худ диққати одамонро ба худ мекашид ва аз ин рӯ он адибони араб, ки ба суҳбату ҳамнишинии устод Турсунзода мушарраф мегардиданд, барои ибрози ихлосу эҳтироми худ ба ӯ туҳфае тақдим мекарданд... [3,с.87].

Дар он солҳо равобити Иттиҳоди Шӯравӣ бо кишварҳои араб хуб буд, давлати абарқудрати шӯравӣ муборизаи халқҳои арабро бар зидди мустамликадорони аҷнабӣ ва низомҳои иртиҷоӣ дастгирӣ мекард, асарҳои адибони араб ба русӣ ва тоҷикӣ тарҷума ва нашр мешуданд, садои радиои баъзе мамолики араб пахш мегардид ва ҳамарӯза барномаҳои шуъбаи арабии радиои шӯравӣ ба гӯш мерасид [3,с.138].

Бояд гуфт, ки дар давраи шӯравӣ макотиби олии ҷумҳуриҳои сотсиалистии шӯравӣ факулта ва ё кафедрае бо номи арабшиносӣ доштанд, ки адабиёту фарҳанг, забон ва дигар хусусиятҳои мардуми арабро мавриди омӯзиш қарор медоданд. Аз ҷумла, дар ҶШСТ бо бунёди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин дар он, соли 1958 забони арабӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Инчунин, дар ҳамон солҳо шуъбаи филологияи арабӣ низ дар Академияи илмҳои ҶШСТ ба кори худ оғоз намуд. Бо мурури замон китобҳои зиёде дар ин ришта тарҷума ва таълиф гардиданд ва мутахассисони зиёде дар асоси таълифоти арабӣ рисолаҳои номзадиву доктории худро дифоъ намуданд.

Инчунин, тавассути шартномаҳои байнидавлатии Иттиҳоди Шӯравӣ бо кишварҳои араб донишҷӯёну мутахассисони зиёде аз ҶШСТ ба кишварҳои араб сафарбар мешуданд, то курси такмили ихтисос бигзаранд ва ё ба кори илмии тадқиқотию тарҷумонӣ машғул мешуданд. Аз ҷумлаи онҳое, ки дар он давра сафарбар гашта буданд: Мусофиров К., Сулаймонов С., Мардонов Т., Раҳимов С., Тоҳиров М., Юлдошев А., Назаров Н., Раҳматуллоев Э., Шодиев М. ва бисёри дигарон мебошанд, ки барои миллати худ адои хизмат кардаанд ва мекунанд.

Мувофиқи маълумотҳои бадастомада тоҷикон яктарафа адабиёти арабро мавриди омӯзиш қарор надодаанд, балки арабҳо низ дар давраи шӯравӣ адабиёту забони тоҷикиро омӯхта, китобҳои зиёде дар ин бора таълиф намудаанд.

Шумораи донишмандони араб, ки бо асарҳои илмии худ дар соҳаи омӯзиши муқоисавии адабиёти форсу тоҷик ва араб на танҳо дар кишварҳои Шарқи Араб, балки дар доираҳои илмию адабии ҷаҳон шуҳрат доранд, хеле зиёд аст. Барои мисол дар ин ҷо мо ба зикри номи чанд тан аз онҳо иктифо мекунем: Абдулваҳҳоб Аззом, Муҳаммад Ғунаймӣ Ҳилол, Ҳусейн Муҷиб ал-Мисрӣ, Муҳаммад Мӯсо ал-Ҳиндовӣ, Муҳаммад Абдуссалом Каффофӣ, Иброҳим Амин аш-Шаворибӣ аз Миср; Муҳаммад ал-Фуротӣ ва Муҳаммад Алтунҷӣ аз Сурия, Абдулҳақ Фозил, Ҳусейн Алӣ Маҳфуз, Аҳмад Ҳомид ас-Сарроф аз Ироқ, Алӣ аш-Шоббӣ аз Тунис, Виктор Юсуф ал-Кик аз Лубнон ва даҳҳо муҳаққиқони дигар [3,с.208].

Кори донишмандони мазкур аз он иборат аст, ки осори шоирону адибони тоҷикро ба ҷомеаҳои илмии арабӣ шинос намуда, онҳоро бо асарҳои дигар мавриди муқоисаи ҷиддӣ қарор додаанд. Аз ҷумла, нависандаи машҳури ироқӣ Ғоиб Туъма Фармон асари “Тарҷумаи ҳоли худам”-и Садриддини Айниро соли 1964 ба арабӣ тарҷума намудааст. Муҳаққиқи дигари ироқӣ Ҳусейн Алӣ Маҳфуз ба калимаҳои арабии осори назмии устод Айнӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар яке аз бобҳои асари худ “Асар ал-луға ал-арабийя фи-л-луға ат-тоҷикийя”, ки Академияи илмҳои Ироқ дар Бағдод солҳои 1964-1967 интишор дод, ҳангоми таҳлили осори манзуми 17 шоири тоҷик қайд кардааст, ки аз ҷумла калимоти арабӣ дар ашъори Айнӣ чаҳоряки миқдори умумии калимаҳоро ташкил медиҳад [2,с.130].

Дар солҳои минбаъда, бахусус солҳои шастуму ҳафтодум алоқаҳои фарҳангии РСС Тоҷикистон бо кишварҳои араби Ироқ, Ямани Ҷанубӣ, Судон рушду тараққӣ ёфта, дар ин бора, дар матбуоти даврии он давра маълумотҳое низ мавҷуданд.

Соли 1963 ҳайати вакилони ҷамъияти дӯстии халқҳои Судон – Иттифоқи Советӣ, ки бо таклифи ҷамъияти советии дӯстӣ ва алоқаи маданӣ бо мамлакатҳои араб ва Иттифоқи Советӣ ташриф оварда буд, 19 октябр ба Душанбе омад.

Дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе ҳайати вакилонро, ки сардори он ҷонишини директори шуъбаи вазорати корҳои ҷамъиятии Судон Иброҳим Юсуф Сулаймон буд, раиси идораи ҷамъияти тоҷикистонии дӯстӣ ва алоқаҳои маданӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ, ноиби президенти академияи фанҳои республика И.Қ. Назриқулов, аъзоёни идораи ҷамъият Х. Раҳматуллоев ва Т. Акбаров, директори институти проблемаҳои об С. Ҷураев ва дигарон пешвоз гирифтанд.

Котиби ҷамъияти советии дӯстӣ ва алоқаи маданӣ бо мамлакатҳои араб Б.М. Одинсов ҳамроҳи ҳайати вакилон буда, 20 октябр меҳмононро ҷонишини раиси комиҷроияи шаҳри Душанбе Н. Носиров қабул карда, бо хоҳиши онҳо дар бораи тараққиёти пойтахти Тоҷикистон, саноат, идораҳо, маданият, нигаҳдории тандурустӣ ва маорифи халқ нақл намуд. Аъзоёни ҳайати вакилони Судон ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти шаҳр мароқи калон зоҳир карданд.

Н. Носиров ба ҷонишини раиси идораи ҷамъияти тоҷикистонии дӯстӣ ва алоқаи маданӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ Х. Раҳматуллоев, ки дар суҳбат иштирок намуд, ба бисёр саволҳои меҳмонон дар бораи буҷаи шаҳр, ташкили нақлиёт ва хоҷагии коммуналӣ, таъминоти электрикӣ ва сохтмони биноҳои нави истиқоматӣ муфассал ҷавоб доданд.

Сардори ҳайати вакилон Иброҳим Юсуф Сулаймон ба Н. Носиров ва дигар иштирокчиёни суҳбат барои мулоқоти муфид миннатдорӣ баён карда, аз ҷумла, гуфт: “Вақте ки мо ба Душанбе омадем, дарҳол ҳис кардем, ки ин Шарқ аст. Дар ин ҷо бисёр чизҳо ба мамлакати мо монанд аст. Аммо ин Шарқи нав мебошад ва мо аз сидқи дил мехоҳем фаҳмем, ки Тоҷикистон ба ин гуна муваффақиятҳои калон чӣ тавр ноил гаштааст. Таҷрибаи шумо ба мо хеле нафъ мебахшад”.

Сипас меҳмонон бо ҳамроҳии Н. Носиров дар шаҳр саёҳат карданд. Онҳо яке аз истгоҳҳои электрикии обии системаи энергетикии Варзобро аз назар гузарониданд, ба боғи ба номи С. Айнӣ омада, ҳикояро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти асосгузори адабиёти советии тоҷик бо диққати калон шуниданд. Тамошои хиёбони машҳури “Дӯстии халқҳо”-ро, ки иштирокчиёни конференсияи дар соли 1960 дар ҷумҳурии мо шудагузаштаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африка барпо карда буданд, тамошо кардан, ба дӯстони судонӣ таассуроти бузург бахшид. Меҳмонон дар назди мақбараи С. Айнӣ ва дарахти чинори хиёбони “Дӯстии халқҳо” омада сурат гирифтанд.

Ҳайати вакилон ба чойхонаи “Роҳат” омада, бо санъати устодони кандакории миллӣ шинос шуданд. Дӯстони судонӣ инчунин, мағозаи молҳои варзишӣ, мағозаи нави куртаи занонаи “Зинат”, намоишгоҳи асарҳои рассомони советиро тамошо карданд.

Аъзоёни ҳайати вакилон баъд аз саёҳати шаҳр ба масҷиди “Ҷомӣ” рафта, намоз хонданд ва бо намояндагони идораи дар Тоҷикистон будаи мусалмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон А. Мирзокалонов суҳбати дуру дароз карданд.

“Сохти сотсиалистӣ, ки ба сулҳу амонӣ ва бунёдкорӣ саъю кӯшиш доштани он пешрафти бузурги халқи тоҷикро имконпазир гардонд”, - таассуроти худро аз саёҳати шаҳр нақл намуда, гуфт Иброҳим Юсуф Сулаймон.

Ӯ хеле гарму ҷӯшон қабул карда шудани ҳайати вакилонро қайд намуда, гуфт, ки “одамони советӣ, ҳам бачагон ва ҳам куҳансолон, ҳамаи онҳое, ки мо бо онҳо вохӯрдем, нисбат ба мо - намояндагони мамлакати Африқо, ҳиссиёти меҳру муҳаббат ва дӯстӣ зоҳир мекунанд. Суҳбатҳо ва вохӯриҳоямон моро ба хеле самимӣ будани ин ҳиссиёт бовар кунонданд”.

Дар нимаи дуюми рӯз меҳмонон китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсиро тамошо карданд [10].

Бояд гуфт, ки ин аввалин сафар ва боздиди намояндагони кишварҳои араб аз Тоҷикистони Шӯравӣ буда, заминаи робитаҳои мустаҳками илмию фарҳангии ҳарду кишвар ба ҳисоб мерафт.

Дар солҳои баъдӣ ҳамкориҳои илмию фарҳангии Тоҷикистони Шӯравӣ бо кишвари араби Ироқ вусъат ёфт. Аз ҷумла, 18 августи соли 1973 дар толори Театри академии драмаи ба номи Лоҳутӣ маҷлиси тантанавие, ки ба расми кушоди Ҳафтаи дуюми дӯстии ҷавонони Иттифоқи Советӣ ва Ироқ бахшида шуда буд, барпо гашт. Дар толори бо шиору даъватҳо ва байраққои СССР, РСС Тоҷикистон ва Ироқ ороёфта намояндагони комсомолону ҷавонони пойтахт, ветеранҳои ҳизб, комсомол, пешқадамони истеҳсолот ва донишҷӯён ҷамъ омаданд. Дар президиум меҳмонон, котибони КМ ЛКСМ Тоҷикистон, пешқадамони истеҳсолот, роҳбарони ҳизбӣ ва советии республика ҷой гирифта, маҷлиси тантанивиро котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон В.Х. Погребной бо сухани муқаддимавӣ кушода эълон кард.

Дар назди ҳозирин котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон У.Ғ. Усмонов чунин иброз намуд:

“Имрӯз дар пойтахти республикаи офтобии мо Ҳафтаи дуюми дӯстии ҷавонони советӣ ва Ироқ оғоз ёфт. Ин ҳафта бори дигар дӯстию ҳамраъйии ҷавонони советӣ ва Ироқро ба хубӣ намоиш хоҳад дод. Мо он мушкилиҳоеро, ки халқи Ироқ ва ҷавонони мамлакат дар мубориза баҳри ба даст овардани истиқлолияти миллии худ аз сар гузаронидаанд, хуб медонем. Албатта, дар истиқлолияти миллӣ ҳиссаи ҷавонони мубориზи Ироқ низ калон аст.

Комсомолону ҷавонони тоҷик мисли ҳамаи халқҳои советӣ доимо мубориზаи одилонаи озодихоҳро тарафдоранд, онҳо баҳри сулҳу амнияти ҷаҳон, ки дар ин бобат КПСС саҳми босазое мегузорад, овози худро баланд мекунанд.

Комсомолону ҷавонони республика имрӯзҳо баҳри зиёд шудани қудрати Ватани мо - такягоҳи сулҳи ҷаҳон бо меҳнати зарбдоронаи худ ҳиссаи сазовор мегузоранд. Онҳо дар мусобиқаи сотсиалистии умумихалқие, ки дар мамлакат барои пеш аз муҳлат иҷро намудани нақшаҳои соли ҳалкунандаи панҷсола сурат гирифтааст, фаъолона ширкат меварзанд. Алҳол даҳҳо коллективҳои комсомолону ҷавонон аз иҷрои планҳои панҷсола ва соли сеюми ҳалкунанда ҳисобот доданд. Дар сохтмонҳои иншоотҳои бузурги Тоҷикистон ГЭС-и Норак, комбинати электро-химиявии Ёвон, заводи алюминийи Регар, роҳи оҳани Термез – Қӯрғонтеппа - Ёвон, корхонаҳои саноатию колхозу совхозҳо комсомолону ҷавонон шуҷоатмандӣ зоҳир менамоянд.

– Шумо, дӯстони ироқӣ бо ин ҳама дар тӯли Ҳафтаи дуюми дӯстии ҷавонони советӣ ва Ироқ аз наздик шинос хоҳед шуд. Комёбиҳо муваффақиятҳои халқи тоҷик, ҷавонони он ва ташкилотҳои комсомолии республикаро дар сохтмони ҷамъияти коммунистӣ бо чашмони худ хоҳед дид”.

Иштирокчиёни маҷлиси тантанавии расми кушоди Ҳафтаи дуюми дӯстии ҷавонони Иттифоқи Советӣ ва Ироқ баромади роҳбари ҳайати вакилони ҷавонони Ироқ, мудири шуъбаи ахбороти Вазорати корҳо оид ба ҷавонони Ироқ Абдулваҳҳоб Маҷидро бо кафкӯбиҳо истиқбол намуданд.

– Ҳайати вакилони ҷавонони Ироқ, - гуфт дар баромади худ Абдулваҳҳоб Маҷид, аз самимияте, ки ҷавонони тоҷик дар сарзамини худ нисбат ба мо зоҳир менамоянд, миннатдоранд. Мо худро дар хонаи дӯстони наздики хеш ҳис мекунем. Ҷавонони Ироқ ва ташкилотҳои ҷавонони мамлакати мо дар симои комсомоли ленинӣ авангарди ҳаракати ҷавонони прогрессивии ҷаҳонро мебинанд. Таҷрибаи бое, ки ВЛКСМ дар тӯли сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ дар Иттифоқи Советӣ ба даст овардааст, барои ҳар як ташкилот ва иттифоқи ҷавонони прогрессивии мамлакатҳое, ки барои озодӣ, прогресси сотсиалӣ ва азнавсозии ҷамъият мубориза мебарад, намунаи ибрат аст. Мо дар тӯли ҳафтаи дӯстӣ бо таҷрибаи комсомоли ленинӣ, бо амалиёти он дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ва нақшаҳои минбаъдаи корӣ шинос мешавем. Албатта, таҷрибаандӯзии мо дар кори ташкилотҳои ҷавонони Ироқ, ки барои дигаргуниҳои бузурги сотсиалӣ дар мамлакати худ мубориза мебаранд, аҳамияти калонро соҳиб хоҳад шуд. Мо дар вақти сафари худ ба Иттифоқи Советӣ ва аз ҷумла дар республикаи офтобии Тоҷикистон ба он боварии комил

ҳосил намудем, ки ҷавонони Тоҷикистон сиёсати ҳизби Коммунистии Иттифоқи Советиро чӣ гуна дар амал тарафдорӣ менамоянд ва қарорҳои онро чӣ тарз ба камоли садоқатмандӣ ба амал ҷорӣ мекунанд. Ҳафтаи дӯстии ҷавонони советӣ ва Ироқ бори дигар ҳамраъйии ҷавонони советиро бо муборизаи ҷавонони Ироқ тасдиқ хоҳад кард.

Дар маҷлиси тантанавӣ сардори экипажи комсомолону ҷавонони сохтмони зарбдори умумииттифоқии ГЭС-и Норак Файзулло Ашӯралиев ва механизатори колхози ба номи Ленини райони Орҷоникидзеобод Ҳафиза Саидова ва иштирокчии Фестивали Х умумиҷаҳонии ҷавонон ва донишҷӯён, донишҷӯи Институти педагогии Душанбе Б. Маҳмудов баромад намуда, ҳайати вакилони ҷавонони Ироқ ва иштирокчиёни Ҳафтаи дуюми дӯстии ҷавонони советӣ ва Ироқро аз номи коргарон, бинокорон ва аз номи колхозчиёни ҷавони республика самимона табрик гуфтанд.

Сипас дар назди ҳозирин ҷонишини раиси Комитети ташкилотҳои ҷавонони ИҶШС В. Прокопов баромад кард.

– Барои комсомоли ленинӣ, барои ҳамаи ҷавонони советӣ дастгирӣ намудани муборизаи одилонаи ҷавонони пешқадами ҷаҳон баҳри озодӣ ва истиқлолият, - гуфт дар баромади худ В. Прокопов, - ба қарзи виҷдон табдил ёфтааст. Комсомолон ва ҷавонони советӣ ҳамеша муборизаи халқҳои арабро баҳри истиқлол ва озодӣ, баҳри нест кардани таҷовузкорони Исроил аз сарзаминҳои араб тарафдорӣ мекарданд ва мекунанд. Мо аминем, ки муборизаи одилонаи халқҳои араб, ки дар он ҷавонони Ироқ низ фаъолона ширкат мекунанд, ғалаба хоҳад намуд. Комсомоли ленинӣ ва Комитети ташкилотҳои ҷавонони Иттифоқи Советӣ бо ташкилотҳои ҷавонони республикаи Ироқ алоқа ва ҳамкории наздик доранд. Ҳафтаи дуюми дӯстии ҷавонони советӣ ва Ироқ ин алоқаву ҳамкории ҷавонони байни мамлакатҳои моро ба зинаҳои баландтаре хоҳад баровард ва мустаҳкам хоҳад кард.

Дар толор нидоҳои “Шараф ба КПСС!”, “Зинда бод дӯстии ҷавонони Иттифоқи Советӣ ва Ироқ!”, “Сулҳ, ҳамраъйӣ ва дӯстӣ!” баланд шуданд. Нидои “Ура” танинандоз гашт. Маҷлиси тантанавӣ бо рӯҳияи бузургии дӯстии интернатсионалии ҷавонони Советӣ ва Ироқ ҷараён ёфт.Дар маҷлиси тантанавии расми кушоди Ҳафтаи дуюми дӯстии ҷавонони советӣ ва Ироқ котибони КМ ЛКСМ Тоҷикистон С. Насриддинов, Б. Раҳимова, ҷонишини мудири шуъбаи пропагандаи КМ ПК Тоҷикистон М. Бобоҷонов, котиби комитети партиявии шаҳри Душанбе Д.С. Победимский низ иштирок доштанд.

Дар поёни маҷлиси тантанавӣ дастаи ҳунарии ҷавонони Тоҷикистон бо иштироки лауреати Фестивали Х умумиҷаҳонии ҷавонон ва студентон дар Берлин, раққосаи ансамбли “Лола” Малика Қаландарова ва лауреати конкурси артистони операи Осиёи Миёна Бурҳон Муҳаммадқулов консерти дилнишин барпо гардид.

Инчунин, зимни Ҳафтаи дуюми дӯстии ҷавонони Иттифоқи Советӣ ва Ироқ ҳайати вакилони ҷавонони Ироқ бо кормандони студияи “Тоҷикфилм” дар толори намоишҳои киностудия вохӯрӣ гузарониданд. Вохӯриро котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон С. Насриддинов кушод.

Дар мулоқот раиси комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба кинематография С. Мирзошоев баромад карда, дар бораи комёбиҳои ходимони санъати кинои тоҷик, мазмуну мундариҷаи филмҳо ва ҳайати кормандони студияи “Тоҷикфилм” сухан ронд.

– Санъати кино, – гуфт дар баромади худ С. Мирзошоев, - дар ҳалли бисёр масъалаҳои ҳаётӣ ва замонавӣ нақши муҳим мебозад. Он дар муборизаи ғоявии халқҳои сулҳпарвари ҷаҳон беш аз пеш мавқеи барҷаста ишғол менамояд. Филми “Рустам ва Сӯҳроб”, ки дар он ғояи инсондӯстӣ ва сулҳу амният пеш гузошта шудааст, ба наздикӣ дар намоиши филмҳои советӣ дар ШМА ҳамчун яке аз филмҳои беҳтарин тақдир карда шуд.

Дар вохӯрӣ роҳбари ҳайати вакилони ҷавонони Ироқ, мудири шуъбаи ахбороти Вазорати корҳо оид ба ҷавонони Ироқ Абдулваҳҳоб Маҷид низ суханронӣ кард.

– Мо, гуфт Абдулваҳҳоб Маҷид, – аз самимияте, ки халқи тоҷик ва ҷавонони он дар ин рӯзҳои ҳафта нисбат ба мо зоҳир менамоянд, сипосгузорем. Дар рӯзҳои аввали ҳафта

бо комёбиҳои азими илму маданияти Тоҷикистон ошно шудем. Пешрафти санъати кинои тоҷик низ моро ба ваҷд овард. Бояд бигӯям, ки дар мамлакати мо дар давраи мустамликадорӣ намоиши филмҳоро манъ карда буданд. Баъдҳо филмҳои каммазмуне, ки маҳсули санъати кинои Ғарб буданд, намоиш дода мешуданд. Аммо ҳоло дар ин соҳа низ табаддуллоти азиме ба вуҷуд омад. Ҳоло халқ ва ҷавонони Ироқ ба филмҳои советӣ ва дигар мамлакатҳои сотсиалистӣ таваҷҷуҳи зиёд доранд. Зеро дар филмҳои советӣ ғояҳои наҷиби ватандӯстӣ, инсонпарварӣ ва сулҳхоҳӣ ба таври барҷаста ба назар мерасанд. Ин гуна филмҳо ба ҷавонони мамлакатҳое, ки баҳри озодии миллии худ мубориза мебаранд ва ҳамчунин, ба ҷавонони Ироқ низ дарси ибрат мебахшанд, онҳоро ба ғалабаҳо ҳидоят мекунанд. Дар мулоқот директори "Тоҷикфилм" С. Сафаров ва сармуҳаррири студия А. Сидқӣ иштирок доштанд. Вохӯрӣ дар вазъияти самимона ва дӯстона гузашт.

Дар поёни вохӯрӣ барои меҳмонон филми рангаи "Рустам ва Сӯҳроб" намоиш дода шуд [6]. Гузаронидани чунин чорабиниҳо дӯстии халқҳои ҳарду кишварро зиёд карда, дар тавсеаи робитаҳои илмию фарҳангияшон, ки дар он ҳамбастагиҳои зиёде доранд, афзуд ва инчунин, ин боздидҳо омили сафарҳои фарҳангӣ ва илмии тоҷикон ба кишварҳои араб гардид.

Хулоса, аз равобити ҳасанаи илмӣ-фарҳангии Тоҷикистони Шӯравӣ бо кишварҳои араби Ироқ ва Судон чунин бармеояд, ки ҳамкориҳо байни тарафҳо дар ҳоли ташаккули худ қарор доштанд. Натиҷаи робитаҳои дӯстона ин буд, ки дар он рӯзгор Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон дар зимни Иттиҳоди Шӯравӣ фарҳанги худро ба кишварҳои хориҷа ошно намуда, аз фарҳанги онҳо низ бохабар мегашт ва дар ин миён таболули илмию кадрӣ сурат мегирифт.

## АДАБИЁТ


1. Заринкӯб А. Корномаи ислом. -Теҳрон: Амири Кабир, 1387. -С. 2.
2. Макеев Д.А. Советско-арабские научно-культурные связи в довоенные годы / Д.А. Макеев. Владимирский growинститут. 1987. – С. 149-158.
3. Мардонӣ Т.Н. Саҳифаҳое аз равобити адабии арабу аҷам. -Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 80-208.
4. Мутаҳҳарӣ М. Хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон // Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. –Душанбе, 1999. – С. 87-90.
5. Разоков Ш.А. Проблемы и перспективы развития сотрудничества Республики Таджикистан с арабскими странами Персидского залива в годы независимости. Монография / Ш.А. Разоков. -Душанбе, 2015. -С.10.
6. Комсомоли Тоҷикистон. -№99 (5654). -19.08.1973.
7. Машъал "Ҷовидон бодо хуршед". - 1973
8. Маориф ва маданият. 25.10.1977.
9. Тоҷикистони Советӣ. 11.08.1984.
10. Ҳақиқати Ленинобод. -№168 (8018). -22.10.1963.


## ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР ДАВРОНИ ШӮРАВӢ


Дар мақолаи мазкур саравал доир ба таърихи робитаҳои илмӣ-фарҳангии мардуми тоҷик ва араб сухан рафта, нақши арзишманди донишмандони форсу тоҷик дар тамаддуни исломӣ ба таври умум нишон дода шудааст. Сипас таърихи алоқаҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистони Шӯравӣ бо кишварҳои араб дар зимни Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ мавриди барасӣ қарор дода шуда, дар бораи табодули адабии Иттиҳоди Шӯравӣ бо мамлакатҳои араб то солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ маълумотҳои зарурӣ ироа гардидаанд, ки он нишонаи оғози марҳилаи нави ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Иттиҳоди Шӯравӣ бо давлатҳои араб ба ҳисоб меравад. Аз муҳтавои мақола чунин бармеояд, ки сарфи назар аз ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Иттиҳоди Шӯравӣ бо кишварҳои араб соли 1963 яке аз аввалин сафарҳои ҳайати арабӣ аз Ҷумҳурии Арабии Судон ба Тоҷикистон сурат гирифтааст. Ҳайати вакилони ҷамъияти дӯстии халқҳои Судон – Иттифоқи Советиро ҷонишини директори шуъбаи вазорати корҳои ҷамъиятии Судон Иброҳим Юсуф Сулаймон роҳбарӣ намуда, бо ин сафари худ аз ҳаёти маданӣ, илмӣ-фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии Тоҷикистон дидан намуданд ва барои хеш таассуроти фаромӯшнашаванда гирифтанд. Хулоса, муаллиф оғози ҳамкории марҳилаи нав ва раванду натоиҷи онро дар асоси адабиёту маводҳои мавҷуда мавриди баррасӣ қарор дода, тавонистааст пажӯҳише дар ин ҷода дошта бошад.



**Калидвожаҳо:** Ироқ, вазорат, ҳафта, коммунистӣ, араб, фарҳанг, илмӣ, хориҷӣ, РСС Тоҷикистон, СССР.


## НАУЧНО-КУЛЬТУРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ В СОВЕТСКИЙ ПЕРИОД


В данной статье речь идет об истории научно-культурного сотрудничества таджикского и арабского народов и ценном вкладе персидско-таджикских ученых в исламскую цивилизацию. Далее показана история научно-культурных связей Советского Таджикистана с арабскими странами в советский период, также собраны

материалы о литературных обменах Советского Союза с арабскими странами до начала второй мировой войны, который считается знаковым началом научно-культурного сотрудничества Советского Союза с арабскими странами. Из содержания статьи становится ясно, что несмотря на многостороннее сотрудничество Советского Союза с арабскими странами, в 1963 году состоялась одна из первых встреч арабской делегации из Арабской Республики Судан в Таджикскую Советскую Социалистическую Республику. Делегацию представителей общества дружбы народов Судана и Советского Союза возглавлял заместитель директора отдела министерства общественных дел Судана Ибрагим Юсуф Сулаймон, которая в данной поездке ознакомилась с культурной, научной, социальной и экономической жизнью Таджикистана и получила незабываемые ощущения от данной поездки. В заключении можно констатировать тот факт, что автор на основе изучения существующей литературы и огромного архивного материала подверг рассмотрению начало нового периода сотрудничества и его результаты.

**Ключевые слова:** Ирак, министерство, неделя, коммунистический, араб, культура, наука, зарубежный, Таджикская Советская Социалистическая Республика, СССР.

**SCIENTIFIC AND CULTURAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE ARAB COUNTRIES IN THE SOVIET PERIOD**

In this article we are talking about the history of scientific and cultural cooperation of the Tajik and Arab peoples and the valuable contribution of Persian-Tajik scholars to the Islamic civilization. The history of the scientific and cultural ties of Soviet Tajikistan with the Arab countries during the Soviet period is further illustrated, as well as materials on the literary exchanges of the Soviet Union with the Arab countries before the Second World War, which is considered to be the landmark in the scientific and cultural cooperation of the Soviet Union with the Arab countries. From the content of the article it becomes clear that despite the multilateral cooperation of the Soviet Union with the Arab countries, in 1963 one of the first meetings of the Arab delegation from the Arab Republic of Sudan to the Tajik Soviet Socialist Republic took place. The delegation of representatives of the Friendship Society of the Peoples of the Sudan and the Soviet Union was led by the Deputy Director of the Department of the Ministry of Public Affairs of the Sudan, Ibrahim Yusuf Sulaimon, who acquainted with the cultural, scientific, social and economic life of Tajikistan on this trip and received unforgettable feelings from this trip. In conclusion, we can state that the author, on the basis of studying the existing literature and the huge archival material, examined the beginning of a new period of cooperation and its results.

**Keywords:** Iraq, Ministry, week, communist, Arab, culture, science, foreign, Tajik Soviet Socialist Republic, USSR.

**Сведения об авторе:** ***Камаров А.З.*** – Таджиксикий национальный университет, ассистент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **915-15-74-45**.
E-mail: **asliddin.kamarov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kamarov A.Z***. - Tajik National University, assistant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **915-15-74-45**. E-mail: **asliddin.kamarov@mail.ru**

**УДК: 378**

# ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШКАДАИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА МЕНЕҶМЕНТИ ИННОВАТСИОНИИ ШАҲРИ КӮЛОБ

***Холов Ш.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба ҳамагон маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сарватҳои зеризаминӣ, минералҳо, сангҳои қиматбаҳо, конҳои ангишт, тилло, нуқра, майдонҳои истихроҷи нафту газ бой буда, баъд аз саршавии ҷанги шаҳрвандӣ бисёр корхонаҳои саноатӣ аз кор монда буданд. Технологияҳои истеҳсолии корхонаҳо, ки дар даврони шӯравӣ ба кор бурда мешуданд, аз рақобат ақиб монда буданд. Вобаста ба ин, ба Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида буд, ки фаъолияти чунин корхонаҳои истеҳсолии ватаниро барқарор созанд, барои пешбурди онҳо мутахассис тайёр намоянд. Барои омода намудани мутахассисони варзида дар риштаи саноат тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2003 таҳти **№471** филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб таъсис ёфта, баъд аз он дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2015 таҳти **№149** ба Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб табдил дода шуд. Ин донишкада дорои 5 факултет ва 14 кафедра буда, аз рӯйи 33 ихтисос дар зинаи бакалавриат ва аз 1 сентябри соли 2014 аз рӯйи 8 ихтисос ва дар соли 2017 аз рӯйи 10 ихтисос дар зинаи магистратура мутахассисонро тайёр менамояд. Теъдоди умумии устодони донишкада 190 нафарро ташкил медиҳад [2,с.1].

Аз ибтидои таъсисаш донишкада бо чандин марказҳои илмию таълимии кишварҳои хориҷӣ, бахусус Федератсияи Россия ҳамкориҳои гуногунҷабҳаро роҳандозӣ намудааст. Аз ҷумла, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб дар соли 2014-2015 бо 10 муассисаи таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ ва созмону ташкилотҳои байналмилалӣ созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст. Мувофиқи тавофуқномаҳои дуҷониба дар байни солҳои 2009 то 2014 дар мактабҳои олии

Федератсияи Россия зиёда аз 1270 нафар донишҷӯёни Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб таҳсил мекарданд, ки соле тахминан 195 нафар донишҷӯёнро дар бар мегирифт. Ин шумора тамоил ба зиёдшавӣ дошт ва соли 2015 ба 214 нафар расид. Донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии Русия тибқи шартномаҳои ҳамкорӣ таҳсил менамоянд [1, с.40-44].

Дар донишкада 4 лоиҳаи барномаи «ТЕМПУС» аз Иттиҳоди Аврупо амалӣ гардонида шуда истодаанд:

1. Ҷорӣ кардани раванди Болониявӣ тавассути дигаргунсозии робитаҳои байналмилалӣ.
2. «ПЕРСЕУС» - Пайванди илм ба истеҳсолот.
3. «СИБЕЛЕС» - Бехатарии саноатӣ.
4. МАРКО XXI Мубодилаи донишҷӯён.

То ҳол зиёда аз 20 нафар омӯзгорон, донишҷӯён ва докторантони донишкада дар донишгоҳҳои олии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо таҳсили илм кардаанд [3,с.13].

Оид ба тайёр намудани мутахассисон барои мамолики хориҷи дур (донишҷӯён, коромӯзон, аспирантон, докторантон) донишкада сол то сол доираи ҳамкориҳои худро вусъати тоза бахшида истодааст. Ҳамкории донишкада бо хазинаҳои байналхалқӣ оид ба такмили ихтисоси омӯзгорон, таҳия ва чопи китобҳо, маводи таълимӣ, дастрас намудани адабиёти таълимӣ ва техникаи ҳозиразамон ҳам амалӣ гашта истодааст.

Соли 2015 донишкада бо 25 маркази илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ФР шартномаҳои ҳамкориро бо фарогирии шаш самти асосӣ:

1. тайёр намудани мутахассисони касбии рақобатпазир барои ҷумҳурии тоҷикистон;
2. тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ;
3. бурдани корҳои якҷояи илмӣ-таҳқиқотӣ:
4. таҳияи 10 адад лоиҳаи якҷояи илмӣ- инноватсионӣ ва дипломӣ;
5. кушодани 2 ихтисоси муштарак;
6. таҳия ва чопи якҷояи 10 адад китобҳои дарсии тахассусӣ дар якҷоягӣ бо олимони донишгоҳҳои ҳамкор амалӣ ва роҳандозӣ намуд.

Дар Донишкада, дар доираи ҳамкориҳои судманд бо донишгоҳҳои олии Федератсияи Россия, чунин конференсияҳои байналмилалӣ тайи солҳои 2009-2015 баргузор гардиданд:

1. Тибқи нақшаи дурнамои рушди ФДТТК барои солҳои 2009-2015 рӯзҳои 17-18 - уми майи соли 2013 дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Тайёр кардани мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат дар шароити ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар» баргузор гардид.
2. Конференсияи байналмилалӣ бо Академияи давлатии кишоварзии Ярославли Федератсияи Россия дар солҳои 2014 ва 2015 тариқи интернет.
3. Донишгоҳи давлатии забоншиносии Пятигорски ФР аз 16.11.2014–22.11.2014 бо ташрифи намояндагони донишгоҳи номбурда Федотова И.Б. ва Курегян Г.Г.
4. Конференсияи байналмилалии «Нақши ҳамгироии илм, инноватсия ва технология дар пешрафти иқтисодиёти кишварҳо» 27-29 майи соли 2016.

Ба конференсияи байналмилалӣ маърӯзаҳои олимони муассисаҳои олии таълимӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмии ҷумҳурӣ иборат аз 200 мақолаи илмӣ, ки зиёда аз 70 мақолаи илмӣ аз донишгоҳҳои Федератсияи Россия, ки бо донишкада шартномаҳои ҳамкории судманд доранд, аз донишкада 93 мақолаи илмӣ, 5 мақола аз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 23 мақола аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, аз Коллеҷи милитсияи Кӯлоб 2 мақолаи илмӣ, аз донишгоҳҳои Хуҷанд 8 мақола, аз Донишгоҳи давлатии Данғара 4 мақола пешниҳод гардид.

Конференсияи ҷумҳуриявии «Идоракунии инноватсияҳо: назария, методология ва амалия» 25-26-уми ноябри соли 2016.

Ба конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯзаҳои олимони муассисаҳои олии таълимӣ иборат аз 106 мақолаи илмӣ, ки аз донишкада 54 мақолаи илмӣ, аз донишгоҳҳои Хуҷанд 17, аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 6 мақолаи илмӣ ва аз донишгоҳҳои олии Федератсияи Россия 30 мақолаи илмӣ, ки бо донишкада шартномаҳои ҳамкории судманд доранд, пешниҳод гардиданд.

Бояд зикр намуд, ки олимони ДТМИК дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона ширкат меварзанд ва донишкадаро муаррифӣ менамоянд. Дар доираи шартномаҳои ҳамкории судманди ДТМИК бо Донишгоҳи давлатии забоншиносии Пятигорски Федератсияи Россия дар рӯзҳои 1-3 июни соли 2016 дар Конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи: «Хавф ва хатари Давлати исломӣ (ДИИШ) ва роҳҳои бартарафсозии онҳо», аз давлатҳои Осиёи Миёна танҳо намояндагони ҳамин донишкада дар ин конфронс ширкат намуданд [4,с.2-7].

Аз соли 2009 то инҷониб дар мувофиқаву ҳамкорӣ бо сафоратхонаи ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи меморандуми тарафайн дар ДТМИК «Гӯшаи Амрико» фаъолият менамояд. Ҳамкориҳои тарафайн дар чаҳорчӯбаи қонуни ҳамкориҳо ба роҳ монда шуда, грантҳо пешниҳод карда шудаанд. Инчунин, дар асоси ин ба ДТМИК ба таври ройгон истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва интернет кумаки башардӯстона расонида шуда истодааст. Аз ҷумла 25 адад компютер, проектор, принтер ва инчунин китобхона, ки китобҳояш ба забони англисӣ мебошанд ва теъдодашон ба 6000 адад мерасад. Инчунин, ба китобхонаи донишкада 331 адад китобҳои таълимии фанҳои тахассусӣ кумак расонд. Истифодаи китобхона ва интернет на фақат барои донишҷӯёни донишкада, балки барои ҷомеа низ ройгон аст.

Барои таҳсил дар хориҷи кишвар барномаҳои маърифатие, ки барои хонандагони мактабҳои миёна (FLEX-барномаи омӯзиши забони англисӣ бо сафари таҳсилӣ), барои донишҷӯёни макотиби олӣ (UGRAD), барои омӯзгорони мактабҳои миёна барномаи (TEA) ва барои муаллимони мактабҳои олӣ (JFDP) пешниҳод шудааст. Дар ҳамкорӣ бо сафроратхонаи ИМА устодони донишкада Нозимов Ҳ. соли 2013 ба иёлати Калифорнияи ИМА ва Шарипов А. дар соли 2014 ба иёлати Ню-Йорки ИМА сафарҳои хидматӣ анҷом доданд. Давоми 3 сол хатмкардагони донишгоҳҳои олии ИМА дар донишкада маҳфилҳои забони англисӣ мегузарониданд.

Илова бар ин, ташкилоти IREX тибқи шартномаи тарафайн бо ФДТТК аз 1-уми апрели соли 2009 фаъолияти кории худро дар ин муассисаи таълимӣ оғоз карда буд. Ин ташкилот ба донишҷӯён ва омӯзгорон имконият дод, ки ба тариқи ройгон аз маркази интернетӣ, ки дорои 10 адад компютери пайваст бо интернети баландсуръат аст, истифода баранд. Баъд аз ду моҳи фаъолият тамоми таҷҳизот ба ихтиёри донишкада вогузошта шуд [4,с.15-16].

Хулоса, ҳамкориҳои байналмилалии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб дар ибтидои асри XXI рушд ёфта, донишкада бо якчанд донишгоҳҳои Федератсияи Россия ва ИМА муносибатҳои дутарафаро дар соҳаи омода кардани мутахассисони соҳибмаълумот ба роҳ мондааст.

## АДАБИЁТ


1. Бойгонии ҷории Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб // Ҳисоботи солонаи директор. – 2015. –С.40-44.
2. Бойгонии ҷории Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб // Ҳисоботи солонаи раёсат. – 2016. – С.1.
3. Бойгонии ҷории Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб // Ҳисоботи солонаи директор. – 2017. –С.13.
4. Бойгонии ҷории Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб // Ҳисоботи шуъбаи робитаҳои хориҷии донишкада. – 2017. –С.2-7.


## ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШКАДАИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА МЕНЕҶМЕНТИ ИННОВАТСИОНИИ ШАҲРИ КӮЛОБ


Тоҷикистони соҳибистиқлол дар зинаи пешравию таҳаввулоти илмӣ-техникӣ қарор дошта, ба техника ва технологияи наву кадрҳои идоракунандаи ин техника ва технология эҳтиёҷ дошт ва дорад. Дар доираи ҳамин талабот соли 2003 дар шаҳри Кӯлоб филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кушода шуда буд. Дар давоми мавҷудияти худ донишкада тавонист заминаи илмӣ-техникӣ, методӣ ва таълимии худро мустаҳкам намояд. Яке аз самтҳои асосии донишкада фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ ба воситаи ҳамкориҳо бо муассисаҳои илмию истеҳсолӣ а донишгоҳҳою донишкадаҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб бо кишварҳои Россия, Украина, ИМА ва ғайраҳо равобити гуногуни илмӣ ва амалӣ дорад. Шаклҳои маъмул ва баробари ин робитаҳо ҳамкориҳо дар самтҳои истифодаи таҷриба, тайёр кардани омӯзгорон, ҳамкориҳо дар таҳқиқи мавзӯъҳои муштарак, омӯзонидани донишҷӯёни ҳамдигар мебошанд. Донишкада сол то сол доираи ҳамкориҳои байналмилалии худро вусъати тоза бахшида истодааст.



**Калидвожаҳо:** ҳамкориҳои дохилӣ, хориҷӣ, фаъолияти илмӣ, тайёр кардани мутахассисон, технология, саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон.


## МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ИНСТИТУТА ТЕХНОЛОГИИ И ИННИВАЦИОНОГО МЕНЕДЖМЕНТА ГОРОДА КУЛЯБА


Независимая Таджикская Республика находится в процессе развития науки и техники и нуждается в технологических инновациях и менеджерах. В рамках этого требования в 2003 году был открыт филиал Таджикского технологического университета в городе Кулябе. За время своего существования институт смог укрепить свою научно-техническую и образовательную базу. Одним из основных аспектов университета является научно-исследовательская и инновационная деятельность через различные межучережденческие исследовательские институты с иностранными университетами и институтами. Инновационный технологический институт города Куляба имеет множество научных и практических связей с Россией, Украиной, США и другими странами. Общая форма координации и сотрудничества с ними будет осуществляться как обмен опытом, обучение учителей, сотрудничество в изучении общих тем, обучение студентов. Институт много лет расширял свое сотрудничество с подготовкой специалистов для стран дальнего зарубежья (студентов, стажеров, аспирантов, докторантов).



**Ключевые слова:** внутреннее сотрудничество, зарубежное сотрудничество, научная деятельность, подготовка специалистов, технологии, промышленность Республики Таджикистан, институт, студенты.

**INTERNATIONAL COOPERATION OF THE INSTITUTE OF TECHNOLOGY AND INNOVATION MANAGEMENT OF KULOB CITY.**

The article is devoted to a comprehensive study of the classification of international sanctions and criteria for their legitimacy. The author, considering the classification of international sanctions to subdivide them into certain groups. At the same time, the author concludes that in modern science there are various approaches to the classification of international sanctions, which mainly focus on such issues, what are the forms of economic sanctions that are characteristic of modern sanctions regimes, and what scientific methods are used in their study? Based on the study of international sanctions, it is established that one of the most important factors contributing to the strengthening of law and the prevention of arbitrariness in the application of international sanctions is a clear regulation and strict observance of the sanctioning competence to which all other international organizations should strive. The decision to impose the economic sanctions regime should be based on a solid evidence base. Therefore, the decisions taken by the Security Council as a body that has a significant impact on international security issues must be well-founded, well-founded and understandable. Consequently, it appears that decisions on international economic sanctions imposed by the Security Council should be based on the following criteria of legitimacy: the seriousness of the threat, the right goal, the last resort, the proportionality of the funds, and the balanced treatment of the consequences.

**Key words:** sanction, international sanctions, classification, criterion of legitimacy, UN, Security Council, sanctions regime.

**Сведения об авторе:** ***Негматова Таскина Мухторовна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедра международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **nematovatm@gmail.com**. Телефон**: (+992) 937–00–03–98**

**Information about the author:** ***Negmatova Taskina Mukhtorovna*** - Tajik National University, competitor, Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **nematovatm@gmail.com**. Phone: **(+992) 937–00–03–98**

**УДК 93+327 (575.3) (1-87)**

# ИНЪИКОСИ ТАҲҚИҚИ МАСОИЛИ ҲИНДУАВРУПОИҲО ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

***Шарипов Ҷ.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ҳиндуаврупоиҳо дар маркази осори Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ҷумла, ӯ дар китобҳои хеш “Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён”, [8] “Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёиҳо”, [11] “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо” [9] ба ин мавзӯъ диққати хосса додааст. Ӯ, пеш аз ҳама, барои муайян намудани таърихи тамаддун омӯзиши забону хатро, ки омили асосии ҳастии фарҳангу тамаддуни ин ё он халқ мебошад, зарур мешуморад. Ҳамин буд, ки барои боз ҳам дар сатҳи баланд омӯхтани забонҳои мардуми ориёӣ соли 2016 китоби илмии хешро бо номи “Забони миллат – ҳастии миллат” [12] рӯйи чоп овард, ки дар шинохти тамаддуну фарҳанги аҷдодони ҳиндуаврупоиҳо аҳамияти бузургро доро мебошад. Ӯ барои шинохти айнӣ ва дурусти тамаддунҳо ва таҳаввулу нақши онҳо дар ташаккули қавму миллатҳо, пеш аз ҳама, муайян кардани решаҳои қавмӣ ва забонии эшонро аввалиндараҷа ва муҳим медонад. Гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ аз ҷумлаи бузургтарини онҳо ба шумор рафта, мавриди омӯзиши бисёре аз мутахассисон қарор гирифтааст. Эмомалӣ Раҳмон дар осори хеш ба масъалаҳои ҳиндуаврупоиҳо, ки дар байни олимон тӯли солҳои зиёд гуногунандеширо ба миён овардааст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар ин миён моро мебояд, ки дар асоси таҳлили осори ӯ бо таҳқиқотҳои муҳаққиқони соҳа проблемаҳои омӯзиши қавмҳои ҳиндуаврупоиҳоро нишон диҳем. Таҳлилҳо нишон доданд, ки чунин масъалаҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси ҳалли баҳсҳои бамиёномада аҳамияти аввалиндараҷаро соҳиб мебошанд.

***Таҳқиқи масоили нахустватани ҳиндуаврупоиҳо.*** Оиди масоили нахустватани ҳиндуаврупоиҳо дар асри XX низ ихтилофи ақидаҳо мушоҳида карда мешавад. Матуш Муш зодгоҳи нахустини ҳиндуаврупоиҳоро Олмон, донишманди Ҳинд Гандатар Тилак

Қутби Шимол, Ҷозеф Видней даштҳои Осиёи Миёна, Зигмунд Фикст сарзаминҳои гирду атрофи Литва, Гардон Чайд даштҳои ҷанубу ғарбии Россия пиндоштаанд [10,с.30].

Эмомалӣ Раҳмон масъалаи таъйини модарзабон ва зодгоҳи ибтидоии хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоиро бо далелҳои эътимодноки илмҳои бостоншиносӣ, забоншиносӣ, нажодшиносӣ, фарҳангшиносӣ, зистаншиносӣ ва ғайра асоснок намуданро шарти асосӣ мешуморад. Дар ин хусус ӯ асари дуҷилдаи донишмандон Г.В. Гамкрелидзе ва В.В. Иванов таҳти унвони "Забони ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуаврупоиҳо"-ро дастоварди хуби илмӣ шуморида, онро ҷамъбасти таҳқиқотҳои чандинсолаи ин муҳаққиқони барҷаста номидааст. Дар ҳақиқат асари мазкур дар асоси далелҳои муътамади бостоншиносию забоншиносӣ мавқеи зисту пайдошавии ҳиндуаврупоиҳоро муайян намудааст. Муҳаққиқон тамоми корҳои дар ин замина анҷомгирифтаро ҷамъбаст карда, дастовардҳои ҳамаи соҳаҳоро, ки дар ин масъала кумак ва ё равшанӣ меандозанд, мавриди истифода қарор додаанд. Ба онҳо муяссар гардидааст, ки дар натиҷаи муқоиса миқдори зиёди истилоҳоти риштаҳои гуногуни модарзабони ҳиндуаврупоиро эҳё кунанд ва дар ихтиёри илми забоншиносии муқоисавӣ қарор диҳанд. Ба ақидаи онҳо, маҳалли пайдоиши модарзабони ҳиндуаврупоӣ минтақаи хосу собит дар ҳудуди сарзаминҳои Шарқи Наздик, нимҷазираи Балкан, Осиёи Хурд, Қафқози Ҷанубӣ ва Байнаннаҳрайни Шимолӣ аст [1,с.895].

Тибқи ақидаи Эмомалӣ Раҳмон, гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ яке аз забонҳои бостонии ҳиндуаврупоӣ мебошад, ки аз он ёдгориҳо лавҳаҳои гилии аз замони давлати Митониҳо боқимонда шаҳодат медиҳанд ва дар матнҳои хатти мехии хетӣ аз ҳазораи дуюми пеш аз милод оварда шудаанд. Осори бостонӣ ва куҳани гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ, ки бо забони қадимаи ҳинду ба хатти ҷилоӣ навишта шудааст, Ригведа мебошад. Пайдоиши онро Эмомалӣ Раҳмон дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ марбут ба ҳазораи охирини пеш аз милод мансуб медонад [9,с.21]. Дар мавриди ин ки ватани ҳақиқии қавмҳои ҳиндуаврупоӣ куҷо буд, аз кадом замон оғоз шуд, аз куҷо ба куҷо муҳоҷират карда, чӣ гуна ба дастаҳои мухталиф тақсим шуда ва чӣ навъ тамаддунҳоро ба вуҷуд оварданд, назарияҳои мухталиф баён шудаанд. Вале Эмомалӣ Раҳмон ба таври умум ин ақидаҳоро, ки гоҳе баъзе аз онҳо тамоюлҳои сиёсӣ ҳам доштанд, ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим намудааст:

1. Сарзамини аввалияи қавмҳои ҳиндуаврупоӣ дар қисмати Аврупои Ғарбӣ буд. Як гурӯҳи онҳо баъдан аз Аврупо ба сӯйи Шарқ муҳоҷират карда, дар Осиё бо қавмҳои бумии ин ҷо омехта шуданд. Бар асари ин тарзи ҷаҳонбиниашон инҳироф пайдо кард ва ба динҳои бегона, масалан ба дини буддоӣ гаравиданд. Бояд зикр намуд, ки ин назария хосси аксар олимони буржуазии аврупоӣ мебошад, ки ҳатто онҳо мавҷудияти ҷомеаи ғуломдориро дар сарзамини Шарқ инкор кардаанд.

2. Назарияи селоби Баҳри Сиёҳ ва муҳоҷирати ин қавмҳо ба тарафи шарқу ғарб, назарияи тамаддуни Қӯрғонӣ ва назарияи Арманистон ба ҳайси сарзамини аввалияи қавмҳои ҳиндуолмонӣ. Ин назария ба он муҳаққиқоне марбут аст, ки нахустватани ҳиндуаврупоиҳоро Осиёи Хурд ва минтақаҳои ба он наздик мешуморанд.

3. Сарзамини аввалияи қавмҳои ҳиндуаврупоӣ навоҳии ҷануби Сибир ва Урал буда, онҳо аз он ҷо ба тарафи ғарб, яъне ба сӯйи Аврупо ва ба тарафи шарқ, яъне ба тарафи Осиёи Миёна ва аз он ҷо ба ҷануб - ба тарафи Ҳинд ва Эрони имрӯза сарозер шудаанд. Ин назария мавриди пазириши бештари донишмандони ҷаҳон аст ва бар пояи бозёфтҳои бостоншиносӣ устувор аст.

4. Ориёиҳо дар Ҳинд мардуми муқимии нимҷазираи мазкур мебошанд, ки ҷойгоҳи аслиашон Маҳораштаҳо буд. Ҳувияти ҳиндуҳо аз ҳамон овони ташаккули тамаддунҳо бар пояи фарҳангу дини ведоӣ ба сифати дини бумӣ мустаҳакам аст. Онҳо аз шимолу ғарб вориди ин сарзамин нашудаанд ва муҳоҷирини бегона намебошанд. Иддае аз ориёиҳои Ҳинд баъдан ба сӯйи ғарб муҳоҷират карда ва дар он ҷо маскан гузиданд [12,с.29].

Агар назарияҳои мазкурро таҳлил намоем, дар натиҷа аз он мо метавонем ду назарияи ба ҳамдигар зидро мушоҳида намоем, ки ин ҳам бошад а) назарияи таҳоуми

ориёиҳо ба Ҳинд ва б) назарияи муҳоҷирати ориёиҳо аз Ҳинд ба тарафи ғарб. Эмомалӣ Раҳмон аз ин ду назарияи маъмул “Назарияи муҳоҷирати ориёиҳо ба Ҳинд”-ро дақиқтар ва илмитар медонад [12,с.29], ки он дар заминаи таҳлили матнҳои “Авесто” ва “Ведо” ба миён омадааст. Дар асоси ин китобҳои муқаддаси ҳиндуориёиҳо метавон гуфт, ки назарияи муаррих ба ҳақиқати илмӣ наздик аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар қатори китобҳои мазкур дурустии ин ақидаро мадракҳои дигаре, чун осори бобулӣ, эламӣ, ошурӣ, митонӣ, юнонӣ, ва румӣ ҳам, то ҷое исбот менамоянд. Аммо натиҷаи ин пажӯҳишҳоро муаррих ба куллӣ қонеъкунанда намеҳисобад. Бартарии маълумотҳои бостоншиносиро дар муайян намудани назарияҳои мухталифи таърихӣ, бахусус даврони қадимтарин зикр менамояд. Дар ин хусус ӯ менависад, ки аз пажӯҳишҳои бостоншиносӣ, ки то ҳол сурат гирифтаанд, маълум мешавад, ки ниёгони мо дар рӯзгори қадим зиндагии ғайримуқимӣ доштаанд ва бахше аз тамаддуни бузурге буданд, ки донишмандон онро «гурӯҳи тамаддуни Андронов» меноманд, ки ба давраи биринҷӣ марбут аст. Муаррих дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, махсусан бостоншиносӣ, замони мавудияти ин тамаддунро ба ҳазорсолаи дувуми пеш аз милод ва ҳудуди ҷуғрофиашро бошад, аз ҷануби Сибир то Осиёи Миёна медонад [12,с.29].

***Таҳқиқи ҷуғрофияи забони ҳиндуаврупоиҳо.*** Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон асари дуҷилдаи донишмандон Г.В. Гамкрелидзе ва В.В. Иванов таҳти унвони “Забони ҳиндуаврупоӣ ва ҳиндуаврупоиҳо”-ро дастоварди хуби илмӣ шуморида, онро ҷамъбасти таҳқиқотҳои чандинсолаи ин муҳаққиқони барҷаста номидааст. Дар ҳақиқат асари мазкур дар асоси далелҳои муътамади бостоншиносию забоншиносӣ мавқеи зисту пайдошавии ҳиндуаврупоиҳоро муайян намудааст. Муҳаққиқон тамоми корҳои дар ин замина анҷомгирифтаро ҷамъбаст карда, дастовардҳои ҳамаи соҳаҳоро, ки дар ин масъала кумак ва ё равшанӣ меандозанд, мавриди истифода қарор додаанд. Ба онҳо муяссар гардидааст, ки дар натиҷаи муқоиса миқдори зиёди истилоҳоти риштаҳои гуногуни модарзабони ҳиндуаврупоиро эҳё кунанд ва дар ихтиёри илми забоншиносии муқоисавӣ қарор диҳанд. Ба ақидаи онҳо, маҳалли пайдоиши модарзабони ҳиндуаврупоӣ минтақаи хосу собит дар ҳудуди сарзаминҳои Шарқи Наздик, нимҷазираи Балкан, Осиёи Хурд, Қафқози Ҷанубӣ ва Байнаннаҳрайни Шимолӣ аст [1,с.895].

Мутахассисони забоншиносии муқоисавӣ таркиби луғавии гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоиро омӯхта, дар онҳо шабоҳату наздикиҳои зиёдеро дақиқ намудаанд. Эмомалӣ Раҳмон оиди масоили мазкур истодагарӣ намуда, рӯ ба таҳқиқотҳои аксар олимони асрҳои XVIII-XIX меорад. Эшон бар он назар буданд, ки Осиё на танҳо ватани хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, балки бештари мардуми олам низ аз манотиқи мазкур бархоста, заминаҳои тамаддуни ҷаҳонӣ низ дар ҳамин ҷо қарор дорад. Оиди назарияи мазкур яке аз олимони барҷаста, Адолф Пикте дар соли 1859 дар асоси муқоисаи вожаҳои хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, аз ҷумла, калимаи англисии birch, олмонии birke, славянии куҳани breza, berzes (береста ва березаи имрӯзӣ) ва санскрити bhurja (бурҷ ё бурси тоҷикии имрӯза) ба чунин хулоса омадааст, ки дар атрофи маҳалли нахустини сукунати ин хонаводаи ҳиндуаврупоӣ дарахти тӯс ва бурҷ беш аз ҳама ба мушоҳида мерасидааст. Ҷиҳатҳои мазкурро ба назар гирифта, маҳалли ҷойгирифтаи ибтидоии хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва забони модарии онро Бохтар (Бактрия) муайян кардааст [12,с.31].

Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба сарчашмаҳои боварибахши таърихӣ хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоиро аз ҷумлаи бузургтарин хонаводаҳои забонии ҷаҳон шумурда, бештар ба таърих ва сохти он ишора намудааст. Гурӯҳи забонҳоеро бар ин хонавода шомил медонад, ки сохтори дохилии онҳо, бахусус грамматика ва лексикаашон, бо ҳам шабоҳат дошта бошанд. Масалан, забонҳои фаронсавӣ ва форсии ҷадидро забонҳои хешованд номида, ҳардуи онро шаклҳои гуногуни забони хонаводаи ҳиндуаврупоӣ муаррифӣ намудааст [10,с.33].

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси омӯзиши таърихи тамаддуни ҳиндуаврупоиҳо ва таҳқиқотҳои олимони варзидаи ҷаҳонии ин соҳа, бахусус Ставитский Б.Я. ва Франс Бопп хешовандии забонҳои ориёиро, махсусан забонҳои ҳиндуаврупоиро ба забонҳои ориёиҳои

Эрону Осиёи Марказӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ, таъкид намуда, пайвастагии грамматикию фонетикии онҳоро бо мисолҳо равшан сохтааст. Муаллифони рустабор Ставитский Б.Я. умумият ва монандии забонҳои ҳиндуаврупоиро дар даврони муосир таҳлил карда, қайд менамояд, ки дуи тоҷикӣ бо дваи русӣ, duo-и лотинӣ ва two-и англисӣ ҳамоҳанг аст. Модар, падар ва бародари тоҷикӣ бо mother, father, brother–и англисӣ mutter, vater, bruder–и олмонӣ ва бо mater, pater-и лотинӣ шабоҳати комил доранд [13,с.14].

Пажӯҳишҳои жарф ва фаровоне, ки дар заминаҳои таҳқиқотҳои олимони барҷаста дар хусуси забоншиносии муқоисавӣ анҷом дода шудаанд, дар қатори шабоҳатҳо, тафовути куллии гурӯҳи забонҳои ғарбӣ ва шарқии хонаводаи ҳиндуаврупоиро нишон медиҳанд. Яке аз олимони ҳиндушиноси маъруфи олмонӣ Макс Мюлер, ки давомдиҳандаи корҳои Франс Бопп буд, дар заминаи таҳқиқотҳои чандинсолаи хеш чунин қайд менамояд: "Омӯзиши маданияти Ҳинд марзи шуури таърихии моро васеъ карда, ёддоштҳои ҷавонии моро, ки қариб буд тамоман аз байн раванд, эҳё намуд… Мо ҳама аз Шарқ омадаем. Он арзишҳои асосие, ки мо дорем, бо мо аз Шарқ омадаанд ва акнун ба Шарқ рӯй оварда, ҳар яке чунин ҳис мекунем, ки ба «хонаи қадим»-и саршор аз ёддоштҳо, бо шарте, ки вай рамзҳои ин ёддоштҳоро кушояд ва шарҳ диҳад, бармегардем" [5,с.10-11].

Оиди масоили мазкур Эмомалӣ Раҳмон рӯ ба баъзе аз назарияҳои пешвоёни коммунистон оварда, онҳро таҳлилу баррасӣ кардааст. Агар ба таҳқиқотҳо ва назарияҳои асосгузорони идеологияи коммунистӣ, махсусан К. Маркс назар афканем, ӯ Ҳиндустонро гавҳораи забонҳои ҳиндуаврупоӣ номида буд [10,с.16]. Бояд қайд намуд, ки маҳз дар ҳамин давра дар Аврупо омӯзиши васеи масоили ҳиндуаврупоиҳо суръат гирифта, аксарияти эшон нахустватани оилаи забонҳои ҳиндуаврупоиро ҳудуди Ҳинд ва минтақаҳои ҳамҷавори он медонанд. Эмомалӣ Раҳмон яке аз таҳқиқотҳои бузургтаринро дар асари дуҷилдаи пурарзиши донишманди олмонӣ Франсуа Ленорман мебинад. Франсуа Л. дар асраи худ Бохтарро гавҳораи ориёиҳо, яъне тамоми хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ номида, ҳар яке аз халқҳои маскуни имрӯзаи манотиқи Аврупоро дар ин ҷо ҷой медиҳад ва ҳудуди зисти ҳар яке аз эшонро дар ин минтақа муайян карда, вазъияти иҷтимоии онҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳад [8,с.125]. Агар ба таърихи масканшавии ориёиҳо дар манотиқи Осиё назар афканем, аз Ҳиндустон дида, онҳо дар Осиёи Марказӣ пештар паҳн шуда буданд, ки далели ин ёдгориҳои бостоншиносие, ки тӯли солҳои охир кашфу таҳқиқ гардидаанд, шуда метавонанд. Дар хусуси мушоҳеботи забонҳои ҳиндуаврупоӣ Эмомалӣ Раҳмон бештар ба таҳқиқотҳои илмии олимони маъруфи соҳаи мазкур Л.П. Меллори, Г.Компенис, Г. Лейбнитс ва А.Майе такя намуда, дар асоси омӯзишу таҳқиқотҳои илмии борикбинона ва боварибахш нисбат ба забонҳои ҳиндуаврупоиҳо маълумотҳои илмии дур аз бофта ва хаёлотро дар асарҳои хеш овардааст.

Эмомалӣ Раҳмон дар асоси омӯзиши ин асарҳои мукаммали таърихӣ менависад, ки бо пайдоиши дини насронӣ эътиқод ба решаи воҳиди забонҳо бештар гардида, забони ибриро модари тамоми забонҳо медонистанд. Аммо ӯ таъкид менамояд, ки назарияи боварибахши Готфирд Лейбнитс андешаи модари тамоми забонҳо будани ибриро рад карда, муътақид буд, ки ҳамаи мардуми ҷаҳон аз Осиё бархостаанд. Ҳамчунин муаррих қайд менамояд, ки, ки омӯзиши илмии забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва грамматикаи муқоисавии он аз соли 1816 бо нашри китоби Франс Бопп «Дар бораи системаи тасрифи санскрит дар муқоиса бо тасрифи забонҳои юнонӣ, лотинӣ, форсӣ ва олмонӣ» оғоз гардид [6,с.9].

Бояд қайд намуд, ки баҳс дар атрофи хонаводаи забонҳо ва нахустватани ҳиндуаврупоиҳо то имрӯз идома дорад. Агар рӯ ба назарияҳои маррихон ва сарчашмаҳои таърихӣ биёрем, аксарияти онҳо Осиёи Марказӣ ва навоҳии атрофи онро ба сифати нахустватани ҳиндуаврупоиҳо нишон медиҳанд. Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон ба чунин натиҷа расидааст, ки фикру мулоҳизаҳои аксари муҳаққиқон дар атрофи бахшҳои ҷанубии Русия, қисматҳои шарқии баҳри Хазар ва даштҳои Осиёи Марказӣ давр мезанад [10,с.22]. Китобат шудани "Авесто" дар сарзамини Осиёи Марказӣ ва "Ведо" дар Ҳинд, ки

қадимтарин сарчашмаҳои таърихӣ ва аввалин китобҳои қавмҳои ориёӣ ба шумор мераванд, шаҳодати дар ин манотиқ сукунат доштани эшон мебошанд.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон дар инъикоси масъалаҳои мубрами таърихии қавми бузурги ҳиндуаврупоиҳо, ки яке аз қавмҳои паҳншудатарин дар рӯйи олам ба ҳисоб мераванд, то ҷое саҳми худро гузоштааст. Ӯ ҳиндуаврупоиҳоро яке аз қавмҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи ориёиҳо дониста, хешовандии наздики онҳоро бо ориёиҳои Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон, ки қадимтарин халқият дар ин сарзамин ба ҳисоб мераванд, баён менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвари азизамон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи он дӯстдорон ва ҳаводорон мебошад, ки аввалин шуда ба омӯзишу таҳлили таърихи пурғановати қавмҳои ҳиндуаврупоӣ ва исботи қаробати фарҳангу тамаддуни эшон бо таърихи дигар қавмҳои ориёӣ шурӯъ намудааст.

## АДАБИЁТ


1. Гамкралидзе Т.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы. Монография / Т.В. Гамкралидзе, В.В. Иванов. -Тбилиси, 1989. -346 с.
2. Грантовский Э.А. Ранняя история иранских племён Передней Азии. Монография / Э.А. Грантовский. -М.: 1970. -314 с.
3. Кузмина Е.Е. Откуда пришли индоарии. Монография / Е.Е. Кузмина. -М.: 1994. -321 с.
4. Ленорманн Ф. Руководство к древней истории Востока до персидских войн. Монография. -В двух томах. / Ф. Ленорманн. -Киев, 1876.- Т.II. -312 с.
5. Лысенко В.Г. Философия природы в Индии: атомизм, школы вайшешика. Монография / В.Г. Лысенко. -М., 1986. – 234 с.
6. Мейе А. Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков. Монография / А.Мейе. – М., 1967. - 209 с.
7. Таърихи халқи тоҷик. Китоби якум. Воситаи таълимӣ / Н. Неъматов, Ф. Носирова, С. Бобомуллоев, Д. Довутов, М. Исоматов. -Душанбе: Сарпараст, 2003. -368 с.
8. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 1999. -534 с.
9. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дувум. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002. -557 с.
10. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни Ориёӣ / Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 2006. -374 с.
11. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 2006. -367 с.
12. Раҳмонов Эмомалӣ. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 1 / Э. Раҳмонов. -Душанбе: Андалеб-Р, 2015. - 490 с.
13. Ставиский Б.Я. Искусство и культура древних иранцев. Монографя/Б.Я. Ставиский, С.А. Яценко. -М., 2002. –276 с.


## ИНЪИКОСИ ТАҲҚИҚИ МАСОИЛИ ҲИНДУАВРУПОИҲО ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН


Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудаем, ки то ҷое дар асоси принсипҳои илми таърихнигорӣ масъалаи таҳқиқшавандаро таҳлилу баррасӣ намоем. Ҳамчунин то қадри имкон муяссар гардид, ки то кадом дараҷа таҳқиқ шудани масъалаҳои ҳалталаби ҳиндуаврупоиҳоро аз осори Эмомалӣ Раҳмон дастрас намоем. Бояд тазаккур дод, ки то кадом дараҷа таҳқиқ шудани масъалаҳои баҳсталаби ҳиндуаврупоиҳоро аз рӯйи хронология метавон аз осори Эмомалӣ Раҳмон дарёфт намуд. Аз нишондоди ӯ бармеояд, ки дар аввал бештаран ба таҳқиқи масъала олимони аврупоӣ диққати хосса зоҳир намуданд. Махсусан маълум гардид, ки давраи аз ҳама пуравҷи раванди таҳқиқотҳои муҳаққиқон ба нимаи дуюми асри XX рост меояд. Аксарияти таҳқиқкунандагони нишондодаи ӯ дар хусуси масоили мазкур дар ҳамин давра фаъолият намуданд. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи бартариҳо то солҳои 90-уми асри гузашта ба назарияҳои олимони аврупоӣ мансуб буд. Маҳз аз нимаи дуюми солҳои 90-ум сар карда, таҳқиқотҳои ҷиддӣ дар хусуси пешгузаштагони хеш аз ҷониби муҳаққиқони форсу тоҷик ва дигар меросбарони ин қавми бузург оғоз гардид. Хизмати таърихии Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки ӯ аввалин шуда, омӯзиши масъалаҳои проблемавии марбут ба ҳиндуаврупоиҳоро дар давраи навтарин эҳё бахшид. Эмомалӣ Раҳмон дар инъикоси масъалаҳои мубрами таърихии қавми бузурги ҳиндуаврупоиҳо, ки яке аз қавмҳои паҳншудатарин дар рӯйи олам ба ҳисоб мераванд, то ҷое саҳми худро гузоштааст. Ӯ ҳиндуаврупоиҳоро яке аз қавмҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи ориёиҳо дониста, хешовандии наздики онҳоро бо ориёиҳои Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон, ки қадимтарин халқият дар ин сарзамин ба ҳисоб мераванд, таъкид менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвари азизамон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи он дӯстдорон ва ҳаводорон мебошад, ки аввалин шуда ба омӯзишу таҳлили таърихи пурғановати қавмҳои ҳиндуаврупоӣ ва исботи қаробати фарҳангу тамаддуни эшон бо таърихи дигар қавмҳои ориёӣ шурӯъ намудааст.



**Калидвожаҳо:** таҳқиқ, осор, ҳиндуаврупоӣ, таҳлил, фарҳанг, қавм, саҳм, назария.


## ОСВЕЩЕНИЕ ПРОБЛЕМ ИНДОЕВРОПЕЙЦЕВ В ТРУДАХ ЭМОМАЛИ РАХМОНА


В этой статье мы попытались проанализировать исследования, основанные на научных принципах историографии. Кроме того, насколько это, возможно, нам удалось выяснить, на каком уровне решаются проблемы индоевропейцев в трудах Эмомали Рахмона. Следует отметить, что уровень, на котором исследуются проблемы индоевропейцев можно определить по хронологии в трудах Эмомали Рахмона. С его точки зрения, в первую очередь, к изучению этой проблемы проявили интерес европейские ученые. Было особенно очевидно, что самый обширный период исследовательских работ - во второй половине 20-го века. Большинство исследователей

работали над этим вопросом в тот же период. Поэтому все преимущества в 90-х годах прошлого века были у европейских ученых. Изучение его началось со второй половины девятнадцатого века, при этом персидско-таджикские и таджикские исследователи столкнулись с серьезными трудностями положения. Историческая заслуга Эмомали Рахмона состоит в том, что он первым возродил проблемы индоевропейцев в новую эру. Эмомали Рахмон в освещение исторических вопросов великих индоевропейцев, внес свой вклад. Он утверждает, что индоевропейцы являются одним из основных этнических неразделимых арийцев, этнически важных народов Ближнего Востока, с их тесными связями с Центральной Азией, особенно с таджиками, которые являются самым древним народом на этой земле. Важно помнить, что во время независимости нашей любимой страны Эмомали Рахмон был одним из тех, кто впервые начал изучать и анализировать историю индоевропейских племен, он доказал связь культуры этого племени с историей других арийских народов.

**Ключевые слова:** исследование, описательный, индоевропейцы, анализ, культура, люди, вклад, теория.

**ILLUMINATION OF THE STUDY OF THE PROBLEMS OF INDO-EUROPEANS IN THE WORKS OF EMOMALI RAHMON**

In this article, the original version of this article is not intended to be true or not. This is the most important problem in the world, in the world, in the world. After this, the problem is that the problem of the economy is in the chronological order of the Truck Ruhmona. If you have any questions, please feel free to contact us in the United States. At this point, it is possible to get a 20-minute break from the current weather. Please note that this is not a problem. There are 90 prints per day for the preview of the Eurovision Song Contest. This is one of the best ways to improve the quality of life, and to ensure that you have a healthy lifestyle and a friendly and engaging environment. Anonymous, Emomali Rakhmon, is a member of the Board of Directors and is currently in charge of the Bankruptcy Court. Emomali Rakhmon has been awarded the Nobel Prize in Physiology, in which he has been awarded the Nobel Prize in Physiology and Medicine. It is located on the outskirts of the city, which is located in the east of the city, with the exception of the Euphrates and the Irish communities, the Byzantine Valley, with the Central Asia, with the Central Asia, the Causeway of the Caspian Sea, the Caucasus, and the Red Crescent. This is the first time that Emomali Rakhmon has been awarded the Nobel Prize for Literature and History of the Yearbook of Art and Culture in the History of Art. The following is a list of.

**Key words:** information, analysis, culture, lecture, theory, theoretical.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Джамолиддин Сафолович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **Jamol_hnt.r@mail.ru**. Телефон: **987-24-44-23**

**Information about the author:** ***Sharipov Jamoliddin Safolovich*** - Tajik National University, assistant of the Department of History of the Tajik people. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **Jamol_hnt.r@mail.ru**. Phone: **987-24-44-23**

**УДК:93+321(55) (575.3)**

# ШАКЛГИРИИ ИФРОТИЯТИ ИСЛОМӢ ДАР ПОКИСТОН: АЗ АҲДОФИ МИЛЛӢ, МИНТАҚАВӢ ТО АҲДОФИ ҶАҲОНӢ

***Муҳаммад Довуд Иброҳимхел***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз 14-уми августи соли 1947 Покистон ба унвони як кишвар бар рӯйи нақшаи сиёсии ҷаҳон падидор гашт. То кунун ин кишвар ҳамвора гирифтори бесуботии сиёсӣ, бархӯрдҳои паёпайи фирқавӣ ва густариши чашмгири бунёдгароӣ будааст.

Тайи муаррифӣ ва шинохти унсурҳои зояндаи радикализм дар сатҳи дохилии Покистон, монанди фаъолияти аҳзоби шадидат ифротии исломӣ, стратегияҳо ва сиёсатҳои давлатӣ ва ҳамчунин ҳузур ва фаъолияти ҳазорон мадрасаи мазҳабӣ ба унвони парваришгоҳи аслии террористон ва бунёдгароҳо ва ҳамчунин дар сатҳи минтақавӣ иртиботи ин гурӯҳҳо бо ДИИШ, «Толибон» ва шабакаи терроритсии Ҳаққонӣ дар Афғонистон, шабакаҳои террористии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳимоят аз фаъолиятҳои террористӣ дар минтақаи Кашмири таҳти назорати Ҳинд ва дар ниҳоят, таркиби радикализми исломӣ бо ҳалқаҳои вобаста ба созмони «Ал-Қоида», ки мизони густурдагии нуфуз ва интишори ин вируси хатарнок дар сатҳи ҷаҳониро намоён месозад, мушаххас мегардад, ки ифротияти исломӣ дар Покистон ҷаҳонӣ фикр карда, маҳаллӣ ва минтақавӣ фаъолият менамояд.

Ба ақидаи бисёре аз коршиносон, Покистон ба унвони пойгоҳи аслии террористпарварӣ дар миёни кишварҳои минтақа маҳсуб мегардад. Аз далоили асосии додани чунин унвон ба Покистон, вуҷуди чанд ҳазор мадрасаи мазҳабии тундрав ва ҳамчунин ҳузур ва тарбияи гурӯҳҳои гуногуни террористӣ дар хоки ин кишвар мебошад.

Аҳамият ва ҷойгоҳи мадрасаҳои мазҳабии Покистон дар ривоҷ додани исломи ифротӣ ба андозае аст, ки Ҷефри Голдберг, аз он ба унвони намоди «омӯзиши ҷангҷӯёни

муқаддас» ном мебарад. Ин дар ҳолест, ки бар асоси омор, теъдоди мадрасаҳои мазҳабии ифротии Покистон беш аз бист ҳазор дар саросари кишвар бо беш аз ду миллион донишомӯз ба таҳсил мебошад [5]. Дар хусуси авомили аслии рушди мадориси мазҳабӣ дар Покистон метавон ба чанд омил, назири қудратгирии Генерал Зиёулҳақ, вуқӯи Инқилоби исломӣ дар Эрон ва ҳамлаи Артиши Шӯравӣ ба Афғонистон дар соли 1979 ишора намуд.

Ҳангоме ки дар соли 1977 Зулфиқор Алӣ Бҳутто интихоботро бо тақаллуб ва фиреб ба нафъи хеш созмондиҳӣ кард, мухолифон ба ҷодаҳо рехтанд. Зиёулҳақ, ки дар он вақт фармондеҳи қитъаи зиреҳдори Покистон буд, дар баробараш ба по хост, то монеи баргашти дубораи Бҳутто ба қудрат шавад. Ӯ Бҳутторо ба ҷурми куштори мардум боздошт кард, ҷурме, ки сабаб шуд Зулфиқор Алӣ Бҳутто дар соли 1979 эъдом гардад [2,с.67]. Зиёулҳақ бар хилофи насли қаблии диктаторҳои Покистон ба тамоми маънӣ як исломгарои воқеӣ буд. Ба ҳамин асос ӯ гомҳое барои исломӣ кардани урду ва рушди мадрасаҳои мазҳабӣ бардошт. Дар даврони ӯ нахустин бор дар таърихи Покистон, ҳукумат ба ҳимояти молӣ аз тавсеаи омӯзишҳои мазҳабӣ иқдом намуд ва ҳатто пардохти закот ҷиҳати таъмини масорифи мадориси мазҳабӣ барои шаҳрвандони ин кишвар илзомӣ гардид. Ҳатто, барои муддате боло бурдани дараҷаи низомиён ба ин вобастагӣ дошт, ки онҳо фаризаҳои диниро комилан ба ҷо оварда ва дар мадориси мазҳабӣ давраҳои омӯзиширо сипарӣ карда бошанд. Дар як миқёс, ин тағйир ва дигарсозӣ, рушди азими мадрасаҳои исломӣ буд. Миёни солҳои 1971 ва 1988 шумораи ин мадрасаҳои динӣ чанд баробар шуд ва шумораи онҳо аз 900 ба 8000 расид, дар ҳоле ки ҳазорон мадрасаи сабтношуда низ вуҷуд доштанд [2, с. 67]. Ба ҳамин асос, аксари соҳибназарон ба ин боваранд, ки исломисозӣ міросе буд, ки генерал Зиёулҳақ ба Покистон гузошт.

Вуқӯи Инқилоби исломӣ дар Эрон ва таъсиси Ҷумҳурии Исломии Эрон бар асоси усули фиқҳи шиа омили дигари рушди мадориси мазҳабӣ дар Покистон ба шумор меояд. Генерал Зиёулҳақ Инқилоби исломии Эронро ба ҳимоят аз шиаёни Покистон муттаҳам намуд ва эҳёи тафаккури суннии ифротиро гузинаи муассир барои хунсо кардани он медонист. Дар айни ҳол пирӯзии Инқилоби исломии Эрон бо вокуниши манфии бархе аз кишварҳои ҷаҳони араб мувоҷеҳ гардид. Кишварҳои арабӣ ба манзури ҷилавгирӣ аз густариши нуфузи Инқилоби исломии Эрон дар Покистон, зимни ҳимоят аз гурӯҳҳои хосси тундрав дар ин кишвар, ба густариш ва ҳимоят аз мадориси мазҳабӣ пардохтанд [9].

Ҳамзамон бо таҷовузи артиши Шӯравӣ дар соли 1979 ба Афғонистон, бори дигар густариши мадориси мазҳабии Покистон дар авлавият қарор гирифт. Дар ҳақиқат, бо ҳамлаи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ба Афғонистон, Покистон заминаи узвияти муҷоҳидинро аз кишварҳои мухталиф дар пойгоҳҳои омӯзишӣ, ҷиҳати омӯзиши фикрӣ ва ҷангӣ фароҳам намуд. Зиёулҳақ мусаммам буд пеши роҳи ҳаракати Шӯравиро ба обҳои гарм бигирад, ба ин тартиб хоҳони ҳамкории лозим бо муҷоҳидини афғон буд. Ба гуфтаи Вилиам Кейси, раиси созмони иттилооти марказии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, «Зиёулҳақ як муътақид буд. Бидуни ӯ ҷанге дар Афғонистон вуҷуд намедошт ва пирӯзие низ дар кор набуд» [8, с.73]. Покистон заминаи сарозер шудани гурӯҳҳои араб ва мусалмонони ифротиро аз саросари ҷаҳони ислом аз Сурия то Ироқу Алҷазоиру ҷойҳои дигар, ба он кишвар, бахусус ба Пешовар мусоид сохт, то муҷоҳидини афғонро дар набарде дар муқобили Шӯравӣ ёрӣ расонад. Сиёсатҳои Амрико ва Покистон бистари рушди табиии тафаккури ифротии исломиро фароҳам сохт. Зиёулҳақ дар ин амр бо истифода аз Созмони иттилооти низомии Покистон (ISI) ба масобаи абзори аҳдофи сиёсати хориҷӣ ва эҷоди давлати исломии Покистон, таъсиргузортарин фард буд.

Бо вуқӯи ҳодисаи террористии 11-уми сентябри 2001 ва густариши мавҷи ифротгароӣ ва тафаккури ифротият ва ошкор шудани ҷойгоҳи вижаи мадориси мазҳабии Покистон дар талқини фикрӣ ва идеологӣ ва ҳатто омӯзиши низомӣ ба террористон, Покистон натанҳо ба суботи минтақаи ҷануби Осиё, балки ба амнияти саросари ҷаҳон таҳдид мекунад.

Чунонки дида мешавад, тамоми террористоне, ки ҳамалоти интиҳориро дар нуқоти мухталифи Афғонистон анҷом медиҳанд, парваронидаи ҳамин мадрасаҳо ҳастанд.

Ба ин далел аз Покистон ба унвони биҳишти амни террористон ёд мешавад, ки навъҳои мухталифи гурӯҳҳои ифротӣ ва хушунатталаби террорист дар хоки ин кишвар ҳузур дошта, бидуни маҳдудият ба фаъолият мепардозанд. Аз ин ҷумла, гурӯҳҳои террористии Покистон, гурӯҳҳои террористии фирқавие, монанди «Сипоҳи саҳоба», «Лашкари ҷангвӣ», гурӯҳҳои террористии зидди Ҳинд монанди «Лашкари Тайиба», «Ҷайши Муҳаммад», «Таҳрики нифози шариати Муҳаммадӣ»-ю «Таҳрики толибони Покистон» мебошанд, ки ин гурӯҳҳо ба анҷоми фаъолиятҳои террористӣ дар ростои иҷрои ифротияти исломӣ мепардозанд.

Умдатарин бозтоби ифротияти исломии мавҷуд дар Покистон дар сатҳи минтақавӣ, дар ду кишвар -Афғонистон ва Ҳинд қобили мушоҳида мебошад. Иртиботи Покистон бо гурӯҳи «Толибон»-и Афғонистон ва низ таъсири ифротгароии исломии покистонӣ дар минтақаи Кашмир, ду намунаи нуфузи ҷараёни тафаккури ифротӣ аз сатҳи дохилии Покистон ба сатҳи минтақавӣ мебошанд.

Нахустин нуктаи қобили зикр дар хусуси равобити миёни Покистон ва «Толибон», наҳваи эҷоди ҷунбиши «Толибон»-и Афғонистон мебошад. Солҳои ҳарҷу марҷ, ҷангҳои дохилии муҷоҳидин байни солҳои 1992-1994 заминаи он чиро ки ба номи ҳаракати «Толибон» шинохта мешавад, фароҳам сохт. Ифротитарин ҷунбише, ки назири он ҳаргиз ва дар ҳеҷ ҷой аз ҷаҳон кишвареро идора накарда буд. Ҳарчанд тафсирҳои мухталифе дар бораи фалсафаи эҷоди ин гурӯҳи ифротӣ вуҷуд дорад. Бино ба як ривоят, дар ибтидо «Толибон» худро як неруи миллӣ ваислоҳкор медонистанд, ки ҳаракаташонро бар асоси вазифаи динӣ барои поён додан ба ҷангҳои дохилӣ, зулм, ноамнӣ ва фасод дар ҳукмравоии муҷоҳидин оғоз карданд. Аз Мулло Умар нақли қавл шудааст, ки тарҳи «Толибон» фикри шахсии вай буд, ки барои илоҷ ва поён бахшидан ба ҳараҷу мараҷ ва фасоди мавҷуд оғоз гардида буд. Вай гуфта буд: «Дар яке аз мадориси Қандаҳор машғули таҳсил будам, аммо вақте фасод тавсеа ёфт ва саросари ин шаҳрро фаро гирифт, тасмим ба тағйири вазъи мавҷуда гирифтам. Шахсан ва бидуни ҳеҷ гуна имконоте, танҳо бо таваккал ба Худо, барои мубориза бо фасод тасмим гирифта ва бо ҳузур дар ҳалқаҳои дарсии толибони улуми динӣ, ононро барои мубориза бо фасод даъват ва дар оғоз танҳо бо иддаи маъдуде аз толибони улуми динӣ ҳудуди 53 нафар ҳаракати толибонро оғоз кардем» [6, с.53-54]. Дар ин ҳангом буд, ки хадамоти амнияти Покистон - ISI дар садди мудирияти вазъи мавҷуда ба нафъи худ баромада, созмондиҳии онҳоро ба уҳда гирифт.

Ривояти дувум баён медорад, ки хадамоти амнияти Покистон, толибонро аз мадориси динӣ таҷҳиз, таълим ва мусаллаҳ намуд ва онҳоро ба дохили марзҳои Афғонистон фиристод.

Вале бо ин ҳама, ба душворӣ метавон пазируфт, ки «Толибон» сирфан неруи сохта ва пардохтаи кишварҳои хориҷӣ ва бидуни решаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ дар Афғонистон будаанд. Зуҳури ногаҳонии «Толибон» ба унвони як гурӯҳи низомӣ-сиёсӣ, аносири муташаккилаи онҳо ба сурати билфеъл ва билқувва аз қабл вуҷуд дошта ва танҳо дар бистари як ҳаракати ҷадид бо ҳам шуда ва бо ҳимоят ва самтдиҳии омилҳои хориҷӣ, ба ҳайси як гурӯҳи ифротӣ арзи андом намуд [6, с.53-54]. Чунонки маҳоратҳои низомии «Толибон», таҷрибаи онҳо дар истифода аз силоҳҳои низомии пешрафта ва фанҳои размӣ, дар натиҷаи таълимоти артиши Покистон буд, ки ҳатто сарбозон ва фармондеҳони покистонӣ ҳар гоҳе дар канори «Толибон» меҷанганд [3, с.117-123].

Дар ҳақиқат, равобит миёни Покистон ва «Толибон»-ро метавон дар се сатҳ мадориси мазҳабӣ, нақши ҳизбҳои сиёсӣ ва сиёсати давлат баррасӣ намуд. Нуктаи қобили зикр дар хусуси аввалин ҳалқаи иртиботи «Толибон» ва мадориси динии Покистон ин мебошад, ки дар даҳаи 1980, ҳамон тавре ки қаблан матраҳ шуд, шоҳиди рушди чашмгири шабакаи мадориси мазҳабӣ дар ин кишвар будаем. Беш аз навад дарсади раҳбарони «Толибон» аз мадрасаҳои мазҳабии Покистон, бахусус мадориси мазҳабии иёлотҳои марзии шимолу ғарбии ин кишвар фориғ шудаанд. Дар ин миён нақши мадрасаи дорулмуаллимини Ҳаққонӣ дар таъмини «Толибон» низ қобили тавҷеҳ мебошад.

Ҷиҳати баррасии дувумин ҳалқаи иртиботи «Толибон» ва Покистон, нақши аҳзоби сиёсии Покистон матраҳ шудааст. Дар иртиботи «Толибон» ва аҳзоби бунёдгарои ин кишвар бояд гуфт, ки бисёре аз аҳзоби исломии бунёдгарои Покистон масъалаи ҷиҳод дар Афғонистонро дар авлавияти барномаҳои худ қарор дода буданд. Ҳизби Ҷамаоти уламои исломӣ ба раҳбарии Мавлоно Фазл Раҳмон ва ҳамчунин мадрасаи дорулмуаллимини

Ҳаққоние, ки тавассути Мавлоно Самеулҳақ идора мешуд, ҳазорон, ҳазор толиби ҷангҷӯро ба Афғонистон эъзом намуданд [9].

Дар мавриди севумин ҳалқаи иртибот миёни Покистон ва «Толибон», ки мавзӯи сиёсати давлати Исломобод мебошад, метавон гуфт, ки барои зимомдорони Покистон ҳимоят аз «Толибон» на танҳо аз ин лиҳоз аҳамият дошта, ки тавассути онҳо, давлати муҷоҳидин ба раҳбарии Бурҳониддин Раббонӣ ба унвони давлати номатлуб ва дорои равобити наздик бо Ҳиндустон сарнагун мешуд, балки давлатмардони Покистон дар сояи ҳокимияти «Толибон» дар садади дастёбӣ ба аҳдофи дигаре низ буданд. Аз ҷумлаи ин аҳдоф: таъсиси як давлати дӯст аз унсурҳо ва ҳалқаҳои мавриди назари худашон дар Афғонистон, ташкили пойгоҳ барои неруҳои ҷангҷӯйи кашмирӣ дар Афғонистон, интиқоли энергияи Осиёи Марказӣ ба Покистон, поён додан ба низои таърихӣ дар хусуси хатти Дюранд ва ҳамчунин таҳкими мавқеияти стратегии Покистон дар баробари душмани деринааш Ҳиндустон қобили зикр мебошад. Дар кори зуҳури «Толибон», ба ҷуз аз Покистон нақши баъзе кишварҳои дигаре, чун Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Арабӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико инкорнопазир буда, вале дар ин миён Покистон аз нақши меҳварӣ бархӯрдор будааст. Насируллоҳ Бобур, собиқ вазири корҳои дохилии Покистон ва ҳомии аслии «Толибон», боре дар ҷамъи хабарнигорон гуфт: «Толибон фарзандони мо ҳастанд» [6, с.221] Беназир Бҳутто, нахуствазири пешин, пас аз ҳодисаи 11-уми сентябр дар бораи «Толибон» баён дошт: «Толибон тарҳи муштараки Англия, Амрико ва ISI будааст» [4, с.20]. Бо вуқӯи ҳодисаи террористии 11-уми сентябри 2001 ва ҳамла ба бурҷҳои тиҷорати ҷаҳонӣ ва Пентагон дар Вашингтон, Амрико ҷиҳати нобудии террористҳо тасмим ба ҳамла ба Афғонистонро гирифт. Исломобод низ таҳти фишори Кохи Сафед маҷбур ба эъломи қатъи ҳимоят аз «Толибон» гардид. Чунонки Покистон яке аз се кишваре буд, ки дар замони режими «Толибон» дар Кобул сафорат дошт ва охирин кишваре буд, ки баъд аз ҳаводиси террористии 11-уми сентябр таҳти фишорҳои хориҷӣ, бавижа Амрико, сафораташро баст ва ҳимояташро аз «Толибон» зоҳиран қатъ намуд. Аммо аз он ҷое, ки неруҳои «Толибон» ҳамчун сармояи сиёсати хориҷии Исломобод маҳсуб мешавад, ҳимояти Исломобод аз «Толибон» ва ирсоли неру ҷиҳати мубориза дар канори толибони Афғонистон алорағми ваъдаи Исломобод дар хусуси қатъи иртибот бо онҳо, ба тамоми қуввати худ идома дорад.

Ифротгароии кунунии Покистон маҳсули идеологияи байни мактаби девбандизм ва салафӣ аст. Вуруди ин мафҳумҳо ба Покистон ба давраи ҷиҳоди муҷоҳидини Афғонистон бармегардад. Дар ҳамин даврон, «Созмони ISI» барои истифода аз муҷоҳидини кишварҳои исломӣ барои ҷиҳод алайҳи режими коммунистӣ ва тарафдори Шӯравӣ тавассути Усома бин Лодан дар Арабистон ва дар ҳамоҳангӣ бо кишварҳои Арабистон, Англия ва Амрико ин ифротиёнро мунсаҷим кард. Чунонки ташкилоти созмонии Бин Лодан дар соли 1988 ба созмони «Ал-Қоида» - ба маънои пойгоҳи ҷиҳод: «Қоида-л-ҷиҳод» - рушд ва эҷод гардид [1]. Бинобар ин метавон гуфт, ки муҳимтарин иллати ҳузури «Ал-Қоида» дар ҷануби Осиё Покистон мебошад.

Дар канори Афғонистон ва Покистон, буҳрони Кашмир қарор дорад. Кашмир минтақае буд, ки ҳам неруҳои исломии он барои ҷиҳод дар Афғонистон вориди амал шуда буданд ва ҳам неруҳои фаъол аз соири минтақаҳои ҷаҳон дар партави ҳузури неруҳои кашмирӣ дар Афғоистон бо онҳо ошно мешуданд. Покистон, ки омили аслии таҷҳизи гурӯҳи кашмирӣ аст, дар барқарории ин иртибот нақши муҳиме дошт. Чаро ки Исломобод Кашмирро бахше аз тамомияти арзии худ медонад ва бемайл набуд, ки аз тариқи ҷараёнҳои фаъоли исломӣ Ҳиндустонро таҳти фишор қарор диҳад. Ин фароянд боис шуд, то «Ал-Қоида» дар Кашмир низ ҳузур ёбад.

Кушта шудани Усома дар Ҳаётободи Покистон тавассути неруҳои вижаи амрикоӣ, дастгирии Холид Шайх Муҳаммад, яке аз аъзоёни аршади «Ал-Қоида», дар ҳоле ки дар хонаи яке аз аъзоёни Ҷамоати исломии Покистон дар Равалпинди махфӣ буд, иртиботи ин гурӯҳҳоро бо шабакаҳои террористии байналмилалӣ возеҳ месозад. Бар асоси санадҳои мавҷуд, хатмкунандагони мадориси мазҳабии Покистон дар аксар нуқоти дунё бо аъзои «Ал-Қоида» дар иртибот буда ва бо кумаки онҳо иқдом ба амалиёти террористӣ менамоянд. Бинобар ин мушоҳида мешавад, ки доираи тафаккур ва таъсиргузории ифротият дар Покистон фақат ба даруни марзҳои ин кишвар ва ҳатто дар сатҳи минтақавӣ маҳдуд намешавад, балки ин падидаи шум аз тариқи ҳамроҳии ҷараёнҳои ифротии байналмилалӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ низ гаштааст. Ба баёни дигар, тафаккури бунёдгароии

исломӣ, ки дар Покистон ба шаклҳои мутафовите тавлид ва таксир мешавад, дар бисёре аз тафаккурҳо, аз ҷумла мафкураи ҷиҳоди ҷаҳонӣ бо созмонҳои террористии байналмилалӣ низ, муштаракот дошта ва дар сатҳи ҷаҳонӣ низ табдил ёфтааст.

Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ намуд, ки Покистон тайи чанд даҳаи ахир саҳнаи фаъол ва асосии пайдоиши падидаи ба ном бунёдгароӣ ё ифротгароии исломӣ будааст. Агарчи дар зоҳир ҳавзаи фаъолияти ин падида ба даруни марзҳои ин кишвар маҳдуд мешавад, аммо дар амал нуфуз ва таъсири он дар сатҳи минтақа ва ҳатто сатҳи ҷаҳонӣ низ амри ғайри қобили инкор мебошад. Дар сатҳи минтақа иртиботи наздики Покистон бо толибони афғон, шабакаи Ҳаққонӣ ва шохаи Хуросони гурӯҳи ДИИШ ва ҳамчунин бар тақвияти ҷараёни ифротӣ дар Кашмир ва ҳамкории наздик бо гурӯҳҳои ифротӣ ва террористии Осиёи Марказӣ низ инкорнопазир аст. Ҷунбиши исломии Ӯзбекистон, «Ҳизб-ут-Таҳрир», Гурӯҳи Акрамия ва Ҳизби ал-Нусрат [11], ки аъзои ин созмонҳоро шаҳрвандони кишварҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ташкил медиҳанд, бештар аз ҳафтод дарсади аъзоёни шохаи Хуросони гурӯҳи ДИИШ-ро дар минтақа шакл дода, иртиботи танготанг бо гурӯҳҳои гуногуни покистонӣ доранд; ба ин тартиб бунёдгароии исломии Покистон дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ низ бо таҳдиди амнияти минтақа ва ҷаҳон намунаҳоеро аз худ ошкор менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Агентии иттилоотии Пажвок. - 27.5.2015.
2. Брюс Редлл. Ҳамоғӯши маргбор/ Р. Брюс; тарҷумаи Баҳор Меҳр ва Фурӯғи Тобиш. –Кобул: Амирӣ, 2012. -311 с.
3. Брюс Редлл. Покистон, Амрико ва ояндаи ҷиҳоди ҷаҳонӣ / Редлл Брюс; тарҷумаи Баҳор Меҳр ва Фурӯғи Тобиш. – Кобул: Амирӣ, 2012. -268 с.
4. Ваҳид Мужда. Афғонистон ва панҷ соли султаи «Толибон». – Кобул, 2004. -188 с.
5. Мадориси покистонӣ ва бунёдгароии мазҳабӣ.URL: https://BBC.com. 16.01.2010.
6. Маҳдавӣ Ҷаъфар. Ҷомеашиносии «Толибон». –Кобул: интишороти Саид, 2014 .-280 с.
7. Саид Валӣ Ризо Носир. Пешгомони инқилоби исломӣ: Ҷамъияти исломии Покистон. - Калифорния, 1996. -301 с.
8. Чарлз Коган. Шаркон дар замон: СІІ ва Афғонистон пас аз соли 1979 / Ч. Коган. -Пешовар, 1993. -255 с.
9. [Электронный ресурс]. www. https://payam-aftab.com.


## ШАКЛГИРИИ ИФРОТИЯТИ ИСЛОМӢ ДАР ПОКИСТОН: АЗ АҲДОФИ МИЛЛӢ, МИНТАҚАВӢ ТО АҲДОФИ ҶАҲОНӢ


Он чи имрӯз «ифротгароӣ ё бунёдгароӣ» номида мешавад, падидаи бисёр печидаест, ки дарки решаҳо, амалкард ва дурнамои он ба осонӣ ва ба таври равшан имконпазир нест. Шояд битавон гуфт, ки ин падида маҳсули равандест, ки дар стратегияҳо, сиёсатҳо ва рақобатҳои баналмилалӣ шакл гирифтааст ва таҳти таъсири он рушд хоҳад ёфт. Покистон аз ҷумлаи кишваре аст, ки тайи чанд соли ахир зеҳни доираҳои фикрӣ ва сиёсиро ба худ ҷалб намудааст, чаро ки ин кишвар бо мушкилоте рӯ ба рӯ буда, ки ба таври мустақим ва ғайримустақим ҷомеаи баналмилалиро таҳти таъсир қарор додааст. Яке аз умдатарини ин чолишҳо, ки на танҳо Покистонро, балки инъикоси он дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба осонӣ қобили мулоҳиза мебошад, чолиши ифротияти исломӣ аст. Дар сатҳи миллӣ вуҷуди бархе аносир, монанди мадориси мазҳабӣ, стратегияҳои давлатӣ ва мавҷудияти гурӯҳҳои террористӣ, Покистонро мубаддал ба маркази тафаккуроти тундрави исломӣ намудааст. Дар сатҳи минтақавӣ иртибот ва ҳимоят аз «Толибон» ва бақияи гурӯҳҳои террористӣ дар Афғонистон ва ҳимоят аз гурӯҳҳои тундгарои исломӣ дар манотиқи Кашмири таҳти назорати Ҳиндустон муҷиб шудааст, ки Покистон ба унвони лонаи ошӯбсозӣ дар минтақа муаррифӣ гардад. Радикализми исломӣ дар Покистон на танҳо дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ таъсир дошта, балки пайомадҳои он дар сатҳи ҷаҳонӣ ба шакли бозмондаҳои созмони «Ал-Қоида» ва баъзе гурӯҳҳои дигари ифротӣ бо ҳадаф ва гароишҳои ҷиҳодӣ идома ёфтааст. Саволе, ки ин мақола дар пайи посухгӯӣ ба он баромада, ин аст, ки чӣ гуна тундравии исломӣ дар Покистон метавонад нуфуз ва таъсири худро ба сатҳи миллӣ дар ин кишвар, ба сатҳи минтақавӣ ва дар ниҳот, ба сатҳи ҷаҳонӣ густариш диҳад? Фарзияи ин пажӯҳиш мубтанӣ бар ин аст, ки радикализми исломӣ дар Покистон ҷаҳонӣ фикр намуда, маҳаллӣ ва минтақавӣ амал мекунад.



**Калидвожаҳо:** Тундравии исломӣ, ифротгароӣ, терроризм, мадориси мазҳабӣ, толибон, гурӯҳҳои террористӣ, аҳзоби исломӣ


## ФОРМИРОВАНИЕ ИСЛАМСКОГО ЭКСТРЕМИЗМА В ПАКИСТАНЕ: ОТ НАЦИОНАЛЬНОЙ И РЕГИОНАЛЬНОЙ ДО ГЛОБАЛЬНОЙ ЦЕЛЕЙ


То что сегодня называется экстремизмом или фундаментализмом, является очень сложным явлением и познание его сущности, истоков и перспектив не так легко. Можно утверждать, что это явление результат процесса, который формировался в стратегиях, политике и международном соперничестве и развывалось под влиянием этого процесса. Пакистан входит в число государств, который в течение несколко лет привлекает внимание политических интелектуальных кругов мира, так как эта страна сталкивается с проблемами посредственно или непосредственно, оказывающими влияние на мировое сообщество. В статье речь идет о главной проблеме, не только Пакистана, но и всего региона-проблеме исламского экстремизма. Отмечается, что на национальном уровне наличие религиозных медресе, действия экстремистских группировок превратили Пакистан в центр исламской радикальной мысли. На региональном уровне поддержка талибана и других терростических

групп в Афганистане, поддержка исламских экстремистских групп в подконтрольном Индии Кашмире привели к тому, что Пакистан признается как источник нестабильности в регионе. Исламский радикализм в Пакистане, отмечается в статье не только ощущается на национальном и региональном уровнях, но и его последствия наблюдаются на международном уровне в форме действий террористической организации «Аль-Каида» и других экстремистских и террористических организаций, имеющих джихадистские цели. Основной вопрос на который обращается внимание в статье как исламский радикализм в Пакистане может распространять свое влияние как на национальном уровне, так и на региональном и международном масштабах.

**Ключевые слова**: исламсий радикализм, экстремизм, терроризм, религиозные школы, талибан, террористическая группа, исламский экстремизм, религиозные школы, исламские политические партии.

**FORMATION OF ISLAMIC EXTREMISM IN PAKISTAN: FROM NATIONAL AND REGIONAL TO GLOBAL GOALS**

What is now called extremism or fundamentalism is a very complex phenomenon and knowing its essence, origins and prospects is not so easy. It can be argued that this phenomenon is the result of a process that was formed in strategies, politics and international rivalry and developed under the influence of this process. Pakistan is among the states that for several years has attracted the attention of the political intellectual circles of the world, as this country faces problems mediocrely or directly, influencing the world community. In the flock, we are talking about the main problem, not only Pakistan, but the entire region, the problem of Islamic extremism. It is noted that at the national level the presence of religious madrassas, the actions of extremist groups turned Pakistan into the center of Islamic radical thought. At the regional level, support for the Taliban and other terrorist groups in Afghanistan, support for Islamic extremist groups in India-controlled Kashmir, has led Pakistan to be recognized as a source of instability in the region. Islamic radicalism in Pakistan, the article notes, not only is felt at the national and regional levels, but its consequences are observed at the international level in the form of the actions of the terrorist organization Al-Qaeda and other extremist and terrorist organizations with jihadistic goals. The main issue that is addressed in the article is how Islamic radicalism in Pakistan can spread its influence both at the national level and on a regional and international scale.

**Key words:** Islam radicalism, extremism, terrorism, religious schools, Taliban, terrorist group, tundravi Islom, madorisi mazhab, Tolibon, gurkoi terrorist, Islamic political parties.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммад Довуд Иброхимхел*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **904-13-63-88**

**Information about the author:** ***Muhammad Dovud Ibrokhimhel*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **904-13-63-88**

**УДК 947.084.8(092)**

# ШУҶОАТ ВА МАРДОНАГИИ ТОҶИКИСТОНИЁН ДАР НАБАРДИ НАЗДИ СТАЛИНГРАД

***Қараев Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ғалабаи оламшумули Иттиҳоди Шӯравӣ ва шармандавор шикаст хӯрдани душмани инсоният дар муҳорибаи назди Москва сарфармондеҳони Германияи фашистиро маҷбур сохт, ки аз тарафи ҷанубии давлати паҳновари Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуҷумҳои навбатии худро ба самти Сталинград ва ҳудудҳои Қафқоз оғоз намуда, ҳарчи тезтар ин минтақаи аз нигоҳи иқтисодӣ ва стратегӣ пурқувватро ба зери тасарруфи худ даροранд. Дар таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳорибаи назди Сталинград яке аз саҳифаҳои дурахшон ба ҳисоб меравад, зеро муҳорибаи Сталинград бори дигар нишон дод, ки қувва ва иродаи халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ шикастнопазир аст. Муҳорибаи Сталинград аз 17-уми июли соли 1942 оғоз гардида, 2-юми феврали соли 1943 ба охир расидааст. Ҳарбу зарбҳои назди Сталинград низ мисли муҳорибаи назди Москва ба ду давра тақсим мешаванд. Давраи аввали ин муҳориба давраи муҳофизатӣ буда, он аз 17-уми июл то 18-уми ноябри соли 1942-ро дар бар мегирад, ки ин давраи муҳофизатӣ ва аз 19-уми ноябри соли 1942 то 2-юми феврали соли 1943-ро дар бар мегирад.

Сарфармондеҳони Германияи фашистӣ дар назди худ мақсад гузошта буданд, ки бо кадом роҳе ки бошад, Сталинградро ба даст даροранд. Аз ин хотир онҳо аз набудани фронти дуюм дар Аврупо истифода бурда, моҳи августи соли 1942 дар қаноти чапи фронти Сталинград қувваҳои зиёди амалкунандаи армияҳои “А”ва “Б”-и худро, ки зиёда аз 900 ҳазор аскару афсар, 17000 тӯп ва минамёт, 1260 танк, 1640 самолёт ҷамъ оварда, пас аз ҷангҳои нобаробар дар ҳудуди шаҳрҳои Харков ва Қрим ҳуҷумҳои худро 30-юми июни соли 1942 ба самтҳои Воронеж ва Донбас оғоз намуда, умед бар он доштанд, ки самтҳои

ғарбии Дон ва қӯшуни фронтҳои Ҷанубу Ғарбиро иҳота карда, онҳоро торумор сохта, ба сӯйи Волга ва Қавқози Шимолӣ ҳамла хоҳанд кард.

Ҳайати фармондеҳони Иттиҳоди Шӯравӣ мақсадҳои нопоки фашистони истилогарро фаҳмида, мудофиаи шаҳри Сталинградро пурзӯр намуданд. Кумитаи давлатии мудофиа 12-уми июни соли 1942 фронти Сталинградро таъсис дода, генерал-полковник А.И. Еременкоро сарфармондеҳи ин фронт таъйин кард. Ба мақсади ҳарчи тезтар зада гардонидани ҳуҷумҳои нопоки душмани инсоният, Кумитаи давлатии мудофиа қӯшунҳои хуб таълимёфта ва хуб мусаллаҳгардида барои ҳимоя намудани шаҳри Сталинград равона сохт. Дар ҳарбу зарбҳои Сталинград Кумитаи давлатии мудофиа ҳама имкониятҳоро ба он равона сохт, ки ҳарчи тезтар муқовимати душманро дар самти Сталинград боздошта, ғолибиятро ба даст орад.

бояд саломативу шодии «тан» ва «ҷон», ҳар дуро дар назар дошт. «Вақт»-ро набояд аз даст дод, бояд дар «вақт» болид ва камол ёфт». Ҳофизи Шерозӣ ҳосили «дам»-ро «вақт ва замон» медонад, ки агар аз даст равад, дигар барнамегардад ва «тан ва ҷон» аз он «дам»-и аздастрафта ноком мемонад. «Вақт»-ро ғанимат дон, он қадар ки битвонӣ, ҳосил аз ҳаёт, эй дил, ин «дам» аст то донӣ [1, 44].

Фарози дам, вақт, лаҳза дар саросари афкори сӯфиён омадааст, аммо орифон аз ин вожаҳо бардошти дигар доранд; ориф ҷӯё, пӯё ва толиб аст ... Сӯфӣ ҳам толиб аст, аммо, толиби каромат ва шатҳ. «Ибн-ал-вақт»-и сӯфӣ ноқиз аст, зеро дар ин ҳолат «ҳол» дармегузарад ва ба иллати ҳастӣ як мешавад.

Ҷалолиддини Румӣ барои ин нифоқро аз миён бардоштан «ваҳдат» ва «яксонӣ»-ро баён кардааст. Ин матлаби олии ирфонӣ аз нигоҳи Мавлоно барои пешрафти ҷаҳони ҳастӣ, раҳоии инсон, ҳама дугонагиҳо, тафовутҳо, ҷудоиҳо мусоидат мекунад. Инсон бояд бо ҷаҳони ҳастӣ пайванд ва бо ҳастӣ ва кулли ҳастӣ як шавад. Инсон маҳз дар зери ишқ ва партави меҳр бо Худо саодати «мулки-ал-макон»-ро мебинад. Ин ҷаҳон зулмоту ҷаҳлу тангназарӣ аст, ки фазову ҷояш барои инсон танг аст. Ҷаҳони ишқ – ҷаҳони меҳр аст, ки инсон боиси шодӣ ва хурсандии дигарон мегардад. Ин «зоиши дубора» дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ дар ду саҳна шарҳу эзоҳ дода шудааст, ки саҳнаи дуюм «ёр» - роҳнамои солик аст. «Ман», ки ҳолати хому ногувор аст, ба сӯйи «ту» равон аст. Барои расидан ба «ту» инсон бояд пухта шавад ва «ёр» нахуст ӯро ба фурӯғи меҳр мегирад ва роҳи расоро ба пеши ӯ мегузорад ва дари хонаи «ёр»-ро меҷӯяд. «Ёр» рози ниҳонӣ аст, ки салоҳаш «пайванди роҳ»-и солик аст. Солик ин роҳро бо майли «ёр» тай мекунад, камол меёбад, тадриҷан «ман»-аш камранг шуда, ба «ту» наздик мегардад ва ранги «ту» ба худ мегирад, ба Ҳақ мерасад. Ба маъшуқ як мешавад, ба ҳастӣ мепайвандад. Мехоҳад ба «ёри нозанин» бипайвандад, то парешонии хотирро аз худ дур кунад, «ҷамъияти хотир» ёфта бошад. Ӯ дар тӯлии роҳ, дар роҳи сафар хабарҳо шунида, андешаи шинохт пайдо мекунад. Маънии «талаб»-ро дармеёбад ва мефаҳмад. Аз назари Мансури Ҳаллоҷ ҳам ҳеҷ чиз ҷуз «ёр» нест, агарчи сурати нишонии ӯ низ ба назар афтад, онро ҳам сурати «ёр» медонанд. Чунончи Маҷнун аз камоли ҷазабаи ишқ Лайлиро нашинохт ва пурсид, ки ин кист?

Гуфтанд: Лайлӣ аст, мақсуди ту ва маҳбуби ту.
Гуфт: Лайлӣ худ манам:
Гар он Лайлӣ аз ҳама берун шавад,
Ҳама кӯҳу саҳро чу Маҷнун шавад (2, 34).

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Маърифати нафс» «Маҷнун аз камоли ҷазабаи ишқ Лайлиро нашинохт»-ро чунин ташреҳ додааст: «... арбоби мукошифоту мушоҳидот, ки мазоҳираи сифоту зотанд, мартабаи таҷаллиёт мебинанд, ки зоти эшон ҳама ашё мешаванд ва замину осмон ва ба ваҳдат таҳқиқ мегарданд ва ба фано восил мешавад ва баъд аз фано бақо меёбанд ва яқин медонанд, ки ҳақиқати инсонии ӯст ...» [3, 20]. Ҳама ирфони Ҳаллоҷ дар шеъри маъруфаш чунин хулоса гардидааст:

Ман дигар худ маъшуқ шудаам.
Маъшуқ худи ман шудааст (4, 29).

Дар ирфон пайванди роҳ пас аз сайру сулук ва дидани фарозу фуруд, тоза ба жарфи «ёр» аст. «Ёр» бо дарси ишқ омӯхта мешавад. «Ёр» ба инсон меомӯзад, ки Ишқ аз рисолаи «Қурайшия», «Маҳбуб-ал-қулуб»-й Абӯтолиб, «Асрор-ут-тавҳид», «Кашф-ал-маҳҷуб», «Футуҳоти маккия» ва монанди инҳо фаротар омӯхта мешавад.

Ирфон ба ҳамин тартиб ҳастиро шарҳ медиҳад. Ирфон дар партави Қуръон, суннат, иҷмоъ ва ақл посух медиҳад, ки ҳеҷ ашёи мустақил вуҷуд надорад, ки баъзе аз тариқи ҳавас дар зеҳн таъсир мекунанд ва зеҳн бо дарки худ ба онҳо ноил мегардад. Баъзе ашёҳо ба василаи ақл шинохта мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар ирфон (ирфони назарӣ) нисбати ҷаҳони ҳастӣ назари ориф аз файласӯф тафовут дорад. Дар ирфони назарӣ, ҳастӣ, асмо (номҳо)-и сифоти Худо, инсон ҷаҳонбинии хос аст. Орифон дар биниши ирфонӣ кӯшиш ба харҷ доданд, ки ба «ирфони фалсафӣ» ҳастиро тасвир намоянд, вале дар ҷаҳонбинӣ ирфон дар муқобили фалсафа аст.

Дар баррасии масъалаи инсон ва ҷаҳон масъалаи дигаре миёни орифон баҳс мешавад, ки ба номи «ғурбати инсон дар ҷаҳон» аст. Яъне, инсон дар ин ҷаҳон (дунё) билоди ғурбат дорад, эҳсоси ғурбат мекунад, эҳсоси бегонагӣ мекунад. Орифон мегӯянд: «мо» воқеии мост, ҳамон рӯҳи илоҳӣ, «ва нафахту фиҳи мин руҳӣ» аст – аз ҷойи дигар ин ҷо изофа шудааст ва бояд ба ҷояш баргардад. Аз назари ориф тамоми ҳастӣ ва тамоми ҷаҳон як ҷилваи Хақ аст:

Акси рӯйи ту чу дар оинаи ҷом уфтод,
Ориф аз хандаи май дар тамаи хом уфтод (1, 53).

Фалсафаи мадрасӣ (схоластикӣ) барои исботи вуҷуди Худо се бурҳон пешниҳод кардааст, ки ҷаҳоншинохтӣ (космология), ҳадафшинохтӣ (телеология) ва вуҷудшинохтӣ

(антология) номида мешаванд. Дар космология (ҷаҳоншинохтӣ) ҷаҳон чун маълули муайян ва маҳдуд дониста мешавад, ки бо якдигар робитаи иллат ва маълул доранд; дар ин силсила матлаб ошкор аст, ки як маълул танҳо ба як иллат марбут аст. Дар иртибот миёни иллат ва маълул – ду тарафи ин иртибот нисбат ба якдигар зарурати баробар доранд; фақат бурҳон метавонад «вуҷуд»-ро исбот кунад. Дар бурҳони телеологӣ (ҳадафшинохтӣ) маълул мавриди таҷассус қарор мегирад, то ин ки хусусият ва кайфияти иллати он кашф карда шавад. Дар ин бурҳон вуҷуди ҳикмату ҳадаф ва созгориҳои табиӣ боиси худогоҳӣ мегарданд. Табиат мисли манзумае аст, ки ҳама ашёҳои он бо якдигаранд. Ба ақидаи Декарт ин бурҳон чунин аст: «Гуфтани ин, ки сифате мундариҷ дар моҳият ё дар мафҳуми як шайъ аст, монанди ин аст, ки бигӯем, ки ин сифат дар борaи ин шайъ содиқ аст ва метавон вуҷудашро дар он чиз тасдиқ кард. Вале вуҷуди билзарура дар моҳият ё дар мафҳуми Худо мундариҷ аст. Бинобар ин бо ҳақ метавон тасдиқ кард, ки вуҷуди билзарура дар Худо ҳаст, ё ин ки Худо вуҷуд дорад» [5, 34]. Яъне, вуҷуди як «мавҷуди комил» (Худо)-ро табиат наметавонад «эҷод» кунад, зеро табиат ҷуз тағйир аст. Бинобар ин, иллате вуҷуд дорад, ки он «мавҷуди комил», яъне Худо аст.

Вуҷудшинохтӣ (антология) ва ҳадафшинохтӣ (телеология) андеша ва «вуҷуд»-ро як медонанд ва ин танҳо он вақт зоҳир мегардад ки агар таҷриба дар маърази тафсир қарор дода шавад. Таҷриба се сатҳи аслӣ дорад: сатҳи модда, сатҳи ҳаёт ва сатҳи зеҳнӣ ва худогоҳона. Дар сатҳи зеҳнӣ аз таҷрибаҳои динӣ, ки ҷузъе аз силсилаи куллии таҷриба ҳаст ва берун аз таҷрибаҳои физикӣ аст, иллати ниҳоӣ дарёфт карда мешавад. Ирфон ин иллатро зоти фаъол медонад, ки берун аз он чизи мустақиле (ашё) вуҷуд надорад.

Дар ирфон танҳо ишқ сабаби вуҷуди инсон ва ҷаҳон аст. Ибни Арабӣ дар китоби «Ишқ ва ирфон» таъкид намудааст, ки ҳангоме, ки Худо муҳаббатро ёд мекунад (Худо нафси худро ба нафси раҳмон ёд кардааст), ҳақиқати муҳаббат ин аст, ки муҳаббат дар нафси худ онро меёбад ва ишқ чун имкон ва вуҷуд аст, аммо дар айни ҳол ғайримавҷуд аст, ё ба таъбири дигар «мумкин-ал-вуҷуд» аст [2, 29]. Бинобар ин, муҳаббати асосӣ, асли ҳастии олам - Худо аст ва оламро падидор сохтааст. Ногузирии олам ба сурати Худо бояд бошад ва сурати олам ба асоси қудрату асмои (сифатҳо) Худо аст. Абӯҳомиди Ғаззолӣ низ гуфтааст, ки «мумкин набуда ва нест, ки олами зеботар ва оростатар аз ин олам бошад ва Худои таоло ҳам одамро ба сурати худ офарида ва инсон ҳам маҷмӯъ ва хулосаи ин олам аст ...» [6, 31].

Ибни Арабӣ иброз дорад, ки Худо оламро дар айни худ зоҳир намудааст ва олам маҳалли таҷаллии Ӯ аст. Дар натиҷа, ҷуз ҷамоли худро дар олам мушоҳида накард, пас олам ҷамоли Худо аст ва агарчи ишқу муҳаббат вуҷуд надошта бошад, Парвардигор ҳам шинохта намешавад. Пас, вуҷуди инсон ин ҳангом ба вуҷуди Худо вобаста аст. Ҳангоме ки Худо падид овардани шахсро бихоҳад, дар ҳақиқат сабаби муҳаббати вуҷуди ӯро хостааст.

Ҳамин тариқ, ин усули ҷаҳонбинии ирфонӣ дар фалсафа «низоми аҳсан» номида мешавад. Яъне, дар фалсафа саволе ба миён меояд, ки оё низоми мавҷуд низоми аҳсан аст? Оё низоми аҳсан нисбат ба низоми мавҷуд накутар аст? Файласӯфон бо далелҳо баён мекунанд, ки низоми аҳсан аз тариқи низоми мавҷуд ғайримумкин аст ва «аҳсан» хаёл ва фарзияи як амри маҳол аст. Абӯҳомиди Ғаззолӣ гуфтааст: «Лайса фи-л-имкон абдаъу миммокон», яъне бадеътар аз он чи ҳаст, имкон надорад [5, 102].

Орифон аслан низомро низоми аҳсану аҷмал (зеботарин) медонанд. Барои орифон низоми аҳсан низоми мумкин аст, ҳол он ки файласӯфони моддӣ низоми мавҷударо низоми аҳсан мешуморанд. Дар ирфон Худованди мутаол камоли мутлақ аст ва он чи аз ӯ падид меояд, низоми мумкин аст. Урафо «низоми аҳсан»-ро офарандаи «низоми мумкин» медонанд, яъне Худо иллати асосии мавҷуди олам аст, ки орифон онро инчунин тариқи иллат ва маълул таъбир кардаанд. Тамоми ҷаҳон мазҳаре аз ҳусни рӯйи Худо аст:

Ҳусни рӯйи ту ба як ҷилва, ки дар оина кард,
Ин ҳама нақш дар оинаи авҳом уфтод (7, 104).

Олам, яъне «Худо дар як оина» аст, зеро зоти Ҳақ вуҷуди мутлақ ва камоли мутлақ аст. Ҳофизи Шерозӣ роҷеъ ба олами ирфонӣ гуфтааст:

Дар хароботи муғон нури Худо мебинам,
Ин аҷаб бин, ки чӣ нуре зи куҷо мебинам.
Хоҳам аз зулфи бутон нофагушоӣ кардан,
Фикри дур аст ҳамоно, ки хато мебинам.
Сӯзи дил, ашки равон, оҳи саҳар, нолаи шаб,
Ин ҳама аз назари лутфи шумо мебинам.
Ҳар дам аз рӯйи ту нақше занадам роҳи хаёл,
Бо кӣ гӯям, ки дар ин парда чиҳо мебинам?
Кас надидаст зи мушки Хутану нофаи Чин,
Он чи ман ҳар саҳар аз боди сабо мебинам (7, 105).

Орифон аз Худо оламро мебинанд. Маҷмӯи низом ҳамонест, ки ҷилваи зоти Худо таъбир кардааст, яъне олами ирфон роҳи ишқ аст ба сӯйи ақл. Роҳи ҳикмату фалсафа барои урафо роҳи ақлу фикр аст, ки инсон ба ҳадафи худаш, ки пай бурдани рамзу рози ҳастӣ аст, мерасад. Инсон бояд роҳи ишқро тай кунад, ки роҳи ирфону сулук аст. Инсон дар ирфон мақоми олӣ дорад ва мазҳари томи Худост, оинаи тамомнамои Худо аст. Орифон, ҳатто инсонро олами кабир ва оламро олами сағир (инсони сағир) меноманд. Ҳофизи Шерозӣ инсонро мазҳари ҷомеаи асмоу сифоти илоҳӣ медонад, инсон чун «ҷоми Ҷам» таъбир мекунад:

Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,
В-он чи худ дошт, зи бегона таманно мекард (1, 114).

Яке аз масъалаи дигари ҷаҳонбинии ирфонӣ дар бораи инсон ва ҷаҳон – «инсони қабл-уд-дунё» аст. Инсон мавҷуди моддӣ нест, ки аз нигоҳи фалсафаи моддӣ ҷузъи табиат дониста мешавад, инсон як мавтин (зодгоҳе) қабл аз ин дунё аст. Ба андешаи Афлотун рӯҳи инсон ба ҳамин сурати фардӣ дар як ҷаҳони дигаре аст, мисли мурғе ба ин ошён (ҷаҳон) меояд ва аслаш аз он ҷост [1, 116].

Аз назари орифон шинохти Худо дар ҳастии иллати он аст. Ин иллат иллати офариниш аст. Худо «воҷиб-ал-вуҷуд» аст, ки олами «мумкин-ал-вуҷуд»-ро офаридааст. «Воҷиб-ал-вуҷуд», ки вуҷудаш воҷиб аст, ҳастиаш «мумкин-ал-вуҷуд» аст. Ақли инсон ҳастӣ ва вуҷудеро мебинад, ки «ёр»-и Худо аст - «мумкин-ал-вуҷуд» аст. Олам «мумкин-ал-вуҷуд» аст, ки наметавонад «мумкин-ал-вуҷуд»-ро офарад; ҳама ашёҳо, ки вуҷуд доранд, мумкинанд, пас дар миёни онҳо ҳар замону макон «воҷиб-ал-вуҷуд» вуҷуд дорад.

Орифон «воҷиб-ал-вуҷуд»-ро мин ҳайси ҳува, ҳувияти ғайб ва ҳақиқат-ул-ҳақоиқ, баёзи мутлақ аз нури мутлақ, улуҳият, ҳақ, аҳамияти айн, аҳамияти зотӣ, аҳамияти сифр ва монанди инҳо ном гирифтаанд. Худо ҳар лаҳза аз малакут ба малак ва аз малак ба малакут тасарруф мекунад, аммо илоҳият тамом намешавад. Инсон аз рӯйи зоҳир аз олами малак ва аз рӯйи ботин аз олами малакут аст. Худо вуҷуди инсонро ҳувияти ғайб ва маҷмаи сифот гардонидааст, оинаи дили ӯро бо ҳикмати болиғаи азалия офаридааст.

Орифон рӯҳро азалию илоҳӣ ва ба зоти Худо ягона медонанд. Дар рӯҳ касрату ваҳдат, ҳар ду воқеиянд. Ваҳдат вуҷуди ҳақ аст ва се мартаба дорад: аҳадият, воҳидият ва ваҳдоният. Орифон ваҳдатро ботини касрат ва касратро ботини ваҳдат медонанд, ки олам ва одам аст. Сафи Алимшоҳ фармудааст:

Ваҳдати зоташ таҷаллӣ карду шуд касрат падид,
Боз пайдо з-ин касир он воҳиди яктостӣ.
Орифон гӯянд к-он зоти қадими лобашарт,
Ки на ҷузъасту на кул(л), андар масал дарёстӣ.
Баҳри лоҳаде бурун аз камму кайфу madду ҷазр,
На фузун гаштӣ ба шаъне, не зи шайъе костӣ.
Баҳри аввалро ки зот аст, он ба тартибу вуҷуд,
Нест ҷуз як мавҷу он як ҳазрати асмостӣ (2, 84-85).

Аз назари баҳсҳои ирфонӣ масъулияти инсон ва шинохти инсон баррасӣ гардидааст. Дар ирфони амалӣ ҳолату мақоми инсон дар сайр ба сӯйи Худо иборат аст. Паёмҳои ирфонӣ дар бораи инсон тариқи танбеҳҳо, тамсилаҳо ва рамзҳо гуфта мешаванд.

Инсон дар ирфон мақоми олӣ дорад ва мазҳари томи Ҳақ аст; инсон дарвозаест ба сӯйи ҳастӣ ва ҷаҳон, зеро вожаи «ирфон», агар дар маънии луғат илм ва дониш бошад, дар фарҳанг маънии шинохт ва бозшинохт аст.

### АДАБИЁТ


1. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ирфони Ҳофиз. – Душанбе: Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 1998. – 68 с.
2. Қодиров К. Муллоаҳмад М. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / К. Қодиров, М. Муллоаҳмад. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 256 с.
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Маърифати нафс. Дарё, № 2, 1944. – С. 16-24.
4. Орифони комил / (таҳия ва таҳрири Бобобек Раҳимӣ). –Душанбе: Адиб, 2000. –72 с.
5. Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. – Душанбе, 1997. – 182 с.
6. Ибни Арабӣ. Ишқ ва ирфон / тарҷумаи Сайид Муҳаммад Родманиш. – Теҳрон, 1375 ш. – 204 с.
7. Қодиров К. Риёзи ирфони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / К. Қодиров. -Душанбе: Деваштич, 2008. – 252 с.


### ИРФОН ВА ФАЛСАФА: ФАРЗИЯИ ИНСОН ВА ҶАҲОН


Дар мақола фарзияи инсон ва ҷаҳон дар ирфон ва фалсафа мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таъкид карда мешавад, ки дар ирфон (ирфони назарӣ) нисбати ҷаҳони ҳастӣ назари орифон аз файласӯфон тафовут дорад. Дар ирфони назарӣ, ҳастӣ асмо (номҳои) сифоти Худо аст. Дар баррасии фарзияи инсон ва ҷаҳон орифон пайрави назарияи «ғурбати инсон дар ҷаҳон» мебошанд. Яъне, инсон дар ин ҷаҳон билоди ғурбат дорад ва эҳсоси ғурбат мекунад. Фақат «мавҷуди комил» (Худо) инсон ва ҷаҳонро офаридааст ва Худо худ вуҷуд аст. Худо иллати аввал аст ва сурати олам дар асоси қудрати Худо аст. Ҳамин тариқ, вуҷуди инсон ба вуҷуди Худо вобаста аст. Ин усули ҷаҳонбинии ирфонӣ дар фарзияи инсон ва ҷаҳон «низоми аҳсан» номида мешавад. Файласӯфони моддӣ бо далелҳо баён мекунанд, ки «низоми аҳсан» аз тариқи «низоми мавҷуд»-и ғайримумкин аст ва «аҳсан» хаёл аст. Орифон аслан «низоми аҳсан»-ро низоми аҳсану

аҷмал медонанд. Барои ирфон «низоми аҳсан» низоми мумкин аст, вале фалсафаи моддӣ низоми аҳсанро «низоми мавҷуд» мешуморад: Худо иллати асосии мавҷуди инсон ва ҷаҳон аст, ки орифон онро тариқи иллат маълул таъбир мекунанд; тамоми ҷаҳон мазҳаре аз ҳусни рӯйи Худо аст. Яке аз масъалаи дигари ҷаҳонбинии ирфонӣ дар бораи фарзияи инсон ва ҷаҳон «инсони қабл-ул-дунё» аст. Инсон мавҷуди моддӣ нест, ки аз нигоҳи фалсафаи моддӣ ҷузъи табиат дониста мешавад. Инсон як матвин (зодгоҳое) қабл аз дунё аст. Рӯҳи инсон ба ҳамин сурати фардӣ дар як ҷаҳони дигаре аст. Худо «воҷиб-ал-вуҷуд» аст, ки ҷаҳони «мумкин-ал-вуҷуд»-ро офаридааст. «Воҷиб-ал-вуҷуд», ки вуҷудаш воҷиб аст, ҳастиаш «мумкин-ал-вуҷуд» аст. Инсон ва ҷаҳон «мумкин-ал-вуҷуд»-анд дар миёни онҳо ҳар замону макон «воҷиб-ал-вуҷуд» вуҷуд дорад.
**Калидвожаҳо:** ирфон, фалсафа, инсон, ҷаҳон, ориф, табиат, ақл, ваҳдат, ҳастӣ, замон, макон.

**ИРФАН И ФИЛОСОФИЯ: ЧЕЛОВЕК И ОКРУЖАЮЩИЙ МИР**

В статье рассматривается рассуждения по вопросу ирфана и философии человека и его окружающего мира. Подчеркивается, что согласно данному вопросу существуют расхождения между ирфаном и философией (диалектикой). Серьёзное внимание уделяется вопросу человека «до сотворения». Согласно ирфана, человек не простое творение из праха; он существо из другого мира, что дух человека в субстанции духа человека пребывает в другом мире. В соответствии с этой концепцией, человек в течение своей жизни живёт на земле в качестве странника. В ирфане человек мечтает о бессмертии, о вечности, поэтому в этом мире чувствует себя чужим, также человек в ирфане изображается в образе мечты, желаний, боли, страстей и разлук. Человек и его окружающий мир являются сущностью Бога, а творец вбирает в себя всё сотворенное в собственной субстанции. Философия движения от первопричины в трактовке ирфана является манифестацией Бога и такое тяготение к первопричине свойственно и человеку, но в человеке это тяготение порой скрыто и проходит к движению под всевозможными побудительными факторами. Весь действительный мир является единым существом и всё возвращается к субстанции Бога, к его атрибутам. «Единства сущего» - есть существование вещей-манифестиция субстанции Бога. С точки зрения ирфана, совершенство человека заключается не в том, чтобы в своей памяти хранить какой-нибудь из образов действительности, а в том, чтобы сократить расстояние между Богом и человеком. Более того, существующий мир есть лишь одна манифестация Бога, который является «изначальным разумом». С точки зрения ирфана, Бог имеет подлинность, помимо этого Бог – необходимо сущий, а человек и существующий мир-возможно сущий.
**Ключевые слова:** ирфан, философия, человек, мир, ариф, природа, разум, единства, сущее, время, место.

**IRFAN AND PHILOSOPHY: MAN HUMAN AND THE WORLD**

The article considers the arguments of the Irfan and philosophy on the subject of man and his surrounding world. It is emphasized that, according to this question, there are discrepancies between the Irfan and philosophy (dialectics). Serious attention is paid to the question of man "before creation." According to the Irfan, man is not a mere creature of dust; he is a being from another world, that the spirit of man in the substance of the spirit of man is in another world. In accordance with this concept, a person during his life lives in the land as a pilgrim. In irfan, a person dreams of immortality, of eternity, therefore in this world he feels himself a stranger, also a person in irfan is portrayed in the form of dreams, desires, pains, passions and separations. Man and his world are the essence of God, and the creator absorbs all created in his own substance. The philosophy of movement from the root cause to the interpretations of the irfan is a manifestation of God, and that such gravitation is inherent in man as well, but in man this attraction is sometimes hidden and passes to the movement under all sorts of stimulating factors. The whole real world is a single being and everything returns to the substance of God, to its attributes. "Unity of existence" - is the existence of things-the manifestation of the substance of God. From the point of view of the Irfan, the perfection of man does not consist in preserving in his memory any of the images of reality, but in reducing the distance between God and man. Moreover, the existing world is only one manifestation of God, which is the "original mind". From the point of view of the Irfan, God has authenticity; besides this, God is essential, and man and the existing world are possible. All beings in the world are "possibly-existent," therefore, among them there is no "necessarily-existent," for "the necessary-being" can not be "possible". "Necessarily-existent" is unknowable, because it has neither description nor image.
**Key words:** irfan, philosophy, man, world, arif, nature, mind, unity, existence, time, place.

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Каримджон*** - Таджикский надциональный университет, доктор философских наук, профессор. **Адрес:** 735416, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Исмоил Сомони 14. E-mail: **filosofia@mail.ru.** Тел: **985-19-22-25**

**Information about the author:** ***Kodirov Karimjon*** - Tajik National University, Doctor of Philosophy, Professor. Address: 735416, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ismoil Somoni Avenue 14. E-mail: **filosofia@mail.ru.** Tel: **985-19-22-25**

**УДК 314/316**

# ТАМОЮЛОТИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ТЕРРОРИЗМУ ИФРОТГАРОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Маҳмадиев Н.Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Инкишофи ҷомеаи муосир хеле пуртазод аст. Бухрони иқтисодии ҷаҳонӣ, глобализатсия, бархӯрди геополитикии абарқудратҳо, ба монанди ИМА, Россия, Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои Арабӣ ва Хитой таъсири бухронро махсусан ба кишварҳои исломӣ ва рӯ ба тараққии ҷаҳон боз ҳам зиёд карда истодаанд. Ҷаҳони муосир дар марҳилаи тақсими нави ҷаҳон қарор дошта, сурати моҷароҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодиро боз ҳам зиёдтар мекунанд. Ин омилҳои хоҳу нохоҳ суръати афзоиш ва

паҳншавии экстремизми динӣ ва терроризмро боз метезонанд. Воқеаҳои даҳсолаи охир дар Ню-Йорк, Мадрид, Лондон ва Париж нишон дода истодаанд, ки аз хатари экстремизм ва терроризм ҷомеаҳои муосир низ берун буда наметавонанд. Зиёда аз ин, ҷомеаҳои муосир назар ба ҷомеаҳои анъанавӣ назди ин зуҳуротҳои иҷтимоӣ, яъне экстремизм ва терроризм осебпазиртар мебошанд.

Мазмуну моҳият, шакл ва ҳатто маҷмӯи сабабиятҳои терроризм охири қарни XX куллан тағир ёфта, нақши терроризмро дар муборизаи сиёсии ҷаҳон боло бурдааст, инчунин мушоҳида мешавад, ки нақши терроризм ҳамчун воситаи таҷовузи сиёсӣ низ тағйирпазир шудааст. Тағйиротҳои бавуҷудомада хатари терроризмро нисбати бехатарии миллии Тоҷикистон якбора зиёд намуд. Бояд қайд кард, ки тағйиротҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон мазмуну моҳият ва доираи фаъолияту фарогирии терроризмро дигаргун намуда, хатари ин зуҳуроти иҷтимоиро боз ҳам зиёдтар карда истодааст [1,с.31]. Ин тамоюлҳо хосияти гуногун дошта, паҳлуҳои идеологӣ, ташкилӣ ва таҷрибавии терроризмро дар бар мегиранд. Як қатор душвориҳои феълии мубориза бо зуҳуротҳои экстремистию террористӣ дар Консепсияи мубориза бо терроризми Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гаштаанд [2,с.14].

Донистану ба назар гирифтани маҷмӯи омилҳои вучудошта ё танҳо ташаккулёбанда шарти зарурии баҳогузорӣ, пешгирию мубориза ба ин зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ ва ҷиноятӣ дар ҳоли ҳозир ва ояндаи наздик мебошад. Тамоюлоти хатарноки терроризм дар он зоҳир мегардад, ки зуҳуротҳои террористӣ хосияти ҷаҳонӣ касб карда, ҳудуди ҷуғрофии паҳншавии он васеъ гашта истодааст, ки мубориза бо ин зуҳуроти номатлубро хеле душвор мегардонад. Зарур аст, ки ба сиёсати зиддитеррористӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шавад, то ки омилҳою тамоюлотҳои паҳншавии ифротгароию терроризм пешгирӣ шаванд. Тамоюлоти паҳншавии гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ мушоҳида шудааст ва нисбати ин масъала корҳою тадқиқотҳои зиёди илмӣ вуҷуд доранд. Аммо, вобаста ба инкишоф ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, зиддиятҳои ғоявию сиёсӣ байни абарқудратон, махсусан байни ИМА ва Русия умуман, зиддиятҳои фарҳангию қавмиро дар сатҳи ҷаҳонӣ боз ҳам тезонида истодаанд. Дар даҳсолаи охир вобаста ба равандҳои дар боло зикршуда вазъияти динии ҷомеаи мо тағйир ёфтааст [3,с.64-68]. Махсусан, фаъолшавии ҳаракати ифротию террористии «Салафия», «Ансоруллоҳ» «Ҳизби исломии Ӯзбекистон» ва эълон шудани ҲНИТ ҳизби ифроти-террористӣ, вазъияти динӣ – сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷикро каме дигаргун кард. Дар сатҳи болои идоракунии сиёсӣ дарк ва азм карда шуд, ки пеши роҳи равандҳои моҷаробунёдкунанда гирифта шавад, то ҳодисаҳои аввалҳои солҳои 90-ум такрор нашаванд. Вазъияти иҷтимоӣ – сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон бо шарофати сиёсати санҷидашуда, мукаммал ва сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар самти барои давлату ҷомеа зарур инкишоф ёфта истодааст. Қувваҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои манфиатдори бегона муттасил аз пайи вайрон кардани фазои ороми ҷомеа ва давлати мо буда, яке воситаҳои асосии таъсирасонии онҳо дастгирии гурӯҳҳои ифротӣ дар Тоҷикистон ва сарҳади он мебошад. Вазифаи аввалиндараҷаи давлат ва ҷомеа аз он иборат аст, ки вазъи иҷтимоии ҷавонон баланд бардошта, фарогирии онҳоро ба таълиму тарбия ва шуғл таъмин намоянд. Дар паҳншавии зуҳуроти экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон дасти гурӯҳҳои байналмилалии экстремистию террористӣ ва кишварҳои алоҳидаи хориҷӣ ба таври аъло мушоҳида мешавад.

Тамоюлоти дар боло зикршудаи паҳншавии терроризм бо тамоюлҳои иҷтимоии ин зуҳуроти хатарнок алоқаманд буда, пайвастшавию алоқамандии ин тамоюлҳою омилҳо пайдоиши паҳншавии хатарҳои террористиро дар миқёси ҷаҳон боз ҳам зиёдтар менамоянд. Омилҳои берунаи пайдоишу паҳншавии терроризм инкишоф ёфта истодаанд. Як қатор кишварҳо бо мақсади амалинамоии мақсадҳои геополитикию ғасбкоронаи худ терроризмро ба сифати воситаи сиёсӣ истифода менамоянд. Гурӯҳҳои манфиатдори инкишофи экстремизму терроризм дар кишвари мо фишангҳои идеологию иқтисодиро фаровон истифода мебаранд, то ки иштирокчиёну пайравони гурӯҳҳои террористию экстремистиро ба самти барои онҳо лозима равона созанд [4].

Усулҳо ва шаклҳои фаъолияти террористӣ муттасил тамоюли инкишоф дошта, мустаҳкам ва бисёрсамта мебошанд. Бо васеъ гаштани доираи мақсаду объекти фаъолияти террористӣ, инкишоф ёфтани илм, техника ва технологияи муосир, шакл, восита ва тарзи гузаронидани амалҳои террористӣ низ тағйир меёбанд. Васеъшавии имкониятҳои бурдани фаъолияти террористӣ дар шароитҳои гуногуни ҷуғрофию сиёсӣ, фарох гаштани миқёси гузаронидани амалҳои террористӣ ва зиёд шудани натиҷаи харобиовари он, таъсиррасонии пуршиддату бадвоҳимаи фаъолияти террористӣ, омехташавии терроризм бо дигар шаклҳои таҷовузи сиёсӣ натиҷаи равандҳои дар боло зикршуда мебошанд.

Шаклҳои терроризм, ба монанди ташкилӣ, таҷовузӣ ва тарғиботӣ – иттилоотӣ дар замони муосир ба ҷомеаи муосир хатари калон доранд. Гурӯҳҳои ифротию террористӣ

дар инкишофу мукаммал шудани шаклу усулҳои корбарӣ, коркарду татбиқнамоии воситаю усулҳои нави фаъолияти террористӣ ва татбиқ намудани онҳо дар амал аз тамоми воситаҳои молиявию техникӣ истифода менамоянд. Як нуқтаро бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон зиёда аз 80 ҷинояткориҳои самти ифротию террористӣ дошта ба қайд гирифта шудаанд. Ин рақам барои кишвари хурд хеле зиёд аст ва бояд ҳар як сохтори давлатӣ дар мубориза ва пешгирии ин зуҳурот муваззаф бошанд.

Солҳои охир мушоҳида мешавад, ки фаъолияти террористӣ хосиятӣ муташаккилонаро касб кардааст ва ин омил хатари терроризмро боз ҳам зиёд мегардонад. Махсусан, дар ин самт терроризми самти динӣ, этномиллӣ дошта фаъолияти муташаккилонаи худро боз ҳам фаъол кардаанд. Ин шаклҳои терроризм ба ташкили сохторҳои террористӣ ва ҳам ба ташкили тактикаи фаъолияти террористии таҷовузӣ, иттилоотӣ – тарғиботӣ ва дигар шакли зоҳиршавии он алоқаманд мебошад. Ташкили гурӯҳҳои калони террористӣ бо инфрасохтори инкишофёфта, мавҷудияти роҳҳою воситаҳои мустаҳкаму мукаммали робита бо доираҳои сиёсии кишварҳои хориҷӣ ва ҳаракатҳои ифротӣ, ифодагари дақиқи тамоюлҳои дар боло зикршуда мебошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки сохторҳои террористӣ аз воситаҳои муосири алоқа, махсусан интернет, самаранок истифода мебаранд. Тамоми дастгоҳҳои тарғиботиро барои ҷалб кардани пайравони нав ба воситаи интернет ба роҳ монда, аз ин ҳисоб сафи худро дар тамоми ҷаҳон зиёд менамоянд. Гуфтан мумкин аст, ки интернет роҳи осону самараноки тарғиботи ақидаҳои ифротию террористӣ мебошад ва гурӯҳҳои террористию ифротӣ ин афзалиятро дарк кардаанд.

Вобаста ба ин масъала муҳаққиқи рус А.П. Шевчик қайд менамояд, ки «Мавқеи асосиро дар таъсиррасонии ғоявӣ ба ҷавонон интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ишғол мекунанд, ки имкониятҳои мавҷудаи онҳо ба ҳайси воситаҳои робита барои ҳамоҳангсозии фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ, ҷустуҷӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, василаҳои ҷалбкунӣ ва фиреби аъзои нави ҳаракатҳои ифротию радикалӣ истифода бурда мешаванд» [5,с.27-31]. Аз ин рӯ, воқеияти нави иттилоотӣ - коммуникатсионии ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки муносибатҳои навинро ба ҳамкориҳои мутақобилаи ҷавонон ба роҳ монем то ки пеши роҳи тарғиботи густурдаи гурӯҳҳои ифротию террористӣ гирифта шавад. Зарур аст, ки таъсири манфии сарчашмаҳои тарғиботи ифротию террористӣ коҳиш дода шавад ва ба ин минвол то андозае ғояҳои зӯроварӣ ва оштинопазирии нажодӣ барҳам дода шаванд.

Аён аст, ки таъминоти моддӣ – техникӣ ва молиявии терроризми муосир бо инкишоф ёфтани мақсадҳо ва ҳудуди фарогирию паҳншавии терроризм ва гурӯҳҳои ифротӣ алоқаманд мебошад. Дар ин раванд як қатор кишварҳои хориҷӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда, доираҳои сиёсӣ ва корпоратсияҳои фаромиллӣ ба сифати ташкилкунандагони фаъолияти террористӣ баромад менамоянд ва гурӯҳҳои ифротиро ҳаматарафа дастгирӣ менамоянд [6,с.194-196]. Тамоюлоти мазкур ифодагари он мебошад, ки гурӯҳҳо ё кишварҳои алоҳида субъектҳои фаъолияти террористию ифротиро, ки дорои унсурҳои сохтории қонунию ғайриқонунӣ мебошанд, бо манбаъҳои мувофиқи молиявӣ ва моддӣ – техникӣ таъмин менамоянд. Таъминоти моддию молиявии фаъолияти террористӣ ва гурӯҳҳои ифротӣ ба воситаи фондҳои ғайридавлатӣ, бо иштироки намояндагони хадамоти кашшофӣ амалӣ карда мешаванд. Гурӯҳҳои динию этникӣ мувофиқи нишонаи қавмию динӣ гурӯҳҳои террористию ифротиро аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ менамоянд. Масалан, дар Ироқ ва Сурия гурӯҳи ифротию террористии Ал-қудс ва Ҳизбуллоҳҳро, ки асосан аз пайравони шиамазҳабон ва Алавиҳо ташкил ёфтааст, аслан Эрон дастгирӣ менамояд. Ҳаракати ифротии ДИИШ, ки асосан аъзоёнаш суннимазҳаб мебошанд, Арабистони Саудӣ, Қатар ва ИМА пуштибонӣ менамоянд. Гуфтан мумкин аст, ки дар Ироқу Сурия ҷанги динию мазҳабӣ рафта истодааст, аммо мутаассифона, қурбони ин кашмакашиҳо асосан одамони бегуноҳ, кӯдакон, занон ва пирон мебошанд. ИМА ва Русия худро хайрхоҳи миллати мазлуми Сурия ва Ироқ нишон дода, дар амал тарҳҳо ва манфиатҳои геопалитикии худро пиёда карда истодаанд. Барои онҳо маргу қурбонии кӯдакон, ҷавонон, занон ва пирон ҳеҷ қурбу манзалате надорад.

Маълум аст, ки терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуб ба ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад ва рафъи ин омил диққати махсуси муҳаққиқони соҳа, давлат ва ҷомеаро талаб менамояд. Инкишофи қудрати ҷангии сохторҳои террористӣ, авҷ гирифтани таъсири таҷовузкоронаю бадвоҳимаи он, зиёдшавии қурбониёни амалҳои террористӣ вобаста ба инкишоф ёфтани воситаҳои харобиовару вайронкунандаи фаъолияти террористию ифротӣ, кӯшиши дастрасӣ ёфтани гурӯҳҳои террористию ифротӣ ба яроқи қатли ом ва истифодаи он хусусияти хосси ин равандро ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии арабии Сурия ҳолатҳои ҷой доштани истифодаи яроқи қатли ом ва биологию кимиё исботи худро ёфтанд. Аммо то ҳол маълум нашудааст, ки кадом гурӯҳҳои ифротӣ, монанди ДИИШ,

«Ҷабҳат-ан-Нусра» ё қӯшунҳои давлатӣ яроқи биологиро истифода намудаанд. Абарқудратҳои манфиатдор ва гурӯҳҳо гуноҳи истифодаи яроқи биологиро ба якдигар вогузор менамоянд. Ҷолиби диққат аст, ки гуруҳои террористию ифротӣ фаъолияти террористию тарғиботӣ, таҷовузкорӣ, қатлу куштори одамони бегуноҳро бо идеологияҳои гуногуни ифротӣ, радикалӣ ва махсусан бо дини ислом сафед ва асоснок менамоянд, ки мутлақо иштибоҳ мебошад.

Ба ақидаи муҳаққиқон, терроризму ифротгароии муосир барои паҳн кардани фаъолияти тахрибкоронааш ба ҳудудҳои васеи иҷтимоӣ – сиёсӣ ва кишварҳои мухталифи олам бо гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккилонаи фаромиллию миллӣ, ки ба бехатарии шахсият, ҷомеа ва давлат таҳдид менамоянд, забон як карда, якҷоя фаъолият менамоянд. Гурӯҳҳои террористию ифротӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил ба ҳамкории якҷоя манфиатдор мебошанд. Масалан, дақиқ аст, ки гурӯҳи ифротии ДИИШ барои ноил шудан ба мақсадҳои худ оиди пурра фатҳ кардани ҳудуди Сурия ва Ироқ бо дигар гурӯҳҳои ифротию террористӣ, монанди «Ҷабҳат – ан – Нусра» ҳамкории зич доранд. Баъди танг шудани вазъияти ДИИШ дар Сурия ва Ироқ иштирокчиёни фаъол ва пайравони онҳо ба Афғонистон сар даровардаанд, ки метвонанд ба ин роҳ вазъияти сиёсӣ – иҷтимоӣ ва иқтисодии ин кишваро боз ҳам бадтар гардонанд. Кишварҳои ҳамсарҳади Афғонистон ба монанди Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркменистон хатари ин ҳаракати ифротӣ – террористиро ба бехатарии худ эҳсос менамоянд. Сафи аъзоёни ДИИШ дар Афғонистон бо маълумотҳои тасдиқнашуда духазооро ташкил медиҳад. Ба ҳайати ҳаракати ифротии ДИИШ намояндагони "Ҳизб – ут - таҳрир", "Ансоруллоҳ", "Ҷамоати Таблиғ", "Ҳизби исломии Ӯзбекистон" дохил мешаванд [7]. Бо пешниҳоди Прокуратураи генералӣ 17 созмону ҳаракат ва гурӯҳу равияҳо бо қарори суд экстремистиву террористӣ эътироф гардида, аввалин Стратегияи миллӣ оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм таҳия ва тасдиқ карда шуд [8].

Омили таъминоту дастгирии молиявию иқтисодӣ барои фаъолияти террористӣ ва гурӯҳҳои террористию ифротӣ нақши муҳим дошта, сохторҳои гуногуни давлатҳои алоҳида, як қатор фондҳои байналмилалӣ, махсусан аз Шарқи Наздик, инчунин гурӯҳҳои ҷиноятпеша дар маблағгузории терроризм нақши муҳим доранд. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки гурӯҳҳои террористию ифротӣ дар асл ҳимоятгари манфиатҳои миллату қавмҳои алоҳида набуда, балки аз номи онҳо суиистифода намуда, манфиатҳои гурӯҳию шахсии худро тарғиб менамоянд. Муттаҳидшавии ҷинояткории муташаккил ва терроризм раванди хатарнок буда, осоиштагии давлату ҷомеаро зери хатар мегузорад. Дар баробари ин, ҳолатҳое мушоҳида шудаанд, ки равиши инкишоф ва сиёсати гурӯҳои террористию экстремистӣ ва идеологияи онҳоро гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпешаи хосияти этникӣ дошта муйян менамоянд. Масалан, ибтидои солҳои 90-ум ба саҳнаи сиёсии Тоҷикистони мустақил шахсиятҳое баромаданд, ки ба олами ҷиноӣ дахл доштанд, ки баъдан фаъолияти террористию ифротиро пеша карданд ва ҳамчун қумондонҳои саҳроӣ машҳур шуда, минтақаҳои алоҳидаи кишварро муаррифӣ менамуданд [9,с.25-41].

Омилҳои пайдоишу инкишофи терроризм, ки дар боло таҳлил шуданд, сабабҳои объективию субъективӣ дошта, барои бехатарии миллӣ, низому тартиби ҷаҳонӣ, устувории муносибатҳои байнидавлатию дохилидавлатӣ ва ҷамъиятӣ хатар бунёд менамоянд. Таҳлили тамоюлҳои зикршуда дар ҳамбастагию робитаи мутақобила, таҳқиқи раванди гуногунҷабҳаю инкишофи мазмун ва шаклҳои терроризм, ҳамчунин маҷмӯи фарохи сабабиятҳои терроризм ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ ба амнияти миллии Тоҷикистон хатари ҷиддӣ дорад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки терроризмро зуд бартараф кардан имконнопазир мебошад, зеро он хосияти дуру дароз дорад, чунки асоси терроризмро зиддияту моҷароҳои гуногун ташкил медиҳад. Аммо мо бояд дар пешгирию мубориза бо ин вабои аср тамоми чораҳоро андешем, то онро дар ҳамбастагӣ бартараф намоем.

Терроризму ифротгароӣ вабои қарни XXI буда, хатари он ба амнияти миллии Тоҷикистон гуногунҷабҳа ва дақиқ мебошад. Терроризму ифротгароӣ амнияти миллӣ ва ба сегонаи ҷавҳарии он яъне ҷомеа, шахсият ва давлат таъсири мустақиму ғайримустақим дошта, асосҳои моддию маънавии ҷомеаро вайрону халалдор месозад. Раванди паҳншавии терроризму ифротгароӣ водор менамояд, ки давлат тамоми қувва ва истеъдоди дастгоҳҳои давлатиро бар зидди мубориза ба терроризм истифода намуда, манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахсиятро ҳимоя намояд. Дар мубориза бо ифротгароию терроризм Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гаштааст:

1. барномаи мукаммали мубориза бо зуҳуротҳои ифротӣ, террористӣ қабул гаштааст ва тамоми сохторҳои давлатӣ онро иҷро менамоянд;

2. қонунгузорӣ нисбати зуҳуротҳои ифротию террористӣ таҷдиди назар шуда, мувофиқи замон гардонида шудаанд;

3. таблиғоти идеологӣ бар зидди гурӯҳҳои ифротию террористӣ, бегонапарастӣ мустаҳкам гаштааст. Гуфтан мумкин аст, ки тарғиботи идеологӣ зидди ин вабои асри XXI ба қисми муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Истифодаи нерую қудрати созандаи давлат ва ҷомеа асоси сиёсати давлатии мубориза бар зидди зуҳуротҳои ифротию террористиро ташкил медиҳад. Ташаккули системаи давлатии мубориза бо ифротгароию терроризм қадами муҳим дар роҳи боло бардоштани сифату самаранокии ҳимояи давлат, ҷомеа ва шахсият дар баробари хатари паҳншавии терроризм мебошад. Воситаҳои муосири мубориза бо терроризму ифротгароӣ, аз қабили тарбия ватанпарварӣ, тарғиби худшиносию худогоҳии миллӣ миёни ҷавонон ва тамоми ҷомеа ва кишвар, бояд самаранок истифода бурда шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Монография / Н.Д. Маҳмадиев. -Душанбе, 2013. – С.31.
2. Холиқов А.Ғ. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм». Монография / А.Ғ.Холиқов. -Душанбе, 2014. - С.14.
3. Маҳмадиев Н.Д. Проявление экстремизма в условиях глобализации / Н.Д. Маҳмадиев // Илм ва фановарӣ. – ДМТ, 2016. -С.64-68.
4. Эль Мюрид. «Исламское государство» и Россия. Столкновение неизбежно? Монография / Эль Мюрид. – М.: Книжный мир, 2016. -256 с.
5. Шевчик А.П. Место и роль вуза в формировании антиэкстремистского и антитеррористического сознания молодежи / А.П. Шевчик // Создание воспитательной антиэкстремистской и антитеррористической среды в современном вузе: (Материалы Международной научно-практической конференции 14-15 апреля 2016 года) СПбГТИ(ТУ). – 2016. – С.27–31.
6. Майкл Вайс. Исламское государство: Армии террора Монография // Майкл Вайс, Хасан Хасан; пер. с англ. - М.: Альпина нон-фикшн, 2016. -С.194.
7. Таджикистан и Синьцзян под прицелом ИГИЛ [электроный ресурс]. – URL: http://www.gumilev-center.tj/tadzhikistan-i-sintsyan-pod-pritselom-igil/
8. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура [электроный ресурс].– URL: http: // www. prezident.tj/ node/17248
9. Солоник Н.В. Страницы эпохи распада СССР: гражданская война в Таджикистане [электроный ресурс]. – URL: https://cyberleninka.ru
10. Хасан Мухаммад. Источник террора: Идеология ваххабизма-салафизма. Монография / Мухаммад Хасан. -М.: ЦСПИ, 2005.
11. Россия – Центральная Азия – радикальный ислам. -М.: Восток-Запад, дипломатическая академия МИД России, 2009. - С. 11.


## ТАМОЮЛОТИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ТЕРРОРИЗМУ ИФРОТГАРОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар мақола тамоюлоти паҳншавии гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки нисбати ин масъала корҳою тадқиқотҳои зиёди илмӣ вуҷуд доранд. Аммо, вобаста ба инкишоф ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, зиддиятҳои ғоявию сиёсӣ байни абарқудратон, махсусан байни ИМА ва Русия, зиддиятҳои фарҳангию қавмӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ боз ҳам тезутунд шуда истодаанд. Дар даҳсолаи охир вобаста ба равандҳои дар боло зикршуда вазъияти динии ҷомеаи мо тағйир ёфтааст. Махсусан, фаъолшавии ҳаракати ифротию террористии «Салафия», «Ансоруллоҳ» «Ҳизби исломии Ӯзбекистон» ва эълон шудани ҲНИТ ҳизби ифротӣ-террористӣ, вазъияти динӣ – сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷикро каме дигаргун кард. Дар сатҳи болои идоракунии сиёсӣ дарк ва азм карда шуд, ки пеши роҳи равандҳои моҷаробунёдкунанда гирифта шавад, то ҳодисаҳои аввалҳои солҳои 90-ум такрор нашаванд. Истифодаи нерую қудрати созандаи давлат ва ҷомеа асоси сиёсати давлатии мубориза бар зидди зуҳуротҳои ифротию террористиро ташкил медиҳад. Ташаккули системаи давлатии мубориза бо ифротгароию терроризм қадами муҳим дар роҳи боло бардоштани сифату самаранокии ҳимояи давлат, ҷомеа ва шахсият дар баробари хатари паҳншавии терроризм мебошад.



**Калидвожаҳо:** терроризм, экстремизм, идеология, терроризми динӣ, ДИИШ, ҲНИТ, "Ҷабҳат – ан-Нусра", Ансоруллоҳ, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ИҶШС, Ироқ, Сурия, салафия.


## ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ


В статье делается попытка определить тенденцию развития терроризма в Таджикистане. Тенденция распространения экстремистских и террористических групп в Республике Таджикистан наметилась после развала СССР и с началом гражданской войны в Таджикистане, и нужно подчеркнуть, что за последние годы появилось много научных исследований по данной тематике. Однако из-за развития глобализации, политических и идеологических противоречие между США и Россией, обострились культурно-этнические противоречия и конфликты на глобальном уровне. В последнее десятилетие, в зависимости от вышеупомянутых процессов, и с появлением религиозно-экстремистских и террористических организации обострилась религиозная ситуация в Таджикистане. В частности, после активизации экстремистских течений «Салафия», «Ансоруллах», «ИГИЛ» и объявления верховным судом ПИВТ как террористического движения изменилась религиозно-политическая и культурная ситуация таджикского общества. На высшем политическом уровне было принято решение о борьбе с проявлением экстремистских и террористических явлений с целью неповторения ситуаций, похожих на те, которые были в начале 90-х годов в Таджикистане. Созидательное использование государственной власти и общества составляет основу государственной политики против экстремистской идеологии. Создание эффективного государственного управления является основным условием противодействия экстремизму и терроризму. Развитие сильного государства является важным шагом в повышении качества и эффективности защиты самого государства, общества, личностей.



**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, идеология, религиозный терроризм, ИГИЛ, ПИВТ, джабхат – ан-нусра, ансоруллах, гражданской войны в Таджикистане, СССР, Ирак, Сирия, салафизм.

**MAIN TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF TERRORISM AND EXTREMISM IN TAJIKISTAN**

The article makes an attempt to determine the tendency of the development of terrorism in Tajikistan. The tendency of the spread of extremist and terrorist groups in the Republic of Tajikistan developed after the collapse of the USSR and the beginning of the civil war in Tajikistan, and it should be emphasized that in recent years there have been many scientific studies on this topic. However, due to the development of globalization, political and ideological contradictions between the United States and Russia, cultural and ethnic conflicts and conflicts at the global level have escalated. In the last decade, depending on the above-mentioned processes, and the emergence of religious extremist and terrorist organizations, the religious situation in Tajikistan has worsened. In particular, after the activation of the extremist currents "Salafia", "Ansorullah", "IGIL" and the announcement by the Supreme Court of the party of Islamic revival of Tajikistan as a terrorist movement, they changed the religious, political and cultural situation of the Tajik society. At the highest political level, it was decided to combat the manifestation of extremist and terrorist phenomenon in the name of not repeating situations similar to those that were the beginnings of the 1990 in Tajikistan. The creative use of state power and society forms the basis of state policy against extremist ideology. The creation of effective public administration is the main condition for countering extremism and terrorism. The development of a strong state is an important step in improving the quality and effectiveness of the protection of the state itself, society, individuals.

**Key words:** Terrorizm, extremizm, ideologi, religion тerrorizm, IGIL, PIRT, Jabhat – an – nusra, nansorulloh, civil war in Tajikistan, USSR, Irak, Suriy, salafiy.

**Сведения об авторе:** ***Махмадиев Н.Д.*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент, декан факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, Рудаки, 17. E-mail: **nozim2985@mail.ru** Телефон: **939-32-59-42**

**Information about the author:** ***Mahmadiev N.D.*** - Tajik National University, candidate of Philosophy, Associate Professor Dean of the Faculty of Philosophy of the. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. E-mail: **nozim2985@mail.ru** Phone: **939-32-59-42**

**УДК : 1 + 891.550 (091)**

# НАҚШИ АХЛОҚ АЗ НИГОҲИ НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

***Абӯбакри Мирзоаҳмади Грезода***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ахлоқ ва тарбияи ахлоқӣ аз дер боз ва дар ҳама давру замонҳо мавриди таваҷҷуҳи олимону файласуфон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва волидайн қарор доштааст. Ахлоқ яке аз масъалаҳоест, ки мавриди таваҷҷуҳи дини муқаддаси ислом ва ба табъи (сиришт, табиат)-и муҳаққиқону файласуфони мусалмон қарор гирифтааст. Насируддини Тӯсӣ ҳам яке аз мутафаккирони забардасти тоҷику форс аст, ки ба таърифи хулқ ва ахлоқ, нақши он дар зиндагӣ ва камоли инсонӣ пардохтааст. Насируддини Тӯсӣ ахлоқро устувор будан дар нафс медонад, ки рафтори муносиб ба даст меояд, бидуни ин ки ба фикру андешаҳои зиёд ниёз дошта бошад. Ба ақидаи ӯ, сарчашмаи пайдоиши ахлоқ дар нафс аз ду чиз оғоз мегардад:

1. Табиати инсонӣ: яъне мардум ба таври табиӣ ахлоқи гуногун доранд. Баъзе аз онҳо хушахлоқу меҳрубонанд ва бархе дигарашон бадкору бадахлоқанд, мардумгурезанд, бо андак нороҳатӣ хашмгин мешаванд. Ба ибораи дигар, шахс бо рафтори хеш нишон медиҳад, ки дар заминаи ахлоқи наку аз дигарон фарқ мекунад.
2. Одатҳо: ин қудрат бар тавоноӣ нафс мебошад, ки барои асари такрори коре барои нафс кайфияти чизе падид меояд, ки агар он ҳолат ва кайфияти чизе, ки сареъ (тез) ба нест шудан бошад ва агар бемушкилӣ майл ба нестшавӣ надошта бошад, ҳамеша бимонад, он гоҳ қудрат бар тавоноӣ одат аст [8,с.101, 102].

Яъне, ҳар амале, ки нафс бар он тоқатфарсо бошад ва он амал тез барои азбайнравӣ майл накунад, нафс аз ӯ рӯ нагардонад, барои бозтакроркунии он амал саъю кӯшиш кунад, пас ин одат мешавад.

Аз нигоҳи ҷомеаи имрӯза барои сифату ахлоқи нек бояд пайваста рафтори муносиб анҷом дод, то ба дараҷае, ки он хулқи наку дар нафс аз ҳоли аз байн равӣ, ба одат мубаддал гардад ва барои нафс неруе шавад, ки нафс таскин ёбад. Масалан, ҳар шахсе мехоҳад ба фазилати шуҷоат муяссар гардад, бояд ба анҷом додани амалҳои шуҷоона ба сабру таҳаммулпазирӣ нафсро одат кунонад, дар ин маврид тарси беҷо ва бемавридро аз худ дур созад. Дар ҳар маротибае, ки ин хислатҳоро анҷом медиҳад, бояд таваҷҷуҳи хешро нисбат ба ин амалҳо зиёд ва дучанд гардонад.

Насируддини Тӯсӣ дар рисолаи хеш «Ахлоқи Носирӣ» чунин мефармояд, ки «ахлоқ илме аст, ки дар бораи нафси одамӣ аз он ҷиҳат, ки дорои малакоти нафсонӣ аст ва аз ӯ афъоли иродӣ писандида ё нописандида содир мешавад, баҳс мекунад» [7,с.68]. Яъне, ӯ бар ин нуқтаи назар аст, ки инсон дар партави ахлоқ метавонад, нафси худро аз ин разилию золимӣ, тирагию хирагӣ дур кунад ба камоли саодати ниҳоӣ расад. Нақши ахлоқ чунон азим ва густурда аст, зеро дар нафси одамӣ майлу рағбат пинҳон нуҳуфта аст ва агар ӯро ба ҳоли худ раҳо накунанд, аз таваҷҷуҳ ба бадбахтию бераҳмӣ монеъ шаванд, бешубҳа ба

сӯйи камол ҳаракат мекунад. Бинобар ин, аз ин ҷиҳат аст, ки дар фитрати инсонҳо лаёқати бераҳмӣ нуҳуфта аст, ки онҳо ниёз ба ахлоқ доранд ва бояд шахсоне бошанд, ки онҳоро аз таваҷҷуҳ ба бераҳмию золимӣ боздоранд, онҳоро ба сӯйи саодат роҳнамоӣ кунанд.

Насируддини Тӯсӣ чунин мепиндорад, ки ахлоқ ҳамеша дар тағйир аст ва фитрати инсонӣ чунон офарида шудааст, ки метавонад сифату одатҳои ахлоқии хешро дигаргун созад. Ҳар хулқу хӯеро, ки ба рафтори худ муносиб донад, онро ба худ гирад ва дар нафси хеш тобеъ созад. Аз ин рӯ, нақши оила, боғчаю мактабҳо, донишкадаю донишгоҳҳо дар тарбия ва парвариши ахлоқии наврасону ҷавонон бағоят бузург аст. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамвора дар баромадҳои хеш иброз менамоянд: «Мо бояд ҳамеша бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби ҳамидаи муошират, риояи арзишҳои волои умумибашарӣ ва миллӣ, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи нек ба воя расонидани ҷавонон кӯшиш намоем» [14,с.228].

Нақши тарбияи ахлоқӣ аз дидгоҳи Насируддини Тӯсӣ ин бино сохтани нафс аз фазилатҳо ва рӯ наовардан ба разилатҳо аст, ба ибораи дигар, тарбияи ахлоқӣ ба маънои бакоргирии равишҳое ба манзури парваришии фазоил ва некиҳо ва зудудани разоили ахлоқӣ аст [8,с.152]. Тарбияи ахлоқӣ аз назари Насируддини Тӯсӣ яке аз шохаҳои тафаккури ахлоқи исломӣ аст, ки аз фазилатҳо сарчашма мегирад ва ба ин маънӣ дар рисолаи хеш «Ахлоқи Носирӣ» мефармояд: «Ахлоқ мубтанӣ бар фазилат аст».

Файласуфону муҳаққиқон барои тақвияти афкори фалсафии хеш такя ба фалсафаи юнониҳо мекунанд. Насируддини Тӯсӣ низ дар ҳаллу фасли масъалаҳои ахлоқӣ такя ба суннати файласуфони юнонӣ - Афлотун ва Арасту кардааст. Ӯ масъалаҳои тарбияи ахлоқиро дар асоси қувваи сегонаи нафсонӣ (шаҳват, ғазаб ва нотиқа) пурра ва комил шарҳу эзоҳ додааст. Ба гуфти ӯ, ислоҳи ахлоқи сегона сиратҳое, аз он ҷумла «сирати лаззат», «сирати каромат» ва «сирати ҳикмат» аст, ки дар ислоҳи сифатҳо маншаъ ё сарчашмаҳои ахлоқи хос тарбияи ахлоқӣ он ҳадафу мақсадҳоро дунболагирӣ мекунанд.

Ҳадафи аслии тарбияи ахлоқӣ, ба андешаи Насируддини Тӯсӣ, ин худро доштан ба қадри муайяне дар ҳангоми низоу ҷангу ҷидол аст, ки инсонро ба саодату камол ва болотарин мартабаи саодат, яъне ноил шудан ба ҷавори (наздики) Рабби оламиён мерасонад [7,с.64]. Ба андешаи мутафаккир аввалин чиз барои расидан ба ин ҳадаф, ин шинохти нафс аст. Зеро то инсон нафси хешро нашиносад, ҳаргиз наметавонад барои ислоҳи он мақсадгузорӣ кунад ва дар ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ қадам гузорад.

Ҳадаф яке аз унсурҳои аслӣ ва асосии таълим ва тарбия мебошад. «Ҳадаф дар таълим ва тарбия ба маънии вазъи ниҳоӣ ва матлабе аст, ки ба таври огоҳона судманд ташхис дода шудааст, барои таҳқиқи он фаъолиятҳои муносиби тарбиявӣ анҷом мегирад. Ҳадафу мақсадҳои ахлоқиро се намуд коркард кардан мумкин аст:

1. Роҳбарии фаъолиятҳои тарбиявӣ.
2. Эҷодангезӣ дар фард.
3. Ироаи меъёрҳо барои арзёбӣ [2,с.5].

Ҳадафҳои тарбияи ахлоқӣ мувофиқи назарияи Насируддини Тӯсӣ ду намуданд: яке ҳадафҳои ғоявӣ-воситавӣ ва дигаре ҳадафҳои марбут ба таълим ва тарбия.

- Ҳадафи ғоявӣ (аслу асосӣ). НасируддиниТӯсӣ бар чунин нуктаи назар аст, ки саодату камол ба унвони ҳадафи аслӣ ислоҳи ахлоқӣ ё тарбияи ахлоқӣ пазируфта мешавад, яъне тамоми кӯшишҳои тарбияи ахлоқӣ дар ниҳоят бояд фардро ба саодати шоистаи худаш ноил гардонад. Саодат ва камол аз нигоҳи Насируддини Тӯсӣ мартаба ва дараҷоте дорад, ки олитарин мартабаи он қурби ҳазрати Ҳақтаоло аст.
- Ҳадафи воситавӣ (мобайнӣ, миёнҷӣ). Дар ин масъала Насируддини Тӯсӣ чунин нуқтаи назар дорад, ки саодату камол бидуни мақсади муайян ба дараҷаи олӣ ғайриимкон аст, ки бирасад.

Ба ҳамин далел мутафаккир ҳадафҳои мартабаи поёнтар дар тарбияи ахлоқиро баррасӣ мекунад, ки дар пирӯзии саодати кӯдакон таъсирбахш аст.

1. Таҳзиби қувваи шаҳвонӣ. Таҳзиби қувваи шаҳвонӣ ба ин далел ки аввалин қувваест, ки дар кӯдак зоҳир мешавад ва яке аз пояҳои махсуси заминаҳои тарбияи ахлоқӣ аст. Ин қувваи шаҳвонӣ бояд ба василаи ақл идора шавад ва дар сояи он ҳидоят гардад, то аз ҳалокати шахсии хеш пешгирӣ намояд. Ба ин далел Насируддини Тӯсӣ мефармояд: «Маълум аст, ки аввалин қуввае, ки дар кӯдак пайдо мешавад, қувваи талаби хӯрок ва саъй дар таҳсили он мебошад» [6,с.150]. Ба андешаи мутафаккир, таҳзиби ин қувваи шаҳвонӣ ва аз ба итоат даровардани «нафси баҳимӣ», ки ҳосили қувваи шаҳвонӣ аст, фазилати иффат ва ба дунболи он фазилати «сахо» ва «сирати лаззат» дар инсон ҳосил мегардад [7,с.96].
2. Таҳзиби қувваи ғазабӣ. Таҳзиб ё ислоҳи қувваи ғазабӣ ва ё ба ибораи дигар, идоранамоии «нафси сабъӣ» (ҳайвонӣ) ба василаи ақлу шуур, ки ба тартиби муайян идора

шавад, ба «фазилати ҳилм», «фазилати шуҷоат» ва «сирати кароmat» мубаддал мегардад, пас ислоҳи (таҳзиби) қувваи шаҳвонӣ дар ин сурат лозим аст. Ислоҳи (таҳзиби) қувваи ғазабӣ дар он сурат ба вуҷуд намеояд, ки шахс ба ғазаб мубтало нашавад ва аз амалҳои бад канорагирӣ кунад, масалан, амалҳои бад ба мисли суханони бад ва истисмори дигарон мебошад. Яъне, ҳар як шахси соҳиби ақлу шуур метавонад аз чунин амалҳои баде, ки аз дурии он дар боло зикр кардем, канорагирӣ намояд ва ба саодате, ки Насируддини Тӯсӣ иброз менамояд, ноил гардад.

3. Таҳзиби (ислоҳи) қувваи нотиқа. Аз нуқтаи назари Насируддини Тӯсӣ қувваи нотиқа ин мабдаи фикрӣ ва андешаҳо аст. Ин қувваи инсон бояд дар пайи шинохти касби яқинӣ бошад, ба ин тартиб бо шинохти касбу улум ва дониш «фазилати илм» ва ба табъи он «сирати ҳикмат» пайдо мешавад [7,с.96]. Вобаста ба таркиби ин се қувва Насируддини Тӯсӣ чунин мефармояд, ки агар ин се қувва бо якдигар ҷамъ шаванд, дар якҷоягӣ «фазилати адолат»-ро ташкил мекунанд. Яъне, адолат ин ки, тамоми қувваҳо аз қувваи нотиқа фармонбардорӣ кунанд, то ки ҷозибаҳою қувваҳо ва ҳавасҳои номатлуб фардро ба дараҷаи ҳалокату нобудӣ бурда нарасонанд. Боз як масъалаи таълиму тарбияи фарзандонро, ки вобаста ба ин мавзӯъ Насируддини Тӯсӣ баррасӣ ва тақсимбандӣ кардааст, метавон ном бурд, ки: «ҳадафи таъдибӣ», «ҳадафи таълимӣ» ва «ҳадафи тафҳимӣ» мебошанд.

1. **Ҳадафи таъдибӣ (тарбиявӣ).** Насируддини Тӯсӣ ҳадафҳои тарбиявиро бар чунин намудҳо тақсимбандӣ кардааст:

I. Заминасозӣ.
II. Парвариши ҳаё.
III. Ба вуҷуд овардани хусусияти хуб.
IV. Ҳифзи кароmat ва ҳурмати нафси кӯдак (аз ҷониби муаллим, мураббӣ ва бузургон).

**I. Заминасозӣ** яке аз ҳадафҳои аввалин ва аслии тарбияи ахлоқии кӯдак аст. Аз нуқтаи назари Насируддини Тӯсӣ ҳадафҳои таълимӣ, маҷмӯаи омӯзишҳо (амалҳо, мақулаҳо, категорияҳо), ки барои тарбияи ахлоқии кӯдакон зарур мебошанд, бояд анҷом дода шаванд. Мутафаккир мӯътақид буд, ки барои он ки ахлоқи кӯдак табоҳ нагардад, бояд ба таълиму тарбияи ахлоқии ӯ волидайнаш таваҷҷуҳи хешро зиёд гардонанд. Яке аз мутафаккирони эронитабор Ҷалолиддини Ҳамойӣ дар асари хеш «Мунтахаби «Ахлоқи Носирӣ»» дар ин масъала овардааст, ки: «... ва чун разои (ширхорагӣ) ӯ тамом шавад, ба тарбия ва ризоияти ахлоқии ӯ машғул бояд шуд, пештар аз он ки ахлоқӣ ӯро табоҳ фаро гирад, агарчи кӯдак мустаид (истеъдод) буд ва ба ахлоқ заминаи майли бештар кунад ба сабаби нуқсоне ва ҳоҷате, ки дар табиати ӯ буд...» [5,с.114,115]. Яъне, чунин гуфтан мумкин аст, ки талаботҳо ва камбудиҳое, ки дар табиати инсонӣ ҳастанд, зери тарбияи ахлоқии ҳар як фард дар даврони кудакӣ зарур аст, то ин ки рафтори ношоистае, ба мисли инҷиқию нозукӣ ва бадқаҳрӣ пайдо накунад. Бинобар ин, аз дидгоҳи Насируддини Тӯсӣ, тарбия ва ҷиддӣ назорат кардани кӯдак аз ҷумлаи усулҳои тарбияи ахлоқӣ аст, чуноне ки дар ин масъала мо дар боло ишора карда будем. Тарбияи ахлоқӣ дар давраи кӯдакӣ бояд ба равишҳои тарбияи кӯдак шурӯъ гардад ва дар марҳилаи бабалоғатрасии ақл шакли мустаҳкамро ба худ мегирад, ки қувваи ақлӣ дар ин вақт тамоми қувваҳои дигарро идора мекунад. Дар ҳамин марҳила аст, ки кӯдакон фарқияти рафтори хуб ва парҳез аз рафтори бадро ҳис мекунанд.

**II. Парвариши (тарбияи) ҳаё.** Парвариши ҳаё аввалин ҳадаф ва зиминасоз ё поягузори тарбияи ахлоқӣ аст, ки дар ин маврид, бояд нисбати кӯдакон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардад, зеро аввалин қуввае, ки дар кӯдак пайдо мешавад, ин қувваи ҳаё аст. Дар тарбияи дурусти ҳаё набояд ба ҳеҷ гуна кӯтоҳӣ роҳ дод, бояд ҳамеша саъю талош ва кӯшиш кард, зеро нафси инсонӣ аз разилатҳо канорагирӣ карда, майл ба зебоӣ ва хушахлоқӣ мекунад. Аз нигоҳи Насируддини Тӯсӣ аввалин қуввае, ки дар кӯдак пайдо мешавад, қувваи тамиз ё қувваи фикру андеша дар инсон аст, ки ин қувваи ҳаё ё наҷобат мебошад. Яъне, ҳар як инсон ба далели қувваи ақлӣ, табъи қувваи ҳаё ташхис мекунад, ки аз кадом коре парҳез кунад ва чӣ кореро анҷом диҳад. Дар мавриди шахсе, ки аз корҳои бад парҳез намекунад, нуқтаи назари Насируддини Тӯсӣ хеле равшан аст. Ӯ дар масъалаҳои тарбия ва тарбияи ахлоқӣ дидгоҳи ақлгароӣ дорад ва барои тадқиқоти пурраи мавзӯъ ӯ аз сарчашмаҳои мактаби исломӣ низ барои исботи дидгоҳи хеш истифода кардааст. Чуноне ки тарбияи исломӣ аз тарбияи ғарбӣ фарқ мекунад. Масалан, дар Ғарб танҳо бо ақл ва бурҳон ба омӯзиши ахлоқ пардохта мешавад, аммо дар тарбияи дини ислом бошад, ҳам ақл ва ҳам бурҳон истифода мешаванд, яъне дар баробаре, ки ақл қодир барои иҷрои кори баду нек нест, дар ин сурат дин дахолат мекунад.

**III. Эҷоди хусусиятҳои хуб.** Насируддини Тӯсӣ ба ин марҳила таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Кӯдакон бо завқ ба рафиқони худ, калонсолон, волидайни хеш тақлидкорӣ мекунанд, аз ини рӯ ба сарчашмаҳои ахлоқӣ ва зиндагиномаи шахсиятҳои маъруф, аз ҷумла шоирон, олимон, файласуфон, мутафаккирон инчунин панду андарз ва афсонаҳои

халқие, ки пандомез бошанд, рӯ оваран ба мақсад мувофиқ мебошад. Баъд дар ин асос кӯдакон метавонанд, амалҳои хубро аз бад фарқ карда, ба роҳи рост ҳидоят шаванд ва ба камол расанд.

**IV. Ҳифзи каромат ва ҳурмати нафси кӯдак (аз ҷониби муаллим, мураббӣ ва бузургон).** Насируддини Тӯсӣ зимнан ишора намудааст, ки ташвиқу тарғиби кӯдаконро нисбат ба эҳтироми калонсолон дар синни хурдсолӣ бояд оғоз намуд ва чунин мешуморад, ки калонсолону волидайн ва муаллимон барои омӯзонидани кӯдакон дар ин роҳ масъуланд ва бояд кӯшиши зиёд ба харҷ диҳанд. Насируддини Тӯсӣ мефармояд: «… барои ҳурмати нафси худ ва муаллим ва ҳар кас ки ба синни аз ӯ бузургтар рассад, таҳрис (тарғиб) кунанд ва фарзандон ва бузургон ба ин одоб муҳтоҷтар бошанд» [7,с.224].

Ӯ муътақид буд, ки дар заминаҳои ташвиқу тарғиб танҳо ба масъалаҳои моддӣ ва молии кӯдак таваҷҷуҳ нашавад, балки бояд шинохти нафс, ҳифзи каромати инсонро дар мадди аввал қарор дод. Тарбия бояд аз муҳаббату меҳрварзӣ оғоз гардад, таъкид кардааст Насируддини Тӯсӣ. Илми имрӯзаи равоншиносӣ низ таъкид мекунад, ки дар таълиму тарбияи кӯдакон аз танбеҳоти ҷисмонӣ дар ҳадди зурурӣ канорагирӣ бояд кард.

2. **Ҳадафи таълимӣ ва омӯзиши он.** Насируддини Тӯсӣ таъкид месозад, ки дар ин марҳила ба омӯзиши таълими суннатҳо ва фарзҳои динӣ ва ҳамзамон ба таври васеъ омӯхтани ахлоқ бояд бипардозем. Аз ин лиҳоз, дар тафаккури навҷавонон бояд илмеро омӯзонид, ки роҳи ростро аз роҳи каҷу нодуруст хуб дарк карда тавонанд. Инсон донишу маълумотҳои гуногунро ба воситаи таҳсил касб мекунад, бинобар ин мутахассисони соҳаи таълим ва тарбия бояд ба таҳияи китобу рисолаҳои ахлоқи таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Барои пешрафти ҷомеа ва хушахлоқ ба воя расонидани насли оянда кӯшиши беғаразонаи хешро дареғ надоранд. Чуноне ки вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз асарҳои хеш гуфтааст: «Мо бояд ҳамаи имконияту захираҳои маънавию зеҳнии хубро барои ислоҳот ва таҷдиди шуури насли наврас ва ҷавонон, инчунин соҳибмаърифату соҳибихтисос гардонидани онҳо сафарбар намоем» [14,с.249].

3. **Ҳадафи тафҳимӣ (фаҳмонидан, омӯхтан).** Насируддини Тӯсӣ дар ин масъала бар чунин нуқтаи назар аст, ки парвариши қувваи «фаҳм» дар тарбияи ахлоқӣ ва худсозии кӯдакону навҷавонон накши асосӣ дорад. Ӯ чунин мепиндорад, ки бояд ҳангоме ба тарбияи қувваи «фаҳм» оғоз намуд, ки фард ба дарки «фаҳм» расида бошад, ки ағрози дигаронро дарк карда тавонад. Ба ибораи дигар, волидайну омӯзгор дар ин марҳила ба мантиқу далел амалҳои ахлоқиро ба тарбиягиранда фаҳмонанд. Шахс бо рушди қувваи ақлу фаҳми худ ва инчунин бинишу басирати ахлоқӣ далели ончиро ки дар даврони кӯдакӣ ҳамчун одат ё тақлидкорӣ ва таълим гирифта буд, пайдо намояд.

**Метод ва равишҳои тарбияи ахлоқӣ.** Маъмулан усули тарбияи ахлоқӣ қоидаҳои умумие мебошанд, ки метавон онҳоро ба манзалаи дастурамали куллӣ дар назар гирифт ва аз он ба шеваи роҳнамои амал, дар тадбири тарбияи ахлоқӣ истифода намуд. Яъне, ин усулҳо асоси сарчашмаҳои тарбияи ахлоқӣ ба шумор мераванд, методу усулҳои тарбияи ахлоқӣ ба таври зайл омадаанд:

**Усули аввал: шарофату каромат ва арзишмандии инсон.** Дар масъалаи инсон ва шарофату каромат оятҳо ва ривоятҳои зиёде ҳастанд, ки ба арзишмандии инсон далолат мекунанд. Бар ин асос аст, ки тарбиядиҳанда бар ҳифзи шарофату каромат ва арзишмандии тарбиягиранда таваҷҷуҳи хосса дорад. Методҳое, ки барои тадқиқи ин усул кумак мерасонанд, чунинанд:

I. Истифода намудан аз методҳои ташвиқу тарғиб ва танбеҳ дар ҳудуди муайяни ҳадафдор. Натиҷаҳои амали нек ва пайомадҳои кори бадро ба кӯдакон бояд дар мисолҳои равшан, ки зиндагӣ аз онҳо мамлу ё лабрез аст, бояд фаҳмонд. Бояд, ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки ҷалб кардани кӯдак ба ҳар коре на бо фармони омирона, балки бо мулоимат хубтар аст. Агар ба кӯдак ба ҷойи «рав фалон корро кун» гуфтан, «дар ин кор ба ман кумак намо» гӯем, ӯро бештар ба кор дилгарм мекунем.

II. Истифода намудани муҳаббат ва каромат. Муҳаббату меҳрварзӣ дар таълиму тарбияи ахлоқӣ яке аз шеваҳои таъсиррасонанда ва судманд барои кӯдакон аст. Бисёре аз мардум гумон мекунанд, ки муҳаббат ба фарзанд ин озод гузоштани ӯ дар анҷом додани корест, ки он лаҳза мехоҳад анҷом диҳад. Ин навъ рафтор ишқ ба фарзанд нест, балки бебанду бор кардани ӯст. Эҳтиром гузоштан ба фарзанд асоси муҳаббат аст ва ин кор вақте имконпазир мешавад, ки падару модар ба хотир дошта бошанд, ки кӯдакон аъзои хонаводаанд ва дар ҳар коре саҳм доранд ва метавонанд изҳори назар кунанд.

III. Истифода намудани тағофул ва чашмпӯшӣ. Яъне, истифода намудани чашмпӯшӣ ва бепарво нишон додани худ нисбати амалҳои зишти кӯдакон. Насируддини Тӯсӣ вобаста ба ин масъала таъкид мекунад, ки фарзандонро тавре танбеҳ кард, ки дар онҳо ҷасорат пайдо нашавад ва амалҳои зиштро ҳамчун одат қабул накунанд. Чашмпӯшӣ аз амалҳои зишти фарзандон бояд ба таври пинҳонӣ сурат гирад ва агар кӯдак боз дубора амали зиштро такрор намояд, бадиҳои он амалро ба кӯдак ба таври сода фаҳмонида, ӯро аз он

амал бояд дур кард. Масалан, аз тарафи дигар хуб аст ва бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки фарзандон ба оқибатҳои рафтори нодурусти худ пай бибаранд. Барои мисол, агар фарзанди волидайне ба касе бадахлоқӣ кард, бояд фавран узр пурсад. Ин таври ҳалли масъала кам-кам дар вуҷуди ӯ нақши хубе пайдо мекунад ва ҳангоме ки пой ба зиндагии мустақил мениҳад, пешпо нахоҳад хӯрд.

IV. Таваҷҷуҳ ба тафовутҳои фардии донишомӯзон. Дар баробари дарку фаҳмиши донишомӯзону тарбиягирандаҳо тафовут аст. Дар ин сурат муаллим дар ҳангоми омӯзонидан бояд ба тафовутҳо фардӣ таваҷҷуҳ дошта бошад ва ба шевае сухан гӯяд, ки ба донишомӯзон фаҳмо бошад. Дар ин масъала Тӯсӣ аз забони Паёмбари ислом (с) далел овардааст, ки чунин мефармояд: «Пайёмбарони Илоҳӣ маъмуранд ба мизону ақл ва дарки мардум бо онон сухан гуянд» [6,с.1369].

**Усули дуюм: иқтидо ба табиати кӯдак (тифл).** Дар ин масъала Насируддини Тӯсӣ ба таҳзиби (ислоҳ) қувваи нафсонӣ ишора мекунад [7,с.150]. Шевае, ки метавонад ба таҳқиқи ин усул ёрӣ расонад, ин пайравӣ аз тадбири табиат дар эҷоди қувва дар кӯдак мебошад. Насируддини Тӯсӣ дар ин масъала чунин ибрози назар намудааст: «Инсон дорои қувваи шаҳват, ғазабу идрок аст ва ин қувва батадриҷ (оҳиста) ва батартиб зоҳир мешаванд. Нахуст қувваи шаҳват, сипас қувваи ғазаб ва дар ниҳоят қувваи идрок зоҳир мешаванд» [6,с.146,151]. Тарбияи ахлоқиро аз ибтидо дар таҳзиби қувваи «шаҳват» таваҷҷуҳ бояд кард, ки дар ин сурат сифати «иффат» ба даст меояд, ки «иффат» яке аз фазилатҳои қувваи «шаҳват» аст. Дар марҳилаи баъдина ба таҳзиби қувваи «ғазаб» ва таҳсили фазилати «шуҷоат» мерасад. Баъдан, дар марҳилаи сеюм бояд дар такмил ва тарбияи қувваи ақл саъю талош кард, то таҳсили фазилати «ҳикмат»-ро дарёбад. Дар ин сурат, қувваи «тамиз»-и кӯдак оҳиста-оҳиста рушд мекунад. Мутобиқи ин номумкин аст, ки матлаб ва маводҳои тарбияи ахлоқиро бидуни дар назар гирифтани қувваи «тамиз» ба кӯдакону навҷавонону донишомӯзон ироа кард.

**Усули сеюм: ғалабаи қувваи ақл бар дигар қувваҳо.** Чуноне ки дар усули сеюм омадааст, агар ҳамаи қувваҳо зери ҳокимияти қувваи ақл дароянд, инсон соҳиби малакаи адолат мешавад, ки дар ниҳоят ба камоли одамӣ мерасад. Дар баробари ин ба риёзати инсонӣ ишора кардан зарур аст, ки риёзат яке аз усулҳои худинкишофдиҳии инсон ва тарбияи ахлоқӣ аст. Риёзат дар луғат ба маънои махсусе омадааст, ки барои таълим додани ҷонварон ё ҳайвонот ё махсусан ром кардани асп омадааст ва дар истилоҳи ахлоқӣ ва тарбияи ахлоқӣ ин боздоштани нафс аз қувваҳои шаҳвату ғазаб мебошад. Яъне, ин ду қувва - шаҳвату ғазабро мутеи қувваи ақл менамояд. Бинобар ин Насируддини Тӯсӣ бар чунин нуқтаи назар буд, ки риёзат ба ин далел зарур аст, ки нафси одамӣ аз қувваи шаҳвӣ ва ғазбӣ пайравӣ кунаду ба фармони ин ду қувва дарояд дар ҳадди нафсӣ баҳимӣ (ҳайвонӣ) ва сабъӣ (ваҳшигарӣ) таназзул мекунад ва дар ин сурат қувваи худро ба таътил кашонидааст. Пас, ба манзури ҳидоят муҳори (лаҷом задан) ин қувва бояд онҳоро аз тариқи риёзат ба хидмати ақл ва дин дароварад [8,с.76,77]. Яъне, ақлу дин ҳамвора ду манбае ҳастанд, ки барои роҳнамоии бештар ва ҳидоят ба сӯйи касбу фазилату саодати инсонҳо равона шудааст.

**Усули чаҳорум: маҳур будани шариат «ҳамсӯӣ бо фитрати худоҷӯйӣ ва динхоҳӣ».** Аз нигоҳи Насируддини Тӯсӣ, «ҳамсӯӣ бо фитрат ва дин, усули яқини таълим ва тарбия аст ва тадобир бояд бар пояи фитрату дин, ки вай номи онро сиёсати Илоҳӣ номидааст, пайрезӣ шавад...» [8,с.109]. Асоситарин методҳое, ки дар ин усул пешниҳод карда мешаванд, ин танҳо пайравӣ аз шариати ислом аст, ки дар тарбияи ахлоқӣ аз роҳи тарбияи динӣ ва омӯзиши ҳақоиқи динӣ низ яке аз роҳҳои парвариши тарбияи ахлоқии кӯдакон аст, ки мутафаккир бар ин андеша чунин таъкид мекунад. «Пас суннат ва вазоифи дин дар ӯ омӯзонд ва ӯро мувозиботи он тарғиб кунанд...» [7,с.223]. Тарбияи динӣ бо мушаххас кардани амалҳои ҳалолу ҳаром, фарзу воҷиб, ҳидояту роҳнамоӣ инчунин қарор додани инсон дар масири дуруст мебошад, ки эҷоди адолат дар ӯ пайдо мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Акбари Роҳнамо. Баррасии таҷзия ва таҳлили хостгоҳҳо ғоят ва равишҳои тарбияи ахлоқӣ аз дидгоҳи Кант ва Насируддини Тӯсӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи тарбияи мадраса, 1378хқ. – 343с.
2. Алимуҳаммади Кордон. Фалсафаи таълим ва тарбия. Воситаи таълимӣ. – Теҳрон: Самт, 1378ҳ.қ. – 5с.
3. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яъқуб. Ал-ҳавомил Вал-шавомили ибни Мискавайҳ. -Қоҳира: Лаҷнат-ут-таълиф, 1371ҳ.қ. – 243 с.
4. Аҳмади Дайламӣ. Ахлоқи исломӣ / А. Дайламӣ, М. Озарбойҷонӣ. –Қум: Маориф, 1378ҳ.қ. – 213с.
5. Ҷалолиддин Ҳамойӣ. Мунтахаби «Ахлоқи Носирӣ». –Теҳрон: Ҳумо, 1374ҳ.қ. – 114. 115с.
6. Муҷтабои Минавӣ. «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ / М. Минавӣ, А. Ҳайдарӣ. - Теҳрон: Ховарзамин, 1369 (б) ҳ.қ. – 68. 150. 283. 146.151. 76.77. 109с.
7. Муҷтабои Минавӣ. «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ. / М. Минавӣ, А. Ҳайдарӣ. – Теҳрон: Ховарзамин, 1360ҳ.қ. – 64.96. 96.224. 150.223с.
8. Муҳаммад Мударрисӣ. Авсоф-ул-ашроф-и Насируддини Тӯсӣ / М. Мударрисӣ. –Теҳрон: Мутолиаҳои исломӣ, 1369 (а) ҳ.қ. – 101.102.152с.
9. Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи носирӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳ, 1361ҳқ. – 213с.

10. Насируддини Тӯсӣ. Кашф-ул-мурод фи-шарҳи таҷрид-ул-эътиқод. -Қум: Муассисаи интишороти исломӣ, 1099ҳ.қ. – 543с.
11. Насируддини Тӯсӣ. Равзат-ул-таслим. – Теҳрон: Ҳомӣ, 1363ҳ.қ. – 321с.
12. Фатҳуллоҳи Наҷорзодагон. Роҳёфт бар ахлоқӣ тарбияи исломӣ. -Қум: Маориф, 1388ҳ.қ. – 452с.
13. Хисрав Боқирӣ. Нигоҳи дубора ба тарбияи исломӣ. – Теҳрон: Мадраса, 1386ҳ.қ. – 198с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. -Душанбе: Контраст, 2017. – 228. 249с.
15. Бахтиёр Насирёди Ҳасаналӣ. Аҳдоф, усул ва равишҳои тарбияи ахлоқӣ аз дидгоҳи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ // Пажӯҳиш дар масъалаи таълиму тарбияи исломӣ. Бахши илмҳои фалсафа. – Соли 19-уми давраи ҷадид. -№12. -С.65-94.

## НАҚШИ АХЛОҚ АЗ НИГОҲИ НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

Дар мақола андешаҳои ахлоқии Насируддини Тӯсӣ дар заминаи фазилатҳои чаҳоргона иффат, шуҷоат, илм ва адолат, ки аз ҷониби файласуфони Юнони қадим Афлотуну Арасту матраҳ гардида буданд иброз гардида, онҳо яке аз ҳадафҳои аслии тарбияи ахлоқӣ ба шумор меравадн. Мутафаккир дар ин замина масъалаҳои таълиму тарбия, тарбияи ахлоқӣ, ҳадафҳои асосии тарбияи ахлоқӣ, усулҳои тарбияи ахлоқиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Насируддини Тӯсӣ дар ин масъалаҳо ба фалйласуфону мутафаккирони юнони - Афлотуну Арасту пайравӣ кардааст. Як нуқтаи назари мутафаккир ҷолиби аҳамият аст, ки ӯ дар заминаи парвариши ахлоқӣ ба тафовутҳои фардӣ қоил будааст. Инчунин, таъкид кардааст, ки ҳар шахс, бояд мувофиқи истеъдод ва тавоноиҳои худ таҳти тарбияи ахлоқӣ қарор гирад. Мутафаккир мегӯяд, ки тарбияи ахлоқӣ аз тариқи одат додани кӯдакону тарбиягирандаҳо танҳо тақлиди кӯркӯрона нест. Вай муътақид аст, ки кӯдак то ба камол расидани худ, ҳар як кореро ки анҷом медиҳад, бояд ба неруи ақлӣ фарқ кунад дар ин сурат одат омӯхта мешавад, даврони кӯдакии хешро огоҳона ба камол мерасонад. Насируддини Тӯсӣ дар баробари дигар донишмандону мутафаккирони исломӣ усули «одат додан»-ро дар давраи кӯдакӣ умдатарин роҳи тарбияи ахлоқӣ медонад. Дар ин сурат таваҷҷуҳ ба марҳилаҳои тарбияи ахлоқӣ аз нигоҳи мутафаккир муҳим ва асосӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** тарбия, таълим, фард, ахлоқ, одат, шариат, муҳаббат, каромат, истеъдод, метод, усул, ҳадаф, маънавӣ, арзишманд, ақл, неру, камол, аҳамият, парвариш, хусусият, эҷод, завқ, тарғиб.

## РОЛЬ ЭТИКИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ НАСИРУДДИНА ТУСИ

В данной статье рассматриваются этические взгляды Насируддина Туси в отношении четырёх основных человеческих достоинств, таких как целомудрие, отвага (мужество), знание и справедливость. Эти качества в учении древнегреческих философов Аристотеля и Платона рассматриваются очень широко и оцениваются как основа этического воспитания. Мыслитель рассматривает проблемы воспитания, этического воспитания, основные цели этического воспитания, методы этического воспитания и.т.д. Насируддин Туси в этом вопросе следует за древнегреческими философами Аристотелем и Платоном. Мыслитель был убеждён, что между индивидами имеется различие в сфере этического воспитания. Так же он отмечал, что каждая личность должна воспитываться в соответствии со своими способностями и силами. Насируддин Туси пишет: «Этическое воспитание - это не значит вслепую следовать за кем-то или адаптировать воспитанников и детей. Он уверен в том, что ребёнок до своего совершеннолетия, чем бы ни занимался, должен рассчитывать на свою умственную силу, и эта сила, конечно же, у каждого ребенка разная. В этом случае привычки складываются и детство проходит осмысленным. Насируддини Туси, как и другие исламские учёные и мудрецы, считает, что метод, «приучить» - это общий и наиболее правильный метод этического воспитания. В этом случае этическое воспитание должно проходить поэтапно. И каждый этап, по мнению мыслителя, считается важным периодом.

**Ключевые слова**: образование, личность, этика, привычки, талант, метод, цель, мораль, ценность, творчество, юмор, совершенство, характер, пропаганда, гуманность, ценность, разум.

## THE ROLE OF MORALITY FROM THE POINT OF VIEW OF NASIRUDDIN TUSY

In article discusses the morality opinions of Nasiruddin Tusy on the four-dimensional basis of humanism: purity, chaste, science and justice which is based on the ancient Greek philosophers Aflatun and Aristotle, which is one of the main objectives education. In this context, the author has studied issues related to education, morality education, basis morality education and methods of morality education. Nasiruddin Tusy has been following this problem for the Palestinians and the Greek philosophers Aflotun and Aristotle. One of the four important opinion thinkers are to have a personalized difference on the basis of morality growth. It also stressed that every individual person should be educated according to his talents and powerful. The thinker said that the moral education does not matter by the way of customization child overlook imitation habits, but its righteous that child during his arrival age going to be able tu make a difference in his or her age, doing everything he can to do differentiate himself, thet learns how to handle perfection on his own childhood. Nasiruddin Tusy, along with other Islamic scientists and thinkers, has learned the method of “customization” during childhood and proofed the most important way of moral education. In this case, from the point of thinker morality is important and main of education.

**Key words:** education, habits, talent, method, morality, value, human, propaganda, training, law, love, purity, powerful, goals, moral, useful, mind, force, adulthood, feature, creation, pleasure.

**Сведения об авторе:** ***Абубакри Мирзоахмади Грезода*** - Таджикский национальный универистет, докторант Ph.D факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 985-35-36-41; 915-23-93-03**

**Information about the author:** ***Abubaki Mirzoahmadi Grezoda*** **–** Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Telephone: **(+992) 985-35-36-41; 915-23-93-03**

УДК: 1+327:82(575)

# КАТЕГОРИЯ СПРАВЕДЛИВОСТИ В ТРУДАХ МЫСЛИТЕЛЕЙ ГРЕЦИИ И ВОСТОКА

*Гиёсов Б.Р.*

**Институт технологии и инновационного менеджмента в г. Кулябе**

Справедливость - общая нравственная санкция совместной жизни людей, рассмотренная по преимуществу под углом зрения сталкивающихся желаний, интересов, обязанностей; способ обоснования и распределения между индивидами выгод и тягот их совместного существования в рамках единого социального пространства. В последние десятилетия проблема справедливости становится наиболее актуальной [10].

Справедливость - понятие о должном, соответствующее представлениям о сущности человека и его неотъемлемых правах. Справедливость - категория морально-правового, а также социально-политического, сознания. Так, понятие «справедливость» содержит в себе требование соответствия между практической ролью различных индивидов (социальных групп) в жизни общества и их социальным положением, между их правами и обязанностями, между деянием и воздаянием, трудом и вознаграждением, преступлением и наказанием, заслугами людей и их признанием обществом [11].

Существуют два значения понятия справедливость - широкое и узкое. Это разграничение предложил великий античный мыслитель Аристотель, чье учение о справедливости и его сущностное содержание сохраняют свое значение до настоящего времени. В общем, широком, смысле Справедливость есть разумность общественной жизни; ее можно определить как общий нравственный знаменатель всех социально упорядоченных отношений между людьми, последнюю нравственно-апелляционную инстанцию в общественных делах. Она совпадает с нравственностью в ее проекции на социальную сферу, является основной добродетелью социальных институтов. В специальном, узком, смысле слова Справедливость есть нравственно санкционированная соразмерность в распределении выгод и тягот совместной жизни людей, степень совершенства самого способа кооперирования деятельностей и взаимного уравновешивания конфликтующих интересов в обществе и государстве [1, с. 84].

Справедливость – одна из самых сложных этических категорий, затрагивающая широкую сферу человеческих отношений. Содержание этого понятия отражает экономические, политические и правовые условия жизни общества и тенденции их развития.

Справедливость - категория не только морального сознания, но и правового, экономического, политического. Великие античные философы не случайно выделяли справедливость в качестве основной категории для оценки состояния всего общества.

Особое внимание рассмотрению справедливости уделял Сократ, называвший ее предметом «драгоценнее всякого золота» и стремившийся доказать существование единого и общего понятия справедливости, связывая его с нравственностью и знанием. Несправедливость неестественна, так как является плодом незнания и заблуждения. Утверждая связь между добродетелью и мудростью, превознося красоту разума, смысла, сознания, он проводил логическую основу под понимание справедливости. Сократ рассуждал: «Справедливость и всякая другая добродетель - есть мудрость. Справедливые поступки и вообще все поступки, основанные на добродетели, прекрасны и хороши» [6, с. 119].

Система взглядов Сократа оказала сильное влияние на формирование идей его ученика - Платона. В своих рассуждениях Платон относит справедливость к самому прекрасному, величайшему благу, которым следует обладать. Свое дальнейшее развитие у Платона получил и политико-правовой аспект справедливости. Извлекавший понятие справедливости из принципа устройства космоса, в соответствии с которым каждый человек и каждая вещь имеют свое место и функцию, отведенную безличным вселенским законом, Платон проводил аналогию между взаимосвязями в природе и в человеческом обществе. Он утверждал, что поддержание заданного порядка и гармонии, как во взаимоотношениях с природой, так и в человеческом сообществе, справедливо и мудро [7, с. 126-226].

В своем основном сочинении «Государство», где важное внимание уделялось исследованию понятия справедливости, он рассматривал государство, с точки зрения проявления специфических функций, возникших на основе разделения труда. Правильность жизни, как в государстве, так и в отдельном человеке, заключается в том, чтобы каждый точно выполнял предназначенную ему задачу: одним заниматься науками и управлять государством, другим - добросовестно выполнять законы и храбро оборонять отечество, третьим - заботиться о необходимых материальных средствах и повиноваться правителям. Именно в согласовании этих трех сущностных составляющих государства заключается его совершенство, которое Платон и называет справедливостью. Справедливость выражается в преданности всех сословий своему делу, в том, чтобы каждый выполнял вверенные ему обязанности, что говорит о том, что

справедливость не может означать равенства. То есть для Платона в понимании справедливости отсутствует элемент уравнивания разных социальных групп [9, с. 132].

Для построения теории справедливости существенно рассмотрение индивидов как равных и живущих совместной жизнью. “Справедливое по отношению к другому есть, собственно говоря, равенство (to ision)”, - это сформулированное Аристотелем положение является нравственно-правовым основанием справедливости. В этическом аспекте справедливость выступает как равенство в достоинстве быть счастливыми и обладать необходимыми для этого благами [8,с.384-386, 387-389.]. Наряду с мыслителями античности огромное внимание проблеме сраведлвости уделяли мыслители Востока, в частности Абу Райхон Беруни, Абу Наср Фараби») Абу Али Хасан ибн Тусий-Низомулмулк и Алишер Наваи.

В своем трактате «Индия» Абу Райхон Беруни делит все качества человека на хорошие (правдивость, щедрость, справедливость, постоянство, предпринимательство,) и плохие (ложь, зависть, борьба за должности). Самым ярким проявлением безнравственности, по мнению Беруни, является воровство и насилие. И от размера воровства каждый должен получать различное наказание. Если размер маленький, можно ограничиться оглаской преступления и порицанием общества. Если размер воровства большой, то и наказание должно быть большое, вплоть до телесного. В управлении государством не общество должно служить государю, а правитель должен быть слугой народа. Только так можно жить в справедливом государстве. Особое внимание А. Беруни обращал на социальное равенство людей, которое связывал с отношением между собственностью и достоинством человека, проведением правильной денежной политики, честной торговли, воспитанием, беспрекословным подчинением законам [2, с. 867].

Правовед Абу Наср Фароби в «Книге о воззрениях населения справедливого города» делится своими мыслями о великом обществе, справедливом строе, благородных правителях. Первый правитель справедливого города для нормального руководства должен обладать следующими двенадцатью качествами: должен быть здоровым; должен быть умным и просвещённым; должен быть правдивым, знать меру в еде, питье и отношении к женщинам; не преследующим богатство; должен иметь хорошую память; справедливым от природы; мужественным и бесстрашным; ненавидящим насилие; умеющим принимать решения; хорошим политиком и оратором [5]. Основной упор в трудах восточных учёных делался на то, что воспитание правильных ориентиров в нравственности человека зависит от того, насколько является справедливым и гуманным то общество и государство, в котором живёт и трудится отдельно взятая личность. Оценка баланса таких категорий, как труд и вознаграждение, преступление и наказание, права и обязанности, то есть справедливых отношений ещё с древнейших времён была одной из сложных задач человечества. Так как понятие справедливости определяется социально-экономическими отношениями между людьми в конкретных исторических условиях и отличается у разных социальных групп. Понятие справедливости играет большую роль в социально-политическом сознании людей. Справедливость можно разграничить как социально-философское, нравственное и правовое понятие. Почти во всех философских трактатах мыслителей стран Центральной Азии делается попытка осмысления категории справедливости. В своём произведении «Сияр - ул-мулк» («Политика») Абу Али Хасан ибн Тусий-Низомулмулк пишет о справедливом управлении государством, о гуманизме и социальной помощи. По версии произведения, Абу Али Хасан ибн Тусия, по причине того, что он вёл правильную государственную политику, основывавшуюся на социальной справедливости, в народе прозвали Низомомулком, что в переводе означает «порядок собственности». В произведении «Политика» Низомомулк обращает внимание на то, что беспорядок в государстве наступает тогда, когда общество не реагирует на проявления лжи, несправедливости, безнравственности и нарушения чужих прав. Будучи вазиром (министром) султана Маликшаха, он построил в сельджукидской столице Марве-большую обсерваторию, ряд медресе под названием «Низомия» в Багдаде, Басре и Исфахане. Здесь творили поэт Умар Хайям, арабисты Муизий, Тафтазоний, которые в своих стихах многие строки посвятили именно справедливому правлению [3,с.868].

Алишер Навои ставил интересы общества превыше всего и руководствовался принципом: «Только тот, у кого есть мера справедливости, может руководить государством». В «Саади Искандари» он возвеличивает образ Александра Македонского, как справедливого и требовательного к подданным полководца. В произведении поэт на вопрос Македонского: «Какие дела можно вершить как средство справедливости», его учитель Аристотель отвечает, что если справедливость будет каждодневным делом правителя, то весь мир будет у его ног. Алишер Навои сравнивает справедливость с источником жизни, а правителя Хорасана Хусайна Бойкаро называет справедливым шахом. Если шах несправедлив, то среди народа увеличивается недовольство, что приводит к разрушению государства. Справедливость

сравнивается с солнцем, а несправедливость с тьмой. И как восходящее солнце постепенно разгоняет тьму, так и справедливость всегда торжествует над её противоположностью [4,с.868].

Такой же подход наблюдается и в устном творчестве народов Востока, где понятие справедливости всегда ассоциировалось как символ и воплощение хорошего. Так, в священной книге зороастризма «Авеста» проповедуется принцип «Не думай ничего, кроме правды, не говори ничего, кроме правды, не делай ничего, кроме правильных поступков». Основой зороастрийской религиозной системы является признание борьбы двух противоположностей - Добра и Зла, где всегда побеждает бог добра и справедливости Ахурамазда, хотя на стороне бога зла Ахримана всегда очень много тёмных сил [12].

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аристотель. Никомахова этика. Аристотель/ Соч.: В 4 т. Т.4. -М., 1983. -С.84.
2. Абу Райхон Беруни. Индия. - 1997. -С. 867.
3. Абу Али Хасан ибн Тусий Низомулмулк. Сияр ул-мулк. /Т., 2007 С.-868
4. А. Навои. Саади Искандарий. Хамса. Сборник избранных сочинений / Т. 1.,2010. С.-868.
5. Абу Наср Фароби. Книга о воззрениях населения справедливого города/ т. , 2010.
6. Ксенофонт Афинский. Сократические сочинения. - М., 1935. -С. – 119.
7. Платон. Государство. – М., 1993. -С.123- 226.
8. “Полное собрание сочинений Артура Шопенгауэра” / под ред. Ю.И. Айхенвальда. -Т.4. -С.209, 217, 221; -Т.1. -С.-384-386, 387-389.
9. Хеффе О. Политика. Право. Справедливость. Основоположения критической философии права и государства. -М., 1994. -С.132.
10. Философский энциклопедический словарь. -М.: Советская энциклопедия/ Гл. редакция: Л.Ф. Ильичёв, П.Н. Федосеев, С.М. Ковалёв, В.Г. Панов. 1983. [Электронный ресурс]. https://dic.academic.ru/dic.nsf/enc_colier/4758/Справедливость
11. Энциклопедический словарь. -М.: Гардарики/ под редакцией А.А. Ивина. 2004. [Электронный ресурс]. https://dic.academic.ru/dic.nsf/enc_philosophy/1150/Справедливость
12. Юсуф Хос Ходжиб. Кутадгу билиг. -Т., 2003.
13. Джанибекова Н. А. Нравственные ценности в произведениях мыслителей Востока // Молодой ученый. — 2015. -№12. -С. 867-869. - URL https://moluch.ru/archive/92/20499/ (дата обращения: 09.07.2018).


**КАТЕГОРИЯИ АДОЛАТ ДАР АСАРҲОИ МУТАФАККИРОНИ ЮНОН ВА ШАРҚ**


Дар мақола мафҳуми “адолат” дар осори мутафаккирони Шарқ ва Юнон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки дар осори мутафаккирони Шарқ ва Юнон дида баромадани тасаввуротҳои аввалин дар бораи мафҳуми «адолат» дар марҳалаи барқароршавии муносибатҳо, дар самти сохти давлатдорӣ, сиёсат, иқтисодиёт ва иҷтимоъ хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Инчунин, тасаввуротҳо дар бораи шакли идоракунии боадолатона дар сохти давлатдорӣ, ченаки адолатхоҳӣ, меъёри танзимкунандаи муошрати сиёсӣ мебошад. Таҳлили мафҳуми «адолат» дар фалсафаи Шарқ ва Юнон нишон медиҳад, ки мавзӯи адолат хусусиятҳои хосси худро дорад. Масъалаи мафҳуми адолат дар таълимоти мутафаккирони Шарқ Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ Ҳасан ибни Тӯсӣ, Алишер Навоӣ ва дигарон, инъикос ёфтааст. Дар фарҳанги Шарқ мафҳуми адолат мавқки муҳимро ишғол менамояд ва олимон ва файласуфон дар осори худ сифатҳои подшоҳон, сохти давлатдорӣ, адолат ва беадолатӣ, ҷанбаҳои иҷтимоии ҷамъияти асримиёнагиро дида баромадаанд. Дар “Сиёсатнома”-и Низомулмулк диққати асосӣ ба он дода шудааст, ки бетартибӣ дар давлат дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки ҷамъият ба пайдоиши беадолатӣ, бадахлоқӣ ва риоя накардани ҳуқуқи бегонагон эътибори ҷиддӣ намедиҳад.

Аз ҷумла, мутафаккирони Юнони қадим Суқрот, Арасту, Афлотун дар зоҳир ва ошкор намудани мафҳуми «адолат» саҳми бағоят бузург гузоштаанд, ки дар фалсафаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мақоми муҳимтаринро ишғол менамоянд. Масалан, мазмун ва мундаричаи мафҳуми «адолат» дар асари “Давлат”-и Афлотун ва таълимоти эстетикии вай дар бораи оғози нек ва устуворӣ дар инсон инъикоси худро ёфтаанд. Масъалаи рушди ахлоқию маънавии инсон дар рисолаҳои «Этикаи Эвдем» ва «Сиёсат»-и Арасту низ инъикос гардидааст. Аз нуқтаи назари мутафаккирони Шарқ ва Юнон мафҳуми “адолат ” дар фарҳанг, сиёсат, иқтисодиёт ва умуман дар сохтори давлатдорӣ амалан вуҷуд дошта наметавонад, агар дар ҷамъият баробарӣ мавҷуд набошад. Файласуфон, олимон ва мутахассисон ба мафҳуми «адолат» аз нигоҳи таълимотҳои динӣ низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Омӯзиши амиқи мафҳуми “адолат” дар эҷодиёти мутафаккирони Ғарб ва Шарқ имкон медиҳад, ки мафҳуми адолат дар доираи адолати мутлақ баррасӣ шуда, ин масъала мавриди омӯзиш қарор дода шавад.



**Калидвожаҳо:** мафҳуми адолат, категория, афкор, ҳоким, ахлоқ, таълимот, сиёсат, давлати иҷтимоӣ, ҳуқуқ, иҷтимоиёт, муносибат, мутафаккир, роҳбар, фаҳмиш, шоҳ, баробарӣ, нобаробарӣ.


**КАТЕГОРИЯ СПРАВЕДЛИВОСТИ В ТРУДАХ МЫСЛИТЕЛЕЙ ГРЕЦИИ И ВОСТОКА**


В статье раскрывается понятие «справедливость», нашедшее свое отражение в произведениях греческих и восточных философов. Надо отметить, что в произведениях греческих и восточных мыслителей содержатся первые представления о понятии «справедливость», понятии об этапах восстановления равенства и неравенства в отношении структуры государства, политики, экономики и социологии. Также представления о формах управления: справедливость в структуре управления Государством является нормой, уравновешивающей политические претензии. Анализ понятия «справедливость» в философии Востока и Греции показывает, что тема «справедливость» имеет свои отличительные особенности. Понятие справедливости отражено в трудах восточных философов, таких как Абурайхони Беруни, Абу Насри Фороби, Абу Али Хасан ибни Туси, Алишер Навои и других. В понятие справедливости важная роль отводится Восточной культуре. Одно из качеств при управлении государством - справедливость и несправедливость - рассмотрено в социальной структуре средневекового общества. Согласно этого учения в произведении «Политика»- Низом-ул-мулук основное внимание направлено на то, что беспорядок в государстве появляется в том случае, когда в обществе на проявления клеветы,

несправедливости, неравенства и несоблюдение прав других лиц не обращают серьёзное внимание. Также мыслители Древной Греции Сократ, Аристотель, Платона в определении термина «справедливость» отмечают, что она занимает важное место в политической и социальной философии. Например, содержание понятия «справедливость» отражено в произведении Платона «Государство» и его эстетическом учении о началах добра и устойчивости в человеке. Развитие поведенческо-духовного характера человека показано в таких произведениях, как «Эвдемова Этика», «Политика» Аристотеля. С точки зрения восточных и греческих мыслителей, понятие «справедливость» в культуре, политике, экономике и, в общем смысле, в структуре государства не действует, когда в обществе мы не наблюдаем равенства философов, ученых и специалистов. В религиозных учениях понятию «справедливость» уделено большое внимание, так как оно является основополагающим. Глубокое понимание «справедливости» в произведениях западных и восточных философов указывает на то, что в отношении абсолютной справедливости этот вопрос глубоко изучался и данный термин являлся объектом пристального внимания.
**Ключевые слова:** понятие справедливости, категории, мнения, правитель, поведение, учение, политика, социальное государство, право, социология, отношение, философ, руководитель, понятие, царь, равенство, неравенство.

**THE CATEGORY OF JUSTICE IN THE WRITINGS OF THINKERS OF GREECE AND THE EAST**

The article discusses the speech and the concept of "justice" reflected in the work of Greek and Oriental philosophers. It should be noted that in the works of the Greek and Oriental, the first prediction about the concept of "justice" is pointed out, the concept of the stages of restoring the relation of equality and inequality in the direction of the state structure, politics, economics and sociology-it is one of the most important works. Another idea of the forms of management of justice in the structure of governance State on the example serving the measurement of "equity" is the norm balancing the political attitude. Analysis of the concept of "justice" in the philosophy of the East and Greece shows that the theme of "justice" has its own specific features. The question of the concepts of justice is reflected in the writings of Oriental philosophers Aburayhoni Beruni, Abu Nasri Forobi, Abu Ali Hasan ibni Tusi, Alisher Navoi and others. In the notion of justice, the important role is played by Oriental cultures. One of the qualities in governing the state, justice and injustice is considered in the social structure of medieval society. According to this doctrine, the concept of "justice" in the work "Politics" - Nizom-ul-muluk focuses on the fact that without order in the state appears in the event that the society with the appearance of slander, injustice, inequality and non-observance of the rights of strangers Serious treatment. Including the thinkers of Ancient Greece Socrates, Aristotle, Plato in an open form and revealing the term "justice" had a great contribution, which they occupies an important role in political and social philosophy. For example, the content of the concept of "justice" in reflected in Plato's work "The State" and aesthetic his teachings about the beginning of kindness and sustainability in man, placed the development of the behavioral and spiritual character of man in such works as "Evdemova Ethics", "Politics" of Aristotle. From the point of view of the Eastern and Greek thinkers, the notion of "justice" in culture, politics, economics and in the general sense does not work in the structure of the state, then in society we do not observe the equality of philosophers. scientists and specialists from the point of view of religious teachings to the concept of "justice" paid much attention, because it is voluminous. Deep training of the concept of "justice" in the works of Western and Eastern philosophers indicates that in terms of absolute justice this issue is considered and this term is subject to inspection.
**Key words:** concept of justice categories, opinions, ruler, behavior, teaching, politics, social state, law, sociology, attitude, philosopher, leader, concept, king, equality, inequality.

**Сведения об авторе:** ***Гиёсов Баховаддин Рахматуллоевич*** - Институт технологий и инновационного менеджмента в г. Кулябе, старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан г. Куляб проспект Борбада. E-mail: **bahovaddin-2017@mail.ru**. Телефон: **988-94-14-57**

**Information about the author:** ***Giyosov Bahovaddin Rahmatulloevich*** - Institute of Technology and Innovation Management in Kulyab, Senior Lecturer of the Department of Humanitarian Disciplines. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, Borbada Avenue. E-mail: **bahovaddin-2017@mail.ru.** Phone: **988-94-14-57**

**УДК 314/316**

# ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ҶАҲОНӢ

***Маҳмадиев Н.Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Инкишофи тамаддуни инсонӣ гувоҳи он аст, ки шаклҳои гуногуни ҳаросафканӣ ва зӯроварӣ дар таърих вуҷуд доштанд. Қарнҳои зиёд аксар тазодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо роҳи зӯроварӣ ва ҳаросафканӣ ҳаллу фасл мешуданд. Дар таърихи инкишофи ҷомеаи инсонӣ марҳилаҳое вуҷуд доранд, ки бевосита ба афзалияти зӯрию ҳаросафканӣ дар корҳои байналмилалӣ рабт доранд. Масалан, аксарияти давлатҳо барои васеъ кардани ҳудудҳои маъмурию сиёсии худ аз зӯрию куштор, асиргирӣ ва дигар шаклҳои маҷбурнамоӣ истифода мебурданд, то ба мақсади гузоштаи худ ноил гарданд.

Як гурӯҳ муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки терроризм дар ҷомеае пайдо мешавад, ки дар соҳаҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии он ҷомеа душвориҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Ин ақида то ҷое ҳақиқат дорад, чунки давлате, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ заиф бошад ба объекти ҳуҷуми душманони дохилию хориҷӣ табдил меёбад. Масалан, инкишофи давлатдории мо дар ибтидои солҳои 90–ум, инчунин таърихи муосири Сурия ва Ироқ гувоҳи ин гуфтаҳост [1,с.23].

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон омили сиёсии пайдоиши терроризмро дар вуҷуд доштани режимҳои авторитарӣ мебинанд, ки имконияти ба таври легалӣ ва озодона фаъолият кардани мухолифинро маҳдуд менамоянд. Имкониятҳои нобаробар маҷбур менамоянд, ки ҳизбҳои мухолиф усулҳои ғайриқонунии муборизаю фаъолиятро бар зидди давлат интихоб намоянд. Қисмати ашаддии ҳизбу ҳаракатҳои мухолиф усулҳои террористиро бар зидди давлат истифода менамоянд [2,с.47]. Аммо, бояд қайд кард, ки имкониятҳои нобаробар ба ҳеҷ ҳизбу ҳаракати мухолиф ҳуқуқ надодааст, ки роҳҳои ғайриқонунии мубориза бо ҳокимиятро пеш гиранд. Ин амал аз ҷониби қонунҳои миллӣ ва ҳам байналмилалӣ маҳкум мешавад. Усулҳои ғайриқонунии мубориза, пеш ҳама, ба шахсият, ҷомеа ва давлат зарари бузурги моддию маънавӣ мерасонанд. Таърихи муосир гувоҳ аст, ки ҳокимиятхоҳону қудратхоҳон ба хотири ҳокимият шуда балвову моҷароро роҳандозӣ мекунанд ва ба сифати тамошобин мушоҳида менамоянд. Аммо қисмати осебпазири ҷомеа кӯдакон, пирону барҷомондагон ва умуман аҳолии бегуноҳ ба тарафҳои моҷаро табдил ёфта, беҳуда барои манфиати дигарон ҳалок мешаванд. Иқтисодиёт ва иҷтимоиёт чи қадар зарари вазнин мебинанд, ки намунаи онро мо дар таърихи имрӯзаи Сурия, Ироқ, Лубнон, Яман ва Сомали мушоҳида менамоем.

Аммо, бояд қайд кард, ки фаъолияти террористӣ бар зидди ҷомеаи мутамаддин равона карда шуда, аз фаъолияти террористӣ, пеш аз ҳама, одамони бегуноҳ зарар мебинанд. Барои ҳамин бар зидди ҷомеа ё давлат нигаронида шудани терроризм ин зуҳуротро ба қатори амалҳои аз доираи қонун берун вуҷуддошта маънидод менамояд. Зуҳуроте, ки зидди қонун нигаронида шудааст, ҷомеа, давлат ва шахсони алоҳида вазифадоранд, ки зидди он мубориза баранд.

Дар аксар давлатҳои низомашон демократӣ фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ озод аст. Ин принсип дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми идоракуниаш демократист, ҳаматарафа риоя мешавад ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ озод аст. Ҳизбҳои мухолиф дар равандҳои сиёсӣ озодона фаъолият карда, дар интихоботи органҳои сатҳи ноҳиявию давлатӣ мувофиқи принсипҳои қонунгӯзорӣ бо барномаҳои худ иштирок менамоянд. Албатта, ҳизбҳои сиёсию ҳаракатҳои сиёсии мухолиф дар маъракаи пешазинтихоботӣ фаъолияти баробар дошта, тамоми захираҳои давлатӣ ва бойигарии давлатӣ, пул, ВАО ба ин ҳизбҳо баробар тақсим карда мешаванд. Маълум аст, ки кадом ҳизбе, ки барномаи самаранок дорад ва дар барномаи пешазинтихоботӣ онро дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ карда метавонад, ғолиб мебарояд. Ва ба ақидаи мо, ин як раванди табиист, чунки ҳизбҳои ғолиб бо мардум аз наздик кор карда тавонистаанд ва барномаҳои пешазинтихоботии худро дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ кардаанд. Ба ҳамин хотир, онҳо назди дастгоҳи давлатӣ ва ҷомеа эҳтироми хосро соҳиб буда, ҳаматарафа дастгирӣ меёбанд. Гуфтан мумкин аст, ки ин таҷрибаи маъмулӣ аст ва тамоми давлатҳо, режимҳои сиёсӣ, ҳизбҳо ё ҳаракатҳои сиёсиеро дастгирӣ ва маблағгузорӣ менамоянд, ки мувофиқи идеологияи сиёсии давлат амал менамояд.

Аммо душвории асосӣ сари он аст, ки як қатор ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсии мухолиф оянда надоштани фаъолияти сиёсии худро дарк карда, усулҳои таҷовузу зӯрӣ ва роҳҳои мусаллаҳонаи муборизаро пеш мегиранд. Масалан, собиқ ҳизби мамнуъшудаи наҳзати исломӣ, оянда надоштани фаъолияти сиёсии худро дарк карда, кӯшиши табаддулоти давлатӣ намуданд, ки хушбахтона муваффақ нашуданд. Бо қарори Суди олӣ ва Прокуратураи генералӣ ин ҳизб террористӣ эълон шуда, фаъолияти он дар Тоҷикистон манъ карда шуд [3].

Инчунин, бо қарори аъзоёни ташкилоти СААД, ки 8.06. 2016 дар шаҳри Ереванӣ Арманистон баргузор шуд, собиқ ҲНИТ дар дохили кишварҳои аъзои СААД ҳизби террористӣ эълон карда шуд. Дар ин ҷаласа ҷонибҳо рӯйхати ташкилотҳоеро, ки дар кишварҳои узви СААД террористӣ ва экстремистӣ эътироф шудаанд, бо қарори дахлдор ба мувофиқа расониданд. Дар рӯйхати мазкур дар қатори дигар созмонҳои террористии байналмилалӣ, ба монанди «Ал-Қоида», «ДИИШ», «Ихвон-ул муслимин», «Ансоруллоҳ», инчунин Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон низ таҳти №65 ворид карда шуд [4]. Мушоҳида мешавад, ки сабаби асосии пеш гирифтани роҳҳою усулҳои таҷовузкоронаи мубориза бар зидди ҳокимияти давлатӣ аз тарафи гурӯҳҳои сиёсӣ, ин вуҷуд надоштани роҳҳои қонунию легалии фаъолияти сиёсӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои ниҳоии сиёсӣ мебошад. Ин омилҳои зикршуда далели асосии фаъолияти ғайриқонунӣ ва зиддиинсонии гурӯҳҳои сиёсӣ ва инчунин гурӯҳҳои экстремистию террористиро ташкил медиҳад.

Саволе пайдо мешавад, ки агар режимҳои тоталитарию ғайридемократӣ сабаби асосии пайдоиши терроризм бошанд, пас мавҷудияти гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористиро дар кишварҳои низоми идоракуниашон либералию демократӣ бо кадом омилҳо ё сабабҳо шарҳ додан мумкин аст. Масалан, гурӯҳи террористии ЭТА дар замони ҳукмронии диктатор Франко пайдо шуда буд, аммо баъди ба сари ҳокимият омадани режимҳои демократӣ дар Испаниё фаъолияти террористиро тӯли бисту панҷ сол идома дода, боиси қурбонию марги одамони зиёд гаштанд [5,с.142]. Армия ҷумҳуривии

Ирландия, «Бригадаи сурхҳо» - и итолиёвӣ ва Баадер-Мейнхофи олмонӣ фаъолияти террористии худро дар шароити мавҷудияти дуру дарози режимҳои демократӣ, мавҷудияти институтҳои демократию ҳизбҳои сиёсӣ оғоз карда, ба зидди ҳокимият бо усулҳои террористию ғайриқонунӣ мубориза мебурданд. Як қатор муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки гурӯҳҳои террористиро, ки дар Аврупо фаъолият доштанд, собиқ ИҶШС дастгирӣ карда, унсурҳои радикалии онҳоро ба таҷовуз моил мегардонид. Иттиҳоди Шӯравӣ барҳам хурд, аммо дар кишварҳои тараққикардаи Аврупо терроризм то ҳол вуҷуд дорад. Сабаби аслӣ дар он аст, ки решаҳою омилҳои бавуҷудоварандаи терроризм бартараф нашуданд. Зуҳури терроризмро танҳо бо сабабҳою омилҳои берунӣ ё таъсири давлатҳои дигар шарҳ додан ғайриимкон аст, чунки муҳаққиқонро аз воқеияти аслии сар задани терроризму экстремизм дур менамояд ва намегузорад, ки сабабҳои аслии терроризм бартараф карда шаванд. Терроризм ва экстремизм зуҳуроти иҷтимоӣ мебошанд ва ин омилро тамоми муҳаққиқон ба сифати сабаби асосии инкишоф ёфтани терроризму экстремизм пешниҳод менамоянд [1,с.84-85].

Фаъолияти гурӯҳҳои экстремистию террористиро берун аз кишвар ташкилу роҳандозӣ кардан мумкин, аммо муддати дароз онҳоро дастгирӣ кардан ғайриимкон аст, барои ин бояд шароити мусоид дар дохили кишвар вуҷуд дошта бошад. Паст будани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, ақибмонии иқтисодӣ, қашшоқии аҳолӣ барои пайдоиш ва инкишофи экстремизм ва терроризм шароити мусоид фароҳам меоранд. Дар кишварҳои Аврупо терроризм аз берун интиқол дода нашудааст, он маҳсули зиддиятҳои дохилӣ, ба монанди нобаробарии иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, миллӣ ва мазҳабӣ мебошад. Демократҳо ва либералҳои кишварҳои Аврупо тасдиқ менамоянд, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд дар ин кишварҳо поймол карда намешаванд, аммо дар амал мушоҳида мешавад, ки терроризм дар ҳақиқат ҷой дорад ва инкишоф ёфта истодааст. Ҳуқуқу озодиҳо баробар бошанд ҳам, аммо имкониятҳои истифодабарии он барои ҳама баробар нест. Чунки вазъи иҷтимоии одамон куллан фарқ доранд. Сабаби норозигӣ, яъсу ноумедӣ ва бадбинии одамон, нисбати қишри нисбатан сарватманди ҷомеа дар он аст, ки онҳо имконияти баробар надоранд ва наметавонанд, ки орзу ва талаботҳои худро қонеъ гардонанд. Ба ҳамин хотир қишри поёнии аҳолӣ нисбати қишри сарватманд ба воситаи усулҳои экстремистию террористӣ мубориза мебаранд, то имкониятҳои дастрасӣ ба неъматҳои моддию маънавӣ баробар бошанд. Давлат дар масъалаи баробарии иҷтимоии аҳолӣ бояд, ки бетараф набошад ва кушиш ба харҷ диҳад, ки тамоми қишрҳои аҳолӣ дар таъминоти иҷтимоӣ, таълим, тандурустӣ ва фароғат имкониятҳои баробар дошта бошанд. Дар акси ҳол давлат метавонад ба объекти ҳуҷуми гурӯҳҳои экстремистию террористӣ табдил ёбад.

Кишварҳои Аврупои солҳои 60 – уми қарни гузашта бо усулҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ зарару таъсири терроризмро дар ҷомеа хеле паст намуданд, аммо замони муосир вобаста ба кӯчиши аҳолӣ аз кишварҳои Африқои Шимолӣ ба кишварҳои тараққикардаи Аврупо хатари инкишоф ёфтани радикализми динӣ ва терроризм мусаллаҳ бо идеология динӣ, махсусан исломӣ рӯ ба рӯ гашта истодаанд. Инкишоф ёфтани экстремизму терроризми динӣ дар кишварҳои Аврупо вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ ва динии онҳоро зери хатар гузоштааст. Душвории асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки муҳоҷирон ба кишварҳои Аврупо кӯч баста, онҷоро мақоми зист интихоб менамоянд, аммо ба тарзи зиндагӣ ва фарҳанги аврупоӣ мутобиқ намешаванд ва кӯшиш менамоянд, ки анъанаҳои миллию фарҳангӣ ва динии худро ривоҷ дода, ба аҳолии таҳҷоӣ омехта нашаванд. Ин омил раванди мутобиқшавии муҳоҷиронро ба шароиту фарҳанги наву бегона душвор гардонида, аномияро дар байни қишри муҳоҷирон инкишоф медиҳад. Ҳамин тавр, ба сафи шаҳрвандони комилҳуқуқи кишвар ворид шудани муҳоҷирон душвор гашта, гирифтани дониш, малака ва ихтисосу касбу кори зарурӣ вазнин мегардад, чунки онҳо дар муҳити фарҳангии дигар тарбия гирифтаанд ва ворид шудан ба муҳити фарҳангии бегона заҳматталаб буда, бояд тарзи рафтор, гуфтор ва анъанаҳои он кишварро омӯзанд. Муҳоҷироне, ки ба муҳити фарҳангии нав ва бегона ворид шуда наметавонанд, роҳи эътирозро пеш мегиранд.

Роҳи асосӣ бартараф намудани эътирозу нофаҳмиҳо дар он аст, ки ҳарчи тезтар психология ва фарҳанги мардуми таҳҷоӣ аз худ карда шаванд ва кишваре, ки муҳоҷиронро қабул кардааст, бояд дар ин кор ҳаматарафа мусоидат намояд. Риоя намудани ин шартҳо имконият медиҳад, ки гурезагон ва муҳоҷирон худро бегонаю одамони дуюмдараҷа эҳсос накунанд ва ба талаботи корфармоён мутобиқат намоянд. Табиист, ки гуреза ё муҳоҷир набояд фарҳангу анъанаи миллии худро фаромӯш созад. Арзишҳо ва фарҳанги миллӣ бояд, ки дар сатҳи муносибатҳои оиладорӣ ва маишат таҷриба карда шаванд. Аз худнамоии фарҳанги ғайр мазмуни фарҳанги миллиро бою ғанӣ мегардонад ва инсон аз нигоҳи маънавӣ пуратар мешавад. Аммо, танҳо як қисми муҳоҷирон, ки дар донишгоҳҳои аврупоӣ таҳсил кардаанд ва таълими Ғарбӣ гирифтаанд, ба ҷомеаи аврупоӣ мутобиқ мешаванд, боқимонда аксари зиёди муҳоҷирин ба шарту шароити кишварҳои аврупоӣ мутобиқ намешаванд ва ҳатто кӯшиш ҳам намекунанд.

Дар натиҷа аҳолии таҳҷоӣ нисбати муҳоҷирон муносибати хуб накарда, онҳоро ба назари шубҳа нигоҳ менамоянд, инчунин онҳоро ба корҳои сердаромаду бонуфуз намегиранд ва бо имконияти аввалин аз кор пеш менамоянд. Ин равандҳо дар миёни муҳоҷирин аксуламалро дар шакли қонунвайронкунӣ, итоат накардан ба полис, вайрон кардани моликияти ҷамъиятӣ, таҷовуз ва ғоратгар ба миён меорад ва солҳои охир дар кишварҳои аврупоӣ, махсусан дар Фаронса, баръало мушоҳида мешавад. Фаронса давлатест, ки аз кишварҳои Мағриб миқдори зиёди муҳоҷиронро қабул кардааст ва амалҳои террористие, ки солҳои охир дар ин кишвар ба амал омаданд, ба дасти ҳамин муҳоҷирин амалӣ шудаанд. Дар ин ҷо танҳо муҳоҷирон гунаҳгор нестанд, сиёсати нодурусти иҷтимоӣ – сиёсӣ, иқтисодӣ ва миллии ҳукумати Фаронса боиси авҷ гирифтани амалҳои экстремистию террористӣ гаштанд.

Идеологҳои гурӯҳҳои экстремистию террористӣ кӯшиш менамоянд, ки аз муҳити муҳоҷирон фидоиён ва иҷрокунандагони амалҳои террористиро интихоб намоянд. Амалҳои террористие, ки солҳои охир дар шаҳри Лондон бо дасти муҳоҷирони покистонитабор, ки шаҳрвандии Англияро доштанд, гузаронида шудаанд исботи гуфтаҳои болост, чунки ҳастанд гурӯҳое, ки аз норозигии муҳоҷирон ба манфиати худ истифода мебаранд. Имрӯзҳо мушоҳида мешавад, ки дар кишварҳои аврупоӣ сабабҳои рушду инкишофи терроризми сиёсӣ паст карда шудааст, аммо бо сабаби омадани муҳоҷирон аз кишварҳои Шарқи Наздик ва Африқо терроризми мазҳабӣ – динӣ ва миллӣ инкишоф ёфта истодаанд. Чунин ҳолатро байни муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Русия низ метавон мушоҳида кард. Маълум аст, ки намояндагону идеологҳои гурӯҳи ифротию террористии «ДИИШ» дар байни муҳоҷиронии меҳнатии тоҷик тарғибот бурда, бисёр шаҳрвандони Тоҷикистонро аз ҷумлаи ҷавонон ба сафи ин гурӯҳи ифротию террористӣ ҷалб кардаанд. Ин ҷавонони гумроҳ ба ин тарғиботи ифротӣ дода шуда, дар Сурия ва Ироқ дар ҳайати гурӯҳи ифротию террористии «ДИИШ» дар ҷангҳои бо ном «ҷиҳод» иштирок менамоянд ва дақиқ шудааст, ки қисми зиёди онҳо барои манфиатҳои гурӯҳҳо ва одамони алоҳида ба ҳалокат расидаанд. Зану фарзанд, падару модари онҳо бесаробон монда, байни ҷомеа шармсор гаштаанд.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки муҳоҷирати беназорат ва сиёсати нодурусти иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ ва миллии як қатор кишварҳои аврупоӣ боиси инкишоф ёфтани экстремизму терроризми мазҳабӣ-динӣ гашта истодаанд. Масалан, амали террористӣ нисбати нашриёти газетаи мазҳакавии «Шарли Ебдо», ҳуҷуми мусаллаҳона ба клуби фарҳангии «Батаклан» аз қабили амалҳои террористие мебошанд, ки бо дасти муҳоҷирон анҷом дода шудаанд ва вазъияти сиёсии Фаронсаро халалдор кардаанд. Роҳи асосии пешгирии инкишофи экстремизм ва терроризм тағйирдиҳии сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ ва миллии давлатҳои Аврупо нисбати муҳоҷирон ва коркарди барномаҳои таълимию фарҳангие мебошад, ки воридшавии муҳоҷиронро ба ҷомеаи аврупоӣ осон гардонад.

## АДАБИЁТ


1. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Монография / Н.Д. Маҳмадиев. - Душанбе, 2013. – С.11.
2. Чернядьев Н.А. Международный терроризм: происхождение, эволюция, актуальные вопросы правового противодействия. Монография / Н.А. Чернядьев. – М., 2017. – С.47.
3. В Таджикистане ПИВТ объявили террористической организацией [электронный ресурс]: http://avesta.tj/2015/09/29/ (дата обращение к сайту 5.06.2018).
4. Дар бораи аз ҷониби Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) ташкилоти террористӣ эътироф кардан ва ба рӯйхати ташкилотҳои террористӣ-экстремистии кишварҳои узви СААД ворид намудани ТЭТ ХНИТ [электронный ресурс]. http://khovar.tj/2017/09/ (рӯзи муроҷиат ба сомона 5.06.2018).
5. Хенкин С.М. Баскский конфликт: истоки, характер, метаморфозы: монография / С.М. Хенкин, Е.С. Самсонкина. Моск.гос.ин-т междунар. отношений (ун-т) МИД России. – М:МГИМО (У) МИД России, 2011. – С.142.


## ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ҶАҲОНИИ ИНСОНИЯТ

Як гурӯҳ муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки терроризм дар ҷомеае пайдо мешавад, ки дар соҳаҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии он ҷомеа душвориҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Ин ақида то ҷое ҳақиқат дорад, чунки давлате, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ заиф бошад, ба объекти ҳуҷуми душманони дохилию хориҷӣ табдил меёбад. Масалан, инкишофи давлатдории мо дар ибтидои солҳои 90 –ум, инчунин таърихи муосири Сурия ва Ироқ гувоҳи ин гуфтаҳост. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон омили сиёсии пайдоиши терроризмро дар вуҷуд доштани режимҳои авторитарӣ мебинанд, ки имконияти ба таври легалӣ ва озодона фаъолият кардани мухолифинро маҳдуд менамоянд. Имкониятҳои нобаробар маҷбур менамоянд, ки ҳизбҳои мухолиф усулҳои ғайриқонунии мубориза фаъолиятро бар зидди давлат интихоб намоянд. Қисмати ашаддии ҳизбу ҳаракатҳои мухолиф усулҳои террористиро ба зидди давлат истифода менамоянд. Маълум аст, ки намояндагону идеологҳои гурӯҳи ифротию террористии «ДИИШ» дар байни муҳоҷиронии меҳнатии тоҷик тарғибот бурда, бисёр шаҳрвандони Тоҷикистонро аз ҷумлаи ҷавонон ба сафи ин гурӯҳи ифротию террористӣ ҷалб кардаанд. Ин ҷавонони гумроҳ ба ин тарғиботи ифротӣ дода шуда, дар Сурия ва Ироқ дар ҳайати гурӯҳи ифротию террористии «ДИИШ» дар ҷангҳои бо ном «ҷиҳод» иштирок менамоянд ва дақиқ шудааст, ки қисми зиёди онҳо барои манфиатҳои гурӯҳҳо ва одамони алоҳида ба ҳалокат расидаанд. Зану фарзанд, падару модари онҳо бесаробон монда, байни ҷомеа шармсор гаштаанд.

**Калидвожаҳо:** Ислом, радикализм, терроризм, экстремизм, терроризми байналмилалӣ, терроризми мазҳабӣ – динӣ, ДИИШ, тарғиби зӯроварӣ, ҷиҳод, фаъолияти террористӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ.

**МЕЖДУНАРОДНЫЙ ТЕРРОРИЗМ КАК ГЛОБАЛЬНАЯ ПРОБЛЕМА ЧЕЛОВЕЧЕСТВА**

В статье рассматривается международный терроризм как глобальная проблема человечества. Некоторые исследователи подчеркивают, что терроризм проявляется в обществах с социальными, политическими и экономическими проблемами. И это точка зрения имеет право на существование, потому что общество, которое слабое с политической, экономической точки зрения, становится объектом международных манипуляций со стороны определенных политических группировок. Например, доказательством этому является развитие нашего государства в начале 90-х годов, а также современная история Сирии и Ирака. Некоторые исследователи видят корни проявления и возникновения терроризма в существовании авторитарных режимов, которые ограничивают, по их мнению, свободу слову и демократические свободы. Подчеркивается, что неравные возможности заставляют партии и группы вести против государственной власти экстремистскую и террористическую деятельность. Но известно, что некоторые партии и группы не имеют поддержки у народа, поэтому выбирают незаконные методы борьбы против общества и власти. Известно, что представители и идеологи террористической организации «ИГИЛ» вели вербовочную деятельность среди таджикских трудовых мигрантов и привлекали большое количество таджиков, в том числе молодых, к экстремистской террористической деятельности. Эти молодые люди подвергались направленной пропаганде и участвовали в так называемом джихаде на территорий Сирии и Ирака. Есть данные, что в деятельности экстремистской и террористической организации ИГИЛ участвует многое женщин из разных стран.

**Ключевые слова:** ислам, радикализм, терроризм, экстремизм, международный терроризм, пропаганда насилие, ИГИЛ, религиозно-конфессиональный терроризм, терроризм, террористическая деятельность, нелегальная иммиграция.

**INTERNATIONAL TERRORISM AS A GLOBAL PROBLEM OF MANKIND**

The article considers international terrorism as a global problem of mankind. Some researchers emphasize that terrorism manifests itself in societies with social, political and economic problems. And this point of view has the right to exist, because a society that is weak from a political, economic point of view becomes the object of international manipulation by certain political groups. For example, proof of this is the development of our state in the early 1990s, as well as the modern history of Syria and Iraq. Some researchers see the roots of the emergence and emergence of terrorism in the existence of authoritarian regimes that limit in their opinion freedom of speech and democratic freedoms. It is emphasized that unequal opportunities force parties and groups to conduct extremist and terrorist activities against state authorities. But it is known that some parties and groups do not have the support of the people, therefore they choose illegal methods of struggle against society and authorities. It is known that representatives and ideologists of the terrorist organization "ISIS" conducted recruitment activities among Tajik labor migrants and attracted a large number of Tajiks, including young people, to extremist terrorist activities. These young people were subjected to directed propaganda, and participated in the so-called jihad in the territories of Syria and Iraq. There are reports that many women from different countries are involved in the activities of extremist and terrorist organizations of IGIL.

**Key words:** Islam, radicalism, terrorism, extremism, international terrorism, religious-religious violence, ISIS, propagandist violence, terrorism, terrorist activities, illegal immigration.

**Сведения об авторе:** ***Махмадиев Н.Д.*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент декан факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, Рудаки, 17. E-mail: **nozim2985@mail.ru**. Телефон: **939-32-59-42**

**Information about the author:** ***Mahmadiev N.D.*** - Tajik National University, candidate of Philosophy, Associate Professor Dean of the Faculty of Philosophy of the. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. E-mail: **nozim2985@mail.ru**. Phone: **939-32-59-42**

**УДК: 159.9.:9**

# ШАХСИЯТ ҲАМЧУН САБАБ ВА МАҲСУЛИ РУШДИ ТАЪРИХӢ

***Рахмонов Х.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳанӯз дар қарни V-и қабл аз милод ҳакимони юнонӣ ҳунареро бо номи риторика ба вуҷуд оварданд ва принсипи асосии онро низ мушаххас карданд: инсон мизон ё ченаки ҳама гуна ашёст. Ҳарчанд онҳо мавҷудияти ҳақиқату воқеиятро дар сухан инкор карда, ҳадафи гӯяндагиро танҳо дар эътимод бахшидани сомеъон медиданд, бо вуҷуд ҳамин мавқеи усулиашон хеле арзишманд буд: меъёри ташхиси ҳама гуна воқеоту ҳодисот, ҳама падидаҳои зиндагӣ, чи дар шакли аёнӣ ва чи абстрактӣ, танҳо инсон аст, инсоне, ки дорои хираду шуур буда, метавонад тавассути ин ду неруи бузург ҳаққу ботил, неку бад, пасту баландро аз ҳам ҷудо кунад.

Ин принсипи суханварӣ комилан ба аҳли илм, ки аз ин ё он идеяи нав хони баҳс мероянд, дахл хоҳад дошт. Зеро ба қавли Иммануил Кант «ҳама аҳдофи илм ё eruditio (ҳофизаву хотира), ё speculatio (хирад) аст. Ин ду қобилият бояд ба он равона шавад, ки инсонро то андозае мулоҳизакор (боақлтару бофаросаттар) кунад, ки ба табиати инсониаш мувофиқ бошад» (4, с.228).

Вақтҳои ахир дар васоити ахбор андак-андак мақолоти илмбунёде ба нашр мерасанд, ки аз лиҳози муҷаҳҳаз будан бо далелҳои илмӣ ва мушоҳидаҳои ҳаётӣ ба кас эътимод мебахшанд, зеро маҳз «бо шарофати ҷасорат ҳақиқатҳои бузург ошкор мешаванд ва тарс аз имкони хато кардан набояд касеро аз ҷустуҷӯ ва дарёфти ҳақиқатҳо дур созад» (3, с.17). Дар ин росто нашри мақолаи доктори улуми сиёсӣ, узви вобастаи АИ ҶТ С. Ятимов «Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ» (9, с.12-14) иқдоми тоза ва ниҳоят лозим дар фазои илми сиёсатшиносӣ ва ҳам фалсафаи иҷтимоӣ буда, ба шарҳи мафоҳиме чун субъекти сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, нақши шахсият ва раҳнамои сиёсӣ бахшида шудааст.

Бидуни шак, аз лиҳози фарогирифти масъалаҳои бунёдии мутааллиқ ба мақоми шахсият дар таърих, ҷойгоҳи субъекти сиёсӣ дар рушди ҷомеадорӣ ва давлатсозӣ, таносуби шахсият ва давлат дар контексти эътибори манфиатҳои умум онро метавон як рисолаи (трактати) том дар илми фалсафаи иҷтимоӣ баршумурд. Моқабл мақолоте аз ин муаллифи пуркор дар мавзӯъҳои сиёсат ва давлат, аз қабили «Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ», «Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ», «Идеология ва давлати миллӣ», «Назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ», «Илм ва амният» интишор ёфта буданд, ки онон низ аз нигоҳи бардошт ва шарҳи илмии масоили мубрами сиёсат таваҷҷуҳи ҷомеаи илмиро ба худ кашида буданд.

Воқеан, чунин навъи навиштори пурмуҳтаворо дар олами Ғарб аз дунёи қадими Юнону Рум ва бештар аз аҳди маърифатпарварии Аврупо (асри XVIII ба ин тараф) ба унвони трактат (рисолаи фишурдаи илмӣ) мешинохтанд, ки дар онҳо масоили муҳим ва баҳсбарангези марбут ба ахлоқу маънавият, давлату ҷомеа баррасӣ мешуд. Зикри он нукта муҳим аст, ки дар чунин рисолаҳо, ки ба онон ба қавле «шаклҳои мафҳумии инъикоси воқеият дар тафовут аз шакли идроки ҳиссӣ-образнокии олами ҳунар» (7, с.36) хос аст, мафҳумҳое қобили дарки умум – худшиносӣ, ақл, шахсият, давлат, инсон, дониш, илм, маърифат, миллат, раҳбари сиёсии давлати миллӣ ва чанде дигар, ки барои таъкиди андеша бо ҳуруфи калон чун исми хос нигошта шудаанд, дар паҳнои масъалаи бунёдӣ – мақоми субъекти сиёсӣ дар ин ё он марҳилаи таърих хеле амиқ бозтоб ёфтаанд.

Иқтибосоти муҳимме аз донишмандони маъруфи ҷаҳонӣ, чун Арасту, Гегел, Ибни Сино, Томас Карлейл, Нитсше, Бэкон барои тасдиқи андеша гувоҳи вазни мантиқии рисола ва диду дарёфтҳои арзишманди муаллиф аст. Ҳанӯз дар замонаш Иммануил Кант дар боби дуюми рисолаи «Орзуҳои мушоҳидагари рӯҳ» (Грезы духовидца, 1765) иброз дошта буд, ки ҳама гуна донишро ду паҳлуест, ки метавон аз ҳамон паҳлуҳо ба маърифат наздик шуд: априорӣ ва апостериорӣ (априорӣ принсипи идеалистии маърифат бар асоси мафҳумоту мулоҳизотест, ки аз таҷриба вобаста нестанд ва дуюмӣ – апостериорӣ бар далелҳо ва таҷриба замина доранд, ягона принсипи материалистие, ки оғозгоҳашро дониши аз таҷриба ҳосилшуда таркиб додааст) (4, с. 485).

Яқин аст, ки навиштори С. Ятимов маҳз ба тақозои принсипи дуюми Кант – апостериорӣ, такя бар донишҳои илмӣ ва на камарзиштар аз он – таҷрибаи илмии даркшуда аз назария ва таълимотҳои маъмули донишмандони Шарқу Ғарб посухгӯст. Ҳамзамон посухи воқеан илмӣ ба онҳоест, ки дар маҳофили пуштипардагӣ сухан аз шахспарастӣ мегӯянд ва ба ин ақида устуворанд, ки шахсият дар таърих гӯиё нақше надорад.

Таърихро инсонҳо месозанд, одамон амал мекунанд, ба мақсадҳои хеш бо назардошти эҳтиёҷот ва манфиатҳояшон мерасанд, ҳадафҳои аз нигоҳи субъект муҳим тақозо мекунад, ки аз дигар мақсадҳои боқӣ даст кашад, ҳама энерҷии ирода ва характери хешро сарф кунад. Муҳаррики инсон барои расидан ба ҳадаф ҳамоно манфиат аст. Гегел онро (яъне манфиатро) шавқмандӣ ва эҳтирос меномад ва менависад, ки "ҳеҷ чизи бузург дар олам бидуни шавқмандию эҳтирос ба каф наомадааст". Қавли дигари ӯ "инсон бо шарофати маърифат ҷовидон аст, маърифат ва тафаккур – решаи ҳаёти ӯ ва мояи абадзиндагии ӯст" (1, с.260).

Адами маърифат ва худшиносӣ фоҷиаҳое дар пай дорад, ки равиши таърихро тағйир медиҳад. Соли 1851 дар Фаронса ҷияни Наполеон, як қаллоби сиёсӣ, табаддулоти аксулинқилобӣ ба вуҷуд овард. Маркс дар ин маврид навишта буд: "Кофӣ нест, бигӯем, ки франсавиҳо дар ҳоли беҳудӣ қарор доштанд. Ба миллат, мисли зан, як дақиқа ҳам саҳлангорӣ набояд кард, вагарна якумин моҷароҷӯи раҳгузар нисбат ба ӯ зӯроварӣ хоҳад кард. Дар тасаввур намеғунҷад, ки чӣ тавр се қаллоби гузаро бидуни муқобилият миллати 36-миллионаро асир бигирад". (5, с.124).

Маркс ва Энгелс андешаи Гегелро ба хотир меоранд, ки ҳаводиси бузурги таърихӣ ва шахсиятҳои таърихӣ ду маротиба – дар шакли фоҷиа ва ҳам фарс рӯ мезананд. Гитлеризм намунаи барҷастаи синтези фоҷиа ва фарси таърих аст, ки гуноҳ ва масъулияти рух додани ин падида то кунун аз дӯши миллати олмонӣ баргирифта нашудааст. Сабақи таърих ин аст, ки ҳар миллате бояд ба тариқи худтаҳлилу худтанқид ба таҷрибаи таърихи ҷаҳонӣ назари ибрат афканад ва вазъи собиқаи худро ба тарозуи ақл баркашад.

Таърихи пешини мо низ аз чунин фоҷиаҳо истисно нест. Ҳуҷуми иғвогаронаи Қарахониён ба давлати бузурги Сомониён дар соли 999 ва шикасти он тоҷиконро тӯли ҳазор сол аз давлати миллӣ маҳрум сохт. Бино ба нақли муаррихи он давра Ҳилол ас-Сабиҳ, уламои дин, онҳое, ки масъулияти бедор намудани мардум ва ташкили ҷунбиши зидди душманро доштанд ва боистӣ, ки ба аксуламали оммавӣ ва ҳимояти умумӣ фатво медоданд, баръакс, мардумро ба оромӣ кашиданд, бад-ин маънӣ ва далел, ки ин баҳси байни ҳокимони давр аст ва ба ислом ҳеҷ робитаву дахле надорад.

Ҳамин тавр, Гегел ба ин ақида буд, ки мантиқи ҷараёни таърих на натиҷаи хоҳишҳо ва ниятҳои одамон аст. Маркс, баръакси Гегел, ба ин назар буд, ки "таърих шахсияти хоссае нест, ки инсонро ҳамчун воситаи ба даст овардани аҳдофи хеш истифода кунад. Таърих чизе нест ба ҷуз фаъолияти ба мақсади муайян равонашудаи инсон..." (1, с.102). Воқеан, қонунҳои инкишофи ҷамъият аз қонунҳои табиат тафовут доранд. Дар нисбати қонунҳои табиат қонунмандиҳои объективӣ бидуни одамон амал мекунанд. Дар ҷомеа бошад, қонуниятҳои объективӣ тавассути фаъолияти одамон амалӣ мешавад.

Ҳамин тавр, робитаи зарурии объективӣ ва субъективӣ дар равандҳои иҷтимоӣ ба даст меояд. Қонуниятҳои объективии рушди иҷтимоъ аз сатҳи инкшофи неруҳои маҳсулдеҳ ва шакли муносиботи иҷтимоӣ на аз иродаву хоҳишҳои одами алоҳида вобастагӣ дорад. Дуруст аст, ки ҳолату вазъиятҳо ба одамон таъсир мебахшанд, вале боз ҳам дуруст он ақида аст, ки ин ҳолату вазъиятҳоро низ худи одамон тағйир хоҳанд дод. Гегел он фикрро талқин мекунад, ки одамон бояд ба ҳадафҳои олӣ кӯшиш кунанд, вале зарурати амалӣ карда тавонистани он хоҳишҳоро низ таъкид мекунад, вагарна онҳо хушку холиянд. "Тоҷи ифтихори танҳо хостанҳо баргҳои зардеро мемонад, ки ҳеҷ вақт сабз намешаванд" (2, с.144).

Ҳамин тариқ, дар ин қисмати навишта ба хулосае меоем, ки нақши шахсият (ҳамоно шахсияте, ки бо такя ба иродаи мардум ирода ва масъулияти раҳнамоии ҷомеаро дошта бошад) дар таърих инкорнашаванда аст. Чанд намуна: "Дар таърих ду қонун амал мекунад: қонуни рақамҳои бузург ва қонуни шахсиятҳои бузург" (И. Левин), "Аз одамони бузург чизи зиёде, ки башарият аз уҳдаи он намебарояд, талаб кардан ҷоиз нест" (Ф. Фенелон), "Таърихро шахсиятҳо месозанд, агар онҳоро миллионҳо дастгирӣ намоянд" (А. Давидович), "Шахсиятҳои бузург сарлавҳаҳои китоби зиндагии башаранд" (Ф. Геббел), "Ҳаёти шахсиятҳои фавқулода шоиста мазмуни таърихро фароҳам меорад" (Э. Фромм) ва ғайра.

Илмҳои фалсафа ва сиёсат як силсила назариёту таълимотеро ба бор овардаанд, ки мавзӯи фавқро гуна-гуна баррасӣ мекунанд, гоҳо инкори ҳамдигаранд. Ин ҷо нақши ақл зарурат дорад, то мӯшикофӣ кунад, зеро он ба қавли Гелветсий "чизи дигаре нест ба ҷуз маҷмӯи ғояҳои нав ва комбинатсияи онҳо". Ӯ дар мисоли Макиавелли (муаллифи "Давлат") ва Монтескё ("Рӯҳи қавонин") фаҳмондани мешавад, ки хиради амалгаро чист. Инҳо аз масоили ниҳоят мураккаб сухан гуфта, миқдори зиёди ҳақиқатҳоро байни ҳам пайванд мезананд, чизи томе меофаранд, ки дигарон ба ин амал қодир нестанд.

Пайвастани ҳақиқатҳои пуршумор миқдори зиёди комбинатсияҳоро тақозо мекунад ва натиҷааш – ақли нодир аст. Дар ин хусус ҳатто аз Саъдӣ мисол низ меорад. "Аҳли сарват бо тамасхур мегӯянд, ки шахсони боақлу хирад доимо хоҳиш ва иродаи ба хонаи сарватмандон рафтан доранд, аммо сарватмандон ҳеҷ майле ба кошонаи хирадмадон надоранд. Ин барои он аст, - мегӯяд Саъдӣ, - инсони боақл қадру қимати сарватро медонад, аммо сарватмандон арзиши ақлро намефаҳманду намедонанд" (3, с.71, 420-421).

Бояд дар назар дошт, ки таърихи рушди ҷомеаҳои шарқӣ ва ғарбӣ ба куллӣ тафовут дорад ва ин омил ба рӯ задани шахсиятҳои сиёсӣ дар Шарқ монеа эҷод мекард. Дар Аврупо ҳанӯз дар асри XVIII як силсила идеяҳои иҷтимоӣ – волоияти қонун, ҳукмрони одилу маърифатпарвар, баробарии иҷтимоӣ, парламентаризм, фаъолияти иродавии шахсият, афзалияти ҳуқуқҳои табиии инсон, парастиши хирад ва ғайра манзур шуданд. Дар ҳамон айём чунин ақида ҳосил шуда буд, ки одамон табиатан покмағзанд, вале шароити ногувори иҷтимоӣ ононро вайрон мекунад, аз ин рӯ, бояд шароити зиндагиро дуруст кард. Тағйир додани тарзи ҳаёт, шуури ҷомеа, сиёсат, маишат, тарбияву таълим – хулоса ҳам сохту ҳам болосохти ҷомеа мақсуди амали маорифпарварон шуд.

Дар Олмон ҳанӯз ибтидои асри XVIII, ки беш аз 300 мулки пароканда иборат буд, идеяи худшиносии миллӣ ва давлати мутамарказ идеяҳои ҳам миллатсозу ҳам давлатсоз шуданд, яъне ваҳдати ҷомеа ва давлатро фароҳам оварданд. Ба қиёс бигирем, ки он замон Шарқ чӣ ҳолате дошт... Зулму истибдод то андозае буд, ки ба ҷуз аз тариқи маҷозу рамз ва аллегорияҳо сухани воқеӣ гуфтан барои фозилони вақт имкон надошт.

Ривояте ҳаст, ки файласуфе барои ибрози андешаҳои иҷтимоӣ – нораво будани зулм, ислоҳи сохтори иҷтимоӣ, байни ҳам вобаста будани табақоти болову пойин дар ҷомеа бозии шоҳмотро кашф кард. Ӯ ин бозиро ба ҳукмрон омӯзонд ва тавассути бозӣ ӯро эътимод бахшид, ки агар баъди аз даст рафтани шоҳ фигураҳо корношоям шаванд, пас, баъди аз даст рафтани фигураҳои одӣ низ шоҳ наметавонад имкони ҳимоят дошта бошад.

Бино ба қавли олими фаронсавӣ А. Галлан, ҳукмрони Порс аз вазираш сахт меранҷад. Ӯ вазирашро аз мансаб дур намуда, мефармояд, ки бо ҳама дороиаш дар ҳар маконе аз ин мулк, ки мехоҳад, сукунат ихтиёр кунад. Вазир дар посух мегӯяд: бигзор ба ман маконеро, ки биёбон ва ё нообод бошад, дарёфт кунанд, то ки боқии умрамро баҳри ободии он ҷо сарф кунам. Баъди ҷустуҷӯи зиёд надимон ба ҳукмрон мегӯянд, ки дар саросари мулк чунин ҷойи нообод нест. Ниҳоятан, вазир изҳори матлаб мекунад: ман медонистам, ки дар саропои ин ватан ягон ҷойи номатлуб нест ва мехоҳам, ки зимоми вазириро ба касе бидиҳӣ, ки ҳамчунин ҳисобот дода тавонад". Ҳамин тавр, дар охири асри XIX назарияи ҷунбиши маорифпарварӣ ва ислоҳоти иҷтимоӣ (дар мисоли "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш ва баъдан нақшаҳои ислоҳотҷӯёнаи ҷадидон) дар Бухоро ба вуҷуд омад, аммо бо сар задани инқилоб ва ғасби сарзамин аз ҷониби Русия Бухорои шариф, Хуросони бузург тикаву пора шуд. Дар қисмати шарқии он бо талошҳои ҷонфидоёнаи чанде аз фарзандони баруманди миллат ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфт...

Танҳо баъди касби истиқлол намудани Тоҷикистон ва шурӯъ аз соли 1992, баъди Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ сарзамини куҳанбунёди Тоҷикистон раҳбари харизматикии хешро дарёфт ва роҳи дурусти рушдро интихоб намуд. Тӯли чоряк аср кишвар аз як вазъи пурхатари ҷисмиву рӯҳӣ ба давлати озоду ободу, дунявию ҳуқуқасос ва рӯ ба тараққӣ табдил дода шуд.

Бидуни раҳбари дурандешу комилхирад, раҳнамои фавқулода закиву донишманд, шахсияти фарохназар ва пурҷасорат, дар маҷмӯъ – шахсияти сиёсии шоистаи ибрат ва ба маънои томаш таърихсоз чунин таҳаввулот ғайриимкон буд. Заминаи бавуҷудоӣ ва касби камол кардани чунин шахсият воқеияти иҷтимоие буд басо душвор, ҳам аз нигоҳи сиёсӣ ва ҳам маънавию ахлоқӣ ва ҳам амниятӣ.

Мутафаккири бузурги рус Н.Г. Чернишевский дар фаҳму дарки шахсияти бузург андешаи басо ҷолиби таваҷҷуҳ дорад: "Дуруст дарк намудани неруҳо ва талошҳои ҳама аносири таконидиҳандаи ҷомеа, қонеъ намудани он манфиатҳое, ки қонунӣ ва моҳиятдоранд". Ба андешаи ин олим, "шахсияти сиёсӣ бояд тавре рафтор кунад, ки ҳар як амалаш ба давлату ҷомеа танҳо фоида орад, бошараф, накухислат ва пуркор бошад". (8, с.241-242).

Мутафаккири дигар Г.В Плеханов зимни баҳо додан ба шахсияти барҷаста ба шароити иҷтимоӣ таваҷҷуҳи аввалдараҷа додааст. Барои бузург шудани шахсият ҳадди ақал ду шароит лозим меояд: яке истеъдодаш бояд ӯро нисбат ба дигарон барои эҳтиёҷоти марҳила афзалтар бошад ва дигаре – сохти иҷтимоии мавҷуда набояд монеаи роҳи шахсият бошад ва ӯ қобилияташро пурра ба он фаъолияте бахшида тавонад, ки барои ҳамон марҳила зарур ва манфиатбахшанд". (6, с.327).

Гегел қатъиян муқобили онҳое мебароояд, ки ба таҳлили равонии фаъолияти шахсиятҳои бузург мепардозанд, то ин ки сабабу мотивҳои дохилии рафторашонро ошкор карда бошанд. Ӯ онҳоеро мазаммат мекунад, ки рафтору кирдори шахсиятҳои фавқулодаро бо сифатҳои инсониашон рабт медиҳанд. Ин назари Гегели бузург ҷон дорад, зеро бо ягон хусусиёти шахсӣ наметавон фаъолияти онҳоеро баҳо дод, ки дар таърих нақши мондагор гузоштаанд.

«Як нафар хеле беҳтар метавонад ирода ва рӯҳияи мардумро нисбат ба сарчамъи дигарон ифода кунад», - менависад Николай Бердяев, мутафаккири бузурги рус. Ин гуна шахсиятҳо дар вазъияте зуҳур мекунанд, ки кишварҳои алоҳида ба фоҷиа гирифтор ва сарнавишти давлатҳо дар тахтаи шатранҷи абарқудратҳои бозингар уфтодаанд.

Дар маҷмӯъ, ду омил метавонад такягоҳи онҳое бошад, ки ба сотсиум раҳи дарёфти рушноиро таъмин мекунанд: шӯру шавқи беандоза барои наҷоти миллату давлат, ки аз муҳаббати самимӣ нисбат ба ватан об мехӯрад ва дигаре – хиради фитрӣ ва заковате, ки манбаи он фарҳанг ва тамаддуни ҳамон миллату кишвар аст.

Ин буд чанд мулоҳизае, ки дар ҳошияи рисолаи С. Ятимов "Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ" бозгӯ шуд. Рисолаи фавқ муртакиб ба шаш фасл аст, ки ҳар яке аз он қобили андеша ва шоистаи ҷусторҳои фарохи фикрист.

## АДАБИЁТ


1. Гегель В.Ф. Философия религии. В 2 т. Т. 2. – М., 1975.
2. Гегель В.Ф. Сочинения. – В 14 т. - Т. 7. – М., 1929-1959.
3. Гелветсий К. Об уме. / Пер. с фр. Э.Л. Радлова. – М.: Мир книги, 2006. – 560 с.
4. Кант И. Соч. Т. 2 (1759-1777). – М.: Госсоциздат, 1940. – 527 с.
5. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. - Т. 8. – М.: Изд-во полит. лит-ры, 1974. – 318 с.
6. Плеханов Г.В. Избр. филос. произв. Т. 2. – М., 1956.
7. Титов В.А. Мораль познающая. – М.: Знание, 1988.
8. Чернышевский Н.Г. Сочинения в 2 т. - Т. 2. – М.: Мысль, 1986-1987.
9. Ятимов С. Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ. // Тоҷикистон. – 2018. - №7 (1257). – 14 феврал.

## ШАХСИЯТ ҲАМЧУН САБАБ ВА МАҲСУЛИ РУШДИ ТАЪРИХӢ

Дар мақола муаллиф дар асоси таҳлил ва қиёси нуқтаи назарҳои мухталифи донишмандони фалсафа ва сиёсатшиносӣ, аз ҷумла мақолаи доктори улуми сиёсатшиносӣ, узви вобастаи АИ ҶТ С. Ятимов «Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ» (Тоҷикистон, № 7 (1257) аз 14.02.2018, саҳ. 12-14) масъалаи нақши шахсият дар раванди таърих ва таъсири онро ба рушди ҷомеа мавриди баррасӣ қарор додааст. Тасаввурот роҷеъ ба он ки маҳз шахсият таърихофар аст, аз фаҳмиши идеалистии инкишофи ҷомеаи башарӣ ибтидо гирифтааст ва тибқи ин назария оламро гӯиё ғояҳо идора мекунанд. Азбаски ин ғояҳоро шахсиятҳои фавқулода донишманд мураттаб ва таҳия менамоянд, пас онҳо ба ҳайси такондиҳандагони раванди таърих нақш доранд. Мавқеи фалсафаи иҷтимоии материалистӣ бар ин аст, ки шахсиятҳои баруманди сиёсӣ бо истеъдоди баланди хеш ба мардум хидмат карда, дар ҳалли масоили мураккаби таърихӣ ва иҷтимоӣ фаъолона мусоидат мекунанд. Дар ин ҳолат, таъсири шахсият ба равиши таърих аз он вобастагӣ дорад, ки нуфуси миллат чӣ миқдор аст ва чӣ гуна шахсият ба ин ё он навъи созмонҳои сиёсӣ такя мекунад. Аз ин рӯ, шахсияти бузурги сиёсӣ бояд соҳиби истеъдоди фавқулодаи роҳбарӣ буда, қобилияти ба пеш раҳнамоӣ кардани оммаро дошта бошад. Ҳамин тавр, дар саҳнаи таърих зуҳур кардани шахсиятҳои бузург ба вазъиятҳои объективӣ ва ба вуҷуд омадани эҳтиёҷоти муайяни иҷтимоӣ алоқаманд мебошад.

Дар мақола муаллиф ба масъалаи нақши шахсият ва субъекти сиёсӣ дар рушди таърих таваҷҷуҳ намудааст. Дар асоси радду бадали назариёт ва афкори мухталифи донишмандоне чун Кант, Гегел, Гелветсий, Плеханов, Маркс, Бердяев ва дигарон муаллиф ба хулосае омадааст, ки нақши шахсият дар инкишофи таърих ва ҷомеа дар он аст, ки ӯ бо қарорҳои хеш ва фаъолияти бобарори ташкилотчигиаш ба миллат ва мардум дар ҳалли проблемаҳои рушди иҷтимоӣ, ки дар ҷараёни объективии таърих ба зуҳур меоянд, кумак мерасонад.

**Калидвожаҳо:** сиёсат, илм, шахсият, иҷтимоъ, назария, раванди таърих, қонунҳои объективӣ, ҷомеа, ғоя.

## ЛИЧНОСТЬ КАК ПРИЧИНА И ПРОДУКТ ИСТОРИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

В статье на основе сопоставления различных точек зрения мыслителей, в том числе научной статьи доктора политических наук, члена-корреспондента АН РТ С. Ятимова «Политический субъект и национальная безопасность» (Таджикистан, № 7 (1257) от 14.02.2018, стр. 12-14) рассматривает вопрос о роли личности в историческом процессе, ее влиянии на общественное развитие. Представления о том, что именно личность творит историю, базировались на идеалистическом понимании развития человеческого общества, согласно которому идеи правят миром. Но поскольку их разрабатывают критически мыслящие личности или те, кто стоит у власти, то последние и выступают в роли локомотивов исторического процесса. Материалистическая социальная философия видит роль личности в том, что она своим талантом служит массам, помогает им ускорить решение назревших исторических задач. При этом, влияние личности на ход истории зависит от того, насколько многочисленна та нация, которая идет за ней, и на которую она опирается через политические организации. Поэтому выдающаяся личность должна обладать не только особым индивидуальным талантом, но и способностью организовывать и вести за собой людей. Таким образом, появление на исторической арене выдающихся личностей подготавливается объективными обстоятельствами, вызреванием определенных общественных потребностей. В статье автор концентрирует внимание на роль личности и политического субъекта в историческом развитии. Автор, анализируя многочисленные теории и мнения выдающихся мыслителей, таких как Канта, Гельвеция, Гегеля, Плеханова, Маркса, Бердяева и др., приходит к выводу, что роль выдающейся личности состоит в том, что она своими решениями, организаторской деятельностью помогает нации успешно решать поставленные объективным ходом истории задачи общественного развития.

**Ключевые слова:** политика, наука, личность, социум, теория, исторический процесс, объективные законы, общество, идея.

## PERSONALITY AS A REASON AND PRODUCT OF HISTORICAL DEVELOPMENT

This article looks into a comparison of various points of views of thinkers, including a scientific article by Doctor of Political Science, corresponding member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan S. Yatimov "Political Subject and National Security" (Tajikistan, No. 7 (1257) of 14.02.2018, p. 12 -14) considers the role of the individual in the historical process, its impact on social development. The notion that it is the person who makes the history is based on an idealistic understanding of the development of human society, according to which ideas rule the world. But since they are developed by critically thinking individuals or those who are in power, the latter act as locomotives of the historical process. Materialistic social philosophy sees the role of the individual in that she serves the masses with her talent, helps them to accelerate the solution of the urgent historical tasks. At the same time, the influence of the individual on the course of history depends on how numerous the nation that follows it is, and on which it relies through political organizations. Therefore, an outstanding personality should possess not only a special individual talent, but also the ability to organize and lead people. Thus, the emergence of outstanding personalities in the historical arena is prepared by objective circumstances, the maturing of certain social needs. In the article the author concentrates attention on the role of personality and political subject in historical development. The author, analyzing the numerous theories and opinions of prominent thinkers such as Kant, Helvetius, Hegel, Plekhanov, Marx, Berdyaev, etc., comes to the conclusion that the role of an outstanding personality consists in the fact that it helps the nation successfully realize its decisions and organizational activities posed by the objective course of history of the task of social development.

**Key words:** politics, science, personality, society, theory, historical process, objective laws, society, idea.

**Сведения об авторе:** ***Рахмонов Х.А.*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы филологического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ТНУ, проспект Рудаки, 17. E-mail – hafizrahmon@mail.ru. Телефон: **(+992) 900-900-429.**

**Information about the author:** ***Rahmonov Kh.A.*** - the senior lecturer of the department of the theory of the newest Tajik-Persian literature Faculty of Tajik Filology. Dushanbe citi, Rudaki avenue 17. E-mail: hafizrahmon@mail.ru. Tel: **+992 900-900-429.**

**УДК: 371(575.3)**

# АНДЕШАҲО НИСБАТИ ТАШАККУЛИ РАҒБАТИ МАЪРИФАТҶӮИИ ТАЛАБАГОН ДАР ШАРОИТИ ТАЪЛИМИ ҲАМГИРО ВА ГУНОГУНФАРҲАНГӢ

***Файзулло Шарифзода***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

*Дарси адиб агар бувад замзамаи муҳаббате,*
*Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро.*
(Нозирии Нишопурӣ)

Имрӯзҳо низоми таҳсилот, аз ҷумла муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ талоши пайгирона дорад, ки масъалаи таъмини сифати дониши шогирдон ва салоҳиятмандии онҳоро ҳал намояд. Дар ин росто неруҳои илмӣ ва амалии кормандони соҳаи маориф ба он равона карда шудааст, ки пояҳои назариявӣ ва амалии таълиму тарбия, бедории шавқу рағбат ва сабабмандии (мотиватсияи) иҷтимоии донишандӯзии талабагон ҳарчи бештару беҳтар такмил ёбад, бозёфтҳою кашфиёти олимони ватанӣ ва бурунмарзии илми педагогика дар фаъолияти мактаби тоҷик эҷодкоронаю босубот роҳандозӣ карда шаванд. Дар натиҷаи чунин муносибат, қабл аз ҳама, неруҳои зеҳнию фикрии шогирдон ба ҳаракат даровварда мешаванд ва рушду нумӯ хоҳанд ёфт.

Дар илми педагогикаи муосир исбот шудааст, ки яке аз сарчашма ва пояи устувори рушди фикрии талабагон дар кашфи асрори масъалаи ташаккули рағбати маърифатҷӯии талабагони хурдсол, ки ибтидои талоши донишандӯзӣ аст, нуҳуфтааст. Дар навбати худ, тарбия ё бедории фикрии шогирдон ба ҳалли вазифаҳои зайл вобаста аст: ба рушди рағбату сабабҳои (мотиватсияи) маърифатҷӯӣ, ба ташаккули малакаҳои фаъолияти фикркунӣ, ба қобилиятҳои инфиродии эҷодии шахси кӯдак, ба ташаккули талоши азхудкунии донишҳои замонавӣ. Зимни ин асосҳои назариявӣ метавон гуфт, ки маҳз синни хурди мактабӣ барои бедорӣ ва рушди фикрии кӯдак нисбатан мусоид аст. Аз ин бармеояд, ки вазифаи асосии мактаби ибтидоӣ ёд додани фикркунӣ, рушди шавқу рағбат, қобилиятҳои инфиродии талаба ва тарбияи боварӣ ба имконоти худ ба шумор меравад, зеро чи тавре ки устод М. Лутфуллозода таъкид мекунад, «боварӣ ба худ ва қувваҳои худ калиди сеҳрнокест, ки тавассути ӯ дари илму фан ба рӯйи кӯдак боз мешавад» [7]. Ва ин ҳама барои устувор сохтани азми маърифатҷӯии кӯдак сабаб мешавад, то ӯ дар минбаъд «Аспи талаб аз гунбади гардун биҷаҳонад» [2].

Дар илми педагогика ҳамеша ба таҳқиқи масъалаи рағбати маърифатҷӯӣ диққати махсус дода мешуд. Имрӯз ҳам ин муаммо дар назария ва амалияи таълиму тарбия яке аз самтҳои муҳимтарини таҳқиқ ба шумор меравад. Зеро рағбат ҳамчун нахустрӯйидод ва нахустфишанги равонии шахсият пойдории комилу устувори инсонро муайян менамояд. Баробари ин рағбат заминаи усулӣ (принсипиалӣ) аст барои ташкили фаъолияти тарбиявӣ ва амалияи ташаккули шахсияти одам.

Азбаски имрӯзҳо дар Тоҷикистон вобаста ба ислоҳоти низоми таҳсилот ва демократикунонӣ ва гуманикунонии раванди он ба шахсияти талаба дар раванди таълиму тарбия арҷ гузошта мешавад, масъалаи рушди рағбати маърифатҷӯӣ бояд бо ҷиддияти том ба миён гузошта ва ҳал карда шавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст, ки тарбияи мустақилият, ташаббускорӣ, фаъолӣ дар талабагони хурдсол талаби замон аст [6]. Бинобар ин зарурияти такмили мунтазами технологияи раванди таълим, вуруди навгониҳо ба чораёни иҷрои вазифаҳои таълиму тарбия ба миён меояд. Ин маънои онро дорад, ки муаллимону тарбиядиҳандагон бояд мунтазам дар ҷустуҷӯ ва ковишҳои роҳу усулҳои нави таълиму тарбия бошанд, то ки талабагон на донишҳои тайёр, балки қисми зиёди онҳоро мустақилона, тавассути ҷӯяндагӣ, ҳалли супоришҳои муаммовӣ ва дигар воситаҳо, ки амалҳои маърифатҷӯиро фаъол менамуда бошанд, ба ёрию раҳнамоии муаллим ба даст оваранд. Дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» талаб ба миён мегузорад, ки ташаккули рағбати маърифатҷӯии талабагон дар раванди омӯзиши асосҳои илм, ки таҷрибаи тӯлонии башариятро ҷамъбаст кардааст ва барои аз худ кардан пешниҳод гардидааст, яке аз вазифаҳои умдаи мактаби муосири тоҷик мебошад. Дар иҷрои ин талаб муаллими мактаби ибтидоӣ бояд:

а) ба кӯдакон фикр кардану донишандӯзиро омӯзонад;

б) шароитеро муҳайё созад, ки барои аз худ кардани асосҳои илм мусоид бошад;

в) рағбати маърифатҷӯии кӯдаконро бедор ва ташаккул диҳад.

Ҳалли бонизому бомақсадонаи ин вазифаҳо дар ҳолате имконпазир мешавад, ки агар муаллим донад, ки асрору асолати рағбати маърифатҷӯӣ чист, ба кадом тартиб ӯро метавон дар кӯдакон ташаккул дод, кадом шароитҳои педагогиро бояд ба эътибор гирифт, то ки ташаккули матлуби рағбати маърифатҷӯиро дар ҳамаи шогирдон кафолат дода тавонад.

Дар ҳалли ин масъалаи муҳим педагог ва равоншиносони маъруф А.Н. Леонтев, М. Лутфуллозода, К.Д. Ушинский, Г.И. Шукина ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Дар ин таҳқиқотҳо рағбати маърифатҷӯӣ ҳамчун рӯйдоди педагогӣ қаламдод шудааст, яъне рағбати маърифатҷӯӣ ҳамчун мафҳуми (категорияи) дидактикӣ, воҳиди таҳсилот, омили инкишофи шахсияти талаба маънидод карда мешавад. Чунин муносибати тому яклухт ба рағбати маърифатҷӯӣ ба назари инҷониб аслан мақсадҳои умдаи зеринро дар назар дорад:

а) маънидоди нақши дониш;

б) раванди ҳазму маърифати он;

в) ташаккули мақсадноки рағбат ҳамчун сифати шахсият.

Ба ақидаи Г.И. Шукина рағбат ногаҳонӣ будан ва навигарии масъалаҳои таълимро талаб мекунад. Вазифаи маърифатӣ бошад, асоси рағбати маърифатҷӯӣ ба шумор меравад, ки аз шахс амали фаъолона, ҷӯёӣ ё эҷодиро металабад [12].

Бо дарназардошти таҳқиқоту амалияи олимон ва таҷрибаю озмоишҳо камина ба ақидае расидам, ки махсусияти рағбати маърифатҷӯӣ на танҳо раванди маърифатӣ, балки амалиёти одамро ғановат мебахшад ва фаъол менамояд, зеро ин унсури маърифатӣ дар ҳар гуна фаъолияти инсон мавҷуд аст. Вақте ки инсон дар раванди меҳнат аз ашё, мавод, асбобҳо, воситаҳо истифода мебарад, ба донистани хусусияти онҳо, донистани асосҳои илмии он, ба сарфаҳмравии равандҳои нав, ба донистани технологияи ин ё он амал (истеҳсолот) эҳтиёҷманд мешавад. Дар ниҳоди ҳама гуна фаъолияти инсонӣ унсурҳои маърифатӣ, равандҳои ҷӯёӣ ва эҷодӣ нуҳуфтааст, ки ба навсозии воқеият нигаронида хоҳад шуд. Ҳама гуна фаъолиятро одам вақте метавонад босамар анҷом диҳад, ки агар аз рағбати маърифатии худаш илҳом гирифта бошад ва бо азму талоши пайгирона заҳмат кашида бошад.

Донистани асрору асолати рағбати маърифатҷӯӣ шароитҳои педагогиро тақозо мекунад, ки фароҳам овардан ва риояи пайгиронаи онҳо ба ташаккул, инкишоф ва таҳкими рағбати маърифатҷӯии талабагони хурдсол мусоидат хоҳад кард:

- барои фаҳмидан, дастрас будани мазмуни донишҳои муайян;
- ёфтан ва истифодаи усулу воситаҳо, муқоисаҳои барҷаста, тасвирҳои возеҳу равшан ва рағбатангез, ки барои дар шууру ҳиссиёти талабагон устувор ҷойгузин кардани далелҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва хулосаҳо ёрӣ расонад ва барои ба низом даровардани донишҳо нақши арзанда дошта бошанд;
- фаъолияти маърифатии муташаккилона, ки низоми муайяни амалҳои фикриро талаб мекарда бошад;
- шакли ташкили таълиме, ки дар раванди он кӯдак худро ба ҷойи муҳаққиқ гузорад ва бо фаъолии бошиддати фикрӣ фаъолияти «таҳқиқотӣ»-ро анҷом диҳад;
- ба таври имкон сафарбар кардан ба корҳои мустақилона;
- инкишофи маҳорату малакаҳои бакорандозии донишҳо, ки кӯдаконро салоҳиятнок мегардонад;
- дар дарс ҳалли супоришҳои маърифатӣ, иҷрои вазифаҳои дастаҷамъона, ки аксари талабагонро фаъол ва аз амалҳои тақлидӣ ба фаъолияти эҷодӣ-ҷустуҷӯӣ раҳнамун месозад;
- корҳои эҷодӣ-ҷустуҷӯие, ки қобилиятҳои хосси талабагонро инкишоф медода бошад.

Муҳайё сохтани шароитҳои педагогии зикршуда имконият медиҳанд, ки майлу рағбатҳои зоҳирии маърифатҷӯӣ тадриҷан ба майлу рағбатҳои ботинии маърифатҷӯӣ табдил ёбанд ва ҳамсафари доимии талабагон гарданд.

Мантиқи солими шароитҳои педагогӣ аз муаллим инҳоро тақозо дорад: талабаи хурдсолро водор созад, то ӯ пайгирона донишҳои худро барои худомӯзӣ ба кор андозад; дар талаба нисбати васеъ кардани ҷаҳонбинии худ талаботи ботинӣ бедор кунад. Ин талабот на иҷборӣ, балки тавассути бедорӣ ва ташаккули рағбати маърифатҷӯӣ риоя карда шавад.

Азбаски арзиши назариявӣ ва амалии бедории рағбати маърифатҷӯии талабагони хурдсол пеши роҳи иҷборӣ будани донишандӯзиро гирифтан аст, омӯзиш барои шогирдон на тоқатфарсо, балки қаноатмандӣ ва болидарӯҳӣ меоварад, дарсгурезӣ, бемориҳои ҷисмонӣ, маънавӣ ва рӯҳӣ аз миён мераванд. Тадриҷан дар забони онҳо мафҳумҳои «маъно ва мақсади асосӣ», «фанни дӯстдошта», «муаллими сахтгир, вале хайрхоҳ» ва монанди инҳо пайдо мешаванд. Зеро ба таъкиди И.А. Зимняя, рағбат ҳамчун рӯйдоди мараккаби равонӣ сарчашмаи ягона дошта, мазмуни фаъолият, интихобӣ будани

фаъолият, ягонагии соҳаи маърифатӣ, эҳсосӣ ва иродавӣ будани маърифатҷӯиро дар назар дорад [5].

Зуҳуроти рағбат ба омилҳои гуногун вобаста аст:

- муносибати мусбати эҳсосӣ ба фаъолияти худ дар соҳае ё чизе;
- ибрати шахсии муаллим, тайёрии баркамоли илмӣ ва равонӣ-педагогии ӯ;
- фаҳмиши моҳияти ҷамъиятии донишҳои азхудкардааш;
- азми донистани робитаҳои ҳодисоту воқеоти олам ва муносибат ба асрори олам.

Ҳанӯз К.Д. Ушинский навишта буд, ки рағбати маърифатҷӯӣ якчанд зинаи инкишофро аз сар мегузаронад: аз кунҷковӣ ва мароқ ба майли фаҳмидан (донишандӯзӣ), аз ҳайронӣ ба маърифатҷӯӣ ва рағбати илмию назариявӣ [13]. Кунҷковӣ ва мароқ одитарин рӯоварӣ ба навигарии ашёест, ки метавонад барои одам моҳияте дошта бошад ё не. Дар ин зина талаба метавонад ба ҷолибияти ин ё он соҳаи донишҳо қонеъ кунад. Дар зинаи мароқ дар талабагони хурдсол ҳанӯз талоши маърифати асрору арзиши (ҷавҳар) ашё, ҳодисот, воқеот зуҳур намекунад. Дар ин зинаи рушди рағбати маърифатҷӯӣ ба кӯдакон эҳсоси ҳайронӣ, хурсандӣ аз фаҳм кардан (маърифат) хос аст. Вале дар синни 8-9-солагӣ дар онҳо майл (тамоюл) ба фанҳои таълимӣ пайдо мешавад, ки ба кӯшишу талоши ҳарчи бештар донистан (берун аз дарс) вобаста аст. Рағбату шавқи донишандӯзӣ тадриҷан ба аломати устувори хислат табдил меёбад ва дар инкишофи шахсияти кӯдак нақши арзанда мебозад. Барои қонеъ кардани рағбату шавқи донишандӯзӣ маърифати (донистан, фаҳмидан) ҳарчи бештари робитаҳо, асрор ва муносибатҳои дар олам мавҷудбуда хос аст. Он дар шакли рағбати густурда (ба ҳамаи чизу ашёҳое, ки кӯдак ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад) зоҳир мегардад.

Рағбати маърифатӣ ва илмию назариявӣ зинаи баланди инкишофи рағбати мушаххаси талаба мебошад. Дар ин зина рағбат ҳамчун неруи ба фаъолият барангезанда ва водоркунанда нисбатан пурра зоҳир мегардад, ки дар иштиёқмандии одам ба коре, дар талаботи омӯхтани амиқи донишҳо ва татбиқи эҷодии онҳо, дар такмили мунтазами донишҳо ва амалҳо ҳувайдо мешавад.

Шубҳаҳои хурдагиронаи ғайрикасбӣ ҳанӯз кам нестанд, ки гӯё рағбат дар синни хурди мактабӣ ба талабот табдил намеёбад. Вале мушоҳида ва таҷрибаҳои чандинсола собит карданд, ки тавассути заҳматҳои таълимӣ ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ нисбат ба фанҳои таълимӣ рағбат ташаккул меёбад, ба соҳаҳои гуногуни донишҳо, ба намудҳои фаъолияти амалӣ майл пайдо мешавад, талошҳои маънавию маърифатӣ рушд ва тадриҷан ба талабот табдил меёбанд. Ғайр аз ин, рағбати талабагони хурдсол дар муносибати эҳсосӣ (эмотсионалӣ) нисбат ба дониш ва фаъолияти донишандӯзӣ зоҳир мегардад, ки ин ҳама гувоҳи бисёрҷанба ва гуногунпаҳлу будани рағбати талабагони хурдсол аст.

Дар педагогикаи муосир ақидае устувор аст, ки «Рағбати маърифатҷӯӣ» на танҳо рағбати талабагон ба таълим, балки дар маънои васеъ ҳамчун рағбат ба ҳаёт, ба таърих (гузашта), ба фарҳанг, ба инсони дигар буда, дар маҷмӯъ рағбат ба дастовардҳои нав дар тӯли ҳаёти одамист, ки пур аз фаъолияти фикрӣ мебошад. Дар айни замон хориқаи (феномени) рағбати маърифатҷӯӣ на танҳо дар соҳаи дидактика, балки дар соҳаи назарияи тарбия низ масъалаи таҳқиқ шинохта шудааст. Моҳияти истилоҳи «рағбати маърифатҷӯӣ» васеъ буда, на танҳо сабабмандии (мотиватсияи) муҳимми омӯзиш, ки самарабахшии раванди таълимиро муайян менамояд, балки ташаккули устувори хислатҳои шахсиро низ ба уҳда дорад.

Таҷрибаҳо ва назария исбот кардаанд, ки муваффақияти фаъолияти омӯзгорӣ ба муаллимоне вобаста аст, ки соҳиби донишҳои назариявӣ ва маҳорати педагогӣ мебошанд ва дар раванди томи педагогӣ рағбати маърифатҷӯии кӯдаконро дастгирӣ ва инкишоф медиҳанд. Агар дар раванди таълим ҳама гуна воқеот, ҳодисот ва ашёро таҳлилу исботкунон хулосаҳои мантиқӣ бароварда шавад, хеле хуб аст, ба шарте ки нисбат ба ин рӯйдодҳои олам муносибати кӯдакон низ ташаккул дода шавад. Ин амали охирин дар интихоби муносибати озодонаи шахс ба олам нақши ҳалкунанда хоҳад бозид. Маҳз ба ин хотир муваффақияти омӯзиш аксаран ба дараҷаи ташаккули рағбати маърифатҷӯӣ ва дар маҷмӯъ ба чигунагии муносибат ба фаъолияти таълимӣ, яъне ба ташаккули шахсият низ вобаста аст. Рағбати маърифатҷӯӣ дар муносибати эҳсосии талаба ба чизи (субъекти) маърифатшаванда зоҳир мегардад. Ба таъкиди Л.С. Виготский рағбат гӯё мисли қувваи ҳаракатдиҳандаи табиии кӯдак аст. Вай баёнгари кӯшиши ғайриихтиёрӣ буда, ишора ба он аст, ки фаъолияти кӯдак ба талаботи фикрии ӯ мутобиқат мекунад. Аз ин рӯ, қоидаи асосӣ талаб мекунад, ки тамоми низоми тарбия бояд дар асоси ба эътибор гирифтани рағбатҳои кӯдакона танзим карда шавад [4].

Баробари шароитҳои педагогии пешниҳодшуда боз муаллим дар раванди таълим бояд вазъиятҳоеро ба миён оварад, ки ба ташаккули рағбати маърифатҷӯии талабагон мусоидат карда тавонад: ҳамеша такя кардан ба фаъолияти фаъолонаи фикрӣ, ки заминаи асосии рушди неруҳои маърифатӣ ва захираҳои зеҳнӣ мебошанд; ҳалли масъалаҳои мантиқӣ ва маърифатӣ; вазъи ҷустуҷӯи фаъолона, тахминҳо, андешарониҳо; вазъи

шиддати фикрӣ; тазоди муҳокимаҳо, бархӯрди назарҳои гуногун, ки дар рафти он кӯдак ба хулоса ояд, қарор қабул кунад, ба ақидае бирасад. Барои амалӣ кардани ин ва дигар вазъиятҳои педагогӣ муаллим чунин талаботҳоро бояд ба инобат бигирад: раванди таълимро мувофиқи сатҳи инкишофи талабаи хурдсол доир кунад; меҳнати таълимии кӯдакро тадриҷан ва мунтазам мураккаб ва рағбатангез намояд, ки дар натиҷа маҳоратҳои ҳарчи мураккаб ва мушкилтар аз худ карда мешаванд. Маҳз дар ин талабот моҳияти таълими инкишофдиҳанда маҳфуз аст, ки неруҳои маърифатӣ, рағбат ва талошҳои маърифатҷӯии талабагони хурдсолро бемайлон ва пай дар пай устувор хоҳад кард.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ В ОБУЧЕНИИ НЕРОДНОМУ ЯЗЫКУ – ВАЖНЕЙШАЯ ЦЕЛЬ ИННОВАЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ

О компетентностном подходе в сфере образования республики много говорят и пишут, особенно в последние годы, когда завершена работа над новыми образовательными стандартами для начальных классов общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения, а разработка для основной и средней школы продолжается. Эти образовательные стандарты разработаны на основе требований компетентностного подхода, суть которых заключается в усилении ориентации на результаты образования, в достижении предметных образовательных результатов. Министерство образования и науки Республики Таджикистан внедряет новую систему образования на основе компетентностного подхода и таким путём способствует формированию компетентности учащихся в практическом использовании знаний, умений и навыков. По мнению автора, компетентностный подход к обучению в современной школе делает акцент на практическую сторону образования, усиливает собственно его прагматический, гуманистический и предметно-профессиональный аспекты. Автор в качестве примера приводит перечень заданий по русскому языку, направленных на коммуникативную компетенцию учащихся в общеобразовательных учреждениях. Автор уделяет особое внимание проблеме активизации учебной деятельности обучающихся на уроке русского языка. Рассматриваются вопросы ориентированности системы образования на компетентностный подход, т.е. опора на реальную жизненную практику, комплексность формируемых у учащихся компетенций, их соответствие ключевым и предметным компетенциям. Проблемность в обучении способствует решению этих задач в комплексе.

**Ключевые слова:** компетентностные задания, практическая направленность обучения, коммуникативная компетенция, понимание, формативное оценивание, примеры, работа с текстом, активизация.

## ENSURING THE COMMUNICATIVE COMPETENCY IN TEACHING A TARGET LANGUAGE IS AN URGENT TASK OF A MODERN POLICY

It has been being informed a lot about the competency approach to teaching in the last years. when the task has already done in the sphere of standards in education for the primary level students of the secondary institutions in which Tajik language is taught as a state one. As to basic and secondary level of teaching the development of it is still being continued. The following educational standards are developed on the basis of competency approach in education that is oriented towards achieving the fruitful results in teaching different subjects all roundly. Ministry of Education and the science of Tajikistan is implementing the new system of education on the basis of the competency approach and through this it is providing the formation of a student’s competency in learning and being able using it in life. The author highlights that competency in teaching is a reflection of having ability to use the knowledge gained by in everyday life. So, the author offers some activities on communicative competency to use in the general educational institutions. Basically the author focuses on the problem of student’s involvement at the lesson of Russian language. There are also some essential supports made as a basis for teaching competency that lead towards easy use of the knowledge achieved in all subjects for the purpose in life. Naturally, these are just points of problems themselves that provide the solution of all problems in complex.

**Key words:** competency of tasks, practical direction of teaching, communicative competency, comprehension, formative grading, examples, working with the text, activation.

**Сведения об авторе:** ***Джонмахмадова Гулрафтор Шералиевна*** - Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, старший научный сотрудник. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Айни, 45. Телефон: **(+992) 888-88-62-76**

**Information about the author:** ***Gulraftor Sheralievna Johnmahmadova*** **-** Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Senior Researcher. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Aini Street, 45. Telephone**: (+992) 888-88-62-76**

УДК. 379.82

# РОЛЬ ТЕХНОЛОГИЙ СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ФОРМИРОВАНИИ ЭТНОКУЛЬТУРНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ ВУЗА

*Малова Д.В.*
**Чувашский государственный институт культуры и искусств**

Современные компьютерные технологии и выход в интернет позволяют педагогам высшей школы сравнительно быстро овладеть передовым педагогическим опытом в области формирования этнокультурной компетентности студентов в высшей школе, а также внедрить на своих занятиях новые педагогические методики.

Педагог, будучи творческой личностью, синтезируя свой опыт, определенные знания, навыки и умения в формировании у студентов этнокультурной компетентности с некоторыми достижениями педагогической науки в данной области, формирует новый качественный «продукт», создавая тем самым уникальные знания и новаторский педагогический опыт.

В последнее время наблюдается возрастание роли педагогических инноваций в обучении.

Понятия «инновация» означает новшество, новизну, изменение; инновация как средство и процесс предполагает введение чего-либо нового.

Применительно к педагогическому процессу инновация означает введение нового в цели, содержание, методы и формы обучения и воспитания, организацию совместной деятельности педагога и студента [1, с. 492].

Сегодня педагоги высших школ все чаще употребляют в профессиональном лексиконе термин «технология». Понятие «технология» рассматриваются разными авторами по-разному: с одной стороны, это совокупность приемов, применяемых в каком-либо деле, мастерстве, искусстве [2, с. 253]; с другой по материалам документов «ЮНЕСКО» – системный метод создания, применения и определения всего процесса преподавания и усвоения знаний с учетом технических и человеческих ресурсов и их взаимодействия, ставящий своей задачей оптимизацию форм образования [7].

В контексте нашего исследования, мы будем опираться на определение, данное в учебном пособии Григорьевой Е.И. «Современные технологии социально-культурной деятельности», в котором под «технологией» подразумеваются «средства, формы и методы социально-культурной деятельности, которые используются в учебном процессе, и с помощью которых достигаются планируемые результаты обучения и воспитания» [5].

Рассмотрим более подробно технологии социально-культурной деятельности, применяющиеся педагогами для формирования этнокультурной компетентности у студентов в Чувашском государственном институте культуры и искусств:

I. Культуроохранные технологии, выражающиеся в изучении памятников культуры и искусства, имеющих историческое и культурное значение для представителей различных национальностей, являющихся также своеобразным «ключом» для понимания менталитета, традиций, обычаев этнических групп. Так, студенты Чувашского государственного института культуры и искусств в рамках дисциплин «История России», «Культура родного края», «История искусств» обязательно посещают исторические памятники культуры и искусства, расположенных в Чувашской Республике. Всего в Чебоксарах насчитываются 100 памятников культуры и искусства, 13 из которых Федерального значения. В рамках нашего исследования рассмотрим некоторые из них:

1. Скульптурная композиция «Единение народов и культур». Данный памятник является символом мирного существования 97 народов, проживающих на территории Чувашии, и исповедующих 12 религий и культов.

2. Памятник И.Я. Яковлеву – великому миссионеру-просветителю, внесшего неоценимый вклад в развитие самобытной чувашской культуры, сумевший возродить национальную письменность. Иван Яковлев в своем духовном завещании, оставленному чувашскому народу, писал: «Верьте в Россию, любите ее, и она будет вам матерью» [8].

3. Памятник Геннадию Волкову – основателю этнопедагогики, доктору педагогических наук, академику. Г.Н. Волков внес большой вклад в изучение национальной чувашской педагогики, разработал программу всестороннего воспитания личности на основе народных традиций.

Изучение этих и многих других памятников культуры г. Чебоксары студентами является важным фактором в формировании чувства любви к своей Родине, гордости за свой народ, язык и культуру.

II. Здоровьесберегающие и рекреационные технологии в контексте нашего исследования рассматриваются в качестве ежегодных экскурсий студентов и педагогов Чувашского

государственного института культуры и искусств в этнокультурный парк «Сувар», этноэкологический комплекс «Ясна» и Парк этнокомплекса «Амазония». Перечисленные учреждения культуры объединяет один фактор – наличие деревянных скульптур, которые называются у чувашей «юпа», что в переводе на русский язык означает «столб». Ученые исследовавшие деревянные скульптуры чувашей сходятся во мнении, что они отражают мировосприятие, понятие о красоте, особенности отношения наших предков к природе, к миру и в основном посвящены древним чувашским Богам. Народная культовая скульптура уникальна. В ней отражается связь времен, цивилизаций, племен, этносов. Именно поэтому, формируя у студентов этнокультурную компетентность, необходимо предварительно ознакомить и привить любовь к своей истории, культуре, помочь осознать себя частью народа. Посещая данные культурные учреждения, студенты, смогут более глубоко понять мировоззрение древних чувашей и осознать себя частью уникальной культуры и истории.

III. Культуротворческие технологии, которые в первую очередь связаны с технологиями развития индивидуальных творческих способностей в области культуры, искусства и самодеятельного народного творчества, науки и техники, образования и информации, спорта и туризма [4]. Использование педагогом культуротворческих технологий подразумевает проведение занятий в форме культурных мероприятий, таких как: этнические фестивали танца и песни, конкурсы художественного слова, этнофорумы, научно-практические конференции по проблемам этнической культуры и др.

Так, в Чувашском государственно институте культуры и искусств ежегодно проходят Международная очно-заочная научно-практическая конференция «Этнопедагогика как фактор сохранения этнокультурных ценностей в современном социуме», Всероссийская научно-практическая конференция «Этническая культура в современном мире», Всероссийский фестиваль-конкурс вокально-хореографического и театрально-художественного творчества детей и молодежи «КАЛЕЙДОСКОП ТАЛАНТОВ», Всероссийский конкурс художественного слова и театральных миниатюр «ЭТНОСЛОВО» и другие научно-творческие мероприятия общей задачей которых является воспитание студентов в духе толерантности, мира и гуманного межнационального отношения, а также формирование положительного отношения студентов к межкультурным различиям.

IV. Образовательные технологии подразумевают взаимосвязанную деятельность преподавателя и обучающегося, основанную на конкретной концепции в соответствии с определенными принципами и взаимосвязью целей, содержания, методов, средств обучения. Иными словами, педагог, формируя у студентов этнокультурную компетентность, применяет в процессе обучения определенную тематическую литературу, читает лекции, использует презентации, видеоролики, фильмы, связанные с усвоением знаний о многонациональной культуре своей страны и других стран. Кроме того, преподаватели Чувашского государственного института культуры и искусств организуют регулярные встречи с историками, этнографами, представителями различных этнических диаспор, участие в дискуссиях.

Так, педагоги кафедры актерского мастерства и режиссуры Чувашского государственного института культуры и искусств совместно с АУ «Дирекция культурных программ» Минкультуры Чувашии ежегодно организуют мастер-классы и творческие встречи с актерами и режиссерами кино, принимающими участие в Чебоксарском Международном кинофестивале, посвященном кинематографу малых народов России. На данных встречах обсуждаются две номинации в рамках кинофестиваля: «Игровое кино», «Этническое и региональное кино». Кроме того, приглашенные актеры и режиссеры фильмов рассказывают свою творческую биографию, обмениваются со студентами мнениями и опытом.

V. Проектные технологии являются эффективным способом понимания студентами проблем этнических групп. Данные технологии позволяют педагогу не только обучить студента технике написания проекта, но и зачастую реализовать сам проект в рамках учебной деятельности. Социально-культурные проекты, как правило, направлены на выработку и сохранение культурных ценностей, новых ценностных отношений, сохранение культурного наследия, поддержку народного творчества и др.

Так, в 2017 году педагогами Чувашского государственного института культуры и искусств была оформлена и подана заявка на грант Главы Чувашской Республики для поддержки инновационных проектов в сфере культуры и искусства.

Благодаря данному гранту в 2017 году был реализован следующий проект – «Музыкально-образовательный форум «Колыбель родная – музыка Чувашии», посвященный 125-летию со дня рождения Ф. Павлова, 125-летию со дня рождения С. Максимова, 100-летию со дня рождения В. Ходяшева».

Цель форума заключалась в сохранении и развитии национальной классической музыкальной культуры посредством приобщения молодого поколения к национальной

профессиональной музыке через творчество выдающихся чувашских композиторов: Фёдора Павловича Павлова, Степана Максимовича Максимова и Виктора Александровича Ходяшева. Более 500 специалистов сферы культуры и искусства приняли участие в научно-творческих мероприятиях, проведенных в рамках данного форума.

Таким образом, применяя в учебной деятельности проектные технологии, направленные на формирование этнокультурной компетентности студентов вуза, педагог способствует не только формированию у студента положительного отношения к культуре своего народа, но и активизирует процесс сохранения, приумножения и трансляции этнокультурных ценностей в современных условиях.

VI. Этнокультурные технологии, прежде всего, основаны на народной культуре, культурных традициях, ремесленничестве, промыслах, декоративно-прикладных формах творчества. Применяя на своих занятиях этнокультурные технологии, педагог, как правило, посещает вместе со студентами краеведческие музеи, в этнокультурные центры, центры народного творчества и т.п. для закрепления знаний о художественных и иных формах творчества различных народов. Так, студенты Чувашского государственного института культуры и искусств ежегодно посещают Чувашский Национальный музей, Музей чувашской вышивки, Музей «Бичурин и современность», Музей им. В. Чапаева, Музей им. М. Сеспеля и другие музеи Чувашской Республики. Целью посещения перечисленных выше музеев является ознакомление студентов с традиционной самобытной национальной культурой чувашей.

Также данные технологии нашли свое применение через проведение совместных тематических вечеров Чувашского государственного института культуры и искусств с региональной общественной организацией «Ассамблея представителей народов, проживающих на территории Чувашской Республики» и с Межрегиональной общественной организацией «Чувашский национальный конгресс». Кроме того, студенты и педагоги вуза оказывают ежегодную помощь в проведении в Чувашской Республике межнационального праздника «Новруз байрам» и Межрегионального конкурса «Чувашский национальный костюм – культурное наследие народа».

VII. Игровые технологии, используемые в педагогике обладают существенным признаком – четко поставленной целью обучения и соответствующим ей педагогическим результатом, которые могут быть обоснованы, выделены в явном виде и характеризуются учебно-познавательной направленностью [6].

В концепции нашего исследования игровые технологии могут применяться педагогом в виде проведения викторин, деловых игр, форумов, конкурсов, фестивалей, национальных традиционных игр различных народов и др., посвященных изучению этнических культур, их традиций, обычаев и т.п. Так, в Чувашском государственном институте культуры и искусств практически ежегодно проходит конкурс «Кухни народов мира», в рамках которого представлены лучшие национальные блюда, которые необходимо студентам не только презентовать, но и сопроводить их презентацию творческими номерами, знакомящими с танцами, песнями различных народов.

VIII. К инновационным технологиям социокультурной деятельности, направленных на формирование этнокультурной компетентности студентов, в контексте нашего исследования отнесем следующие:

1. Проведение акций хэппенинга, как разновидности флешмоба, представляющие собой бесфабульное театрализованное действие, рассчитанное на спонтанное исполнение и активное соучастие зрительской аудитории. Наиболее эффективным был признан арт-моб «ЭТНОакция», реализованной в популярной социальной сети и предполагающий получение студентом имени художника / поэта / композитора и размещение на личной странице наиболее полюбившегося его произведения и истории создания этой работы. Данная акция получила широкое распространение среди большинства студентов Чувашского государственного института культуры и искусств [218, с. 153]. Также наиболее популярным флешмобом стал арт-моб «ЭТНОслово». Согласно условиям данной акции, студенты Чувашского государственного института культуры и искусств выкладывали у себя на страничке «Вконтакте» видео, в котором они рассказывали стихотворение любимого поэта на том языке, на котором оно было написано в оригинале. Данная акция получила широкое распространение и среди студентов других вузов. В результате участниками данной акции стало около трехсот человек.

2. Проведение масштабных фестивалей народного творчества с использованием прямой видео трансляции. В современном мире невозможно игнорировать IT-технологии, интернет и социальные сети, они стали вторым миром общения людей. Реализация Международного фестиваля-конкурса хореографического творчества детей и молодежи «Танцуй» Чувашским государственным институтом культуры и искусств объединил огромное количество детей, проживающих на территории России. Конкурсантами стали учащиеся средних общеобразовательных школ, детских школ искусств, студентов ссузов и вузов России и стран

СНГ. Участники приехали из Казахстана, Республик Алтай, Бурятия, Марий Эл, Татарстан, Нижегородской области, Пермского края, городов Пензы, Москвы, Ульяновск, Самара, Тольятти и др. В течение двух конкурсных дней участники соревновались между собой, демонстрируя свои таланты в народных и народно-стилизованных танцах, отражая культуру и искусство своего региона. На третий день состоялся Гала-концерт и торжественное награждение победителей. В течение трех дней была организована прямая видео трансляция фестиваля через канал «Youtube». Более пяти тысяч человек, проживающих в разных регионах России, смогли посмотреть конкурсные дни и гала-концерт, не выходя из дома. Использование данной инновационной технологии социокультурной деятельности способствовало демонстрации богатств народной художественной культуры большому количеству людей, позволяя специалистам социокультурной сферы обмениваться профессиональным опытом, а молодежь привлечь к народным танцам и хореографическому искусству в целом.

Таким образом, рассмотрев и изучив технологии социально-культурной деятельности, направленных на формирование этнокультурной компетентности студентов вуза в рамках исследования, необходимо отметить их общие черты: 1. создание условий для интеграции студентов в культуры других этносов; 2. выявление, сохранение, формирование, распространение и освоение культурных ценностей, которых можно представить в качестве достояния определенной этнической, социальной общности, выраженной в нравственных и эстетических идеалах, нормах, образцах поведения, нравственных ценностях.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Сластенин, В.А. Педагогика : учеб. пособие для студентов педагогических учебных заведений / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, А.И. Мищенко, Е.Н. Шиняев. – 4-е изд. – Москва : Школьная Пресса, 1997. – 512 с.
2. Ушинский, К.Д. Собрание сочинений: в 11 т. Т. 6 : Родное слово : книга для детей : год первый и второй. Родное слово : книга для учащих / К.Д. Ушинский; ; Акад. пед. наук РСФСР, Ин-т теории и истории педагогики.. – Москва ; Ленинград: Изд-во Акад. пед. наук РСФСР, 1949. – 448 с.
3. Юркина, Т.В. Инновационные формы социально-культурной деятельности в развитии успешности студентов вуза культуры / Т.В. Юркина // Вестник Челябинской государственной академии культуры и искусств. – 2014. – № 2 (38). – С. 151-155.
4. Кузьменко, Р.В. Формирование культуротворческой компетентности обучающегося президентского кадетского училища: дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / Кузьменко Роман Витальевич. – Оренбург, 2015. – 223 с.
5. Григорьева, Е.И. Современные технологии социально-культурной деятельности [Электронный ресурс] / Е.И. Григорьева. – Режим доступа : http://topuch.ru/uchebnik-po-discipline-socialeno-kuleturnaya-deyatelenoste-vve/index2.html#pages (дата обращения: 12.01.2018 г.)
6. Игровые технологии в социально-культурной и социально-педагогической деятельности [Электронный ресурс] – Режим доступа : https://studfiles.net/preview/3192462/page:37/ (дата обращения: 12.01.2018 г.)
7. Современные педагогические технологии [Электронный ресурс] – Режим доступа : https://studfiles.net/preview/2911828/ (дата обращения: 12.01.2018 г.)
8. Иван Яковлев. Духовное завещание народу [Электронный ресурс] – Режим доступа : http://hypar.ru/ru/ivan-yakovlev-duhovnoe-zaveshchanie-chuvashskomu-narodu (дата обращения: 05.05.2018 г.)


## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИҶТИМОӢ – ФАРҲАНГӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ЭТНОФАРҲАНГИИ ДОНИШҶӮЁНИ МАКОТИБИ ОЛӢ


Дар мақолаи мазкур нақши технологияҳои фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ дар ташаккули салоҳияти этнофарҳангии донишҷӯёни макотиби олии имрӯза мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Инчунин муаллифи мақола диққати худро ба он равона намудааст, ки бо чӣ тарз омӯзгор бо истифодаи технологияҳои фаъолияти иҷтимоӣ – фарҳангӣ метавонад шароитҳоро барои ҳамгироии донишҷӯён ба фарҳанги дигар халқиятҳо фароҳам созад. Моҳияти мафҳумҳои «технология», «равндҳои технологӣ», «технологияҳои инноватсионӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар асоси равандҳои тасдиқёбӣ, гурӯхбандиҳои технологияҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ таҳлил шудаанд, ки дар таҷрибаи фарҳангӣ – фароғатии шабакаҳои гуногуни муассисаҳои фарҳанг ва маориф, аз ҷумла дар ташкили таълими иловагӣ ҷой доранд. Дар хулосабарориҳояш муаллиф иштироки омӯзгорро дар раванди истифодабарии шаклҳои гуногуни технологияҳои фаъолияти иҷтимоӣ – фарҳангӣ тавсиф намудааст, ки ба ташаккули салоҳияти этнофарҳангии донишҷӯёни макотиби олӣ дар чаҳорчуби таҳқиқот равона карда шудаанд ва инро барои фароҳамории шароитҳо оиди ҳамгироии донишҷӯён ба фарҳанги дигар халқиятҳо, инчунин ошкорсозӣ, нигаҳдорӣ, ташаккул, паҳнсозӣ ва азхудкунии арзишҳои фарҳангиро зарурӣ мешуморад, ки онҳоро метавон ба сифати дастоварди муайяни этникӣ, умумияти иҷтимоӣ муаррифӣ намуд.



**Калидвожаҳо**: технология, технологияҳои фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ, инноватсияҳо, аксияҳои хэппенинг.


## РОЛЬ ТЕХНОЛОГИЙ СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ФОРМИРОВАНИИ ЭТНОКУЛЬТУРНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ ВУЗА


В данной статье рассматривается роль технологий социально-культурной деятельности в формировании этнокультурной компетентности студентов современного вуза. Также автор статьи акцентирует внимание на том, каким образом педагог, используя технологии социально-культурной деятельности, может создать условия для интеграции студентов в культуры других этносов. Рассматриваются сущность понятий «технология», «технологические процессы», «инновационные технологии»**.** На основе апробационных процессов, анализируются классификации социально-культурной технологии, имеющиеся место в культурно - досуговой практики различной сети учреждений культуры и образования, в том числе и организации дополнительного образования. В выводах автор характеризует участия педагога в процессе использования им разновидностей технологии социально-культурной деятельности, направленных на формирование этнокультурной компетентности студентов вуза в

рамках исследования, считая необходимым создание условий для интеграции студентов в культуры других этносов, а также выявление, сохранение, формирование, распространение и освоение культурных ценностей, которых можно представить в качестве достояния определенной этнической, социальной общности.

**Ключевые слова**: технология, технологии социально-культурной деятельности, инновации, акции хэппенинга.

**ROLE OF TECHNOLOGIES SOCIO-CULTURAL ACTIVITIES IN THE FORMATION OF ETHNO-CULTURAL COMPETENCE OF UNIVERSITY STUDENTS**

This article discusses the role of technology socio-cultural activities in the formation of ethno-cultural competence of students of the modern University. Also the author of the article focuses on how the teacher, using the technology of socio-cultural activities, could create the conditions for the integration of students in the cultures of other ethnic groups. Discusses the essence of the concepts of "technology", "processes", "innovative technologies". On the basis of test processes, analyses the classification of socio-cultural technologies available place in the cultural-leisure practice different cultural and educational network, including the Organization of additional education. In the conclusions the author characterizes teacher participation in the use of them varieties technology socio-cultural activities, aimed at promoting cultural competence of students in the study, considering necessary to create conditions for the integration of students in the culture of other ethnic groups, as well as the identification, preservation, formation, distribution and exploration of cultural values, which can be thought of as the domain of a certain ethnicity, social community

**Keywords:** technology, technologies of social and cultural activities, innovations, happenings.

**Сведения об авторе:** ***Малова Диана Владимировна*** - магистр социально-культурной деятельности, преподаватель Чувашского государственного института культуры и искусств. **Адрес:** 428023, Россия, Чувашская Республика, Чебоксары, улица Энтузиастов, 26 Телефон: **8-937-390-38-02**. E-mail**: chgiki.onitr@mail.ru**

**Information about the author:** ***Malova Diana Vladimirovna,*** master of socio-cultural activities, teacher of the Chuvash State Institute of culture and arts. **Address:** 428023, Russia, Chuvash Republic, Cheboksary, Enthusiasts street, 26. Tel: **8-937-390-38-02.** E-mail: **chgiki.onitr@mail.ru**

**УДК: 378+372.800.4(575.3)**

# ЗАРУРАТИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ФАРҲАНГИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

***Бобохонов Х. Ю.***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Дар шароити имрӯза, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодаанд, олимони кишварро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти рақобати илми ватанӣ корҳои таҳқиқотиву технологиро вусъат бахшанд [1].

Тамоюли ҷаҳонишавии фарҳанг ба яке аз проблемаҳои глобалии асри XXI табдил ёфта, талабот нисбат ба сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва ташаккули наслҳое, ки вазифаҳои азими бунёди ҷомеаи навин дар даврони соҳибистиқлолии миллати тоҷик ба зиммаи онҳо гузошта хоҳад шуд, торафт меафзояд [1].

Дар шароити кунунии инкишофи ҷомеа ва зарурияти ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ва бархӯрди тамаддунҳо, муносибатро нисбати таҳсилоти миёнаи касбӣ куллан дигар кардан зарур аст. Интихоб кардан ва гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ дар атрофи таълим ва тарбияи рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ торафт муҳиммияти педагогӣ пайдо намуда истодааст. Бозори меҳнати муосир имрӯз ба мутахассисоне ниёз дорад, ки дар як вақт чандин амалҳоро ба ҷо оварда тавонанд, технологияҳои иттилоотиро хуб истифода бурда тавонанд ва дорои маданияти баланди иттилоотӣ бошанд [2].

Вобаста ба ин, масъалаи мубрами рӯз дар якчанд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида ва пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки норасоиҳои хеле ҷиддӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ба назар мерасанд.

Масалан, дар аксари мавридҳо дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ омӯзгорони технологияи информатсионӣ ғайритахассусӣ буда, ба талаботҳои касбӣ пурра ҷавобгӯ намебошанд. Баъзе аз омӯзгорони фанни технологияи информатсионӣ дорои сертификат ё маълумоти ибтидоӣ, миёнаи махсус бошанд ҳам, ба талаботҳои Стандарти давлатии маълумот аз фанни технологияи информатсионӣ пурра ҷавобгӯ нестанд [3].

Боиси қаноатмандист, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар низоми кредитӣ дар сатҳи хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Сабаб дар он аст, ки таҳсилоти муассисаҳои олии мамлакат аз ҷиҳати молиявӣ, иқтидори кадрӣ ва базаи моддию техникӣ пурқувватанд. Дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (омӯзишгоҳҳо ва коллеҷҳо) баръакс, оиди пешбурди кору фаъолияти омӯзгорону донишҷӯён ва касбомӯзон дар шароити низоми кредитӣ бисёр камбудиҳои назаррас дида мешаванд. Имкониятҳои ками

молиявӣ, дар сатҳи нокифоя қарор доштани базаи моддию техникӣ ва иқтидори кадрӣ, пешбурди низоми кредитиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ халалдор сохта, ба раванди таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонад [4].

Мақсади асосии ба роҳ мондани низоми таҳсилоти кредитӣ баланд бардоштани салоҳияти касбӣ, мустақилона аз худ намудани вазифаҳои инфиродӣ, сохтани лоиҳаҳои хурду миёна, ба кори эҷодӣ машғул шудани донишҷӯён мебошад [5].

Дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ донишҷӯён ҳангоми дастрасӣ ба воситаҳои иттилоотӣ махсусан дар синфхонаҳои компютерӣ ғайримақсаднок ворид мешаванд. Дар оғози кор бо компютер аксари донишҷӯён аввал ба бозиҳое, (қартабозӣ, тӯббозӣ ва ғ) ки дар компютер насб шудаанд, машғул шуда, баъдан корро бо барномаҳои стандартии (Paint, калкулятор) давом медиҳанд, ки ин ифодаи фарҳанги пасти иттилоотии онҳо мебошад.

Донишҷӯ ба ҳамаи ин амалҳо қонеъ нашуда, компютерро маҷбуран хомӯш менамояд, ё сими барқро дар ҳолати фаъол будани компютер аз манбаъ ҷудо менамояд. Компютер таҷҳизоти электронӣ буда, ҳангоми риоя накардани қоидаҳои ба кор омодасозӣ ва баитмомрасии кори он самаранокиаш паст мегардад ё тамоман аз кор мемонад.

Микропротсессори марказии компютер яке аз таҷҳизоти асосии он ба шумор рафта, дар як сония миллиардҳо ва ҳатто триллиардҳо амалро иҷро мекунад.

Дар ҳолати якбора қатъ гардидани қувваи барқ конденсаторҳое, ки дар атрофи микропротсессор ҷойгир ҳастанд, эҳтимоли корношоям шудани онҳо мавҷуд аст.

Дар дохили диски сахти (жесткий диск) компютер бошад, диски магнитие мавҷуд аст, ки дар як дақиқа аз 7200 то 10 000 маротиба давр мезанад. Ҳолати ба таври механикӣ хомӯш кардани компютер таҷҳизоте, ки аз диски магнитӣ иттиллоотро мехонад, ба диск бархӯрда, сатҳи дискро мехарошад ва агар ин ҳолат якчанд маротиба такрор шавад, диски сахт корношоям шуда, иттилооти дохили он дастнорас мегардад.

Барои хуб ба роҳ мондани истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯён якчанд пешниҳод оварда мешавад.

Вазифаи муҳимтарини компютер ҳал намудани масъалаҳои мухталиф мебошад. Барои ҳалли масълаҳо якчанд марҳалаҳоро гузаштан лозим аст. Аҳамияти омӯзиши ин мавзӯъ барои аксарияти донишҷӯёни ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ хеле муҳим ва аввалиндараҷа мебошад.

***Марҳалаҳои техникӣ:***

-аввал бояд ҷойи кори истифодабарандаи компютер омода бошад;

-дар навбати аввал, мониторро ба кор омода кардан лозим аст;

-баъд аз блоки системавӣ тугмаи **Power**-ро пахш кардан лозим аст;

-интиҳои кор дар компютер бошад, баръакс.

***Марҳалаҳои барномавӣ:***

-аксарияти масъалаҳои техникӣ, иқтисодӣ ва таббию риёзӣ хусусияти ҳисоббарорӣ доранд. Новобаста аз хусусияти масъала он бояд гузошта шавад, ки ин равандро ***гузориши масъала*** меноманд.

-амсилаи (модели) риёзии масъала сохта мешавад, яъне масъалаи гузошташударо дар шакли муодила ё системаи муодила, нобаробариҳо, муодилаи дифференсиалӣ ва ғайра овардан лозим аст;

-амсилаи риёзиро ба усулҳои ҳисоббарорие, ки ба компютер мутобиқанд (дар фанни математикаи ҳисоббарорӣ омӯхта мешавад), гардонидан лозим аст;

**-** аз рӯйи амсилаи риёзӣ ва усули ададии мувофиқ, *алгоритми ҳалли* масъала тартиб дода мешавад;

**-** аз рӯйи алгоритм тавассути яке аз забонҳои барномасозии муосир (Visual Basic, Pascal ABCNET, Borland Delphi, C++ ва ғ.) барномаи масъалаи гузошташуда сохта мешавад;

*-хатогиҳои имлоӣ, семантикӣ ва техникии барнома*ро ислоҳ менамоянд;

-мутахассиси соҳавӣ натиҷаи барномаро таҳлил намуда, барои татбиқи он иҷозат медиҳад [6].

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тарбия дар қатори таълим яке аз рукнҳои асосӣ буда, дар робитаи ногусастанӣ қарор дорад. Таълиму тарбия дар шакли холис вуҷуд дошта наметавонанд. Онҳо танҳо дар алоқамандӣ метавонанд густариш ёбанд. «Барои идора кардан, қайд мекунад, - А.С. Макаренко, бояд мутахассисе бошад, ки пурра ва бехато шароити истеҳсолот, техникаи муосирро вобаста ба шароити имрӯза дониста, маълумоти илмии баланд дошта бошад» [7].

Дар муҳити иттилоотӣ таълиму тарбия додани насли наврас ва ба воя расонидани онҳо яке аз масаълаҳои мубрами рӯз мебошад. Дар рӯҳияи созандагию бунёдкорӣ, ватандӯстӣ, башардустӣ, гиромӣ доштани арзишҳои миллӣ, пос доштани ғояҳои демократию истиқлолият, қадр кардани Ватан-Модар, ҳифз кардани муқаддасот ва

амнияти миллӣ тарбия кардани насли наврас мақсади асосии мо омӯзгорону падару модарон мебошад[8].

Тарбия, дар навбати аввал, яке аз масъалаҳои бисёр масъулиятталаб мебошад, ки барои ба воя расонидани насли наврас нигаронида мешавад. Тарбия, дар навтаби худ, ба унсурҳои гуногун ҷудо мешавад:

- Тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ.
- Тарбияи ватандӯстӣ.
- Тарбияи худшиносию худгоҳӣ.
- Тарбияи ҷисмонӣ.
- Тарбияи экологӣ.
- Тарбияи амниятӣ.
- Тарбияи ҳуқуқӣ ва ғайраҳо.

Дар замони муосир яке унсурҳои нави тарбия, ин тарбияи иттилоотӣ (информатсионӣ) номида мешавад ва бо дигар унсурҳои тарбия вобастагию омезиши зич дорад.

Дар ҳақиқат асри XXI, ки асри информатика ва технологияҳои муосири информатсионӣ мебошад, тамоми самтҳои фаъолияти инсон аз дастовардҳои техникаи компютерӣ ва технологияҳои навтарини коркарди информатсия баҳравар мегардад. Саҳми информатсия дар қабули қарорҳои идоракунии истеҳсолот, ҷамъият, тафаккур ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарра ба дараҷае меафзояд, ки он ба қатори ду омили ҳаётан муҳимми дигар–модда ва энергия шомил мегардад. Омилҳои сегона, яъне модда-энергия-информатсия ба зумраи он ғизоҳое табдил ёфтаанд, ки инсони қарни нав мазмуну мундариҷаи ҳаёт ва фаъолияти ақлонию ҷисмонии худро дар такя ба онҳо ба низом медарорад [9].

Дар ин раванд инсоният мехоҳад, ки ҳамқадам бо ҷаҳону замони муосир бошад ва кӯшиш мекунад, ки аз тамоми навгониҳои илму техника, ахбороти замони муосир бархӯрдор бошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки мавҷи иттилоот ба дараҷае бо суръти баланд паҳн мешавад, ки таҳлил, коркард, қабул ва ирсоли иттилоот аз инсоният (махсусан аз донишҷӯён ва мутахассисони ҷавон) санъату қобилияти махсуси зеринро талаб мекунад:

- қобилияти техникию технологӣ;
- истифодабарии воситаҳои иттилоотӣ (компютер, телефон, интернет, матбуот);
- истифодабарии таҷҳизотҳои нигоҳдорӣ, коркард ва хориҷкунии иттилоот;
- идоракунии воситаҳои электронӣ;
- истифодабарӣ аз шабакаҳои ҷаҳонии интернет;
- фарҳанги баланди иттилоотӣ;
- корбарӣ бо ёрии барномаҳои офисӣ ва дигар барномаҳои хизматӣ;
- зиракии сиёсӣ ва ҳифзи амнияти миллӣ;
- ҳифзи фарҳанг ва арзишҳои миллӣ [10].

Барои дар сатҳи баланд тарбия намудани ҷавонону наврасон дар фазои иттилоотӣ як қатор омилҳоро дида мебароем:

Раванди истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва таҷҳизотҳои электронӣ бояд дар доираи чорчӯбаи ахлоқию ҳуқуқӣ ҷойгир бошад. Пеш аз ҳама, омӯзгорон, волидайни муҳтарам ва дигар шахсони масъул ҷиҳатҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, амниятӣ ва тартиботи истифобарии технологияҳои иттилоотии муосирро ба ҷавонон фаҳмонида, пайваста оид ба фаъолияти онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда шаванд [11].

Имрӯзҳо дар байни ҷавонону наврасон истифодабарии телефонҳои мобилӣ ва дигар навъи технологияҳои электронӣ бениҳоят зиёд гаштааст, ки ҷиҳати манфию мусбӣ дорад. Хушбахтона, бо ташаббусу дастурҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва амру фармонҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарии телефонҳои мобилӣ дар муассисаҳои таълимӣ манъ карда шудааст, ки ин масъала ба сифати таълим ва тарбияи насли наврас таъсири мусбӣ расонида истодааст.

Баъзан дар байни баъзе ҷавонону наврасон амали ношоям, ба монанди сабтҳои кучагӣ дида мешавад, ки шахсони алоҳидаро ба ташвиш меорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки тамоми маълумоте, ки корбарон ё истифодабарандагон ба сомонаҳои (сайтҳои) интернетӣ дохил менамоянд, суроғаи он аниқу дақиқ аст.

**Ҳамкасбон ва волидайни азиз,** шояд ба назари мо ин амалҳо одӣ ва беаҳамият бошанд, лекин ҳаминро набояд фаромӯш кард, ки дар сурати ислоҳ накардани камбудиҳои назаррас рӯзе камбудиҳо зиёд шуда, ислоҳи онҳо душвор ва ҳатто ғайриимкон мегардад.

Омӯзгорон бояд ҷиҳатҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва тарбиявии истифодабарии телефонҳои мобилӣ ва таҷҳизотҳои электрониро ба насли наврас фаҳмонанд.

Корманди ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҷамъиятӣ дар самти ҷиҳатҳои қонунию ҳуқуқии истифодабарии дастгоҳу таҷҳизот кор баранд, аз манфиат холӣ нест. Масалан, дар ҳолати бо сабти ғайримақбул ба обрӯи эътибори шахсият зарари маънавӣ расонидан, шахси сабткунанда ё паҳнкунандаи навор, таҳдиди телефонӣ ва ғайра мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ кашида шаванд.

Кормандони муассисаҳои ҳифзи саломатӣ ва беҳдошт меъёрҳои истифодабарии телефонҳои мобилӣ ва воситаҳои электрониро фаҳмонанд ва таввасути воситаҳои ахбори омма бо мавзӯъҳои ҷолиб барномаи машваратӣ ташкил намоянд, хуб мебуд.

Равоншиносон оиди зиёни рӯҳии таҷҳизотҳои электронӣ ҳангоми аз меъёр зиёд истифодабарӣ, коршиносони соҳаи иҷтимоёт, иқтисодиёт ҷиҳатҳои мусбию манфии онҳоро фаҳмонанд. Маърифати технологӣ боло мегирад ва пеши ин амалҳои номатлуб гирифта мешавад.

Мо тарбиятдиҳандагон умед бар он дорем, ки ҷавонону наврасон аз техникаю технологияи муосир дар кору фаъолияти худ самаранок истифода бурда, баҳри рушди Ватани азизамон, Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳиссагузор мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 22.12.2017. -С. 32-33.
2. Бобохонов Х. Асосномаи илмӣ дар мавзӯи «Модели педагогии рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» / Х. Бобохонов. -ПРМ АТТ аз 25.06.2015. - №06.
3. Стандарти давлатии маълумот аз фанни «Технологияи информатсионӣ» барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2006.
4. Бобохонов Х. Автоматикунонии раванди имтиҳонсупории муассисаҳои миёнаи касбӣ дар шароити низоми кредитӣ / Х. Бобохонов, Н. Ҳазратқулова // Маводҳои конференсияи минтақавӣ дар мавзӯи «Вазъи илм дар ҷумҳурӣ» Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот». –Душанбе, 02.10.2015. -С. 22-26.
5. Низомнома оид ба ташкили ҷараёни таълим дар низоми кредитии таҳсил дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ // Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.07.2013. - № 12/59.
6. Комилов Ф. Технологияи информатсионӣ китоби дарсӣ барои синфи 10 // Ф. Комилов, М. Муллоҷонов, Қ. Тухлиев. –Душанбе: КММ «Насиба», 2010.
7. Махкамов Д. Тарзи гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ / Д. Махкамов. -Душанбе: Сифат, 2018. - 188 с.
8. Бобохонов Х. Фарҳанги иттиллотӣ ва донишҷӯ / Х. Бобохонов. –Душанбе: «Нававари ҷавон», 2017. - №19.
9. Комилов Ф.С. Информатикаи татбиқӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Ф.С. Комилов, Шарапов Д.С.
10. Истифодабарӣ аз сомонаҳои муассисаҳои таълимӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ.
11. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020.


## ЗАРУРАТИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ФАРҲАНГИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ


Интихоб ва гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ дар атрофи таълим ва тарбияи рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯёни муассисаҳои миёнаи касбӣ торафт муҳиммияти педагогӣ пайдо намуда истодааст. Бозори меҳнати муосир имрӯз ба мутахассисоне ниёз дорад, ки дар як вақт чандин амалҳоро ба ҷо оварда тавонанд, технологияҳои иттилоотиро хуб истифода бурда тавонанд ва дорои маданияти баланди иттилоотӣ бошад. Барои хуб ба роҳ мондани истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯён якчанд пешниҳод оварда мешавад. Вазифаи муҳимтарини компютер ҳал намудани масъалаҳои мухталиф мебошад. Барои ҳалли масълаҳо якчанд марҳалаҳоро гузаштан лозим аст. Аҳамияти омӯзиши ин мавзӯъ барои аксарияти донишҷӯёни ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ хеле муҳим ва аввалиндараҷа мебошад. Кормандони муассисаҳои ҳифзи саломатӣ ва беҳдошт меъёрҳои истифодабарии телефонҳои мобилӣ ва воситаҳои электрониро фаҳмонанд ва таввасути воситаҳои ахбори омма бо мавзӯъҳои ҷолиб барномаи машваратӣ ташкил намоянд, хуб мебуд. Равоншиносон оиди зиёни рӯҳии таҷҳизотҳои электронӣ ҳангоми аз меъёр зиёд истифодабарӣ, коршиносони соҳаи иҷтимоёт, иқтисодиёт ҷиҳатҳои мусбию манфии онҳоро фаҳмонанд. Маърифати технологӣ боло мегирад ва пеши ин амалҳои номатлуб гирифта мешавад. Мо тарбиятдиҳандагон умед бар он дорем, ки ҷавонону наврасон аз техникаю технологияи муосир дар кору фаъолияти худ самаранок истифода бурда, баҳри рушди Ватани азизамон, Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳиссагузор мешаванд.



**Калидвожаҳо:** фарҳанги иттилоотӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ, таълим, тарбия, мақсад, муҳиммияти педагогӣ, донишҷӯ.


## НЕОБХОДИМОСТЬ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ КУЛЬТУРЫ УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ОБРАЗОВАНИЙ


Выбор и проведение научного исследования в области информационной культуры приобретает педагогическое значение. Современный рынок труда требует высококачественных специалистов одновременно умеющих использовать информационные технологии и обладающие высокой культурой. Автором статьи предложены рекомендации для улучшения процесса использования информационных технологий и развития информационной культуры учащихся. Важнейшей задачей компьютера является решение различных задач. Идля их решения нужно пройти несколько этапов.Значение изучения данной темы очень важно и первостепенно для большинства учащихся различных специальностей средне-специальных учебных заведений. Работники сферы здавоохранения и улучшения норм использования мобильных телефонов и электронных носителей должны организовать беседы и встречи с целью пропаганды и разъяснения положительных и отрицательных сторон использования данных технологий. психологи должны вести разъяснительные беседы о вреде чрезмерного использования различных гаджетов. Технологическая

культура возьмет верх и прикроет путь этим нежелательным явлениям. Мы надеемся, что моложежь будет использовать данные технологии эффективно и по назначению и внесут свой вклад в процветание нашей родины.
**Ключевые слова:** информационная культура, среднее профессиональное образование, учебный, воспитательная цель, актуальность педагогических знаний, студент.

**THE IMPORTANCE OF TEACHING AND CULTURAL INFORMATION, TREATMENT OF STUDENTS IN THE SECONDARY EDUCATION OF PROFESSIONAL**

To choose and follow scientific research in the sphere of training and the development cultural training, information knowledge of students of secondary education and professional, these main of pedagogical acts are appearing. The morden market need to higher experts, that can do lot of skills in sphere of information technology in order to achieve with information knowledge. The author of the article suggests recommendations for improving the use of information technologies and developing the information culture of students. The most important task of the computer is to solve various problems. To solve them you need to go through several stages. The value of studying this topic is very important and paramount for the majority of students in various specialties of secondary special educational institutions. Workers in the sphere of health care and improving the standards for the use of mobile phones and electronic media should organize conversations and meetings to propagate and explain the positive and negative aspects of the use of these technologies. psychologists should conduct explanatory discussions about the dangers of excessive use of various gadgets. Technological culture will prevail and cover the way for these undesirable phenomena. We hope that the young people will use these technologies effectively and to their destination and will contribute to the prosperity of our homeland.
**Key words:** cultural information, secondary education professional, training, treatment, aim, the main pedagogy, student.

**Сведения об авторе:** ***Бобохонов Хушвахт Юлдошевич*** **-** Технический колледж при Таджикском техническом университете им. М.С.Осими, старший преподаватель. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект академиков Раджабовых 10. E-mail: **bobohonov.1983@mail.ru.** Телефон: **+(992) 987-69-15-87; 935-52-34-35**

**Information about the author:** ***Bobokhonov Khushvaht Yuldoshevich*** - Technical College at the Tajik Technical University. MS Osimi, senior teacher. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Prospectus of academicians of Rajabov 10. E-mail: **bobohonov.1983@mail.ru.** Phone: **(+992) 987-69-15-87; 935-52-34-35**

**УДК: 7.0(575.3)**

# ХИЗМАТРАСОНИИ МУОСИР ДАР ОСОРХОНА

***Васихов М.М.***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Амалисозии вазифаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии осорхона тавассути ҳамкории самараноки он бо тамошогарон таъмин мегардад. Дарки ин андеша доираи васеи масъалаҳои ҳам назариявӣ ва ҳам осорхонадории амалӣ, инчунин илмҳои дигар, аз қабили фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, педагогика ва идоракуниро ба миён меорад. Дар чаҳорчӯбаи мақолаи мазкур мо мақсад нагузоштем, ки ба ҳамаи ин суолҳо, ки бо масъалаҳои ҳамкории осорхона бо тамошогар алоқаманд мебошанд, ҷавоб гӯем. Диққати мо ба сӯйи нуктаҳо, шаклҳо ва усули робитаи осорхона бо ҳозирини дорои бисоти илмӣ ва воқеӣ, инчунин, ба муайянсозии рушди стратегии фаъолияти осорхона дар баробари тамошобин нигаронида шудааст.

Дар мақолаи И.И. Ласкина «Осорхонаи муосир - ҳамчун омили рушд» зикр шудааст: «Ба манзури ҷалб кардани таваҷҷуҳи оммаи огоҳу ҷаҳондида бояд чунон идеяи осорхонавиеро пешкаш кард, ки он аз ҷиҳати мазмун дарунмоя ва ҳам таҷассуми моддӣ воқеан мароқангезу шигифтовар бошад ва ҳамзамон, осорхонаро ба унвони як намуна аз соҳаи касбӣ ва эҷодии воло муаррифӣ намояд. Шигифтоварӣ ва мароқангезии осорхонаҳо дар ҷаҳони муосир яке аз омилҳои мушаххаси муваффақият маҳсуб мешаванд» [3,с.22].

Осорхонаҳо дар ҷаҳони муосир соҳиби мақоми баланди иҷтимоӣ ва дар натиҷаи фаъолияти рӯзмарраи худ дорои талаботи бисёр мебошанд. Солҳои 70-80-уми асри XX замони тағйироти азим дар фаъолияти осорхонадорӣ маҳсуб мешаванд, ки ба афзоиши назарраси теъдоди осорхонаҳо, маъруфият, инчунин, ба зиёдишавии ҳавасмандони осорхонаҳо сабаб гардиданд. Омилҳои зерин сабабҳои нашъунамои осорхонаҳо ҳисобида мешаванд:

- ниёзҳои рӯзафзуни мардум ба иттилооти таърихӣ ва илмҳои табиӣ, ҳамчунин, ба тафсири гуногунҷанбаи фарҳангшиносии он;
- зуҳури навъҳои нави осорхонаҳо ва навсозии осорхонаҳои куҳна;
- мубодилаи ақидаҳо дар фаъолияти омӯзишии осорхонаҳо: бо интишори донишҳо дар самти ташаккулдиҳии нуктаҳои назар, арзёбӣ ва қобилияти рушди эҷодии шахсиятҳо.

Дар шароити таърихиву иҷтимоии тағйирёбанда осорхонаҳо, ки посдорандагони мероси фарҳангӣ ҳастанд, дигаргуниҳои ҷиддиро аз сар мегузаронанд ва ба низоме табдил мeёбанд, ки бештар манзури ҷомеаи кушод буда, бо ҷамъангора (коллексия)-ҳои худ ба

қонеъ гардонидани талабот ва пажӯҳишҳо нигаронида шудаанд. Дар тӯли даҳсолаҳои зиёд рушди осорхонаҳо ҳамчун такмили навъҳои мавҷуда ва шаклҳои фаъолияти онҳо тасаввур мешуданд. Имрӯз дар сохтори анъанавии фаъолияти осорхонаҳо тағйироти зиёд ба мушоҳида мерасад. Дар айни замон, осорхонаҳо зарурати иртибот бо хориҷро дарк менамоянд, ҷиҳати оғози омезиш бо он иқдом мекунанд. Имрӯз осорхонаҳои Тоҷикистон чи дар пойтахт ва чи дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ муҳофизакориро бартараф карда, бо муассисаҳои гуногуни таъйиноти иҷтимоӣ робитаи фаъолона барқарор мекунанд, фазои фаъолияти худро густариш медиҳанд чи ба таври айнӣ: фаротар аз бинои осорхона, бо ташкили намоишгоҳ ва намоишҳои осорхонавӣ ва чи дар маънои маҷозӣ, бо паҳн намудани дарунмояи азими фарҳангӣ-таълимии ҷамъовардашуда (дар зери мафҳуми дарунмояи фарҳангӣ-таълимии осорхона мо на танҳо имконияти омӯзишии онро дар тақвияти шахсияти тамошогар, балки, инчунин, қобилияти осорхонаро ҷиҳати ташаккул яъне, «офаридани» фарҳанг дар робита ва ҳамкориҳои мураккаби он мефаҳмем).

Дар «Кодекси этикаи осорхонаҳои ШҶО» (ИКОМ) чунин омадааст: «Осорхона - муассисаи ғайритиҷоратии доимӣ буда, ба нафъ ва рушди иҷтимоъ хизмат мерасонад, ҳамеша ба қабул ва пазироии омма омода буда, ба гирдоварӣ, ҳифозат, пажӯҳиш, муаррифӣ ва намоишдиҳӣ бо мақсаду ҳадафҳои таълимӣ, омӯзишӣ ва лаззатбахшӣ машғул аст» [1,с.16].

Осорхонаҳо соҳиби симои нав гашта, кӯшиш мекунанд, бо ҷавоб додан ба ниёзҳои инсони муосир, муҳтавои фаъолияти худро тағйир диҳанд. Имрӯз онҳо бештар вижагиҳои марказҳои фарҳангиро, ки қобилияти иҷрои вазифаҳои фаръии таълимӣ-тарбиявӣ ва фароғатӣ-вақтхуширо доро мебошанд, ба даст меоранд.

7. Лейтес Н.С. Способности и одарённость в детские годы / Н.С. Лейтес. -М.: Знание, 1984. - 80с.
8. Лутфуллоев М. Национальное достоинство / М. Лутфуллоев. -Душанбе: Сарпараст, 2003. - 287 с. (на тадж.яз).
9. Педагогический словарь. В 2-х томах. Т.1. /под ред. И.А. Каирова. – М.: АПН, 1960. – 779 с.
10. Педагогическая энциклопедия. – М., Просвещение, 1986. – 315 с.

## МЕТОДҲОИ МУОСИРИ ИЛМӢ-ПЕДАГОГӢ ОИД БА ТАШКИЛ НАМУДАНИ МУНДАРИҶАИ ХУДИДОРАКУНӢ ВА ТАШАККУЛИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ҲАМЧУН ШАХСИЯТ

Дар мақолаи мазкур муносибатҳои илмӣ-педагогӣ оид ба ташкил ва мундариҷаи худидоракунии хонандагон дар ташаккули эҷодии шахсии мактаббачагон баррасӣ шудаанд. Муаллифон ҳадафҳои дахлдори тадқиқотиро муайян намуда, самаранокии ташкили фаъолиятҳои худидоракунии мактаббачагонро дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додаанд. Рушди худидоракунии хонандагон бидуни барномаи ҷиддӣ ва дастгирии методологии ин намуди фаъолият дар ҳамаи соҳаҳо имконнопазир аст. Дар фаъолиятҳои кумитаи худидоракунии хонандагон иштирок намуда, хонандагон дараҷаи мустақилият ба даст меоранд ва метавонанд дар фаъолиятҳои мухталифи беруна иштирок намоянд. Инчунин, бо калонсолон суҳбатҳои корӣ барпо намуда, дар фаъолиятҳои иҷтимоии ҷомеа ширкат меварзанд. Дар доираи худидоракунии мактабӣ мактаббачагон имконияти ба даст овардани таъсиррасонӣ ба мундариҷаи таҳсилот дар раванди таҳия, қабул ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо тасдиқ ва татбиқи худидоракуниро доранд. Барои ба даст овардани худидоракунӣ дар муассисаҳои таълимии муосир, ҳалли як қатор мушкилот зарур аст, ба монанди фаъолиятҳои расмии кумитаҳои худидоракунӣ, бо назардошти фикру ақидаҳои худи хонандагон. Муаллифон ба хулосае омадаанд, ки мақсад ва вазифаҳои ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методӣ бояд стратегияи умумии рушд, принсипҳои асосии фаъолияти педагогӣ, мундариҷаи асосии кор барои рушди худидоракунии хонандагонро инъикос намоянд. Ин вазифаи хеле ҷиддӣ ба шумор меравад, ки ҳалли он муддати якчанд сол таҳти роҳбарии педагогони соҳибтаҷрибаи мактабҳои Тоҷикистон ва мутахассисони дигар тӯл мекашад. Таъкид карда мешавад, ки худидоракунии мактабӣ бояд ҳамаи хонандагони мактабро фарогир бошад, на ин ки гурӯҳҳои интихобиро.

**Калидвожаҳо:** худидоракунии мактабӣ, коллективи бачагона, самаранокии системаи худидоракунӣ, ташаккули шахсият, эҷодӣ, таҳсилот, ҳифзи манфиатҳо, педагогикаи илмӣ, омӯзгорони соҳибтаҷриба.

## СОВРЕМЕННЫЕ НАУЧНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ОРГАНИЗАЦИИ И СОДЕРЖАНИЮ УЧЕНИЧЕСКОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ ПО ФОРМИРОВАНИЮ ТВОРЧЕСКОЙ ЛИЧНОСТИ ШКОЛЬНИКА

В данной статье рассматриваются научно-педагогические подходы к организации и содержанию ученического самоуправления по формированию творческой личности школьника. Авторы ставят соответствующие цели исследования: определить и дать теоретическое обоснование педагогических условий, повышающих эффективность организации деятельности школьного самоуправления по формированию творческой личности школьников в общеобразовательных школах Республики Таджикистан. Развитие ученического самоуправления невозможно без серьёзного программно-методического обеспечения этого вида деятельности на всех уровнях.Участвуя в деятельности органов школьного самоуправления, школьники включаются в разностороннюю внеурочную деятельность, деловое общение с взрослыми на равноправной основе, вовлекаются в практику гражданского поведения и социальной деятельности. В рамках школьного самоуправления школьники получают возможность влиять на содержание образования, на процесс разработки, принятия и реализации локальных нормативно-правовых актов школы, отстаивать свои права и интересы в ней, удовлетворённость, актуальные потребности в самовыражении, самоутверждении и самореализации. Для достижения самоуправления в современном образовательном учреждении необходимо решить ряд проблем, таких как: формальное функционирование органов самоуправления, без учёта мнения и желания самих учащихся. Авторы пришли к выводу, что цели и задачи программно-методических документов должны отражать общую стратегию развития, основные принципы педагогической деятельности, главные содержательные линии работы по развитию ученического самоуправления. Это весьма серьёзная задача, решение которой может быть рассчитано на несколько лет под руководством наиболее квалифицированных педагогов таджикских школ и других специалистов. Отмечается, что школьное самоуправление должно охватить всех школьников и, таким образом, чтобы не сводить всё только к работе одних выборных комиссий.

**Ключевые слова:** школьное самоуправление, детский коллектив, эффективность системы самоуправления, формирование творческой личности школьника, научная педагогика, высококвалифицированные учителя.

## THE MODERN SCIENTIFIC AND PEDAGOGICAL APPROACHES TO THE ORGANIZATION AND CONTENT OF STUDENT SELF-CONTROL IN THE FORMATION OF THE CREATIVE PERSONALITY OF THE SCHOOLCHILDREN

This study aims to illuminate how important is the scientific and pedagogical approaches to the organization and content of student self-control in the formation of the creative personality of the student. The author sets the appropriate goals of the study to identify and provide theoretical justification of pedagogical conditions which improves the effectiveness of the organization of the school self-control in the formation of the creative personality of schoolchildren in secondary schools of Tajik Republic. The development of student self-management is impossible without a serious program and methodological support of this type of activity at all levels. Participating in the activities of school authorities, students are involved in a variety of extracurricular activities, business communication with adults on an equal basis and they are involved in the practice of civil behavior and social activities.Within school self-management schoolchildren have

opportunity to influence the content of education, the process of developing, adopting and implementing local normative and legal acts of school, defending their rights and interests in it, satisfaction, actual needs for self-expression, self-affirmation and self-realization. . In order to achieve self-management in a modern educational institutions are needed to solve a number of problems, such as: the formal functioning of self-control comities , without taking into account the opinion and ideas of students themselves. The authors came to conclusion that the goals and objectives of the program-methodical documents should reflect the overall development strategy, the basic principles of pedagogical activities, the main content lines for the development of student self-control. This is a very serious task,- the solution of which can be calculated for several years under the guidance of the most qualified teachers of Tajik schools and other specialists. It is noted that school self-management should cover all schoolchildren and, thus, not to reduce everything only to the work of some elected groups.

**Key words :**school self-control, children ‘s collective, the effectiveness of the system of self-control, the formation of the creative personality of the schoolchildren, protect, interests, scientific, pedagogy, highly qualified, teachers.

**Сведения об авторах**: ***Мирзоева Саёхат Рахмоновна* –** Таджикский государственный университет коммерции, кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Дехоти 1/2. Телефон: **(+992 37) 234-86-26**. E-mail: **tguk@mail.ru**
***Гаибова Наргис Аскаровна*** - Таджикский государственный университет коммерции, старший преподаватель кафедры языков**. Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Дехоти 1/2

**Information about the authors: *Mirzoyeva Sayokhat Rakhmonovna* -** Tajik State University of Commerce, Candidate of Pedagogical Sciences, teacher of the Department of Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti street 1/2. Phone**: (+992 37) 234-86-26.** E-mail: **tguk@mail.ru**
***Gaibova Nargis Askarovna*** - Tajik State University of Commerce, senior lecturer of the Department of Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti street 1/2

**УДК:373.167.1:94(575.3)**

# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ШЕВАИ ЗИНДАГИИ ИМОМИ АЪЗАМ (Р) ВА АҲАМИЯТИ ТАРБИВИИ ОН

***Саидаҳмадов М.М.***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Яке аз масъалаи муҳиме, ки дар таълими адабиёт дар мактаби миёна ва ҳамчунин дар факултаҳои суханшиносии донишкадаву донишгоҳҳо барои устодон пеш меояд, донистани шеваи дурусти таълими тарҷумаи ҳоли суханвар, шоир ва нависанда аст. Агар муаллими адабиёт аз рӯзгори адиб ба дурустӣ бохабар бошад ва методикаи дурусти таълимро дар дарсаш ба кор барад, метавонад аз зиндагии адиб лаҳзаи ҷолиб ва аҳамияти тарбиявидоштаро интихоб намояд ва ба шогирдон нақл кунад. Ин амал имкон медиҳад, ки шогирдон ҳам аз рӯзгори адиб бохабар шаванд ва ҳам аз он панде гиранду дар зиндагӣ ба кор баранд. Зиндагӣ ва рӯзгори Имоми Аъзам (р), ки мо, ҳама дар мазҳаби ин бузугвор ҳастем, саропо панду ҳикмат аст. Омӯзгорони мадраса бояд дар таълими рӯзгори Имоми Аъзам шеваеро ба кор баранд, ки шогирдон ҳам аз зиндагии ӯ бохабар шаванд ва ҳам дарки масоили мазҳаби ҳанафӣ барояшон осон гардад. Дар ин навишта саъй намудем, аз рӯзгори Имоми Аъзам лаҳзаҳоеро бо мисолҳо ба забони сода пешкаши устодон гардонем. Аз сӯйи дигар, аз он ҷо ки мо – тоҷикон аксар дар мазҳаби Имоми Аъзам ҳастем, ҳар хонанда метавонад аз ин навишта барои худ суд бардорад.

Имоми Аъзам дар муҳити хонаводагӣ як шахси мусалмон ва дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба воя расидааст. Мо гуфта метавонем, ки дар замони ҷавонӣ ва нашъунамо ёфтани Имом Абӯҳанифа (р) исломи ноби Муҳаммадӣ ва илми шариати ғарро бисёр васеъ доман пахн карда буд ва Кӯфа гаҳвораи илму маърифати ислом ба шумор мерафт. Толибилмону ҳаводорони мусалмонро аз сарчашмаҳои Қуръону ҳадис сероб мегардонид ва Имоми Аъзам (р) низ дар талотуми ин баҳри илму маърифати илоҳӣ нашъунамо ёфтаву ба воя расидааст. Кӯфа дар замони тифлии Имом Абӯҳанифа (р) маконе буд, ки адёни илоҳӣ ва равияҳои гуногун ва тамаддуни мардуми мухталиф доман паҳн карда буданд. Имом Абӯҳанифа чашм кушодаву ин мунозараҳо ва ақидаҳои гуногуни мардуми диёри хешро дида ақлу заковати ӯ пурра пухта расид. Чунончи худи ӯ мегӯяд: «Ман дар маъдани илми фиқҳ будаам ба аҳли илм ҳамнишинӣ карда, аз фуқаҳояш илми фиқҳ омӯхтам» [1,с.28-29]. Баъд аз ин Имом Абӯҳанифа (р) илми каломаро омӯхта, бо шева ва тарзу услуби хоссаи хеш ин илмро аз бар намуданд.

Вай мехост бо донистани ин илм бо равияҳои тундгаро ва ё ифротӣ ба баҳсу мунозира биншинад ва шояд ин баҳсу мунозараҳояш бо ин фирқаҳои гумроҳ онҳоро ба роҳи рост ҳидоят кунад, лекин бештари вақти хешро дар тиҷорат ва бозор мегузаронид, рафтуомадаш ба маҷлиси уламо бисёр кам ба чашм мерасид. Яке аз олимон ва донишмандони ҳамон замон ин корро аз ӯ написандид ва хост ӯро ба маҷлиси илм раҳнамоӣ кунад, зеро истеъдод ва хушмандӣ дар ин ҷавон дида мешуд.

Ибни Ҳаҷари Маккӣ аз забони худи Абӯҳанифа (р) ривоят мекунад, ки Шаъбӣ (р) рӯзе нишаста буд ва ман аз назди ӯ мегузаштам, маро ба назди хеш хонданд ва пурсиданд: Ба назди кӣ рафтуомад дорӣ? Гуфтам: Рафтуомадам ба бозор аст. Шаъбӣ Гуфт: Ман аз бозор намепурсам. Мақсади ман ин аст, ки ба назди кадом олим барои таълим гирифтани илм рафтуомад дорӣ? Имом Аъзам мегӯяд, ман дар ҷавоб гуфтам: Ман бисёр кам ба назди уламо меравам. Шаъбӣ (р) гуфтанд: Чунин накун, омӯхтани илм ва ҳамнишинии уламоро бар худ лозим бигир, зеро ман дар ту як бедорӣ ва ҳаракате мебинам, ки бояд таълими илмро идома диҳӣ ва барои ҳосил карданаш кӯшиш намоӣ.

Имом Абӯҳанифа мегӯяд: Ин гуфтаи Шаъбӣ (р) дар дилам асар кард рафтуомади бозорро кам карда, худро дар маҷлиси уламо задам, ки Худованд маро аз ин маҳфилҳо ва ҳамнишинӣ фоидаи зиёде иноят фармуд [1,с.22]. Чунончи, мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ хуб баён фармудааст:

*Меравад аз синаҳо дар синаҳо,*
*Аз раҳи пинҳон салоҳу кинаҳо.*
*Суҳбати ошиқ туро ошиқ кунад,*
*Суҳбати фосиқ туро фосиқ кунад [2].*

Суҳбат ва ҳамнишинии уламо бар Имоми Аъзам (р) чунон таъсире расонид, ки гуфтору рафтор ва ҳамаи кирдораш бо Қуръону суннат аҷин гашта буд ва дар дарёи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ки аз Қуръону суннат сарчашма мегирифт, ғарқ гардида буд. Мо вақте Имоми Аъзам мегӯем, яъне кони илму маърифат ва махзани одобу ахлоқи Расули Худо (с) ба назар ҷилвагар мешавад. Имоми Аъзам (р) дар даврони зиндагии пурбаракати худ ҳам таълим гирифту ҳам таълим дод ва ҳам одамгарӣ омӯхту ҳам дигаронро омӯзонд, ки ин аз хислати пайғомбарони Илоҳист. Дигар ин ки Имоми Аъзам (р) дар як оилаи сарватманди саховатпеша ва мусалмони асил ба дунё омадаву тарбият ёфтааст. Абӯҳанифа ибни Нуъмон ибни Собит (р) дар замони кӯдакӣ дар назди яке аз қуррои сабъа (қориҳои ҳафтгона) Имом Осим (р) Қуръони азимушшаънро ҳифз намуда буд. Чунончи, Рӯдакӣ хуб фармудааст:

*Бирав аз таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри даъфи ҳаводис туро ба кор ояд [3].*

Ин илму одобе, ки Имоми Аъзам аз устодон дар партави Қуръону суннат омӯхта буданд, дар ҳақиқат, дар ҳаводиси рӯзгор барояш ба кор омад. Мо ба сароҳат гуфта метавонем, ки Имоми Аъзам (р) дастпарвардаи мадрасаи ноби Муҳаммад (с) мебошад ва аз сарчашмаҳои поки Қуръону ҳадис таълим гирифтааст ва ахлоқи хешро бо ин тарзу услуби Қуръону суннат ба роҳ монда буданд. Ин шева инсонро ба қуллаҳои мурод мерасонад, зеро таърихи башарӣ худ гувоҳи ҳол аст, ки ҳар касе ба Пайғомбари гиромии ислом (с) пайравӣ намудааст, чи аз саҳобагону тобеин ва табаатобеин ва то ба имрӯз идома дорад, улгӯ ва намунаи ҷомеаи хеш ва ояндагон хоҳад гардид.

Имоми Аъзам (р) ончунон шефтаи ин шева ва тарзу услуби таълимоти Пайғомбар (с) гардида буданд, ки мекӯшиданд ҳамеша дар зиндагӣ қадам дар қадами Расули Худо (с) бигузоранд. Мо имрӯз шоҳиди ҳолем, ки Имоми Аъзам (р) дар пайравии ин тарзу услуб хело муваффақ гардида буданд ва то ба имрӯз мазҳаби ӯ тарзу шеваи инсон буданро ба пайравони хеш меомӯзонад. Қайд кардан бамаврид аст, ки бобояш Нуъмон бо Алӣ (рз) рафтуомади дӯстӣ доштаанд. Вай Собити хурдакакро ба маҳзари Алӣ (рз) бурдаанд, ки бо худ ҳалвои фолузаҷ (ҳалвоест, ки аз обу орду асал тайёр мешавад) доштанд ва Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, дар ҳаққи Собит ва зуррияи ӯ дуои хайр карданд, ки аксари уламо ғазорати (бисёрии) илми Абӯҳанифаи Нуъмонро аз баракоти дуои Алӣ (р) медонанд. Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса мекунем, ки аҷдоди Абӯҳанифаи Нуъмон (р) шахсони сарватманд ва саховатпешае будаанд, ки ба ҳузури халифаи муслимин Алӣ (рз) ҳадяҳо мебурданд. Имрӯз барои мо, мусалмонони Тоҷикистони азиз лозим аст, ки ин шеваро хуб биёмӯзему барои ҷавонони хеш биёмӯзонем, зеро мо дида истодаем, ки дар ин гирудори зиндагӣ равияҳо ва ҳаракатҳое ба номи ислом рӯйи кор омада истодаанд, ки ҷавонони содалавҳи моро огоҳу нохудогоҳ ба коми хеш кашида истодаанд. Агар мо бепарво бошем ҳам дину мазҳаб ва ҳам ҳувияти миллии хешро аз даст медиҳем. Мо агар тарзу услуби мазҳаби ин абармарди таърихро хуб биёмӯзем ҳақиқати шариати ғаррои Расули Худо (с) бароямон маълум мегардад ва мо дар партав таълимоти ин мазҳаб метавонем дӯстро аз душман ҷудо карда, ҳақиқати исломро дарк кунем.

Мо агар ҳақиқати исломро дарк намоем, мебинем, ки таълимоти поки Пайғомбари Худо (с) барои пешрафт ва ободии дунё ва барои дӯстиву бародарии мусалмонон ва бархӯрди оқилона бар ҳамсоягони ғайримусалмон моро раҳнамоӣ мекунад. Ин мазҳаб ва тарзу услуби Имоми Аъзам (р) ин шеваро аз ислом хуб дарк кардаву ҳам дар зиндагӣ ва дар баёноти мазҳабаш барои мусалмонон ва пайравонаш хеле олӣ ба қалам додааст. Моро лозим аст, ки аз ин мазҳаб пайравӣ кунем, то ки ояндагони ин миллат бозичаи дасти ақидаҳои ифротгароён нагарданд. Агар мо мехоҳем барои миллати худ дар ҳақиқат хизмате карда бошем, бояд тарзу услуб ва шеваи ин мазҳабро аз дабистонҳоямон шурӯъ

намуда, то макотиби олӣ биомӯзонем, зеро 98% фоизи мардуми кишвар мусалмонанд, аммо бештари онҳо ҳақиқати дину мазҳаби хешро намедонанд. Дар як гӯшаи қалбашон муҳаббати дину оин метапад ва ҳар муғризе метавонад аз ин муҳаббати бесаводона истифода карда, ҷавонони ноогоҳи моро ба роҳҳои дилхоҳашон бикашонанд ва дар байни мардуми мусалмони кишвар ихтилофе барангезонанду ҷомеаи моро нором бисозанд. Ҳар фарде, ки кишварашро дӯст медорад ва мусалмон асту аз дину оинаш мехоҳад ҳимоят кунад, метавонад ин сухани моро дарк намояд. Мазҳаби Имоми Аъзам (р) бо тарзу услубе ба роҳ монда шудааст, ки аз нозуктарин масоили рӯзгору зиндагии пайравонаш, то амрҳои маҳкамаҳову ҳукуматдории ҳокимони мусалмонро баён намудааст.

Барои мо фақат лозим аст ин шева ва тарзу услубро биомӯзем ва барои мардумамон биомӯзонем. Дар ғайри ин сурат оини суннатӣ ва ҳувияти миллӣ ва оромии ҷомеаро мо аз даст хоҳем дод, ки Худо ва Расулаш ва ояндагони ин миллат ҳаргиз моро намебахшанд. Чунончи, дар боло зикр намудем, шева ва тарзу услуби мазҳаби Имоми Аъзам (р) бисёр равону сода ба роҳ монда шудааст. Агарче Имоми Аъзам дар ибтидои ҷавонӣ баъди аз худ кардани илми калом машҳур гашта буданду бо фирқаҳои гумроҳ баҳсу мунозираҳо мекарданд, дар вақти мунозираҳо бо ҳариф ва ё бо шахси муқобили худ бисёр боодоб гуфтугӯ мекарданд ва бо тарзу услуби хоссаи худ ҳақиқати мақсади хешро барои ҳариф баён менамуданд ва мекӯшиданд, то ҳарифаш сухани куфреро ба забон наёранду аз дин хориҷ нагарданд ва ё ӯ ҳарифи худро дар вақти мунозира кардан ба куфр ҳукм намекард.

Мутаассифона, имрӯз ҷавононеро мебинӣ, ки дар андак баҳсу мунозира ва ё бе баҳсу мунозира якдигарро мушрик ва ё кофир ҳукм мекунанд, ки ин аз одоби исломӣ ва таълимоти Пайғомбари гиромии ислом (с) фарсаххо дур аст. Имоми Аъзам (р) ягона фарзандаш Ҳаммодро аз омӯхтани илми калом манъ менамуданд. Вақте фарзандаш аз вай пурсид: Чаро худатон ин илмро омӯхтед ва бо фирқаҳои гумроҳ баҳсу мунозираҳо мекардед ва маро аз омӯхтани ин илм манъ мекунед? Падар дар ҷавоб гуфтанд: Ба хотире туро манъ мекунам, ки ман вақте бо касе баҳсам меафтод, аз ҳоли ӯ ҳам бохабар будам, мекӯшидам, то вай ҳақиқатро бифаҳмад, ҳаргиз барои раҳгум сохтанаш коре анҷом намедодам. Аммо имрӯз шумо ин корро анҷом намедиҳед, беҳтар он аст, ки аз ин илму баҳсу мунозираҳояш дуртар бошед. Ин насиҳат метавонад барои тамоми падарон имрӯз дастовези хубе бошад ва фарзандонашонро аз роҳҳое, ки инсонро ба баҳсу мунозираҳои бемаънӣ мекашонад, дур нигоҳ доранд. Имом Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит (р) дар зиндагӣ барои ягона фарзанд ва шогирдон ва барои оммаи пайравонаш улгӯ ва намунаест, ки мо метавонем ин тарзу услуби ӯро барои ҷавонон ва умуман мардуму миллати хеш ҳамчун армуғон тақдим намоем.

Имоми Аъзам дар баробари он, ки олим ва донишманди замони хеш буданд, дар зиндагӣ тоҷири хуб ҳам будаанд, аз ин роҳ рӯзгори хешу наздиконашонро таъмин мекарданд. Вай дар тиҷорат дасти болоеро соҳиб гашта буданд, тибқи гуфтаи Расули Худо (с) «Дасти боло беҳтар аст аз дасти поён, яъне дасти садақадиҳанда аз дасти садақагиранда беҳтар аст» [4].

Худованди Маннон барои Имоми Аъзам дасти беҳтаринро дода буданд, ки ҳам бо илму дониш ва ҳам бо дороиву моли аз тиҷорат бадастовардааш барои толибилмон ва ниёзмандон хусусан ва барои ҷомеаи мусалмонон умуман хизмат мекарданд. Расули Худо (с) фармудаанд: «Беҳтарини мардум ҳамон аст, ки барои мардумаш фоидарасонандатар бошад» [5]. Мо сароҳатан гуфта метавонем, ки Имоми Аъзам яке аз беҳтаринони мардуми рӯйи замин ба шумор меравад. Ӯ дар зиндагӣ ҳам олим буду ҳам мутааллим (таълимгиранда) ҳам тоҷир буду ҳам ҷавонмарду саховатпеша.

Барои муаллимон ва устодони дабистон ва макотиби миёнаву олӣ лозим аст, ки шеваи Имом Абӯҳанифаро дар зиндагӣ ва кору фаъолияташон хуб биомӯзанд ва дар рафти дарс барои шогирдон барои ибрат гирифтан мисолҳо биёранд. Агар мо битавонем, ки чунин кунем, барои фарзандони хеш як улгӯ ё ба истилоҳ як идеалеро зинда мегардонем, ки ҷавонони мо метавонанд аз ӯ ибрат бигиранд ва дар роҳи зиндагииояндаи хеш устуворона қадам бигузоранд. Барои намуна чанд сухане дар боби тиҷорати ва тарзу услуби зиндагии рӯзмарраи Имоми Аъзам (р). Ин тиҷорат барояшон фоидаҳое зиёдеро ба бор меовард ва аз рӯйи ҳамин тиҷораташон зиндагии хушҳолонае доштанд.

Имом Абӯҳанифа (р) ин тиҷоратро, ки матоъфурӯшӣ мекарданд, аз падарашон ба мерос гирифта буданд. Чунончи дар боло зикр намудем, аввали кор ӯ ба бозору хариду фурӯш бештар вақти хешро мегузаронид. Баъдан ба иршоди баъзе уламои замонаш ҳамнишинии уламоро барои хеш ихтиёр намуданд ва ҳамзамон аз тиҷорат ҳам дур нагаштанд, то лаҳзаҳои охири ҳаёташон аз ҳамин касб ризқу рӯзии хешро пайдо менамуданд.

Имом Абӯҳанифа (р) шарике доштанд, ки дар тиҷорат ӯро ёрӣ мекарданд [1,с.32]. Имом Абӯҳанифа (р) дар тиҷорат як марди содиқ шинохта шуда буд, мардум ӯро ба ҳайси як марди комил дар ҷавонмарди мешинохтанд ва ин абармарди таърих дар ба даст овардани қалби мардуми диёри хеш бисёр муваффақ гашта буданд, зеро ки ӯ дар хонадоне

тарбият ёфта буданд, ки бо рафоҳат зиндагӣ мекарданд ва ҳаргиз Имом (р) дар коре ва ё дар моле тамаъ намекарданд, чунончи бузурге фармуда:

*Тамаъ орад ба рӯйи мард зардӣ,*
*Тамаъро сар бибур, гар марди мардӣ[6].*

Имом Абӯҳанифа (р) на танҳо аз мардум, балки аз дунёву хушиҳову шӯру шараш тамаи хешро бурида буданду рӯй ба Холиқи Ҳайи лоямут оварда буданд. Ин рӯй овардан ба Холиқ инсонро неру мебахшад ва қудраташро бештар мегардонад ва дар ҷавонмардиву саховаташ мефзояд, ки Имом Абӯҳанифа (р) дар ин сифатҳо ҳам муваффақ гашта буданд. Ҳасани Басрӣ (р) хуб фармудаанд, ки: «Ҳар касе, ки Худовандашро бишиносад, ӯро дӯст медорад ва ҳар касе, ки дунёро бишиносад зуҳду парҳезгориро ихтиёр мекунад дар дунё» [7,с.26]. Имом Абӯҳанифа (р) ҳам Парвардигорашро ва ҳам дунёву фиребу найрангҳояшро хуб шинохта буд, барои ҳамин ҳам дар зиндагӣ ва иншоаллоҳ ҳам дар охират муваффақ гардида буд. Эй пайравони роҳу равиши Имоми Аъзам биёед, то дар ҳақиқат пайрави ӯ бошем, на бо забонамон, балки бо тамоми вуҷудамон, то Худо ва бандагонаш ин пайравиро аз мо бараъло мушоҳида кунанд. Дар ҳақиқат, ҳар касе ҳамчун Имом Абӯҳанифа дар ин дунёи пурталотум ба Қуръону суннат чанг мезанад, растагор хоҳад шуд. Чунончи, Расули акрам (с) фармудаанд: «Шахсеро, ки Худованд ба ӯ иродаи хайр дошта бошад, ӯро дар дин донишманд мегардонад, дар ҳақиқат илм ба сабаби таълим гирифтан ҳосил мешавад» [8]. Чунончи, пештар зикр намудем, Имом Абӯҳанифаи Нуъмон (р) ҳамчуноне ки пешво ва имом дар байни уламо буд, инчунин дар тиҷорат низ ба чаҳор хислат тавсиф карда шуда буд ва он хислатҳои ӯро барои тоҷири содиқ масал мезаданд:

1.Нафси закӣ (пок) дошт ва ҳаргиз тамаеро, ки инсонро ҳақиру бенаво мегардонад, ба ӯ роҳ наёфта буд.

2.Дар амонатнигоҳдорӣ бисёр амину содиқ буд.

3.Худованди меҳрубон ӯро аз ҳорис ҳифзаш намудаву бисёр ҷавонмарду саховатпеша халқаш карда буд.

4.Як инсони диндори воқеӣ, зоҳид ва обиде буд, ки рӯзро рӯза медошт ва шабҳоро ба ибодат сипарӣ мекард, бисёриҳо ӯро дар тиҷорат ба Абӯбакри Сиддиқ (рз) ташбеҳ мекарданд. Дар харидории чизҳо низ ба монанди байъаш нозукбин ва соҳибамонат буд. Ҳикоят мекунанд, ки зане ба назди Имом Абӯҳанифа (р) омад, дар дасти худ як ҷомаи ҳарир дошт. Аз ӯ тақозо кард, ки ин ҷомаро бифрӯшад. Абӯҳанифа (р) пурсид, ки ба чанд динор мефӯрушӣ? Он зан гуфт: «Ба сад динор».

Имоми Аъзам (р) гуфт: «Қимати ин ҷома аз ин бештар аст, бигӯ бо чанд майли фурӯхтан дорӣ»? Он зан ҳар бор сад динор зиёд мекард, то ба чаҳорсад динор расид. Имом Абӯҳанифа (р) гуфт: «Қимати ин ҷома аз ин ҳам бештар аст». Он зан гуфт: «Маро масхара мекунӣ»? Имоми Аъзам дар ҷавоб гуфтанд: «Бирав, мардеро биёвар, то ин ҷомаро нархгузорӣ кунад». Он зан рафт, мардеро овард, ки он ҷомаро ба панҷсад динор харидорӣ кард. Яъне, Имоми Аъзам (р) ҳамчуноне, ки моли худро ҳифозат мекард, дар ҳиросати (нигоҳдорӣ) моли муслимин ҳам ҳорис буд, ҳаргиз ғофилии фурӯшанда ва ё муштариро интизор набуд, то ки ӯро бифиребад, чунонки дар аксари тоҷирони мо имрӯз ин фиребу хиёнат дида мешавад. Эй кош, тоҷирони мо низ дар тиҷорат пайравони ин Имоми бузург мешуданд, то Худованди меҳрубон дар молу тиҷорати онҳо баракоте ато мекард! Зеро, ки таълимоти Пайғомбари гиромии ислом барои умматонаш ин аст, ки: «Тоҷири содиқ ва амин рӯзи қиёмат бо ҳамроҳии пайғамбарон ва сиддиқин ва шуҳадо маҳшур мегардад» [9]. Албатта, он тиҷорате, ки аз моли ҳалол шурӯъ шавад ва ба хиёнату фиреб он молро ҳаром нагардонад. Одати шарифи Имом (р) ин буд, ки агар харидор заифу мустаманд ва ё яке аз дӯстонаш мебуд, аз фоидаи он мол мегузашт ва бо қимати харидааш ба он заиф ва ё дӯсташ ато менамуд. Чунончи, ҳикоят мекунанд, ки зане ба назди Имом (р) омад ва гуфт: «Ман заифу нодорам, ҳамин ҷомаро ба он қимате, ки ба ту расидааст, ба ман бифурӯш!»

Имом (р) гуфтанд: «Ин ҷомаро ба чаҳор дирҳам бигир». Он зан гуфт: «Ман як пиразани бенавоям, маро масхара мекунӣ?» Имом (р) дар ҷавоб гуфтанд: «Ман ду ҷома харидам, яктои ин дуро бо раъсулмол (яъне бо қимати ду ҷома) фурӯхтам, фақат чаҳор дирҳам боқӣ мондааст, он чаҳор дирҳамро бидеҳ, ин ҷомаро бардору бирав [1,с.33]. Оре, ин кори таъаҷҷубовар аз ҷавонмардӣ ва саховатпешагии Имом Абӯҳанифаи Нуъмон (р) буд. Вай дар боби дӯстиву бародарӣ низ ҳамто надоштанд. Қисса мекунанд, ки яке аз дӯстонаш назди Имом (р) омад ва гуфт: «Ба ман либоси абрешимин лозим шудааст, сифат ва рангашро низ ба Имом (р) баён кард». Имоми Аъзам (р) гуфтанд: «Агар дастрас шуд, ҳатман бароят нигоҳ медорам». Як ҳафта нагузашта буд, ки Имом (р) он либосро пайдо намуд ва барои он дӯсташ нигоҳ медошт. Вақте ки он рафиқаш омад, он матоъро ба ӯ пешкаш кард ва гуфт: «Ин аст он ҳоҷати ту». Он мард гуфт: «Қимати ин матоъ чанд динор аст?» Имом (р) гуфтанд: «Як динор». Он мард гуфт: «Ҳаргиз ман гумон надоштам, ки ту маро масхара мекунӣ»! Имом (р) гуфтанд: «Ман шуморо масхара намекунам, лекин аз ин

навъ матоъ ду дона ба бисту як динор харида будам, яктои онро ба бист динор фурӯхтам, фақат як динор аз қимати ин матоъ боқӣ мондаасту халос».

Имом Абӯҳанифа (р) аз ҳар амале, ки олудаи гуноҳ буд, бисёр ҳазар мекард, ҳатто агар дар моле ё маблағе шубҳа мекард, он маблағро ба фуқаро садақа медод. Ривоят мекунанд, ки Имом (р) он нафареро, ки бо ӯ дар тиҷорат шарик буд, бо чанд матое ба бозор фиристод ва ба ӯ фаҳмонид, ки яке аз ин матоъҳо айбе дорад, бояд ҳангоми фурӯхтани он харидорро аз он айб огоҳ кунад. Он мард ҳамаи матоъҳоро фурӯхт, аммо фаромӯш кард, ки муштариро аз айби он либос огоҳ кунад. Вақте Имом (р) ин корро фаҳмид, ҳамаи он маблағи фоидаро ба фақирон садақа кард, ба хотире, ки мабодо моли тиҷораташ бо пули ҳаром олуда шуда бошад [10, с.30]. Худованди меҳрубон дар ин тиҷорат ба ӯ фоидаи зиёде ато намуда буд, ки он молро дар ҳавоиҷаш сарф менамуд ва инчунин солона баъзе фоидаи ҷамъгаштаро ашёи рӯзгор мехарид ва чанд маблағе ҳам бо он ҳамроҳ мекарданд ба хонаҳои уламо ва муҳаддисин мефиристод ва инчунин, шогирдон ва устодонашро низ дастгирӣ мекард ва ба онҳо мегуфт, ки ин молҳоро дар ҳавоиҷатон сарф кунед ва танҳо Худоро ҳамд бигӯед, зеро ки ман аз моли худам чизе ба шумо ато накардаам, ин мол аз фазли Худост [1,с.34-35; 11,с.46]. Имом Абӯҳанифа (р) - ро тарзи либоспӯшиаш низ бисёр тозаву озода буд ва тамоми мардуми замонаш ин тозаву озода пӯшидани ӯро тавсиф мекарданд. Имом Абӯҳанифа мекӯшид, то зоҳираш ҳам ба монанди ботинаш озода бошад, либосҳои хубу гаронбаҳо низ мепӯшид. Ривоят мекунанд, ки як либоси ӯ сесад динор арзиш дошт, ки дар он замон хеле маблағи гарон ба ҳисоб меомад. Имом Абӯҳанифа тибқи суннати Пайғомбари гиромии ислом атр задан ва хушбӯйиро низ бисёр дӯст медоштанд [1,с.35]. Бароямон, албатта, лозим аст, ки ин шеваи Имомамонро низ биомӯзем ва ба шогирдону ҷавонои ин миллат биомӯзонем, зеро барои мо аз ахлоқи ҳамидаи Расули Худо (с) дарак медиҳад.

Бояд мусалмони ҳақиқӣ ҳамеша тозаву озода ва бӯйи хуше бо худ дошта бошад. Набии карим (с) мегуфтанд: «Агар барои умматонам душвор намешуд амрашон мекардам, ки дар панҷ вақт намоз дандонҳои худро мисвок бизананд» [8]. Ин ҳама барои он аст, ки инсон дар вақти суҳбат кардан бо нафаре бӯйи даҳонаш касеро азият накунад. Суоле дар хотирам мегузарад: Оё он шева ва тарзу усуле, ки аз ин нишемани баланд сарчашма мегирад, омӯхтанаш барои ин миллат зарурӣ нест? Ҷавоби ин суол худ маълум аст. Аммо барои муаллимон ва омӯзгорону зиёиёни ин миллат лозим аст, ки аввал худ ин шеваро дуруст биомӯзанд ва дар амал татбиқ намуда, барои шогирдон биомӯзонанд. Ҳақ ба ҷониби Шайх Аттор аст, ки хуб фармудааст:

*Ҳар кӣ дар панди худ омад устувор,*
*Панди ӯро дигарон банданду кор[12, с.25].*

## АДАБИЁТ


1. Муҳаммад Абӯзаҳра. Абӯҳанифа. Мактабат-ул-Ватанӣ, 2002. -С. 28-29.
2. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Маснавии маънавӣ. -Душанбе, 2007. –С. 346.
3. Рӯдакӣ. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. - Олмотӣ, 2007. –С.132.
4. Муҳаммад ибни Ҳиббон Абӯҳотими Бустӣ. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон. –Бейрут: Муассисат-ур-рисола, 1993. - 4/149.
5. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҷаъфар ибни Алӣ ибни Ҳакамуни Қузоии Мисрӣ. Муснаду шиҳоб-ил-Қазоъӣ». –Бейрут: Муассисат-ур-рисола, 2004. -4/365.
6. Носири Хисрав. Куллиёт. –Душанбе, 2008. -С. 120.
7. Шиҳобиддин Аҳмад ибни Ҳаҷари Ҳайтамии Маккӣ. Ал-Хайрот-ул-Ҳисон фӣ маноқиб-ил-Имом-ил-Аъзам Абӯҳанифат-ан-Нуъмон. Матбаат-ус-Саодат. Ал-Ҳинд. 1324ҳиҷрӣ. -С. 26.
8. Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Муғираи Бухорӣ Абӯабдуллоҳ. Саҳеҳи Бухорӣ. –Алқоҳира: Дор-уш-шаъб, 1987. -4/103, ҳадиси 3016.
9. Муҳаммад ибни Исои Абӯисои Тирмизӣ. Ал- ҷомеъ Ас-саҳеҳ. Сунани Тирмизӣ. Дору-ул-иҳёи туроси арабӣ. Бейрут,1987. 3/515, ҳадиси 1209.
10. Абулфазл Ҷалолиддин Абдурраҳмон ибни Абӯбакри Суютӣ. Табйизу-с-саҳифа. -Мадинаи мунаварра: Ар-рашид,1414. ҳиҷрӣ, -С. 30.
11. Шамсиддин Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Усмон ибни Қоимозии Заҳабӣ. Маноқиби Имом Абӯҳанифа ва соҳибайҳ. Лаҷнаи Иҳёи маорифи Нуъмония Ҳайдароботи Ҳинд, 1408. Ҳиҷрӣ. –С.46.
12. Пандномаи Шайх Аттори валӣ. Матбааи Ғулом Ҳусайн. –Ҳинд, 2000. С. 25.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам - Асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгаро \\ Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: Эр-гараф, 2016. -С.158-203.


## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ШЕВАИ ЗИНДАГИИ ИМОМИ АЪЗАМ (Р) ВА АҲАМИЯТИ ТАРБИВИИ ОН


Дар мақола методикаи таълими рӯзгори асосгузори мазҳаби таҳаммулгаро- Имоми Аъзам дар асоси сарчашмаҳои муътамад бо далоили илмӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф бар он аст, ки шеваи зиндагии Имоми Аъзам (р), агар дуруст таълим дода шавад, метавонад хонандагонро ба роҳи рост ҳидоят кунад ва дар фаҳмиши ин мазҳаби таҳаммулгаро корагар бошад. Барои рушди маънавӣ – ахлоқии насли ҷавон зарур аст, ки осори гаронбаҳои мутафаккирони гузашта, аз ҷумла Имоми Аъзам (Р) васеъ истифода шавад. Дар асарҳои худ мутафаккири бузург дар бораи чунин сифатҳои маънавӣ – ахлоқии шахсият ба монанди ҳурмати волидайн ва калонсолон, ҳисси масъулиятшиносӣ, дӯстӣ ва рафоқат сухан гуфтааст. Мутафаккири бузург дар раванди ҳалли масоили тарбияи шахсияти ҳаматарафа рушдёфта на танҳо эҷодиёти гузаштагони

даврони худ, инчунин ҳаммаслакони худро хеле васеъ истифода бурда, дар асоси онҳо шакл, роҳҳо ва воситаҳои ташаккули сифату арзишҳои маънавӣ – ахлоқиро дар ҳар як инсон муайян намудааст. Пажӯҳиши эҷодиёти файласуфи бузург нишон медиҳад, ки аз рӯи ақидаи ӯ, некӣ ва адолат яке аз роҳҳои муҳимми хештаншиносӣ мебошад, ки бе ин инсон наметавонвад барои ҷомеа фоидаовар бошад. Мутаффакири бузург хислатҳои неки инсонӣ, дурандешагӣ ва адолатро яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсон мешуморид. Ӯ чунин ақида дошт, ки ҳар як инсон дар муносибатҳои худ бояд аз нияту рафторҳои нек баҳравар бошад, то ки инсони дигарро озор надиҳад.

**Калидвожаҳо:** тарзи ҳаёти Имоми Аъзам (Р), методика таълими шеваи зиндагии Имоми Аъзам (Р), осори арзишманди мутаффакирони бузург, хислатҳои маънавӣ – ахлоқии шахсият, омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсон.


**МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ ОБРАЗА ЖИЗНИ ИМАМА АЗАМА (Р) И ЕГО ВОСПИТАТЕЛЬНОЕ ЗНАЧЕНИЕ**

В данной статье автор подверг изучению и рассмотрению методику обучения жизни Имама Азама и его воспитательное значение. Для духовно-нравственного развития молодого поколения необходимо широко использовать бесценное наследие великих мыслителей прошлых столетий, в частности наследие Имама Азама. В своих произведениях великий мыслитель говорил о таких духовно-нравственных качествах личности и уважении родителей и старших, чувстве долга и ответственности, дружбы и товарищества и т.д. Великий мыслитель в процессе решения проблемы воспитания всесторонне гармонически развитой личности не только использовал творчество своих предшественников и современников, но и стремился к тому, чтобы на их основе определить формы, пути и средства формирования в каждом человеке духовно-нравственных качеств и ценностей. Исследование творчества великого философа показывает, что по его мнению, добро и справедливость являются одним из важных путей самопознания, и без них человек неможет быть полезным обществу. Великий мыслитель добрые качества человека, разумность и справедливость считал одним из главных факторов формирования личности человека. Он считал, что каждый человек в своих отношениях должен руководствоваться добрыми намерениями и поступками так, чтобы не обидеть другого человека.

**Ключевые слова:** образ жизни Имама Азама, методика обучения жизни Имама Азама, бесценное наследие великих мыслителей, духовно-нравственные качества личности, главные факторы формирования личности человека.

**THE METHOD OF TRAINING THE LIFESTYLE OF IMAM AZAMA (R) AND ITS EDUCATIONAL IMPORTANCE**

In this article, the author has studied and studied the methodology of teaching the life of Imam Azam and his educational value. For the spiritual and moral development of the younger generation, it is necessary to make wide use of the invaluable heritage of the great thinkers of past centuries, in particular the heritage of Imam Azam. In his works, the great thinker spoke of such spiritual and moral qualities of the individual and respect for parents and elders, a sense of duty and responsibility, friendship and comradeship, etc. The great thinker in the process of solving the problem of education of a comprehensively harmoniously developed personality not only used the work of his predecessors and contemporaries, but also sought to determine on their basis the forms, ways and means of forming in each person spiritual and moral qualities and values. The study of the great philosopher's creativity shows that in his opinion, good and justice are one of the important ways of self-knowledge, and without them a person can not be useful to society. A great thinker of the good qualities of man, reasonableness and justice considered one of the main factors in the formation of a person's personality. He believed that every person in his relations should be guided by good intentions and actions so as not to offend another person.

**Key words:** Imam Azam's way of life, the method of teaching the life of Imam Azam, the invaluable heritage of great thinkers, the spiritual and moral qualities of the individual, the main factors shaping the personality of a person..



**Сведения об авторе:** ***Саидахмадов Мирзохомид Мирзоевич*** **–** Институт развития образования им. Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистан, соискатель. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни 45. Телефон: **918-62-49-11**

**Information about the author:** ***Saidahmadov Mirzokhomid Mirzoevich*** **-** Institute for the Development of Education. Abdurrahman Jami Academy of Education Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini St. 45. Phone: **918-62-49-11**



**УДК 373.167.1**


# ЭТИКАИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН: ВАЗЪИЯТ ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ОН


***Гулова Наҷиба***

**Донишгоҳи давлатии Данғара**


Этикаи касбӣ, ба тариқи умумӣ, ин қоидаи рафтор аст, ки хусусияти маънавии муносибати байни одамонро дар доираи фаъолияти касбии онҳо таъмин менамояд. Хусусияти этикаи касбӣ дар алоқамандии он бо фаъолияти гурӯҳи мушаххас ва ягонагии он бо назарияи умумии ахлоқ зоҳир мегардад. Этикаи педагогӣ ба омӯзиши хусусияти амалӣ гардидани принсипҳои маънавӣ дар доираи меҳнати педагогӣ, ошкор намудани вазифаҳои он, муайян намудани мазмуну мундариҷаи принсипҳо ва категорияҳои этикӣ равона карда шудааст. Илова бар ин, дар доираи этикаи педагогӣ хусусияти фаъолияти маънавии омӯзгорон ва муносибатҳои маънавӣ дар фазои касбӣ омӯхта мешавад, асосҳои этикети педагогӣ таҳия карда мешавад, ки маҷмӯи қоидаҳои муоширатро дар фазои педагогӣ пешниҳод менамояд. Дар назди этикаи педагогӣ як қатор масъалаҳои муҳим

гузошта шудааст, ки дар қатори онҳо метавон тадқиқи проблемаҳои характери методологӣ дошта, ошкор намудани сохтор ва омӯзиши раванди ташаккули талаботҳои маънавии омӯзгор, таҳияи ҷиҳатҳои махсуси маънавии меҳнати омӯзгорӣ, муайян намудани талаботҳои симои маъавии омӯзгорро махсусан қайд намуд [7,с.26].

Фаъолияти амалии омӯзгор на ҳама вақт бо меъёрҳои этикаи касбӣ мувофиқ меояд, ки дар асоси мураккабӣ ва мухолифати амалияи педагогӣ бармеояд. Аз ин хотир, яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми этикаи педагогӣ омӯзиши вазъияти шуури маънавии омӯзгор ба ҳисоб меравад. Барои амалӣ намудани чунин мақсад, истифода намудани методҳои илман асоснокшуда аз аҳамият холӣ нест. Методҳои универсалӣ ва нисбатан паҳнгардидаи тадқиқи афкори ҷамъиятӣ дар соҳаи этикаи омӯзгорӣ ба ошкор намудани рӯоварӣ ё самтгирии арзишӣ, соҳаи мотиватсияи шахсӣ ва ақидаронӣҳо нисбати баҳогузорӣ равона карда шудааст. Талаботи ҷомеа нисбати гузоштани таҷриба ва дониш ба насли наврас системаи маълумотгириро тавлид намуда, навъи махсуси фаъолияти зарурии ҷомеа – фаъолияти касбии педагогиро ба миён овард. Унсурҳои этикаи педагогӣ якҷоя бо пайдоиши фаъолияти педагогӣ ҳамчун вазифаи муҳимми ҷамъиятӣ ба миён омадаанд [9,с.124].

Мутафаккирони даврахои гуногуни инкишофи таърихӣ оид ба этикаи педагогӣ ақидаҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намудаанд. Дар ин ақидаҳо асосан диққат ба зарурати мувофиқ намудани тарбия бо табиати кӯдак, истифодаи донишдӯстиву илмдӯстии кӯдакона ҳамчун асоси таълимот, ба бартарияти воситаҳои боварӣ нисбат ба воситаҳои маҷбурнамоӣ равона карда шудааст. Идеяи зарурати тобеъ намудани кӯдакон ба хоҳиши тарбиятгар ва назорати доимии онҳо, баҳои баланд ба фармонбардорӣ ва истифодаи методҳои ҷазодиҳӣ низ дар ин ақидаҳо мавқеи муайянро касб намуда буданд.

Таҳлили таълимотҳои гуногун нишон медиҳад, ки тарбия кори муҳимми давлатӣ ба ҳисоб меравад. Якумин маротиба, Квинтилиан масъалаи педагогикаро ба сатҳи касбӣ бароварда, тавсияҳои ӯ ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ буда, омӯзгорро аз истифодаи маҷбурнамоӣ дур менамуд, ба мақсади солим мурочиат намудани омӯзгорро таъмин мекард, шавқмандии кӯдакро ба раванди таълим ва натиҷаҳои он ҷалб менамуд.

Дар давраи асримиёнагӣ ҷомеа ба масъалаи этикаи касбии омӯзгорон таваҷҷуҳ зоҳир наменамуд, зеро дар масъалаи таълиму тарбия дин ҳукмронӣ менамуд. Лекин, дар давраи Эҳё масъалаи этикаи касбии омӯзгорон ба давраи нави инкишофи худ ворид гардид. Дар ин давра таълимотҳои Монтен ва Ҷ.Локк диққатҷалбкунанда ба ҳисоб мерафтанд. Диққати асосӣ ба сифатҳои шахсии омӯзгор, ба инобат гирифтани майлу рағбати рӯҳии кӯдак, ҷой надоштани талаботи қабули бечунучарои идеяи омӯзгор аз тарафи хонанда равона карда мешуд. Илова бар ин, ба муносибати хайрхоҳонаи омӯзгор ба хонанда, танқиди иҷроиши расмиву намоишии уҳдадориҳои омӯзгор мавриди баррасӣ қарор дода мешуд. Мутафаккирон муносибати маънавии байни омӯзгор ва тарбиятгирандаро омӯхта, ба истифодаи маҷбурнамоӣ ва ҷазодиҳӣ зид баромад менамуданд, аҳамияти махсуси рафтори худи омӯзгорро таъкид мекарданд [1,с.87].

Намояндагони маорифпарварии француз вазифаҳои тарбияи маънавиро маънидод намуда, талабатҳоро нисбат ба симои маънавии омӯзгор тасвият кардаанд. Консепсияҳои этикии худро пешниҳод намуда, маориф, илм ва ақлу хирадро қувваи пешбарандаи прогресс медонистанд. Қайд карда мешуд, ки омӯзгор бояд аз камбудиву нуқсонҳои инсонӣ маҳрум бошад ва дар муносибати маънавӣ аз ҷомеа баландтар бошад. Омӯзгори ҳақиқӣ бояд тавонад дар ҳар як кӯдак сифатҳои шахсии мусбиро пайдо намуда, онро инкишоф диҳад, ғояи тарбияи меҳнатӣ ва маънавиро ташвиқу тарғиб намояд.

Дар асоси таълимотҳои мухталиф ба тариқи дақиқ талаботҳо нисбат ба омӯзгор мушаххас гардонида шуда, тарбияи аз ҷомеа ҷудогардида танқид карда мешуд. Талаботҳо нисбат ба омӯзгор чунин машаххас гардида буданд: донистани мукаммали предмет, меҳру муҳаббат нисбат ба касби омӯзгорӣ ва кӯдакон, бардамиву ҳушёрӣ, некбинӣ, зиндадилӣ ва кор кардан аз болои худ. Тарбия бояд на дар авторитети саркӯб намудан, балки дар дониши баланд ва инкишофи ҳаматарафаи омӯзгор, боварикунонии ҷиддӣ ва дуруст, эҳтироми ҳуқуқҳои кӯдак асос ёбад [10,с.143].

Дар давраи Шӯравӣ ба таҳияи проблемаҳои этикаи касбии омӯзгорон Сухомлинский бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ӯ таъкид намудааст, ки омӯзиш муносибати ҳақиқии инсонӣ байни омӯзгор ва кӯдакон аст. Саҳми арзандаро дар коркарди масъалаҳои назариявӣ ва амалии ахлоқу одоби педагогӣ, омӯзиши сатҳи шуури маънавии омӯзгор, ҷустуҷӯи роҳҳо ва воситаҳои мукаммалгардонии муносибатҳои маънавӣ дар коллективи педагогӣ чунин олимон, ба монанди Гоноболин, Кузмин, Гришин, Согомонов Чернокозов гузоштаанд. Этикаи педагогӣ моҳияти категорияҳои асосии ахлоқи педагогӣ ва арзишҳои ахлоқиро баррасӣ менамояд. Арзишҳои ахлоқӣ ин системаи тасаввуротҳо оид ба некӣ ва бадӣ, адолатнокӣ ва ору номус ба ҳисоб меравад, ки баҳогузории падидаҳои ҳаётӣ, манзалати маънавӣ ва рафтори одамонро таъмин менамояд. Ба фаъолияти педагогӣ тамоми мафҳумҳои асосии ахлоқӣ истифода карда мешаванд, лекин мафҳумҳои алоҳида

чунин хусусиятҳои ақидаҳои педагогӣ, фаъолият ва муносибатро таҷассум менамоянд, ки этикаи педагогиро ба қисмати нисбатан мустақили этика мубаддал мегардонад. Ба чунин категорияҳо вазифаи касбии педагог, адолатнокии педагогӣ, шарафу виҷдон ва авторитети педагогӣ дохил мешаванд.

Адолатнокӣ, умуман, мутобиқати байни эътибору шаъну шарафи одамон ва эътирофи ҷамъиятӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро тасниф менамояд. Адолатнокии педагогӣ хусусиятҳои хосси худро дошта, меъёри объективии омӯзгор, сатҳи тарбияи маънавии ӯро таҷассум менамояд. Дар чунин ҳолат сухан дар бораи некӣ, принсипнокӣ, одамият меравад, ки дар баҳогузории рафтори хонандагон, муносибати онҳо ба таълим, фаъолияти ҷамъиятии муфидноки онҳо таҷассум мегардад [10,с.76].

Адолатнокӣ ин сифати маънавии омӯзгор ва баҳогузории чорабиниҳои ӯ нисбати таъсиррасонӣ ба хонандагон мебошад, ки ба саҳми воқеии онҳо дар назди коллектив мувофиқ аст. Хусусияти адолати педагогӣ дар он зоҳир мегардад, ки баҳогузории амалҳо ва ҷавоб ба онҳо дар омӯзгор ва хонандагон дар сатҳҳои мухталифи маънавият қарор доранд. Қайд намудан зарур аст, ки муайян намудани чорабиниҳои объективӣ, аз бисёр ҷиҳат аз омӯзгор вобаста аст. Баҳогузории умумии маънавӣ бо таъсиррасонии тарафҳо бо худҳимоякунии нобаробар дучор мегардад.

Вазифаи касбии педагогӣ яке аз муҳимтарин категорияҳои этикаи педагогӣ ба ҳисоб меравад. Бо ин мафҳум тасаввурот оид ба маҷмӯи талаботҳо ва ҳидоятҳои маънавӣ таҷассум карда мешаванд, ки аз тарафи ҷомеа ба шахсияти омӯзгор, ба иҷроиши уҳдадориҳои касбӣ, ба амалӣ намудани вазифаҳои муайяни меҳнатӣ, ба дуруст бунёд намудани муносибат бо хонандагон, волидайни онҳо, ҳамкорон, ба дарки дақиқи муносибати худ ба касби интихобшуда, ба коллективи педагогӣ ва умуман тамоми ҷомеа пешниҳод карда мешаванд.

Асоси вазифаи касбии педагогӣ талаботи объективӣ ва муҳимми ҷомеа ба омӯзиш ва тарбияи насли наврас ба ҳисоб меравад. Ба вазифаи касбӣ зарурати муносибати эҷодӣ ба меҳнат, талаботи махсус ба худ, кӯшиш ба иҷроиши донишҳои касбӣ ва баланд бардоштани маҳорати педагогӣ, зарурати муносибати боэҳтиромона ва сахтгирона ба хонандагон ва волидайни онҳо, қобилияти ҳал намудани зиддияту мухолифатҳои ҳаёти мактабӣ ҷой дода шудааст. Шарафу номуси касбӣ дар педагогика – ин мафҳумест, ки на танҳо дарки аҳамияти худ аз тарафи омӯзгор, балки эътироф ва эҳтироми ҷамъиятии хизматҳои маънавӣ ва сифатҳои ӯро таҷассум менамояд. Дарки баланди шаъну шараф ва қадру қимати шахсӣ дар касби омӯзгор ба тариқи дақиқ ҷудо карда мешавад. Дар ҳолате ки омӯзгор дар рафтори худ ва муносибатҳои байнишахсӣ талаботҳоеро, ки аз тарафи ҷомеа ба омӯзгори идеалӣ пешниҳод гардидааст, риоя намекунад, он гоҳ, мутобиқан, беэътиноӣ нисбат ба шаъну шараф ва қадру қимати касбӣ нишон медиҳад.

Шаъну шарафи омӯзгор, ин баҳогузории ҷамъиятии қадру қимати воқеии касбӣ ба ҳисоб меравад, ки дар раванди иҷроиши вазифаҳои касбӣ зоҳир мешаванд. Шаъну шарафи омӯзгор, ин мақоми маънавии ӯ дар коллективи хонандагон ва ҳамкорон, як навъ шакли тартибот мебошад, ки бо ёрии он омӯзгор рафтори тарбиятгирандагонро танзим намуда, ба боварии онҳо таъсир мерасонад. Raйд намудан зарур аст, ки шаъну шарафи омӯзгор аз тайёрии маънавӣ-эстетикӣ ва психологиву педагогии худи омӯзгор вобаста аст. Сатҳи шаъну шарафи омӯзгор дар асоси дақиқии дониш, маҳорат, муносибат ба фаъолияти педагогӣ муайян карда мешавад. Ахлоқи педагогӣ системаи меъёрҳои умумӣ ва хусусӣ, қоида ва анъанаҳое мебошад, ки байни якдигар дар муносибати мураккаб қарор доранд. Ба хотири самаранок танзим намудани рафтори омӯзгор, системаи талаботи ахлоқи омӯзгор бояд дорои мутобиқати дохилӣ бошад, яъне меъёрҳои умумӣ ва хусусӣ, қоида ва анъанаҳо бояд умумияти ягонаро ташкил намоянд.

Ахлоқи педагогӣ ин системаи талаботҳои маънавӣ мебошад, ки ба омӯзгор нисбати худи ӯ, нисбати фаъолият, касб, ҷомеа, кӯдакон ва дигар иштирокчиёни раванди таълимиву тарбиявӣ пешниҳод карда мешавад. Он яке аз танзимкунандагони рафтори омӯзгор дар меҳнати педагогӣ баромад менамояд. Системаи талаботҳои ахлоқи педагогӣ инъикоси вазифаи касбии омӯзгор, уҳдадориҳои маънавии ӯ дар назди ҷомеа, коллективи педагогӣ ва дар назди шавқу рағбат ва истеъдоди ӯ ба ҳисоб меравад [1,с.112].

Меъёри умумии ахлоқи педагогӣ талаботи васеъ ва пурмуҳтавоест, ки вазъиятҳои нисбатан хосро фарогир буда, талаботҳои васеъро нисбати муносибати омӯзгор ба меҳнати педагогӣ, ба хонандагон ва волидайни онҳо, ба ҳамкорон пешниҳод менамояд, ки самти умумии рафтори омӯзгоро пешниҳод менамояд. Меъёри хусусии маънавӣ-педагогӣ муносибатҳо ва далелҳои доираи маҳдуди омӯзгоррро ҷамъбаст намуда, қисме аз мундариҷа ва андозаи талаботҳоро, ки дар шаклҳои мухталифи умумӣ ҷой доранд, ошкор месозад.

Шуури маънавӣ ин дарки меъёрҳои рафтори худ, хусусияти муносибатҳои тарафайн дар ҷомеа, арзишҳои сифатии шахсияти инсон ба ҳисоб меравад, ки дар тасаввуротҳо, нуқтаи назар, ҳиссиёт ва одатҳо таҷассум меёбад. Шуури ҷамъиятӣ асоснокнамоии

умумии назариявӣ ва идеологии аҳлоқро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ пешниҳод менамояд. Дар шуури маънавии индивидуалӣ бошад, инчунин хусусияти ҳамон муҳите, ки дар он инсон ба тариқи доимӣ амал менамояд, таҷассум карда мешавад.

Нуқтаи назари маънавии омӯзгор дорои хусусияти пурра ва устувор мебошад. Яке аз унсурҳои шуури маънавии омӯзгор дарки арзишҳои маънавӣ ва дарки амалӣ гардидани қабули ин арзишҳо аз тарафи тарбиятгирандагон ба ҳисоб меравад. Асоси ташаккули ақидаҳои маънавии омӯзгор, донистани присипҳо, талаботҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ ва таҷассуми хосси онҳо дар фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Этикаи педагогӣ эътиқоди маънавиро ҳамчун дониши ахлоқӣ баррасӣ менамояд, ки ҳамчун меъёри рафтори омӯзгор, мавқеи ӯ дар системаи муносибатҳо бо ҷомеа, касб, меҳнат, ҳамкорон, хонандагон ва волидайни онҳо баромад менамояд. Омӯзгор наметавонад бо донистани меъёрҳо ва принсипҳои маънавӣ маҳдуд гардад, ба он нигоҳ накарда, ки онҳо шарти самтгирии дуруст дар воқеият ба ҳисоб мераванд. Омӯзгор бояд боварии ҷиддии ғоявӣ-маънавӣ дошта бошад, ки ҳамчун заминаи фаъолияти бошуур нисбати ташаккули мақсадноки шахсияти тарбиятгиранда баромад менамояд.

Дониши этикӣ ва ақидаҳои маънавӣ дар раванди амалияи иҷтимоӣ ва дар асоси таъсири шароити объективии фаъолияти меҳнатӣ ба боварии шахсӣ мубаддал мегарданд. Ба талаботҳои этикаи касбии педагогӣ боваринокӣ, ки бо шуурнокӣ, присипнокӣ ва талаботпазирии ҳақиқӣ мувофиқ аст, ҷавоб мегӯяд. Дар этикаи касбии педагогӣ ҳиссиёти маънавии омӯзгор ҳамчун ҷиҳати эҳсосотии фаъолияти маънавии ӯ баррасӣ карда мешавад, ки дар як қатор бо боваринокӣ, мавқеи маънавии субъективиро нисбат ба фаъолияти касбӣ ва иштирокчиёни раванди тарбия муайян менамояд. Эҳсосоти маънавӣ ҳамчун воситаи ташаккули шахсият ва ҳамчун яке аз вазифаҳои тарбияи маънавӣ баромад менамояд. Эҳсосоти маънавиро мувофиқи таҷассуми объект метавон шартан ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуд. Ба гурӯҳи аввал ҳамон эҳсосоте ворид мешаванд, ки муносибати омӯзгорро ба касб танзим менамоянд, ки дар чунин ҳолат ҳиссиёти вазифаи касбӣ, масъулиятнокӣ, худтанқиднамоӣ, ифтихор, шаъну шараф ташаккул меёбад. Дар чунин ҳолат муносибати омӯзгор ба худ ҳамчун намояндаи касби педагогӣ муайян карда мешавад. Гурӯҳи дуюми эҳсосот муносибати омӯзгорро бо иштирокчиёни дигари раванди педагогӣ таҷассум менамояд.

Ҳамин тариқ, этикаи касбии педагогӣ дар раванди танзими муносибатҳо дар раванди таълим ва тарбия омили муҳим ба ҳисоб рафта, самаранокии раванди таълим ва тарбияро таъмин менамояд. Дар шароити имрӯза зарур аст, ки унсурҳои алоҳидаи этикаи касбии омӯзгорон аз худ карда шаванд ва дар асоси онҳо муносибати воқеии байни омӯзгор ва тарбиятгиранда ба роҳ монда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Азаров Ю.П. Искусство воспитывать: Книга для учителя / Ю.П. Азаров. -М.: Просвещение, 1985. -448 с.
2. Андреев В.И. Педагогическая этика: инновац. курс для нравств. саморазвития / В.И. Андреев. -Казань: ЦИТ, 2003. – 272 с.
3. Лебедев П.А. Психолого-педагогическое наследие / П.Ф. Каптерева. - М., 1998. -96 с.
4. Левина М.М. Технологии профессионального педагогического образования. -М., Academia, 2001. -270 с.
5. Мудрик А.В. Общение как фактор воспитания школьников / А.В. Мудрик. -М.: Педагогика, 1984. - 111 с.
6. Педагогическая этика: Учебно-методическое пособие/ сост. И.В. Тимонина. -Кемерово: Кузбассвузиздат, 2000.- 136 с.
7. Писаренко В.И. Педагогическая этика: Книга для учителя / В.И. Писаренко, И.Я. Писаренко. -Минск.: Народна асвета, 1986. - 240 с.
8. Сергеев И.С. Основы педагогической деятельности / И.С. Сергеев. - СПб.: Питер, 2004. – 316 с.
9. Чернокозова В.Н. Этика учителя / В.Н. Чернокозова, И.И. Чернокозов. -К: Радянська школа, 1973. -251 с.
10. Чернокозов И. Профессиональная этика учителя. -Киев, 1988. -354 с.


**ЭТИКАИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН: ВАЗЪИЯТ ВА ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ ОН**


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии ташаккули этикаи касбии омӯзгор, вазъияти имрӯза ва дурнамои инкишофи он баррасӣ гардидаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки тадқиқи проблемаҳо характери методологӣ дошта, омӯзиши сохтор ва раванди ташаккули талаботҳои маънавии омӯзгор, таҳияи ҷиҳатҳои махсуси маънавии меҳнати омӯзгор, муайян намудани талаботҳои симои маънавии омӯзгор ба масъалаҳои асосии этикаи педагогӣ дохил мешаванд. Дар афкори педагогии давраҳои мухталиф диққати асосӣ ба зарурати мувофиқ намудани тарбия бо табиати кӯдак, истифодаи донишдӯстиву илмдӯстии кӯдак ҳамчун асоси таълимот, бартарияти воситаҳои боварӣ нисбат ба воситаҳои маҷбурнамоӣ равона карда шудааст. Муаллиф таълимотҳои гуногунро таҳлил намуда, қайд намудааст, ки таълиму тарбия кори муҳимми давлатӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки этикаи педагогӣ дар раванди танзими муносибатҳо дар раванди таълим омили муҳим ба ҳисоб меравад. Маҳз сатҳи баланди инкишофи унсурҳои асосии этикаи педагогӣ самаранокии раванди таълиму тарбияро таъмин менамояд. Аз ин хотир зарур аст, ки ба унсурҳои алоҳидаи этикаи касбии омӯзгорон диққати махсус равона карда шавад ва дар асоси онҳо муносибати воқеии омӯзгорон ва тарбиятгирандагон ба роҳ монда шавад.



**Калидвожаҳо:** этикаи педагогӣ, шуури маънавӣ, методология, талаботҳои педагогӣ, унсурҳои этикаи педагогӣ, афкори педагогӣ, меъёрҳои рафтор, тарбиятгиранда, психологиву педагогӣ, шуури ҷамъиятӣ.

**ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ ЭТИКА ПЕДАГОГОВ: ЕЕ СИТУАЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВА РАЗВИТИЯ**

В настоящей статье рассматриваются основные проблемы формирования педагогической этики, ее сегодняшняя ситуация и перспектива развитии. Автор подчеркивает, что основными проблемами педагогической этики являются изучение структуры и процесса формирования нравственных требований к педагогу, разработка специальных нравственных аспектов педагогического труда и определение требований нравственного лица педагога. В педагогических мыслях различных этапов основное внимание направляется на соотношение воспитания природе ребенка, использование любви ребенка к знаниям и науке как основу обучения, превосходство средств убеждения, чем принудительных средств. Автор, анализируя различные концепции, подчеркивает, что воспитание и обучение являются важным государственным делом. Автор подчеркивает, что педагогическая этика является важным фактором в процессе урегулирования отношений в учебном процессе. Именно высокий уровень развития основных компонентов педагогической этики обеспечивает эффективность учебного процесса. Поэтому необходимо обращать внимание на отдельные компоненты педагогической этики, и на этой основе реализовать реальное отношение между педагогом и воспитанником.

**Ключевые слова:** педагогическая этика, нравственное сознание, методология, педагогические требования, компоненты педагогической этики, педагогические мысли, нормы поведения, воспитанник, психологическо-педагогическое, общественное сознание.

**PROFESSIONAL ETHICS OF THE TEACHERS: ITS SITUATION AND PROSPECT OF DEVELOPMENT**

In this article is examined the basic problems of the formation of pedagogical ethics, its today's situation and prospect of development. The author emphasizes, that the basic problems of pedagogical ethics are study of structure and process of formation of the moral requirements of the teacher, development of special moral aspects of pedagogical work, and definition of the requirements of the moral person of the teacher. In pedagogical ideas of various stages of development the basic attention was directed on parities of education to a nature of the child, use love of the child to knowledge and science as bases of training, superiority of means of belief, than compulsory means. The author, analyzing the various concepts, emphasizes, that education and training are the important state business. The author emphasizes, that the pedagogical ethics are the important factor in process settlement of the relations in educational process. The high level of development of the basic components of pedagogical ethics provides efficiency of educational process. Therefore, it is necessary to pay attention to separate components of pedagogical ethics, and on this basis to realize the real relations between the teacher and pupil.

**Key words:** pedagogical ethics, moral consciousness, methodology, pedagogical requirements, components of pedagogical ethics, pedagogical ideas, norm of behaviour, pupil, psychological-pedagogical, public consciousness.

**Сведения об авторе:** ***Гулова Наджиба –*** Дангаринский государственный университет, соискатель. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, г.Дангара, улица Шарифова 3

**Information about the author:** ***Gulova Najiba*** - Dangara State University, competitor. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dananga, Sharifov street 3

**УДК: 796.412**

# МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПОСТРОЕНИЯ ЗАНЯТИЙ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ФИЗИЧЕСКОЙ АКТИВНОСТИ И ФИЗИЧЕСКОЙ ФОРМЫ

***Давлатов Д.Р.***

**Филиал Московского государственного университета им. М.В. Ломоносова в г. Душанбе**

В древней Греции красота тела и физические качества ставились в один ряд с лучшими нравственными качествами человека. Считалось, что телесно совершенный человек просто не может быть плохим с нравственной точки зрения. И хотя сегодня люди понимают, что внутренняя и внешняя красота не всегда идут рядом, в глубине души большинство из них все же доверяют красоте и продолжают к ней стремиться. По этой причине существует такое изречение «Построй свое тело» [1,с.223]. Его можно назвать компактным справочником начинающего строителя тела. Здесь отражены многочисленные элементы физического состояния организма – от канонов и экипировки до тренировочных планов и прогрессивных методов накачивания мышц. Здесь же можно найти советы по питанию и о том, как избежать перетренированности и боли в мышцах.

Работа, семья, загруженность на работе, нехватка времени - вот стандартный перечень причин, не позволяющих человеку заняться спортом. Но главная причина - собственная лень. Отсидев на работе положенное время, вы плавно переноситесь в собственное кресло, в котором просиживаете долгие часы перед телевизором. Или ещё игрушка современного человека - компьютер. Чего стоит одно утомление, которое он дает, ведущее к нервному истощению и бессоннице. Утром - опять на работу, и все заново. Так и приходит преждевременная старость. Мышцы потихоньку слабеют, атрофируются. А ведь они не просто сосуществуют с другими органами и системами организма, а активно воздействуют на них, помогают их работе.

Низкая физическая активность ведет к возникновению многих болезней. Мышечную массу недаром называют вторым сердцем. Она теснейшим образом связана с сердечной деятельностью. Именно слабая, не отвечающая жизненным задачам мускулатура нередко причина того, что сердце вынуждено работать в форсированном режиме. Нужно вовремя

одуматься, изменить свой образ жизни, ведь, не занимаясь спортом, вы отказываете себе в изысканном удовольствии. Приятное изнеможение после испытанной физической нагрузки (многие даже забыли, что это такое), на следующий день переходящее в бодрость, дающее прилив сил и вызывающее активное желание работать. Дело не только в эстетике как таковой, но и в здоровье. Хорошее физическое развитие, мужественная внешность, уверенность в себе-это новые возможности в различных сферах деятельности, открытые двери в мир интересных и трудных профессий, которые для людей слабых и болезненных закрыты на семь замков. Чтобы понять, насколько важны для здоровья человека движение и физическая нагрузка, можно сравнить сельского и городского жителей. Для этого отправимся в село к забытой бабушке, которая в свои 76 лет продолжает держать корову [5,с.233-310]. В ее возрасте городские бабушки уже все изболелись, ушли с головой в бесконечные хлопоты о собственном здоровье, а ей помогает закалка: всю жизнь без выходных, подъем в четыре утра, и весь день в движении: кухня-корова - огород – снова кухня- корова -огород и т.д. Но и в городских условиях можно укрепить свое здоровье, пополнить жизненный запас сил, и для этого совсем необязательно разбивать огород под окном или держать корову на балконе. Для этого существует силовая гимнастика или фитнесс. Фитнессом принято называть все виды спорта, основной целью которых является построение и развитие здорового, красивого, пропорционально сложенного и сильного тела. Поэтому силовую гимнастику можно использовать в качестве вспомогательного средства, дополняющего и обогащающего такие виды физической активности, как бег, плавание, езда на велосипеде, спортивные игры. Но прежде чем приступить к занятиям, определите, в какой вы физической форме.

Оздоровительное направление фитнесса представляет собой развернутую, сбалансированную программу двигательной активности индивидуального характера, построенную с учетом физкультурно-оздоровительных и спортивных интересов людей различного пола и возраста. Комплекс специализированных упражнений избирательной направленности применяется в оздоровительном фитнессе с целью формирования красивого, пропорционального телосложения, развития двигательных качеств и повышения уровня основных функциональных возможностей организма.

Методические особенности построения занятий оздоровительным фитнессом заключаются в последовательном сочетании работы силового характера с разнообразными упражнениями аэробной направленности, а также стретчингом. Обязательное условие - тестирование уровня физической подготовленности и контроль массы тела занимающихся.

Для совместного увеличения мышечной массы и развития силовых качеств применяются 6-8 повторений в подходах с отягощениями 80-90% максимально доступного. Темп средний, время движения снаряда вверх занимает 4 с, вниз - 2 с. Эффективна работа по «принципу пирамиды»- 1 подход с 12 повторениями (разминочный), затем 2x8, 2x6 с прогрессирующим отягощением, 1x10 с первоначальным весом на снаряде. При развитии силовой выносливости время выполнения основных фаз движения увеличивается в 2 раза, количество повторений от 12 до 18, темп средний. Отягощение подбирается таким образом, чтобы два заключительных повторения осуществлялись со значительным усилием.

Начальный этап занятий происходит по 3-х дневной программе с учетом длительности восстановительного периода (не менее 48 ч). Оптимальная очередность воздействия на тренировочные группы мышц следующая:

- мышцы живота (в сочетании с упражнениями общей разминки);
- мышцы бедра, голени;
- грудные мышцы, мышцы спины;
- дельтовидные мышцы, бицепс и трицепс.

Для увеличения эффективности силового компонента в фитнессе используется раздельная система тренировок “Сплит”, способствующая преимущественному воздействию на избранные группы мышц в рамках одного занятия.

Один из вариантов 3-дневного тренировочного режима по системе «Сплит» на начальном этапе выглядит следующим образом:

**понедельник:** мышцы живота, бедер, ягодиц, спины;

**среда:** мышцы живота, груди, бицепс, трицепс, мышцы голени;

**пятница:** мышцы живота, бедер и ягодиц, спины, дельтовидные.

Основные параметры тренировочной работы силового характера определяются с учетом пола, возраста, уровня физического состояния занимающихся и сохраняют свои значения на протяжении 2-3 мес. В соответствии с рекомендациями специалистов возрастной физиологии, к тренировкам на тренажерах не допускаются дети и подростки до 16 лет. Аэробную часть занятий оздоровительным фитнессом составляют доступные общеразвивающие гимнастические упражнения, элементы хореографии, классического, народного, современного танца, ходьба и бег. Логично подобранные упражнения, осваиваемые с музыкальным сопровождением без пауз

пассивного отдыха, стимулируют деятельность сердечно-сосудистой и дыхательной систем, способствуют улучшению осанки, координации и пластичности, формированию и развитию важнейших двигательных качеств и навыков.

Диапазон оптимальных нагрузок аэробного характера, оказывающих эффективное воздействие в оздоровительном фитнессе, колеблется в пределах 65-85% максимально доступных возрастных показателей ЧСС.

***Шейпинг*** - разработанная специалистами советской школы аэробики и бодибилдинга система физкультурно-оздоровительных занятий для женщин и девушек, направленная на достижение гармонично развитых форм тела в сочетании с высоким уровнем двигательной подготовленности.

Изначально шейпинг служил своеобразной отечественной альтернативой «зарубежному» фитнессу, однако и в современных условиях сохранил широкий круг своих приверженцев.

В основе шейпинг-тренировок лежит принцип рационального использования потенциала ритмопластических и силовых направлений гимнастики, синтез упражнений которых способствует положительной динамике целого комплекса важнейших морфофункциональных показателей организма.

Программа шейпинга состоит из двух этапов.

*Задачи первого этапа:*

- укрепить здоровье, уменьшить риск развития заболеваний (сердечнососудистой системы, обмена веществ, опорно-двигательного аппарата и др.);
- нормализировать массу тела;
- повысить уровень физической подготовленности.

*Задача второго этапа*: коррекция фигуры с помощью различных видов двигательной активности и рационального питания.

Основные средства шейпинга - общефизические упражнения, которые в зависимости от методической целесообразности выполняются без предметов, с предметами, на специальных снарядах. Важнейшее условие определения оптимальных параметров объема, интенсивности, а также преимущественной направленности физических упражнений - анализ массоростовых показателей и уровня двигательной подготовленности занимающихся.

Для лиц с низкими морфофункциональными характеристиками предусмотрены минимальный темп и небольшие отягощения в процессе длительной работы циклического характера, направленной на развитие общей (аэробной) и силовой выносливости.

Обладающие средним уровнем двигательной подготовленности лица используют значительные по объему нагрузки с целью коррекции фигуры и укрепления «слабых» мышечных групп.

Для лиц с высоким уровнем физической подготовленности нагрузочная стоимость выполненной на занятиях работы увеличивается за счет преобладания упражнений скоростного и скоростно-силового характера. Темп их выполнения средний и быстрый. При подборе движений важно соблюдать рациональную последовательность включения в действие основных мышечных групп ног, спины, груди, плечевого пояса.

Общая продолжительность стандартного занятия шейпингом 50-60 мин. Тренировка включает в себя специализированную разминку (20% тренировочного времени), основную часть (70%), упражнения которой направлены на коррекцию фигуры и развитие двигательных качеств, а также заключительный сегмент, в пределах которого используются средства стретчинга и релаксации.

При составлении программы занятия следует учитывать оптимальную продолжительность тренировочного воздействия на конкретную мышечную группу:

- для мышц груди, спины, рук – 40-90 с, 7-15 повторений каждого движения в подходе;
- мышц бедер, ягодиц – 90-150 с, 15-25 повторений;
- мышц живота – 150-180 с, 15-20 повторений.

Оценка физического развития в процессе занятий шейпингом производится на основании расчета целого ряда критериев: массоростового и ростомассового показателей, индекса Эрисмана, показателей пропорциональности и мощности телосложения, процентного отношения мышечной силы к массе тела и т.д.

Основанная на материале аэробики, калланетики, стретчинга, бодибилдинга, система упражнений **аэрофитнесс** предполагает компьютерное тестирование определенных параметров физического развития (длина, масса тела, обхватные размеры запястья, шеи, груди, талии, бедер и т.д.), а также двигательные тесты, в результате чего составляются индивидуальные программы тренировки, включая рекомендации по режиму питания. С использованием компьютерных технологий проводятся и соревнования по форминг-классу, фитнесс-классу, аэробик-классу. Суммарная оценка всех трех выступлений называется универсал-классом. Следует отметить, что сложность тренировочных программ и соревновательная направленность

аэрофитнесса в известной мере ограничивает контингент занимающихся (преимущественно молодые женщины, имеющие спортивную подготовку).

Английские ученые доказали, что после интенсивных занятий спортом у людей резко возрастают творческие способности и оригинальность мышления. Одна из гипотез гласит, что это, вероятно, связано с действием эндорфинов – особых химических веществ, вырабатываемых мозгом после физических нагрузок. У значительной части мужского населения сложилось мнение, что если не заниматься физическими упражнениями хотя бы по часу в день, то лучше и вообще не заниматься. Однако нужных результатов вполне можно добиться и при непродолжительных занятиях. Как показали исследования, простая получасовая прогулка три или более раз в неделю значительно снижает риск заболевания сердца, снижает артериальное давление, уменьшает стресс и повышает возможности иммунной системы. Утром, не вставая с постели, проверьте свой пульс и определите, в какой физической форме вы находитесь. Теперь заметьте, как скоро ваш пульс приходит в норму. Для этого в течение 3 мин поднимайтесь на одну ступеньку лестницы и спускайтесь с нее. Через 30 секунд после того, как вы остановились, измерьте свой пульс. Если вы находитесь в плохой форме - начинать заниматься спортом вам нужно немедленно, но очень осторожно. Если вам от 30 до 40 - визит к врачу желателен, если больше 40 - обязателен [8,с.122]. Те, кто находятся в хорошей физической форме, должны начинать занятия с легких упражнений, постепенно увеличивая нагрузку. Если же вы в отличной форме, то, скорее всего, вы уже занимаетесь каким-либо видом спорта и знаете, что главное - не лениться и не перегружаться. Если результаты измерения пульса в состоянии покоя свидетельствуют, что вы в хорошей форме, а результаты нагрузочного теста говорят, что вы в плохой форме (что случается, хотя и довольно редко) - необходимо отталкиваться от худшего. Чрезмерные нагрузки на сердце недопустимы. Поэтому начинать занятия спортом нужно с тренировки главной мышцы нашего организма - миокарда, или сердечной мышцы. Любое упражнение, при котором учащаются пульс и дыхание, тренирует сердечную мышцу. Ходьба, танцы, бег, плавание, велосипедный спорт и многие другие виды физической активности заставляют наше сердце биться чаще, кровь - приливать к работающим мышцам. Улучшается работа легких и всей системы кровообращения. В основу любой кардиотренировки положен принцип пирамиды. Он заключается в том, что во время занятия вы плавно и постепенно увеличиваете нагрузку и доводите ее до пиковой, но не до максимальной. Максимальная нагрузка (100%) представляет собой максимальную частоту сердечных сокращений, чтобы ее вычислить, нужно из 220 вычесть свой возраст. Величина пиковой нагрузки индивидуальна и зависит от вашей физической формы и состояния здоровья. Принято считать, что на начальном этапе пиковая нагрузка должна быть легкой и составлять 60-70% от максимальной (макс.), а если вы в плохой физической форме – 60-65%. На более продвинутом уровне пиковая нагрузка должна быть умеренной – 70-80% от максимальной. Если же вы в плохой форме или не очень хорошо себя чувствуете, на этом этапе старайтесь, чтобы величина нагрузки не превышала 75% от максимальной. Сильные нагрузки (80-90% от максимальной) могут позволить себе только хорошо тренированные люди с абсолютно здоровым сердцем. Таким образом, пиковая нагрузка не должна выходить за границы тренировочной зоны (60-90% от максимальной нагрузки) [3,374; 10, 605]. Овладеть методикой правильного дыхания совсем несложно. Для этого достаточно на первых порах контролировать движения своего живота и груди во время вдоха и выдоха. Начните день с нескольких дыхательных упражнений или закончите ими свой день, и вы заметите, как увеличились ваши жизненные силы, улучшился сон, уменьшился вес. Со временем вы приучите себя дышать правильно. Не останавливайтесь на достигнутом. Существуют упражнения, которые настолько прибавят вам энергии и выносливости, что вы сможете заниматься не только дыхательной, но и силовой гимнастикой, а также беговыми видами спорта. В этом случае у вас хватит сил на любой вид спорта, которым вы захотите заняться. Движение - это жизнь, а дыхание - это ключ зажигания, толчок к свободному движению. Самый простой и доступный вид спорта, поддерживающий мышцы и суставы в рабочем состоянии, сохраняющий сердечно-сосудистую систему и легкие здоровыми, избавляющий от лишних калорий и укрепляющий нервную систему - это ходьба. Неважно, были ли вы физически активны прежде - через месяц прогулок ваше состояние улучшится, ноги окрепнут, выносливость возрастет, а пульс в состоянии покоя станет реже.

Если со временем совсем беда, можно просто увеличить скорость до 120 шагов в минуту - и за четверть часа получится неплохая кардиотренировка. А чтобы облегчить подсчет шагов, купите шагомер и займите освободившуюся голову полноценным мыслительным процессом. Кстати, ходьба (по улице или на тренажере) ускоряет и ритмически организует работу клеток серого вещества мозга. На первых этапах ваш пульс через 15 мин ходьбы должен достигать 60% от максимального количества ударов. Через 1,5-2 месяца вы можете довести частоту пульса до 80% от максимума [12,с.35]. Достигнув прогресса, постепенно увеличивайте темп ходьбы и тем самым частоту пульса. Можно также ходить с отягощениями. Врачи из

университета штата Аризона не поленились подсчитать, что достаточная физическая нагрузка для ленивого горожанина - 10 тыс. шагов в день, это соответствует примерно 5 км или одному часу ходьбы в среднем темпе [14,с.309-477]. Для тренировки сердечной мышцы очень полезен бег. Можно бегать на свежем воздухе или в тренажерном зале. И тот и другой вид бега имеет свои преимущества. Бег на свежем воздухе дает возможность дышать полной грудью, тренироваться можно в любое удобное для вас время, причем совершенно бесплатно.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Азимов И. Физиология спорта. Монография / И.Азимов, Ш.Сабитов. – Тошкент, 1993. – 223 с.
2. Железняк Ю.Д. Педагогическое физкультурно-спортивное совершенствование / Ю.Д. Железняк. –М.: «Academia», 2002. – 374 с.
3. Железняк Ю.Д., Портнов Ю.М., Савин В.П. Спортивные игры: техника, тактика, методика обучения. -М.: «Academia», 2002. – 520 с.
4. Жизнь и здоровье мужчины / Полная энциклопедия. -М: «Олма-пресс образование», 2005. -Т.1. -С.233-310.
5. Жуков М.Н. Подвижные игры. –М.: «Academia», 2002. – 368 с.
6. Меньшикова В.В., Волкова Н.И. Биохимия. –М.: «Физкультура и спорт», 1986. -382 с.
7. Нуритдинов Э.Н., Аминжанов Ш.А. Тесты для контроля знаний студентов по курсу физиологии человека. – Самарканд, СамГУ, 2006. –118 с.
8. Нуритдинов Э.Н., Иргашев Т.О. Лекции по курсу физиологии человека. – Душанбе, 2010. – 122 с.
9. Смирнов В.М., Дубровский В.И. Физиология физического воспитания и спорта. –М.: «Владос пресс», 2002. – 605 с.
10. Смирнов Ю.И., Полевщиков М.М. Спортивная метрология. – М.: «Academia», 2002. – 232 с.
11. Спортивные потребности. Спортивные интересы // Проблемы унификации основных понятий в физической культуре и спорте. - Минск, 2007. – С.35.
12. Тхоревский В.И. Физиология человека. – М.: «Физкультура, образование и наука», 2001. – 420 с.
13. Nuritdinov E.N. Odam fiziologiyasi. - Toshkent: «Aloqachi» 2005. 505 p.


## ХУСУСИЯТҲОИ МЕТОДИИ ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТ БАРОИ РУШДУ ИНКИШОФИ ФАЪОЛНОКИИ ҶИСМОНӢ ВА ҲОЛАТИ ҶИСМОНӢ


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои фаъолнокии ҷисмонӣ, машқҳои ҷисмонӣ ва машғулиятҳои варзишӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, нақши онҳо дар ҳаёти инсон нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур як қатор намудҳои варзиш баррасӣ гардидаанд, ки ба онҳо на танҳо варзишгарон, балки ҳар як шахси алоҳида метавонад мустақилона машғул шавад. Муаллиф дар мақолаи худ системаи машғулиятҳои ҷисмонӣ-солимгардониро на танҳо барои шахсони солим, ки дараҷаи баланди фаъолнокии ҷисмонӣ доранд, пешниҳод менамояд, балки барои шахсоне, ки фаъолнокии ҷисмониашон дар сатҳи хеле паст қарор дорад, низ тавсия кардааст. Низоми машқҳое, ки дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, дар шароити муосир санҷиши компютерии нишондодҳои муайяни рушди ҷисмонии шахсро низ талаб менамояд. Масалан, санҷидани қад, вазни бадан, гардан, қафаси сина, китф ва ғ. Инчунин, гузаронидани санҷиши фаъолнокии ҷисмонӣ низ тавсия мегардад, ки дар заминаи он барномаи инфиродии машқи ҷисмонӣ ва низоми хӯроки хӯрӣ тартиб дода мешавад.



**Калидвожаҳо:** фаъолнокии ҷисмонӣ, фитнесс, шейпинг, аэробика, низоми ҷисмонию солимгардонӣ, омодагии ҷисмонӣ, рушди ҷисмонӣ, машқу тамрин, машқҳои ҷисмонӣ.


## МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ПОСТРОЕНИЯ ЗАНЯТИЙ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ФИЗИЧЕСКОЙ АКТИВНОСТИ И ФИЗИЧЕСКОЙ ФОРМЫ


В данной статье автор отмечает роль физической активности, физических упражнений, спортивных занятий в жизни человека. В статье рассматриваются некоторые виды спорта, которыми могут заниматься не только спортсмены, а также другие лица. В частности, фитнесс, шейпинг, аэробика, калланетика, стретчинг, бодибилдинг. Автором предлагается система физкультурно-оздоровительных занятий не только для здоровых мужчин, женщин, направленная на достижение гармонично развитых форм тела в сочетании с высоким уровнем двигательной подготовленности, а также для лиц с низкими морфофункциональными характеристиками. Система упражнений, предложенная автором статьи, предполагает компьютерное тестирование определенных параметров физического развития (длину, массу тела, обхватные размеры запястья, шеи, груди, талии, бедер и т.д.), а также двигательные тесты, в результате чего составляются индивидуальные программы тренировки, включая рекомендации по режиму питания.



**Ключевые слова:** физическая активность, фитнесс, шейпинг, аэробика, двигательная активность физкультурно-оздоровительная система, физическая подготовленность, физическое развитие, тренировки, физические упражнения.


## METHODICAL FEATURES OF CLASS PLANNING FOR DEVELOPMENT OF PHYSICAL ACTIVITY AND PHYSICAL SHAPE


In this article the author notes down the role of physical activity, physical exercises, sports classes in human life. In the article some sports in which not only athletes can be engaged but other persons too are considered. In particular, fitness, shaping, aerobics, kallanetika, stretching, bodybuilding. The author offers the system of sports and improving occupations not only for healthy men, women, directed to achievement of harmoniously developed shapes of a body in combination with the high level of motive readiness and also for persons with low morphofunctional characteristics. The system of exercises offered by the author of article assumes computer testing of certain parameters of physical development (length, a body mass, the size of a wrist, neck, breast, waist, hips, etc.) and also motive tests therefore individual programs of a training, including recommendations about a diet are formed.



**Key words:** physical activity, fitness, shaping, aerobics, physical activity sports and improving system, physical fitness, physical development, trainings, physical exercises.

**Сведения об авторе:** ***Давлатов Дилшод Разокович*** – Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры социально-гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Бохтар 35/1. Телефон: **918-66-73-29**. E-mail: **d.r.davlatov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Davlatov Dilshod Razokovich*** - Branch of MVLomonosov Moscow State University. Lomonosov in the city of Dushanbe, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the Department of Social and Humanitarian Disciplines. **Address:** 734003, Republic Tajikistan, Dushanbe, street Bohtar 35/1. Phone: **918-66-73-29**. E-mail: **d.r.davlatov@mail.ru**

УДК: 373.167.1:94(575.3)

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МАРҲИЛАИ ДУЮМИ ТАШАККУЛЁБИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***Гулрӯи Сӯҳроб***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Таълиму тарбия аз қадимулаём дар тамоми давр дар ҷомеа нақши муҳим ва созгор дошт ва дорад. Масалан, дар қадим яке аз бузургтарин неъматҳо барои мардуми Шарқ фарзанд ба шумор мерафт. Гузаштагони мо бештар талабгори писар буданд, зеро, ба ақидаи онҳо, писар пуштибони падар, ҳимоятгари хонавода ва Ватан ба шумор мерафт. Вақте ки фарзанд ба дунё меомад, ӯро равғани дарахти парахома ё хаома мехӯрониданд. Ин корро барои он мекарданд, ки тифл дар оянда ҳушёр, бофазилат ва оқил гардад.

Падарон вазифадор буданд, ки фарзандони худро ба мактаб фиристанд ва ба ӯ илму ҳунар омӯзонанд. А. Бижан дар китоби худ «Чашмандози тарбия дар Эрон пеш аз ислом» мегӯяд: Дар китоби «Авесто» омадааст: «Агар туро фарзанд хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки фурӯғи дониш чашми равшан ва биност». Фарзандон низ, дар навбати худ, вазифадор буданд, ки ҳурмати падару модарро ба ҷо оваранд [2,с.54].

Халқ дониш ва хирадро хеле ситоиш мекард. Илму хирад худои ба худ хос (бо номи Чисто) дошт. Онҳо аз худо илтиҷо мекарданд, ки барои онҳо фарзандони донишвар ва хирадманд ато фармояд. Аҳурамаздо сарчашмаи фазлу дониш, Аҳриман сарчашмаи ҷаҳлу нодонӣ буд. Ҳамин тавр, тарафдорони Аҳурамаздо тарафдорони илму дониш буданд. Аз ин рӯ тарафдорони Аҳурамаздо вазифадор буданд, ки ба ҳар касе, ки дар ҷустуҷӯи дониш аст, ёрӣ расонанд. Дониш, мувофиқи нишондоди «Авесто», ду навъ буд - яке ирсӣ дигаре иқтибосӣ. Мақсади асосии тарбия ин буд, ки бачагонро ҳамчун узви ҳақиқӣ ва муфиди ҷамъият тарбия намуда, ба воя расонанд. Дар ин бора дар «Ясно» (яке аз қисмҳои «Авесто») омадааст: «Эй Аҳурамаздо, ба ман фарзанд ато фармо, ки аз уҳдаи анҷоми вазифа нисбат ба хонаи ман, шаҳри ман ва мамлакати ман барояд ва подшоҳи додгари маро ёд кунад» [6,с.56]. Ё ки дар «Авесто» чунин мақсад сабт шудааст: «Эй Аҳурамаздо ба ман фарзанд ато фармо, ки бохирад ва доно буда, дар ҳайати ҷомеа дохил шуда ба вазифаи худ масъулона рафтор намояд, фарзанди рашид ва мухтараме, ки ҳоҷати дигаронро барорад, фарзанде, ки битавонад дар пешрафт ва саодати хонавода, шаҳр, кишвари худ бикӯшад» [6,с.87]. Дар ҷойи дигари «Авесто» ба зардуштиён муроҷиат шудааст, ки нисбати омӯзиши илм, анҷоми вазифа ҳисси масъулият нишон дода, аз кори беҷо ва нобаҳангом худдорӣ намоянд, ба некукорӣ, дастгирии бечорагон ва бенавоён саъй намоянд. Ҳамин тавр, мақсади умдаи тарбия аз он иборат буд, ки ҳар як зардуштӣ дар рӯҳи покдоманӣ, накукорӣ, ростқавлӣ, ростгӯӣ, далерию ҷасурӣ, ватандӯстӣ ва ғайра тарбия карда шавад.

То давраи Сосониён таҳсил барои ҳама дастрас набуд ва тарбия дар хонаи устодон ва хонаҳои махсуси тарбиявӣ сурат мегирифт. Фақат дар давраи Сосониён донишгоҳҳои махсус барои таълим ва тарбияи насли наврас ташкил карда шуданд. Омӯзишгоҳҳои дарборӣ барои аъёну ашроф буд ва дар онҳо барои давлат мутахассисон ва хизматчиён тайёр мекарданд. Омӯзиш дар қаср ташкил карда шуда, ба чаҳор қисм тақсим мешуд: омӯзишгоҳ барои кӯдакон, ҷавонон, мардон ва солхӯрдагон.

Бачагон то синни ҳафтсолагӣ бо роҳбарии падару модар дар хона тарбия меёфтанд. Аз синни ҳафтсолагӣ то понздаҳсолагӣ дар мактаб таҳсил мекарданд. Баъди понздаҳсолагӣ таҳсили ӯ ба охир мерасид ва ӯ аъзои ҳақиқии ҷамъият мешуд.

Омӯзгорон аз табақаҳои рӯҳониён ва ашрофон интихоб карда мешуданд. Омӯзгор бояд шахси донишманд, покахлоқ, заҳматкаш ва донишҷӯ бошад, чунонки дар «Ясно» дар бораи омӯзгор омадааст: «Бишнавӣ он некмарде, ки роҳи ростӣ дурустиро ба мо нишон дод ва ҳар ду ҷаҳон подоши нек ёбад». Омӯзгор ба шахсияти ҳар донишомӯз эҳтироми зиёд дошт. Омӯзгорон ба бачагон таълими динӣ ва дунявӣ медоданд.

Барномаи таълиму тарбияи насли наврас аз ин қисмҳо иборат буд: тарбияи ахлоқӣ, динӣ, ҷисмонӣ, хондан, навиштан ва ҳисоб кардан.

Ба тарбияи занону духтарон ҳам аҳамият медоданд, ба онҳо санъати хонадориро меомӯзониданд ва онҳоро барои анҷоми вазифаи модарӣ омода месохтанд. Занону духтарони аъёну ашроф санъати аспсаворӣ, чавгонбозӣ, адабиёт ва мусиқиро меомӯхтанд.

Хулоса, таълиму тарбия дар ин сарзамин дар тӯли асрҳо аз унсурҳои одии ин санъат сар шуда, бо мурури замон аз зинаи пасттарин то зинаи барои он давра зарурӣ тараққӣ ва ташаккул ёфта буд.

Ҷараёни ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон дар синфҳои болоӣ давоми раванди ташаккулёбии синфҳои 5-6 буда, дар айни замон дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

-ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагони синфҳои болоӣ мунтазам ва муташаккилона мегузарад, зеро ба он рушди ин давраи синнусолӣ кумак мерасонад;

-ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик корҳои беруназдарсии ба он алоқаманд ва худомӯзии худи онҳо пеш меравад;

-ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ дар аморати Бухоро, дар қисми муайяни зиёиён пайдо шудану боло гирифтани ҳиссиёти нангу номуси миллӣ ва ба ҳаёти нав қадам гузоштани онҳо таъсир мерасонад;

-дар аморати Бухоро ва дигар сарзамини тоҷикнишин ба амал омадани ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидизм, пайдо шудани буржуазияи миллӣ ва синфи коргари маҳаллӣ таъсири мусбат мерасонад;

-ҷиҳатҳои мусбати Осиёи Миёнаро забт кардани Россия низ ба ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон таъсир мерасонад;

-таъсири инқилоби февралии Россия ба сарзамини Осиёи Миёна ба бедоршавии шуури сиёсии мардуми ин сарзамин низ ба ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон низ таъсир мерасонад;

-сарнагун гардидани аморати Бухоро ва аз нав соҳиби давлати миллӣ гардидани тоҷикон омили аз ҳама муҳимми таъсиррасонӣ ба ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон мебошад.

Ёдовар мешавем, ки на ҳама гуна донишҳо, балки ҳамон системаи донишҳои илмӣ-таърихӣ асоси ташаккулёбии худшиносии миллӣ шуда метавонанд, ки ба ташаккулёбии шууру ҷаҳонбинӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, майлу ҳавас ба талаботҳо оид ба аҳамияти донистани таърихи миллати худ, ташаккулёбии лаҳзаҳои асосии худшиносии миллии хонандагон кумак расонида тавонанд.

Оид ба ташаккули худшиносӣ як қатор олимони ватанию хориҷӣ тадқиқотҳо анҷом додаанд: Абдулатипов С.М., Арутюян С.М., Громова М.Н., Дашкемиров А.Ф., Ладигина О.В., Ҷунусов И.С., Олейник Л.Д., Турсунов Ф.А., Абдулхонов-Славская Б.Г., Ананев Б.Г., Бодалев А.А., Вигодский А.В., Божович А.И., Кон И.С., Мерлин В.С., Рубинштейн Л.И., Саприкин А.Г., Борисова С.В., Митина Л.М., Баклаков К.В. Масъалаи ташаккули худшиносии миллӣ дар таърихи афкори ҷамъиятиро (Евдакимов П.Т., Дробижева Л.М., Иванова А.А., Прокошенкова Л.П. ва дигарон таҳқиқ намудаанд. Вале дар таҳқиқоти донишмандон Абдулатипов С.М., Арутюян С.М., Громова М.Н., Дашкемиров А.Ф., Ладигина О.В., Ҷунусов И.С., Олейник Л.Д., Турсунов Ф.А. ҷиҳатҳои худшиносӣ ҳамчун масъалаи идеологӣ ва амалӣ дар замони соҳибистиқлолӣ, моҳият ва мазмуни худтарбиякунии этникӣ, ташаккули худшиносии этникии хонандагон дар мактабҳои миллии регионалӣ ҳамчун масъалаи комплексии иҷтимоӣ- педагогӣ андешаҳои фаровоне зикр гардидаанд [6,с.56].

Тадқиқотчиён-педагогҳо Атоев К.К., Бегишева А.И., Степанова В.С., Тарасанко О.Н. ва дигарон ба масъалаи хусусиятҳои худшиносии этникӣ, муҳити педагогӣ, омили педагогӣ, ташаккули худшиносии кӯдакони синни калони мактабӣ, шароити педагогии тарбияи образи миллии «Ман»-и кӯдакони синну соли томактабӣ, ташаккули худшиносии миллии наврасон дар раванди азхудкунии маданияти этнопедагогӣ ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ташаккули худшиносии миллии насли наврас рисолаҳои тадқиқотии Иномова М.О., Дадабоева З., Мамеджанова З., Нуров А., Турсунова М.Г., Шарипов И. бахшида шудаанд [2,с.76].

Дар рӯҳияи арзишҳои миллию умумибашарӣ, аз ҷумла ватандӯстию ифтихори миллӣ, шаъну шарафи миллӣ, мардонагию шуҷоатмандӣ, озодию истиқлолияти миллӣ,

дӯстию рафоқат, дар рӯҳияи риояи анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ ва ғайра, ки дар асарҳои олимони соҳаи педагогика М. Орифӣ, Б. Раҳимов, Х. Афзалов, А. Паҳлавонов, Қ. Б. Қодиров, М. Лутфуллоев, Ф. Шариф, И.Х. Каримова, Т. Шукурзод, А. Сулаймонӣ, Ф. Гулмадов, Д. Расулов, Г. Иброҳимов ва дигарон инъикос гардидаанд, дар умум ба ташаккули худшиносии миллии хонандагон таъсиргузоранд [5,с.76].

Дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсии ба он алоқаманд, истифода бурдани маводҳои лозимӣ аз асарҳои олимони таърихшинос Б. Ғафуров, З.Ш. Раҷабов, Р. Масов (Раҳим Масов), Талбак Ҳоҷимуродов, аз асарҳои бадеӣ-таърихии устод Садриддин Айнӣ, нақлу ривоятҳои халқи тоҷик ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, нисбат ба маводҳои таълимии фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон муносибати интихобӣ карда шуд.

Дар мувофиқа ба модели тадқиқот раванди даври дуюми ташаккулдиҳии худшиносии миллии хонандагони синфҳои 9-и озмоишӣ аз омӯзонидани боби 2-юми китоби дарсии таърихи халқи тоҷик «Ҷанги Россия бо хонигарии Қуқанд ва аморати Бухоро» оғоз гардид. Дар бораи ғалабаи қӯшунҳои рус бо сардории генерал Романовский ва аз майдони ҷанг гурехтани амир Музаффар, дар ҷанги Ҷиззах аз лашкари бухориён 2,5 ҳазор қурбоншудагону маҷрӯҳшудагон; дар сарзамини Осиёи Марказӣ бо сардории Кауфман таъсис ёфтани генерал-губернатории Туркистон, ки сиёсати мустамликадориро дар ин сарзамин пурзӯр намуд ва барои миллати тоҷик зарар оварду дар зери фишори он қисме аз тоҷикон бо сабабҳои гуногун миллаташонро ӯзбек навиштанд; амалиётҳои забткоронаи Кауфман дар Осиёи Миёна бо мақсади пурра таслими Россия гардидани аморати Бухоро; 1-уми майи соли 1868 дар муҳорибаи сахттарини байни қӯшунҳои рус ва сарбозони амир дар бандари Чӯпонато (наздикии Самарқанд боз ҳам шикаст хӯрдани бухориён; 1-июни худи ҳамсолон дар наздикии Зирабулоқ, муҳорибаи охирини байни Русия ва аморати Бухоро ва бо мағлубияти бухориён анҷом ёфтани он; талаф додани 1,5 ҳазор нафар бухориён; шартномаи 28-уми сентябри соли 1873 байни Россия ва Аморати Бухоро дар Шаҳри Сабз бо номи «Шартномаи дӯстӣ», ки аз 18 банд иборат буду уҳдадории амири Бухоро дар фаъолияти худ 17- банди онро сармашқи кори худ кардан; дар назди иқтидори ҳарбии Россия нотавон буданашонро дарк намуда, худро ихтиёран тобеи истилогарони рус кардан, амирони Бухоро сиёсати ба ҳукумати подшоҳӣ сиёсати содиқонаро пеш бурдану аморатро ба мустамликаи Россия табдил додан, донишҳое мебошанд, ки барои ташаккулёбии худшиносии миллӣ аҳамияти зиёд доранд [7,с.78].

Ба ин системаи донишҳо такя намуда, хонандагон сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳиро сиёсати ғоратгарона баҳо доданд. Амалҳои ғайриинсонии рӯҳониёни олимақом ва амирони Бухоро, ки дидаю дониста мардуми беяроқро ба ҷанги зидди Россия тела дода, сабабгори марги ҳазорҳо одамон гардиданд. Рафтори амирони Бухоро ва мансабдорони маҳаллиро, ки сабабгори аморатро ба мустамликаи Россия табдил додан гардиданд, хиёнаткорӣ дар ҳаққи меҳнаткашони сарзамини авлодии мардуми тоҷик баҳо доданд. Чунин муҳокимаронию баҳодии илмӣ нишонаи дар хонандагон бедор гардидани нангу номус ва шаъну шарафи миллӣ буда, минбаъд дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон нақши пешбаранда бозид. Дар охири боби тадқиқот ба хонандагон дарс-суҳбат гузаронида шуд. Баъди баҳсу муҳокимаҳо хонандагон ба хулосаи дурусту асоснок омаданд, ки Осиёи Миёнаро забт кардани Россия ҳам оқибатҳои мусбат ва ҳам манфӣ дошт. Онҳо оқибатҳои мусбатро чунин шумориданд:

1.Осиёи Миёна ба муносибатҳои сармоядорӣ кашида шуд. Дар ин сарзамин заводҳо, роҳҳои оҳан, муносибатҳои бонкӣ ва ғайра пайдо шуданд, ба бедоршавии шуури халқи маҳаллӣ таъсир расонид, буржуазияи миллӣ ва синфи коргар ташаккул ёфт.

2.Хонандагон хулоса бароварданд, ки сабабгори қашшоқию гуруснагии оммаи мардум, беҳуқуқию ноумедии онҳо, сабабҳои бадбахтию фалокатҳо на ғазаби Худо, чи тавре ки рӯҳониён асоснок карданӣ мешуданд, балки бераҳмӣ, фоидаталабӣ ва ҷаҳолатпарастии амирон, бойҳою амалдорон, рӯҳониёни баландмақом буданд. Хулоса, онҳо кӣ будани душмани халқро хуб фаҳмиданд ва баҳои дуруст доданд.

3.Дар Аморати Бухоро ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба боқимондаи муносибатҳои ғуломдорӣ, хариду фурӯши одамон, ғуломӣ хотима дода шуд. Дар асри XX дар аморати Бухоро мавҷуд будани ғуломдорию ғуломфурӯшӣ нафрати хонандагонро ба вуҷуд овард.

4.Хонандагон дуруст баҳо доданд, ки барои шиносоӣ бо фарҳанги ҳамдигарии халқҳои Россияву Осиёи Миёна шароитҳои зарурӣ муҳайё гардид.

5.Аз тарафи олимони рус А.Ф. Федченко, Д.К. Мишенко, Л.Н. Соболев ва дигарон дар таҳқиқи захираҳои болооби Зарафшони қадами аввал гузоштан дар хонандагон ҳисси шодмониро аз бойигариҳои табиии кишвари худ бедор намуд.

Донистани бемасъулиятии амир Музаффар ва рӯҳониёни олимақом, ки дар назди иқтидори қувваҳои ҳарбии Россия оҷизу нотавон будани лашкари амората дониста, мардуми бесилоҳу аслиҳаи ҳарбиро фиребу найранг дода, ба ғазовати зидди «кофирони» Россия даъват намуда, сабабгори марги онҳо мешуданд, дар хонандагон нисбат ба онҳо нафрат доштандро ҳамчун лаҳзаи худшиносии миллӣ инкишоф медиҳад.

Тадқиқот собит намуд, ки донишҳое, ки дар дарсҳо таҳти роҳбарии муаллимон ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои боби 5 - «Вазъи Осиёи Марказӣ баъди истилои Россия» дар бораи пурзӯр гардидани сиёсати мустамликадории Россия, боварӣ надоштани ҳукумати подшоҳӣ ба мардуми маҳаллӣ ва ба ин сарзамин овардани тоҷирону халқи одии рус ва ба миён омадани масъалаҳои миллӣ ба ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон кумак мерасонанд.

Ваъзияти бамиёномадаро ба ҳисоб гирифта, ба муаллимони синфҳои озмоишӣ тавсия дода шуд, ки ҳангоми баён намудани маводҳои таълимӣ кӯшиш намоянд, ки дар хонандагон нисбат ба халқи одии рус муносибати дӯстона ташаккул ёбад, ки ин барои ташаккулёбии худшиносии миллиашон хело аҳамиятнок аст. Чунин амал имконият дод, ки бар хилофи ҳукуматдорони подшоҳӣ муҳоҷирони рус ба мардуми маҳаллӣ бештар наздик шаванд, талхию ширинии замони подшоҳию амириро якҷо чашанд. Онҳо барои бой гардонидани таҷрибаи деҳқонӣ ва истифодаи техникаи нав ба ҳамдигар ёрӣ мерасониданд, ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои зиддимустамликавӣ такягоҳи ҳукумати подшоҳӣ намешуданд. Аҳамияти ин донишҳои азхудгардида аз он иборат аст, ки онҳо ба ташаккулёбии яке аз лаҳзаҳои муҳимми худшиносии миллии хонандагон - дӯстӣ бо дигар халқҳо ва миллатҳо, махсусан бо миллати рус асоси аввалинро гузошт.

Муаллимон хонандагонро водор намуданд, ки шумо минбаъд шоҳиди он мегардед, ки дӯстии халқи рус бо дигар миллатҳо, аз ҷумла бо мардуми тоҷик то кадом андоза фоида овардааст.

Чунин сухан хонандагонро интизори гирифтани маълумотҳои нав дар бораи натиҷаҳои дӯстии байни халқҳои тоҷику рус мегардонад.

Таҷриба нишон дод, ки донишҳо ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои боби 6 дар китоби дарсӣ: «Сиёсати иқтисодии Россия дар Осиёи Марказӣ» дар бораи сохтан ва аввалин бор ба Самарқанд (1888), Хуҷанд (1895), байни Бухорои наву кӯҳна (1900-1901) ташкил ёфтани ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро (1913), ба сохтмони роҳи оҳан ҷалб кардани мардуми маҳаллӣ, махсусан мардуми хело қашшоқи Қаротегин, ба ҷойи пахта-ғӯзаи камҳосил ҷорӣ кардани навъи нави серҳосилу баландсифати пахтаи америкоӣ дар сарзамини Осиёи Миёна; пайдоиш ва тараққиёти саноат дар Осиёи Марказӣ, дар давоми охири асри XIX ва аввали асри XX дар кишвари Туркистон сохтани 75 корхонаи пахтатозакунӣ, ба 378 адад расидани заводҳо; соли 1916 дар Самарқанд «ноҳияи ҳозираи Панҷ», ягона дар Бухорои Шарқӣ заводи пахтатозакунӣ сохтан; аз ҳисоби ашёи хоми ин сарзамин сохтани заводҳои дигар, аз ҷумла хиштпазӣ, ордкашӣ, шаробкашӣ, собунпазӣ, коркарди чӯб, коркарди пӯст, фабрикаи тамоку, гӯгирд, корхонаи шоҳибофӣ ва ғайра; ба шаҳрҳои саноатӣ табдил ёфтани Самарқанд, Хуҷанд, Сирдарё, Когон; дар аморати Бухоро пайдо шудани сиёсати молиявӣ, бонкҳои тиҷоратии шахсони ваколатдор «аккредитатсияҳо» ва ғайра азхудгардида, дар шуури хонандагон тағйиротро ба вуҷуд меоранд, зеро онҳо то ин дам дар бораи ин навигариҳо чизеро намедонистанд.

Аз ҳама муҳим, барои ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон ин дарк кардани таърихи пайдоиши истеҳсолоти саноати миллӣ дар сарзамини тоҷикнишин ва таъсири он ба болоравии шуури сиёсии синфҳои истисморшаванда мебошад.

Донишҳои ҳангоми омӯзиши мавзӯи: «Таркиби иҷтимоии халқҳои Осиёи Марказӣ» азхудгардида, дар бораи дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX дар Осиёи Марказӣ истиқомат доштани тоҷикон, ӯзбекҳо, туркменҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, минбаъд русҳо ва дигарҳо бо номи русзабонҳо ва дар байни табақаҳои меҳнаткашони халқҳо барқарор будани муносибати дӯстию ҳамкорӣ, фарҳангӣ ва ғайра, чи тавре ки таҷриба нишон дод, ба ташаккулёбии яке аз лаҳзаҳои асосии ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон, хусусияти инсондӯстона доштани тоҷикон ёрӣ мерасонад.

Хонандагон, инчунин дар бораи мардуми ин кишвар аз рӯйи табақаҳои иҷтимоӣ ба деҳқонон, чорводорон, сарватмандон, рӯҳониён, ҳунармандон ва дигар касбу ҳунарҳо ҷудо шудан ва муносибатҳо байни ин табақаҳо маълумот мегиранд ва ин ҷиҳатҳо низ ба ташаккулёбии худшиносии миллии онҳо ёрӣ мерасонад.

Дар сарзамини Осиёи Марказӣ ташаккул ёфтани синфи коргари маҳаллӣ, сохтмони заводу корхонаҳои саноатӣ, роҳи оҳан дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти иҷтимоии ин сарзамин ба ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон таъсир мерасонад.

Тадқиқот собит намуд, ки донистани масъалаҳои дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон пайдо шудани синфи коргар ҳамчун синфи бошуур, пешқадаму револютсионер ва иштироки онҳо дар истеҳсолоти саноатӣ, дар охири асри XIX ва аввали XX якхела набудани табақаҳои аҳолӣ, дар шароити аморати Бухоро аз байни тоҷикон баромадани шахсоне, ки дар аморат мансабҳои масъулро ба уҳда доштанд, масалан, дар Бухоро оилаи Арабҳо, Мансуровҳо, Қосимхӯҷаевҳо; дар шаҳрҳои Бухоро Самарқанд, Хуҷанд, Уротеппа аз ҷумлаи тоҷикон афзудани миқдори тоҷирон, косибон, ҳунармандон; пайдо шуданди буржуазияи миллӣ, ки назар ба феодалҳо шуури пешқадам доштанд, ба ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон таъсири мусбат расонидаанд.

Дар назар дошта шуд, ки омӯзиши мавзӯи боби 8-уми китоби дарсӣ «Ҳаракати иҷтимоӣ ва миллию озодихоҳӣ дар Осиёи Марказӣ» дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон нақши махсус мебозад, зеро мубориза синфи меҳнаткаш акнун бештар бар зидди истисморгарони маҳаллӣ равона гардида буд.

Бо мақсади муайян намудани раванди ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагони синфҳои 9-уми озмоишӣ ҳангоми омӯхтани маводҳои таълимӣ ва корҳои беруназдарсӣ санҷиши тестӣ гузаронида шуд ва натиҷаи он дар ҷадвалӣ №1 акс ёфтааст.

**Ҷадвали №1**

| Саволҳо | Синфҳои озмоишӣ | | | Синфҳои муқаррарӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷавобҳо | | | Ҷавобҳо | | |
| | Мукаммал | Номукаммал | Нодуруст | мукаммал | Номукаммал | нодуруст |
| 1. Давлатдории манғитиҳо ба инкишофи ҳисси давлатдории тоҷикон чи гуна таъсир расонид? | 80% | 12% | 8% | 37% | 32% | 31% |
| 2. Ба Осиёи Миёнаро забт кардани Россияи подшоҳӣ чӣ баҳо медиҳед? | 70% | 17% | 13% | 28% | 36% | 36% |
| 3. Дар аморати Бухоро пайдо шудани саноат, муомилоти пулӣ ба бедоршавии кадом ҷиҳатҳои аҳли меҳнат таъсир расонид? | 78% | 16% | 61% | 34% | 38? | 28% |
| 4. Чи Восеъро ба шӯриш бархезонд? | 72% | 12% | 18% | 38% | 32% | 20% |
| 5.Шӯриши 1916 чӣ натиҷа дод? | 76% | 29% | 15% | 38% | 34% | 28% |
| 6. Андешаҳои озодихоҳонаи Аҳмади Дониш чӣ гуна моҳият дошт? | 78% | 16% | 6% | 45% | 36% | 19% |
An analysis of existing works on the problem showed that the high level of information and communication competence of the head of the academic group is now an important condition for the effectiveness of his professional activity, and also contains not only textual, but also graphic or visual information. Hypermedia systems contain a significant amount of information and therefore are written primarily on electronic media. In the process of working with the information environment, it becomes possible to combine textual and graphic information with sound.

**Key words:** analysis, literacy, conditions, advantage, system, communication, leader, structure.

**Сведения об авторе:** ***Наимов Умедджон Тошмадович*** - Институт технологий и иновационного менеджмента г. Куляб, соискатель. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица Борбад. Телефон: **(+992) 989-13-86-86.** E-mail: **umed_92@mail.ru**

**Information about the author:** ***Naimov Umedjon Toshmadovich*** - Institute of Technologies and Innovation Management, Kulyab, applicant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Kulyab, Borbad street. Phone: **(+992) 989-13-86-86.** E-mail: **umed_92@mail.ru**

**УДК: 37(575.3)**

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ПЕДАГОГИИ МУОШИРАТ

***Шомардова С.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири дигаргуниҳои назарраси иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ, мақсади асосии таҳсилоти касбӣ омода намудани кормандони баландихтисос ва рақобатпазир дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар асоси мавҷудияти навъҳои нави муассисаҳои таҳсилотӣ таҷдиди назари нақши муоширати педагогӣ дар раванди таълим ба миён омадааст. Таҳлили амалияи педагогӣ нишон медиҳад, ки инкишофи муваффақи шахсияти кӯдак танҳо дар заминаи чунин як муносибат бо омӯзгор ба даст оварда мешавад, ки ба талаботҳои фарҳанги баланди муоширати педагогӣ ҷавобгӯ бошад.

Масъалаи ташаккул ва инкишофи фарҳанги педагогии муошират ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Муҳиммияти масъалаи мазкур аз тадқиқотҳои зиёди ҷиҳатҳои мухталифи фарҳанги педагогии муошират муайян карда мешавад. Таҳлили тадқиқотҳои мавҷуда дар ин самт нишон медиҳад, ки новобаста аз миқдори зиёди тадқиқотҳо нисбати ин масъала, то ба имрӯз муносибати ягонаи таснифоти мафҳуми «фарҳанги педагогии муошират» мавҷуд нест.

Ба тариқи умумӣ, метавон чунин таснифоти мафҳуми «фарҳанги педагогии муошират»-ро қабул намуд. Зери мафҳуми «фарҳанги педагогии муошират» системаи таъсири мутақобилаи омӯзгор ва тарбиятгиранда фаҳмида мешавад, ки мазмуну мундариҷаи он иваз намудани иттилоот, дарки шахсият, расонидани таъсири тарбиявӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, дар доираи тадқиқотҳои мавҷуда моҳияти мафҳуми «фарҳанги педагогии муошират» ошкор гардидааст, лекин методика ва механизми ташаккул ва инкишофи он дар радифи муносибатҳои муосир ҳанӯз ба таври зарурӣ баррасӣ нагардидааст.

Аз ин рӯ, баррасии ташаккул ва инкишофи фарҳанги муоширати педагогӣ дар шароити имрӯза муҳиммият пайдо намуда, диққати зарурирo талаб менамояд. Маҳз сатҳи баланди фарҳанги педагогии муошират самаранокии раванди таълимро таъмин менамояд. Дар шароити имрӯза, дар муассисаҳои таълимии кишвар, дар ин самт проблемаҳои зиёд ҷой доранд, ки таҷдиди назарро талаб менамоянд.

Меҳнати педагогӣ ин кор бо хонандагон, муошират бо кӯдакони дорои характер ва қобилиятҳои мухталиф, муошират бо волидайни хонандагон ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, аз омӯзгор қобилият ва маҳорати махсуси муошират талаб карда мешавад. Зеро тарбия дар натиҷаи умумияти маънавии мураббӣ ва тарбиятгиранда амалӣ мегардад. Танҳо ба ин васила арзишҳои фарҳангӣ аз насл ба насл мегузаранд.

Сатҳи пасти фарҳанги педагогии муошират дар аксарияти ҳолатҳо ба пайдо гардидани моҷароҳо, паст рафтани тартиботу низом ва фаъолияти таълимӣ оварда мерасонад. Ҷиҳатҳои асосии омодагии касбӣ – бадастории мақсади таҳсилот, ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои мухталифи таълимиву методӣ ва тарбиявӣ танҳо дар ҳамон ҳолат имконпазир мегарданд, ки агар омӯзгор хусусияти муоширати педагогиро донад, дорои нутқи касбӣ ва меъёрҳои рафтори нутқ бошад.

Фарҳанги педагогии муоширот ҳамчун қобилияти амалӣ намудани муносибат бо хонандагон дар асоси арзишҳои педагогӣ баррасӣ карда мешавад. Моҳиятан фаъолияти педагогӣ ин фаъолияти коммуникативӣ аст, ки шакли олӣ ва мураккаби он муошират ба ҳисоб меравад. Дар баррасии масъалаи муоширати педагогӣ, ҷиҳатҳои психологии меҳнати омӯзгор, фарҳанги психологии муошират, масъалаи муносибат дар муоишират, технологияи муоширати педагогӣ мавқеи муҳимро касб намудаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки ташаккули фарҳанги педагогии муоишират раванди тӯлонӣ ба ҳисоб меравад, ки омодасозии мақсаднок ва пайвастаро талаб менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омӯзгорони ҷавон дар аксарияти ҳолатҳо дар амалӣ намудани фаъолияти педагогӣ ба мушкилотҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд, ки дар байни

онҳо мушкилот дар муошират яке аз ҷойҳои номоёнро ишғол менамояд. Аксарияти муаллифон қайд менамоянд, ки проблемаи асосӣ дар нокифоя будани ташаккули донишҳо, малакаву маҳорати муошрати педагогӣ зоҳир мегардад, ки ба хусусиятҳои асосии муносибати тарафайни омӯзгорон ва хонандагон таъсири назаррас мерасонад.

Фарҳанги муошрати педагогӣ бунёди таъсиррасонии педагогиро дар асоси принсипҳои гуманистӣ таъмин менамояд. Аҳамияти фарҳанги коммуникативӣ муайян менамояд, ки муошират ба тамоми самтҳои фаъолияти педагогӣ ворид гардида, як қатор вазифаҳоро иҷро менамояд. Дар ин самт, метавон чунин вазифаҳоро, ба монанди иваз намудани иттилоот, ташкил намудани таъсири мутақобилаи байнишахсӣ дар раванди фаъолияти якҷоя, таъмин намудани фазои муфиди психологӣ дар синфхона ва иваз намудани арзишҳои маънавиро махсусан қайд намуд.

Таҳлили вазифаҳои асосии муошрати педагогӣ нишон медиҳад, ки он ба самаранокии раванди таълиму тарбия таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, зарурат пеш меояд, ки ба ташаккул ва инкишофи муошрати педагогӣ диққати зарурӣ равона карда шавад. Дар чунин ҳолат коркарди механизми ташаккул ва инкишофи муошрати педагогӣ аҳамияти махсусро касб менамояд.

Дар ташаккул ва инкишофи муошрати педагогӣ, пеш аз ҳама, нақши сифатҳои шахсӣ бузург аст, зеро амалия нишон медиҳад, ки бадастории муваффақият дар муошрати касбӣ, ки ба ҳалли вазифаҳои таълиму тарбия равона гардидааст, танҳо дар асоси сифатҳои шахсӣ имконпазир мегардад. Дар фарҳанги муошрати педагогӣ сифатҳои шахсӣ, ба монанди хушхулқӣ, адолат, самимият, таҳаммулпазирӣ, худдорӣ, қабул намудани шахсияти нафари дигар, эҳтиром ва қаноатмандӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Қайд намудан зарур аст, ки фарҳанги муошрати педагогӣ аз самтгирии гуманистии шахсият, системаи арзишҳо ва мавқеъ дар соҳаи муошират, қобилияти коммуникативӣ ташаккул меёбад. Нисбат ба муносибати гуманистии омӯзгор ба кӯдакон Ж.Ж. Руссо, И.Г. Песталотси, Я. Корчак ақидаҳои ҷолиби диққатро пешниҳод намудаанд. Онҳо қайд намудаанд, ки муносибати гуманистӣ ва меҳру муҳаббати омӯзгор ба кӯдакон метавонанд аксарияти проблемаҳои раванди таълимро бартараф намоянд. Албатта, чунин муносибати омӯзгор ба кӯдакон аз фарҳанги педагогии муошират бармеояд, ки дар асоси арзишҳо ва принсипҳои педагогӣ ташаккул ёфтааст.

Проблемаи ҷиҳатҳои ахлоқии тарбия, муносибати гуманистӣ ба кӯдакон аз тарафи муҳақиқон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Онҳо қайд менамоянд, ки меҳру муҳаббати омӯзгор ба кӯдакон метавонад тамоми проблемаҳои раванди таълим ва тарбияро ҳал намояд. Маҳз фарҳанги муошрати педагогӣ имконият медиҳад, ки омӯзгор таъсири мутақобилаи байнишахсиро дар мантиқи муайян ва пайваста бунёд намояд, воситаҳои мухталифи психологӣ ва педагогиро мавриди истифода қарор диҳад, қобилияти огоҳ ва ҳал намудани моҷароҳоро аз худ намояд.

Дар тадқиқотҳои гуногун ба муносибати тарафайни омӯзгор ва хонанда диққати асосӣ равона карда мешавад. Зикр карда мешавад, ки сатҳ ва хусусиятҳои асосии чунин муносибат аз фарҳанги муошрати омӯзгор вобаста аст. Нисбати ин масъала, Я.А. Коменский чунин қайд намудааст, ки «ҳеҷ кас наметавонад одамонро боахлоқ ё парҳезгор созад, ба ғайр аз омӯзгори боахлоқ ё парҳезгор» [5,с.324].

Масъалаи ташаккул ва инкишофи фарҳанги педагогии муошират аз тарафи А. Руднитская, Г. Тарасенко, Л. Настенко мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Онҳо қайд менамоянд, ки фарҳанги педагогии муошират шарти зарурии худамалинамоии касбии омӯзгор ва худтасдиқнамоии иҷтимоии ӯ ба ҳисоб меравад [9,с.93].

Дар ташаккули фарҳанги педагогии муошират доштани дониши дақиқ ва ҳаматарафа шарти зарурӣ дониста мешавад. Як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки нафаре ки дорои дониши дақиқ нест ва таълиму тарбияи дигаронро ба ухда мегирад, бадахлоқу фосиқ аст [8,с.29]. Таҳлили амалияи педагогӣ нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза омӯзгороне ҳастанд, ки дорои сатҳи пасти дониши касбӣ буда, мувофиқан дорои сатҳи пасти фарҳанги педагогии муошират мебошанд, ки дар фаъолияти онҳо дар муносибат бо хонандагон дар аксарияти ҳолатҳо зиддияту мухолифатҳо пайдо мешаванд. Албатта, дар омода намудани кадрҳои педагогӣ зарур аст, ки ба омӯзгорони оянда дониши мукаммали касбӣ омӯзонида шавад.

Ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки дар фаъолияти худ психолог бошад, зеро ӯро зарур аст, ки психологияи кӯдаконро донад, ба ҷаҳони дохилии онҳо шавқу рағбат дошта бошад, қобилияти фардии ҳар як хонандаро омӯзад. Дар асоси омӯхтани психологияи кӯдак имконият пайдо мешавад, ки омӯзгор тарзи мувофиқи муошират ба хонандагонро интихоб намояд. «Агар педагогика хоҳад инсонро дар тамоми муносибатҳо тарбия намояд, пас онро зарур аст, ки ӯро дар тамоми муносибатҳо донад» [10,с.67].

Пешрафти омӯзгор дар самти умумифарҳангӣ ва психологиву педагогӣ дар ташаккули муошрати педагогӣ аҳамияти хосса дорад. Ин самтҳо бо инкишофи

худшиносии омӯзгор ва фардияти эҷодии ӯ алоқаманданд, ки дар воситаҳои ташхис, лоиҳакашӣ, амалӣ намудан ва рефлексияи фаъолияти педагогӣ зоҳир мегарданд. Самти предметӣ бо аз худ намудани мантиқи васеъ намудани мундариҷаи дониши мушаххаси илмӣ ҳамчун қисми таркибии фарҳанги умумиинсонӣ ва ҳамчун воситаи инкишофи шахсияти хонандагон ва муносибат ба онҳо алоқаманд аст.

Фарҳанги педагогии муошират дар нутқ, яъне тарзи баёни омӯзгор зоҳир мегардад. Чун тамоми фаъолияти омӯзгор тавассути забон сурат мегирад, зарур аст ки неру, таъсир ва нақши забон ба пуррагӣ дарк карда шавад. Зарур аст, ки омӯзгор нарму ҳалим сухан ронад, тарзи баёни тоза ва ором дошта бошад. Дар аксарияти ҳолатҳо, мухолифат ва зиддияти омӯзгорон бо хонандагон дар асоси тарзи баён дар муносибат оғоз мегардад. Дар чунин ҳолат қайд намудан зарур аст, ки омӯзгор дорои сатҳи зарурии салоҳият ва салоҳиятнокӣ нест. Фарҳанги омӯзгорӣ салоҳиятнокии забону забондонӣ аст.

Фарҳанги касбии омӯзгор ин зоҳир гардидани қобилият ва маҳорати амалӣ мебошад, ки дар маънавиёт, ахлоқ, муносибатҳо, фаъолияти эҷодӣ ва худтарбиякунӣ ифода меёбад. Маҳорати касбии омӯзгор маҷмӯи сифатҳои шахс, донишҳои касбӣ, технологияи педагогӣ, қобилиятҳои педагогӣ мебошад, ки дар фаъолияти амалии омӯзгор ба тариқи васеъ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Муошират педагогӣ бевосита дар раванди таъсиррасонии педагогӣ амалӣ гардида, яке аз механизмҳои асосии он ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар сохтори фарҳанги педагогии муошират салоҳиятнокии ҳамкорӣ дар муошират ҷудо карда мешавад, ки аз сатҳи дониш ва дарки моҳияти он, хусусиятҳо ва аҳамияти таъсиррасонии педагогӣ ҳамчун қисми таркибии муошират педагогӣ вобаста аст.

## АДАБИЁТ


1. Бодалев А.А. Личность и общение: Избр. тр. -М.: Педагогика, 1983. -271 с.
2. Грехнев В.С. Культура педагогического общения: Кн. для учителя. -М.: Просвещение, 1990. - 144 с.
3. Каган М.С. Общение и деятельность // Филос. науки. - 1975. -№5. -С.199-202.
4. Колосова И.В. Педагогические условия формирования культуры педагогического общения будущих специалистов дошкольного образования // Социально-психологические аспекты развития личности: Тез.докл. науч.-практ. конф. -Пермь, 2004. -С.98-112.
5. Коменский Я.А. Избранные педагогические сочинения. -М., 1955. -324 с.
6. Лутфуллоев, М. Основы педагогических исследований / М. Лутфуллоев, К. Абдурахимов // Вестник Академии образования Таджикистана. –Душанбе, 2014. – №1. – С. 17-41.
7. Маркова А.К. Психология труда учителя: Книга для учителя / А.К. Маркова. - М.: Просвещение, 1993. -192 с.
8. Попов Л. А. Этика: Курс лекций. - М.: Центр, 1998. -286с.
9. Тарасенко С. Взаимосвязь эстетической и экологической подготовки учителя в системе профессионального образования: монография /С. Тарасенко. -Черкассы: «Вертикаль», 2006. - 308 с.
10. Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения / К.Д. Ушинский; под ред. А.И. Пискунова: В 2 т. - Т.1. - М.: Педагогика, 1974. -324 с.


## ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ПЕДАГОГИИ МУОШИРАТ


Дар мақолаи мазкур масъалаи ташаккули фарҳанги педагогии муошират мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи ташаккул ва инкишофи фарҳанги педагогии муошират ҳам ҷиҳати назариявӣ ва ҳам ҷиҳати амалӣ дорад. Муҳиммияти ин масъала аз мавҷудияти тадқиқотҳои зиёд дар самти мазкур муайян карда мешавад. Фаъолияти педагогӣ, фаъолияти коммуникативӣ аст, ки шакли олӣ ва мураккаби он муошират ба ҳисоб меравад. Дар баррасии масъалаи муошират педагогӣ, ҷиҳатҳои психологии меҳнати омӯзгор, фарҳанги психологии муошират, масъалаи муносибат дар муоишират, технологияи муошират педагогӣ мавқеи муҳимро касб намудаанд. Ташаккули фарҳанги педагогии муоишират раванди тӯлонӣ ба ҳисоб меравад, ки омодасозии мақсаднок ва пайвастаро талаб менамояд. Таҳлили вазифаҳои асосии муошират педагогӣ нишон медиҳад, ки он ба самаранокии раванди таълиму тарбия таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, зарурат пеш меояд, ки ба ташаккул ва инкишофи муошират педагогӣ диққати зарурӣ равона карда шавад. Дар чунин ҳолат коркарди механизми ташаккул ва инкишофи муошират педагогӣ аҳамияти махсусро касб менамояд. Фарҳанги муошират педагогӣ аз самтгирии гуманистии шахсият, системаи арзишҳо ва мавқеъ дар соҳаи муошират, қобилияти коммуникативӣ ташаккул меёбад. Дар ташаккул ва инкишофи муошират педагогӣ, нақши сифатҳои шахсӣ бузург аст, зеро амалия нишон медиҳад, ки бадастории муваффақият дар муошират касбӣ, ки ба ҳалли вазифаҳои таълиму тарбия равона гардидааст, танҳо дар асоси сифатҳои шахсӣ имконпазир мегардад.



**Калидвожаҳо:** муошират, психология, педагогика, малака, маҳорат, гуманистӣ, фарҳанги педагогӣ, принсипҳои гуманистӣ, сифатҳои шахсӣ, раванди таълим, раванди тарбия.


## ФОРМИРОВАНИЕ КУЛЬТУРЫ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБЩЕНИЯ


В данной статье рассмотрены проблемы формирования культуры педагогического общения. Автор подчеркивает, что проблема формирования и развития культуры педагогического общения имеет теоретическое и практическое значение. Актуальность данной проблемы определяется существованием многочисленных исследований по данному направлению. Педагогическая деятельность является коммуникативной деятельностью, сложную форму которой составляет общения. В рассмотрении проблемы педагогического общения приобретают значимость психологические аспекты труда педагога, психологическая культура общения, проблема отношения в общении, технология педагогического общения. Формирование культуры педагогического общения является длительным процессом, который требует целенаправленной и беспрерывной подготовки. Анализ основных функций педагогического общения показывает, что оно влияет на эффективность учебного и воспитательного процесса. Поэтому необходимо принимать во внимание формирование и развитие педагогического общения. В

данном случае разработка механизмов формирования и развития педагогического общения приобретает особое значение. Культура педагогического общения формируется на основе гуманистической ориентации личности, системы ценностей и позиций в сфере общения и коммуникативной способности. В формировании и развитии культуры педагогического общения, роль личностных качеств велика, так как практика показывает, что достижение успехов в профессиональном общении, которое направлено на решения учебных и воспитательный задач, станет возможным только на основе личностных качеств.

**Ключевые слова:** общение, психология, педагогика, навыки, умение, гуманистический, педагогическая культура, гуманистические принципы, личностные качества, учебный процесс, процесс воспитания.

**FORMING THE CULTURE OF PEDAGOGICAL COMMUNICATION**

In this article, the problems of forming a culture of pedagogical communication are considered. The author emphasizes that the problem of the formation and development of a culture of pedagogical communication is of theoretical and practical importance. The urgency of this problem is determined by the existence of numerous studies in this area. Pedagogical activity is a communicative activity, the complex form of which is communication. In the consideration of the problem of pedagogical communication, the psychological aspects of the teacher's work, the psychological culture of communication, the problem of the relationship in communication, the technology of pedagogical communication acquire significance. Forming a culture of pedagogical communication is a long process that requires focused and continuous preparation. The analysis of the basic functions of pedagogical communication shows that it affects the effectiveness of the educational and educational process. Therefore, it is necessary to take into account the formation and development of pedagogical communication. In this case, the development of mechanisms for the formation and development of pedagogical communication takes on special significance. The culture of pedagogical communication is formed on the basis of the humanistic orientation of the individual, the system of values and position in the sphere of communication and communicative ability. In the formation and development of a culture of pedagogical communication, the role of personal qualities is great, since practice shows that the achievement of success in professional communication, which is aimed at solving educational and educational problems, will become possible only on the basis of personal qualities.

**Key words:** communication, psychology, pedagogy, skills, ability, humanistic, pedagogical culture, humanistic principles, personal qualities, educational process, education process.

**Сведения об авторе:** ***Шомардова Саври Саидшоевна*** **-** Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **919-38-45-38**

**Information about the author:** ***Shomardova Savri Saidshoevna*** **-** Tajik National University, competitor of the university department of pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **919-38-45-38**

**УДК 37.01 [47]**

# МОДЕЛҲОИ ТАҶРИБАВӢ-ТАҲЛИЛИИ ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ ЗИМНИ ТАТБИҚИ ҒОЯҲОИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

***Холматова М.М.***

**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб**

Пеш аз он ки технологияҳои гуногуни таълимӣ-тарбиявӣ дар раванди ғояҳои тадбиқи педагогӣ дар амал ҷорӣ гарданд, муфид шуморида мешавад, ки дар асоси назария амалияи муосири ташхиси педагогӣ, симои зеҳн ва иҷтимоии ҳар як донишҷӯ оид ба он ки чӣ гуна ӯ ба камол расидааст, муайян карда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавонанд омӯзгорон барои интихоби тарз ва усули фаъолгардонии ҷараёни таълим, корҳои беруназдарсӣ ҷиҳати муайян кардани маърифати ақлию зеҳнии донишҷӯ ва дигар самтҳои кор мавриди истифода қарор диҳанд.

Ташхис ва таҷриба дар педагогика барои иҷрои амал баҳри исботи дониш ва ҳосил кардани маҳорату малака истифода карда мешаванд. Мафҳуми таҷриба хеле васеъ буда, маъноҳои гуногунро ифода мекунад: таҷрибаи таълимӣ, таҷрибаи корӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ, таҷрибаи педагогӣ ва ғайра, ки бо донишҷӯён дар ҷараёни дарсу машғулиятҳои амалӣ, инчунин лабораторӣ гузаронида мешавад. Донишҷӯён бо нишондоди муаллим дар синфхона, лабараторияҳо ва истеҳсолот таҷрибаҳо мегузаронанд. Таҷриба яке аз воситаҳои аниқ гардонидани донишу малака, маҳорат ва методҳои тадқиқот мебошад.

Донишҷӯён яке аз заминаҳои асосии неруи зеҳнии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравcomponentand, ки ба чунин мазмун донишҷӯёни мактабҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ арзёбӣ карда мешаванд. Татбиқи ғояҳои педагогӣ ба он равона карда шудааст, ки донишҷӯён дар зинаҳои гуногуни таҳсил метавонанд барои ҳалли масъалаҳои мухталифи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ҷалб карда шаванд.

Яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафҳои дарпешгузошташуда ва ташкилоти муваффақона аз он иборат аст, ки донишҷӯ зимни омӯзиши дилҳоҳ фанни таълимӣ, махсусан фанҳои

педагогика ва психология, фанҳои вобаста ба забономӯзӣ ва ғайраро бо истифода аз талаботи касбӣ-тахассусӣ ва модели худтакмилдиҳӣ образи мутахассиси ояндаро дар асоси талаботи корфармоён тартиб дода, кӯшиш ба харҷ диҳад, ки донишҳои замонавии тахассусиро аз бар намуда, барои дарсдиҳӣ ҷойи кор ва худро пайваста такмил диҳад [5,с.419].

Барномаҳои педагогии воситаҳо ҳамчун системаи дидактикӣ дорои гурӯҳбандии зерин мешаванд: воситаҳои ашёӣ, амалӣ (намоишдиҳии таҷрибаҳо), зеҳнӣ (ҷустуҷӯи ақлонӣ), пуртаъсир (таъсиррасонӣ ба хурӯш ва изтироб).

Алалхусус, чуноне ки мебинем, ба системаи «Барномаи педагогӣ»-и [4,с.411] воситаҳо тамоми асбобҳои аёнӣ, аз он ҷумла воситаҳои техникии замонавии омӯзиш, таҷҳизоти лабораторӣ, маводҳои дидактикӣ, адабиёти таълимӣ, далелҳо ва исботи асбобу лавозимоти зарурӣ барои омӯзиши фанҳо ва ғайра дохил мешаванд. Илова бар ин, «Барномаи педагогӣ»-и воситаҳо намудҳои намоиш додани таҷрибаҳо, барои рушду нумуи ақлонии шогирдон воситаҳои пуртаъсирро дар шароити кабинетӣ, лабораторӣ, устохона, паркҳои техникӣ, истеҳсолот низ истифода мебаранд. Дар ин сурат мо тасмим гирифтем, ки баъзе барномаҳои педагогии воситаҳои ташкили ҷараёни таълимро зимни татбиқи ғояҳои педагогии муосир чунин таҳлилу тавзеҳ диҳем:

1. Дар амал татбиқ намудани барномаи модели таҷрибавӣ, воситаҳои предметӣ, ашёҳои дидактикӣ, ки дар раванди таълим истифода бурда мешаванд; гуногунии тасвирӣ (сурати ашёҳо, ҳайвонот, растанӣ, мошин); графикӣ (ҷадвалҳо, нақшаҳо, феҳрист); воситаҳои рамзӣ (глобус, харитаҳо, атласҳо, нишони давлатӣ); воситаҳои техникӣ (кино, радио, диафилмҳо, диапазитивҳо, компютер, интернет ва ғайраҳо).

2. Такмил намудани роҳҳои истифодабарии аёният, (тамоми воситаҳои аёнии номбурда аз тарафи муаллим ба тариқи тасвир ва намоиш истифода бурда мешаванд).

Дар ин ҷода бояд зикр намуд, ки роҳи тасвир онро тақозо менамояд, ки омӯзгор маводи таълимиро бо нишон додани асли ашёҳо, сурат, ҷадвал ва харита баррасӣ менамояд. Роҳи намоиш бошад, бо намоиш додани асбобҳо, таҷҳизот, таҷрибаҳо, перепаратҳои гуногун, кинофилмҳо, диафилмҳо ва ғайраҳо вобаста аст.

3. Истифодаи самараноки воситаҳои амалӣ, ки ба фаъолияти муштараки муаллиму донишҷӯ вобаста аст. Муаллим, пеш аз он ки ба дарс дарояд, воситаҳои амалии дахлдорро ба мақсади роҳандозии раванди таълим ба нақша мегирад. Агар мавод намоиши ягон таҷрибаро талаб кунад, онро дар амалиёти шахсии худ санҷида, пас бо тайёрии ҳамаҷониба онро намоиш медиҳад.

Ба воситаҳои амалии кори муштараки муаллиму донишҷӯ намоиш додани ҷадвалҳо, машқҳои хаттӣ, таҷрибаҳо, фаъолияти меҳнатии эҷодӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва эҷодӣ, корҳои хаттӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ҳамчунин, ба воситаҳои таълими амалӣ кор дар устохонаҳо, паркҳои техникӣ, сеххои корхонаҳои истеҳсолӣ, ҳангоми дар амалия тадбиқ намудани донишҳои назариявии гирифтаашон вобастагии комил доранд.

4. Татбиқи васеи воситаҳои зеҳнӣ. Дар ин қисмати таълимӣ муайян намудани захираи дониши донишҷӯ пайваста ба мавқеи маводи омӯзиш вобастагиҳоеро баррасӣ менамояд, ки шогирдонро ба фикрронӣ, ҷустуҷӯи шавқовар ҳидоят намуда, зеҳнашонро сайқал дода, қобилияти маърифатҷӯияшонро ташаккул медиҳад. Ба ин воситаҳо инҳо шомил шуда метавонанд: саволҳои эвристикӣ, муаммою чистон, тезгӯяк, байтбарак, чайнворд, кроссворд ва ғайраҳо.

5. Истифодаи мунтазами васоити пуртаъсир (хурӯшонӣ, эмотсионалӣ). Ба ин воситаҳо маҷмӯи лаҳзаҳои ҳаяҷоновари ба эҳсосоти талабагон таъсиррасон, аз қабили рӯҳафзоӣ, ҳаловатбарӣ, шодию сурур, раҳму шафқат, инчунин оташин шудану ба хурӯш омадан, ғазабу нафрат нисбати беадолатӣ, золимӣ, ваҳшигарӣ ва монанди инҳо шомил мешаванд.

Яке аз самтҳои муҳимми баланд бардоштани дараҷаи донишандӯзии донишҷӯ, ин иҷроиши кори мустақилонаи ӯ ба шумор меравад. Чун анъана, кори мустақилона таҳти роҳбарии омӯзгор сурат мегирад. Мақсади асосии кори мустақилона аз он иборат аст, ки донишҷӯ таҷрибаи гузоштани мақсад ва расидан ба ҳадафҳои муайяншудаи худро

роҳандозӣ менамояд. Зимни муайян намудани мақсадҳо ҳар як омил бояд аз лиҳози талаботи омӯзиши ҳар як фан ва бозори озоди меҳнат ба инобат гирифта шавад [5,с.421].

Масъалаи хеле муҳиме, ки ҷомеа аз лиҳози талаботи стандартҳои таълими ҷаҳонӣ рушди хешро арзёбӣ менамояд, ин фарогирии донишҷӯён ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва эҷодӣ мебошад, ки дар роҳи ташаккули мутахассиси оянда бо назардошти ҷустуҷӯи ғояҳои инноватсионӣ ва тафаккури нави техникию технологии он нақши назаррасро мебозанд. Масъалаи зикршуда аз Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 22 декабри соли 2017 [1,с.7], ки модели гузаштан аз кишвари «аграрӣ-саноатӣ» ба кишвари «саноатӣ-аграрӣ»-ро пешниҳод намуд, сарчашма мегирад.

Барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи донишҷӯён, кӯшишҳои муштараки мақомоти давлатӣ, маориф ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ, ВАО, доираҳои тиҷоратӣ, инчунин кулли шаҳрвандони манфиатдорро бояд муттаҳид ва ҳамоҳанг сохт.

Дар расм вобастагии сохторбандии маҷмӯи ҷузъҳои системаи таълимот ва омӯзиш оварда шудааст.

**Расми 1. Сохторбандии маҷмӯи ҷузъҳои системаи таълимот ва омӯзиш**
**Figure 1. Structure of components of the system of education and training**




Чи хеле ки аз расм бармеояд, баҳри такмил додани системаи таълимот ва омӯзиши кадрҳо чораҳои зерин дар сохторбандӣ як маҷмӯи томро баррасӣ менамоянд:

1. Такмили системаи таълимоти умумии мунтазам ва тарбияи донишҷӯён бо роҳи:

- таҳияи маводи таълимӣ ва ташкили курсҳои такмили ихтисос, инчунин гузаронидани семинарҳо барои ҳайати омӯзгорони муассисаҳои олию миёнаи таълимӣ доир ба фанҳои равияи техникӣ ва технологӣ;

- таҳияи барномаҳои таълимӣ барои донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ, бо назардошт ва мақсади роҳандозӣ намудани масъалаҳо вобаста ба технологияҳои инноватсионии муосир.

2. Таъмини ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеа ҷиҳати ҳалли муштараки манфиатовар дар соҳаи таълиму тарбия.

3. Рушду нумӯи илмию методологии системаи таълиму тарбия.

4. Фароҳам овардани таъминоти меъёрию ҳуқуқӣ барои таълиму тарбияи донишҷӯён.

5. Ҳамкориҳои байнисоҳавӣ дар доираи масоили мубрам ва ҳалталаби таълиму тарбия.

Ҳамин тариқ, коркард, пешниҳод ва татбиқи моделҳои таҷрибавӣ-таҳлилии ташкили ҷараёни таълим ва тарбия зимни татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир ҷиҳати рушди соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ ва илмию педагогӣ, мусоидати бевосита дошта, механизми батафсили системаи таҳсилот ва тарбияро тақозо менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 22-уми декабри соли 2017. –Душанбе, 2017. -37 с.
2. Информатика в понятиях и терминах (Под ред. В.А. Извозчекова). - Москва, 1991. – 231 с.
3. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. -Душанбе, 2001. -229 с.
4. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. -Душанбе, 2000. – 241 с.
5. Шоев Н.Н. Усул ва манбаъҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои олии таълимӣ. -Душанбе, 2003. – 246 с.


## МОДЕЛҲОИ ТАҶРИБАВӢ-ТАҲЛИЛИИ ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ ЗИМНИ ТАТБИҚИ ҒОЯҲОИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР


Дар мақола таъсири ғояҳои асосии педагогикаи муосир оид ба коркарди моделҳои таҷрибавӣ тавассути ташаккул ва рушди таълиму тарбия мавриди назар қарор гирифтааст. Баҳри такмил додани системаи таълимот ва омӯзиши кадрҳо чораҳои мушаххас пешниҳод гаштаанд, ки дар маҷмӯъ ба рушди таҳсилот ва тарбия мусоидат менамоянд. Коркард, пешниҳод ва татбиқи моделҳои таҷрибавӣ-таҳлилии ташкили ҷараёни таълим ва тарбия зимни татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир ҷиҳати рушди соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ ва илмию педагогӣ, мусоидати бевосита дошта, механизми батафсили системаи таҳсилот ва тарбияро тақозо менамояд. Масъалаи хеле муҳиме, ки ҷомеа аз лиҳози талаботи стандартҳои таълими ҷаҳонӣ рушди хешро арзёбӣ менамояд, ин фарогирии донишҷӯён ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва эҷодӣ мебошад, ки дар роҳи ташаккули мутахассиси оянда бо назардошти ҷустуҷӯи ғояҳои инноватсионӣ ва тафаккури нави техникию технологии он нақши назаррасро мебозанд. Барои фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи донишҷӯён, кӯшишҳои муштараки мақомоти давлатӣ, маориф ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ, ВАО, доираҳои тиҷоратӣ, инчунин кулли шаҳрвандони манфиатдорро бояд муттаҳид ва ҳамоҳанг сохт.



**Калидвожаҳо:** таълим, тарбия, модел, технология, ташхис, барнома, воситаҳо, инноватсия, таҷриба.


## ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНО-АНАЛИТИЧЕСКИЕ МОДЕЛИ ПРОЦЕССА ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ ПУТЁМ ВНЕДРЕНИЯ ИДЕИ СОВРЕМЕННОЙ ПЕДАГОГИКИ


В статье рассмотрено влияние основных идей современной педагогики по разработке экспериментальных моделей, посредством формирования и развития образования и воспитания. Для усовершенствования системы образования и обучения кадров, предложены конкретные меры, которые в совокупности направлены на устойчивое развитие образования и воспитания. Разработка, представление и внедрение экспериментально-аналитических моделей организации процесса обучения и воспитания наряду с внедрением идей современной педагогики относительно развития сферы образования и науки Республики Таджикистан непосредственно содействует подготовке высококвалифицированных педагогических и научно-педагогических кадров и указывает на необходимость развернутого механизма системы образования и воспитания механизми. Очень важной задачей, с точки зрения требований международных стандартов образования является, привлечение учащихся к созданию инновационных и творческих проектов, которые играют важную роль на пути к формированию будущего специалиста с акцентом на поиск инновационных идей и нового технического и технологического мышления. Для обеспечения необходимых условий относительно поднятия уровня обучения и воспитания требуется взаимовыгодное сотрудничество государственных органов, сферы образования и других общественных организаций, СМИ, коммерческих кругов, также граждан республики.



**Ключевые слова:** образование, обучение, модель, технология, анализ, программа, инструменты, инновация, опыт.


## EXPERIMENTAL ANALYTICAL MODELS THE PROCESS OF EDUCATION AND EDUCATION BY INTRODUCING THE IDEAS OF MODERN PEDAGOGICS


The article considers the influence of the basic ideas of modern pedagogy on the development of experimental models, through the formation and development of education and upbringing. To improve the education and training of personnel, specific measures are proposed, which together are aimed at the sustainable development of education and upbringing. The development, presentation and implementation of experimental and analytical models of the organization of the process of education and upbringing, along with the introduction of modern pedagogy ideas regarding the development of the sphere of education and science of the Republic of Tajikistan, directly contributes to the preparation of highly qualified pedagogical and scientific and pedagogical personnel and points to the need for a detailed mechanism of education and upbringing mechanisms. A very important task, from the point of view of the requirements of international standards of education, is the involvement of students in the creation of innovative and creative projects that play an important role in the formation of a future specialist with an emphasis on the search for innovative ideas and new technical and technological thinking. To ensure the necessary conditions for raising the level of education and upbringing, it is necessary to mutually beneficial cooperation of state bodies, education and other public organizations, the media, commercial circles, and citizens of the republic.



**Key words:** education, training, model, technology, analysis, program, tools, innovation, experience.

**Сведения об авторе:** ***Холматова Мумина Махмадовна*** - Институт технологий и иновационного менеджмента г. Куляб, ассистент. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица Борбад. Телефон: **988-26-90-25**

**Information about the author:** ***Kholmatova Mumina Makhmadovna*** - Institute of Technology and Innovation Management, Kulyab, assistant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Kulyab, Borbad street. Phone: **988-26-90-25**

**УДК: 373.167.1:51**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ЗИМНИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

***Акбарова М.Н.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Информатизатсияи раванди таълим яке аз вазифаҳои муҳимтарини таҳсилоти муосир мебошад. Он бо рушди заминаи илмии муассисаҳои таҳсилотӣ, бозомӯзии омӯзгорон ва созгории онҳо нисбати низоми навтарини таҳсилот алоқаманд мебошад. Истифодаи технологияҳои муосиртарини компютерӣ, ки воситаи нави таълим ва василаи пурқудрати маърифат маҳсуб мебошанд, рушд ва беҳбудии сифатии методҳо ва шаклҳои ташкилии таълимро талаб мекунад.

Муҳаққиқ Н.В. Внукова [1], таҳлили тадқиқотҳоро аз рӯйи ин масъала ба роҳ монда, чунин воситаҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагонро зикр мекунад: истифодаи вазифаю супоришҳои проблемавӣ, эҷодии таълимӣ; ташкили таҳияи мустақилонаи саволу вазифаҳо аз ҷониби худи омӯзандагон, истифодаи вазифаҳое, ки барои истифодаи тафаккури мантиқӣ нигаронида шудаанд; ташкили корҳои ҷанбаи ҷустуҷӯӣ ва амалӣ дошта ва ғайра.

Мувофиқи таъйиноти муҳаққиқ С.Н. Уткина [11] фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ, ин такмили методҳо ва шаклҳои ташкилии фаъолияти маърифатӣ мебошад, ки фаъолияти мустақилонаи назариявӣ ва амалии хонандагонро дар тамоми зинаҳои раванди таълим таъмин мекунад.

Ба маънии васеъ технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК), истифодаи техникаи ҳисоббарор ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ барои татбиқи равандҳои иттилоотӣ бо мақсади кори фаврӣ ва самаранок дар асосҳои қонунӣ мебошад.

Дар замони муосир афзоиши таъсироти медиа-технология ба инсон мушоҳида карда мешавад. Ҷараёни неруманди иттилооти нав, реклама, истифодаи технологияҳои коммуникатсионӣ дар телевизион, густариши дастгоҳҳои бозӣ, бозиҳои электронӣ ва компютерҳо дар тарбияи кӯдакон ва дарки муҳити атроф ҳарчи бештар таъсир мерасонанд. Қаблан маълумотро оид ба дилхоҳ мавзӯъ кӯдакон метавонистанд аз китобҳои таълимӣ, адабиёти маълумотномавӣ, маърӯзаҳои омӯзгорон, конспекти дарсу машғулиятҳо дарёфт намоянд. Имрӯз бо назардошти воқеиятҳои давру замон, омӯзгор бояд ба раванди таълим методҳои нави пешкаш кардани маълумотро ворид намояд. Мағзу мафкураи кӯдак, ки барои дарёфту пазироии маълумот дар шакли барномаҳои фароғатӣ тавассути телевизион омода шудааст, маълумотеро, ки тавассути медиавоситаҳо пешкаш мегардад, саҳлтар қабул мекунад.

Ҳар як кӯдакро зарур аст, ки дар муҳлати кӯтоҳ дар фаъолияти амалӣ ҳаҷму андозаи калони маълумотро аз худ кунад, коркард намояд ва истифода кунад. Бисёр муҳим аст, ки раванди таълим тарзе ташкил карда шавад, ки кӯдак дар он фаъол бошад, бо шавқу завқ ва манфиатмандӣ зимни дарсу машғулият кор кунад, маҳсули меҳнати худро бубинад ва онро арзёбӣ карда тавонад.

Ба омӯзгор дар ҳалли ин масъалаи муҳим метавонад тавъамгардонии методҳои анъанавӣ ва муосири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ кумак кунад. Истифодаи компютер дар дарсу машғулият имкон фароҳам меорад, ки раванди таълим сайёр, тафриқавӣ ва инфиродӣ гашта монад.

Имконоти телевизор, магнитофон, китобҳо, калкуляторро фаро гирифта, як навъ бозичаи маҷмӯӣ (ҷомеӣ) мегардад, ки дигар бозичаҳо ва бозиҳои гуногунро иваз карда, компютери муосир ҳамзамон барои кӯдак шарики баробарҳуқуқ гашта, қодиру қобил аст, ки ба амалу дархостҳои ӯ посух гӯяд. Аз ҷониби дигар, ТИК (ИКТ) ба омӯзгорон низ кумак мекунад, ки донишу малакаҳоро арзёбӣ намоянд, онҳоро фаҳму дарк кунанд, водор менамояд, ки шаклу шеваҳои наву ғайрианъанавии таълим ҷустуҷӯ карда шаванд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим масъалаи актуалии таҳсилоти муосир гаштааст.

Дарс бо истифодаи ТИК вақту фурсати омӯзгору омӯзандаро сарфа мекунад, имкон медиҳад, ки босуръаттар кор карда шавад, ба омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки бо омӯзанда (хонанда, муҳассил) ба тариқи тафриқавӣ ва инфиродӣ кор карда шавад.

Ҳамчунин, замина муҳайё карда мешавад, ки натиҷаи таълимро ба тариқи фаврӣ назорат ва арзёбӣ кунад.

Зимни ташкил ва гузаронидани дарсу машғулият омӯзгорро зарур аст, ки кори бисёреро анҷом диҳад: пурсиш гузаронад, иҷроиши вазифаю супоришҳои хонагиро санҷишу тафтиш кунад, маводи навро коркард намояд, онро таҳкиму тақвият бахшад, рушду такомули ҳар якеро дида тавонад, вазъи муваффақонаро эҷод карда тавонад. Ин ҷо бидуни ёвари электронӣ маҷмӯи амалҳоро ба субут расонидан ғайриимкон аст.

Барномаҳои компютериро дар дилхоҳ марҳилаи дарсу машғулият истифода намудан мумкин аст: зимни омӯзиши маводи нав, таҳкиму тақвияти он, дар дарсҳои умумигардонӣ, зимни такрор кардан.

Вазифаи омӯзгор аз он иборат мебошад, ки шароитҳои азхудкунии амалии предмет барои ҳар як хонанда фароҳам оварда шаванд, чунин методҳои таълиме интихоб карда шаванд, ки ба ҳар як хонанда имкон медиҳанд фаъолмандию эҷодкорӣ ва созандагии худро нишон диҳанд. Вазифаи омӯзгор - фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон зимни раванди таълим аст. Технологияҳои муосири педагогӣ, аз қабили таълим дар ҳамкорӣ, методикаи лоиҳавӣ, истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ, интернет-захираҳо мусоидат мекунанд, ки бархӯрди шахсиятӣ-тамоюлӣ истифода карда шавад, таълими инфиродию тафриқавӣ бо назардошти қобилиятҳои хонандагон, дараҷаи таълимгирии онҳо, майлу хоҳишҳо ва шавқу завқи онҳо ба эътибор гирифта, таъмин карда мешаванд ва ғайра.

Омӯзонидани кӯдак барои кор кардан бо маълумотҳо, омӯзондани омӯхтан – вазифаи муҳимтарини муассисаи таҳсилотии муосир мебошад. Афзоиши сифати таҳсилот дар замони муосир бидуни истифодаи технологияҳои наву муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ғайриимкон аст. Аз ин ҷо ҳадафҳои истифодаи ТИК чунинанд:

- афзоиши ангезаи (мотиватсияи) таълим;
- афзоиши самаранокии раванди таълим;
- мусоидат барои фаъолмандии соҳаи маърифатии омӯзандагон;
- такмили методикаи ташкил ва гузаронидани дарсу машғулиятҳо;
- саривақт натиҷаҳои таълим ва тарбияро пайгирӣ намудан;
- банақшагирӣ ва банизомдарории кори худ;
- истифода ҳамчун воситаи худомӯзӣ;
- фавран ва сифатан дарс (чорабинӣ)-ро омода кардан.

Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ якҷоя бо технологияҳои пешрафтаи педагогӣ (бархӯрдҳои шахсиятӣ-тамоюлӣ ва технологияҳои таълими проблемавӣ, барномавӣ ва лоиҳавӣ) метавонанд натиҷаҳои хуб ба бор оранд.

Дар дарсҳои математика навъҳои гуногуни захираҳои электронӣ истифода мегарданд: маводи иттилоотӣ-маълумотномавӣ, воситаҳои барномавии таълим ва назорат (китобҳои таълимии электронӣ, дарсҳои электронӣ, саволномаҳои интерактивӣ).

Зимни омодагӣ ва гузаронидани дарсҳо дар марҳилаҳои гуногуни таълим шаклҳои мухталифи ТИК истифода карда мешаванд:

- маҳсулотҳои тайёри электронӣ, ки имкон медиҳанд фаъолияти омӯзгор ва омӯзанда шиддатнок гардонида шавад, сифати омӯзиши предмет афзоиш дода шавад ва дар амал усули аёният татбиқ карда шавад;

- презентатсияҳои мултимедӣ имкон фароҳам меоранд, ки маводи таълимӣ ҳамчун низоми симоҳои барҷастаи такявӣ пешкаш гарданд. Дар ин маврид каналҳои гуногуни дарку фаҳм истифода мегарданд, ки имкони дар хотираю ҳофизаи омӯзандагон вориднамоии маълумот дар шакли фактографӣ ва ҳам ассотсиативӣ фароҳам оварда шавад;

- захираҳои шабакаи интернет зарфияту тавонмандии фаровони хадамоти таҳсилотӣ доранд (почтаи электронӣ, конференсияҳои электронӣ, низомҳои ҷустуҷӯӣ, таълими фосилавӣ, озмунҳо) ва қисмати таркибии таҳсилоти муосир шуда метавонанд. Аз шабака маълумоти муҳимми таълимиро дастрас карда, муҳассилин ҳадафмандона дарёфт ва банизомдарории маълумотро аз рӯйи аломату нишонаҳои додашуда меомӯзанд; дидани маълумот ба тариқи маҷмӯӣ, на ба тариқи ҷузъию қисмӣ, дар маълумоти иттилоотӣ ҷудо намудани бахши муҳимтарин;

- истифодаи тахтаи интерактивӣ ва таъминоти барномавии SMART Board ба омӯзгорон ва омӯзандагон имкон медиҳад, ки ба тариқи пурраю мукаммал ва кофию басанда маводи таълимиро омӯзанд.

Гуногунрангии мавзӯъҳо, навъҳои фаъолият, зебоӣ, ҷолибияту ҷаззобияти барномаҳои компютерӣ барои муҳассилин шавқу завқи фаровон ба бор меоранд. Дастуру васоити таълимии электронӣ, ки имрӯз мавҷуданд, иттилооту маълумотро дар шакли матн, садо ва тасвир мебароранд. Таълим тавассути компютер имкон фароҳам меорад, ки амалҳои мустақилонаи ҳар як муҳассил ташкил карда шаванд.

Зимни омодагӣ нисбати дарсу машғулият бо истифодаи ТИК омӯзгор набояд фаромӯш кунад, ки ин дарс аст, яъне биноан нақшаи таълимро тартиб медиҳад, ки вобаста ба ҳадафи он бояд бошад; зимни интихоби маводи таълимӣ ӯ бояд усулҳои асосии дидактикиро риоя кунад: низомнокӣ ва пайгирона будан, дастрас будан, бархӯрди тафриқавӣ, илмият ва ғайра. Зимнан компютер наметавонад омӯзгорро иваз кунад, фақат ӯро пурратар мегардонад.

Намунаҳои истифодаи презентатсияҳо дар дарсҳои математика:

-фаҳмонидани мавзӯи нав тавассути презентатсия;

- кор бо машқҳои шифоҳӣ;

- истифодаи презентатсия зимни такрори маводи гузашта;

-намоиши шартҳо ва ҳалли вазифаю супориш;

- санҷиши байниҳамдигарии кори мустақилона тавассути ҷавобҳои слайд;

- гузаронидани пурсишномаҳо;

- гузаронидани рефлексияҳо;

- намоиши тасвирҳои олимону муҳаққиқон ва ҳикояю қиссаҳо оид ба кашфиёт ва ихтирооти онҳо;

- тавассути муҳассилин эҷоди презентатсияҳо нисбати дарси умумигардонӣ ва банизомдарории донишҳо ва воситаҳои фаъолият.

Компютер ҳамчун воситаи афзоиши ангеза (мотиватсия), ташаккул ва такмили малакаҳои амалӣ баррасӣ мегардад. Компютер имкон медиҳад, ки дар омӯзанда ҳамаи 3 канали дарку эҳсос фаъол гарданд: шунавоӣ, биноӣ ва кинестетикӣ ва ба ин тариқ афзоиши ҳаҷму андоза ва устувории маводи омӯзишӣ таъмин мегардад, муҳассилин дар раванди таълим мақоми болотарро касб менамояд, фаъолмандии маърифатии муҳассилин афзоиш меёбад ва шавқмандӣ нисбати предмет дастгирӣ меёбад, майдони фаъолияти мустақилонаи муҳассилин тавсеа меёбад. Истифодаи барномаҳои мултимедӣ методҳои анъанавии таълимро мустасно намегардонад, балки ба тариқи мутавозин бо онҳо дар тамоми марҳилаҳои таълим тавъам мегардад.

Истифодаи компютер имкон медиҳад, ки на танҳо самаранокии таъмил якчанд маротиба афзоиш дода шавад, балки муҳассилин нисбати омӯзиши мустақилонаи минбаъдаи предмет шавқманд мегарданд. Чунин дарсҳо контенти мултимедии интерактивиро шомил мешаванд, ки ин, дар навбати худ, барои васеътар истифода намудани худи омӯзандагон дар раванди таълим шароит фароҳам меорад, барои афзоиши шавқу завқ нисбати предмети омӯхташаванда, азхудкунии беҳтари маводи омӯзишӣ муосидат мекунад. Муҳассилин метавонанд унсурҳои мултимедиро дар корҳои хонагии худ истифода намоянд ва онҳоро дар шакли электронӣ ба флеш-дискҳо интиқол диҳанд ва ё тавассути интернет гузаронанд.

Аз сабабе ки имрӯзҳо замимаҳои мултимедӣ нокифоя ҳастанд, ба омӯзгор зарур аст, ки худаш унсурҳои нокифояи дарсро фароҳам оварад. Компютер зимнан чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- ҳамчун тренажёр дар раванди ташаккули малакаҳо ва қобилиятҳо;

-ҳамчун воситаи аёнӣ барои ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ;

- ҳамчун сарчашмаи маълумоту иттилооти таълимӣ;

- ҳамчун воситаю василае, ки барои ташкили назорат ва худназорат кумак мекунад.

Бояд зикр кард, ки истифодаи ТИК на танҳо зимни дарсҳои информатика бамаврид аст, балки пурра аз онҳо метавон дар раванди дилхоҳ дарсу предмет истифода намуд. Мунтаҳо, истифодаи ТИК дар раванди таълим пешбинӣ мекунад, ки омӯзгори дилхоҳ фанну предмет метавонад:

- иттилооту маълумоти матнӣ, рақамӣ, имлоӣ ва садоиро зимни мусоидати протсессорҳо ва редакторҳои мутобиқ барои омоданамоии маводи дидактикӣ (вариантҳои вазифаю супоришҳо, ҷадвалҳо, расмҳо, нақшаҳо ва ғайра) коркард намояд;

- слайдҳо аз рӯйи маводи таълимӣ таҳия намояд, редактори презентатсияи MS Power Point–ро истифода кунад ва дар дарс намоиш диҳад;

-маҳсулотҳои барномавии тайёрро аз рӯйи предмети худ истифода намояд;

-корро бо китоби таълимии электронӣ дар дарс ташкил намояд;

-васоити барномавии таълимӣ (таълимӣ, тақвиятӣ, назоратӣ)-ро истифода кунад;

- ҷустуҷӯ ва ташкили маълумоти заруриро дар интернет дар раванди тайёрӣ ба дарс ва чорабиниҳои ғайридарсӣ ба роҳ монад;

- дар дарс бо маводи web-сайтҳо кор карда тавонад;

- матнҳоро коркард намояд ва зимнан барнома-муқовоҳо истифода шаванд ва ё мустақилона иҷро намояд ва пурсишҳои компютериро ба роҳ монад.

Ҳамин тариқ, бояд зикр кард, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим меҳнату заҳматталаб аст, аммо он тамоми сарфу харҷҳоро мепӯшонад, таълимро шавқовартар мегардонад, дарс пурмуҳтавою ҷаззобтар мегардад. Омӯзгор ҳуқуқ дорад, ки технология ва методҳои худро интихоб намояд, аммо

ҳар як омӯзгор вазифадор аст, ки барои беҳбудӣ ва рушди хонанда кӯшиш кунад. Усули муҳимтарин - усули фаъолият ва фаъолмандӣ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Внукова, Н.В. Дидактические условия активизации творческой познавательной деятельности учащихся 5-7 классов: На материале преподавания математики: автореф. дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / Н.В. Внукова. - Липецк, 2001. - С.172
2. Григорьев С.Г., Гриншкун В.В., Краснова Г.А., Роберт И.В., Щенников С.А. и др. Теоретические основы создания образовательных электронных изданий. -Томск: Изд-во Томского университета, 2002. - 86 с.
3. Григорьев С.Г., Гриншкун В.В., Макаров С.И. Методико-технологические основы создания электронных средств обучения. - Самара: Издательство Самарской государственной экономической академии, 2002. -110 с.
4. Захарова И.Г. Информационные технологии в образовании: Учебное пособие для студ. пед. учеб. заведений. - М.: Издательский центр «Академия», 2003. - 192 с.
5. Лапчик М.П. Информатика и информационные технологии в системе общего и педагогического образования. - Омск: Изд-во Омского гос. пед. Университета, 1999. - 321 с.
6. Монахов В.М. Технологические основы проектирования и конструирования учебного процесса: Монография. - Волгоград: Перемена, 1995. - 152 с.
7. Мураховский В. И. Компьютерная графика: Популярная энциклопедия / В.И. Мураховский. -М.: АСТ-Пресс, 2002. – 156 с.
8. Софронова Н.В. Теоретические и технологические основы обеспечения учебного процесса программно-методическими средствами: дисс. д-ра пед. наук. -Чебоксары, 1999. - 332 с.
9. Софронова Н.В. Теория и методика обучения информатике: Учебное пособие / Н.В. Софронова. -М.: Высш. шк., 2004. - 223с.
10. Талызина Н.Ф. Педагогическая психология: Учебное пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений. -М.: Издательский центр «Академия», 1998. - 288 с.
11. Уткина, С.Н. Активизация познавательной деятельности учащихся при обучении математическим дисциплинам: автореф. дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / С.Н. Уткина. -Екатеринбург, 2007. -С.156-169.
12. Щукина, Г.И. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов учащихся / Г.И. Щукина. - Москва: Педагогика, 1988. -208 с. - (Труды действительных членов и членов-корреспондентов АПН СССР).


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ЗИМНИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА


Дар мақола масъалаҳои вобаста ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанни математика баррасӣ гаштаанд. Ба андешаи муаллиф, информатизатсияи раванди таълим, яке аз вазифаҳои муҳимтарини таҳсилоти муосир мебошад. Он бо рушди заминаи илмии муассисаҳои таҳсилотӣ, бозомӯзии омӯзгорон ва созгории онҳо нисбати низоми навтарини таҳсилот алоқаманд мебошад. Истифодаи технологияҳои муосиртарини компютерӣ, ки воситаи нави таълим ва василаи пурқудрати маърифат махсуб аст, рушд ва беҳбудии сифатии методҳо ва шаклҳои ташкилии таълимро талаб мекунад. Мулоҳизаҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф таъйид мекунад, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим меҳнату заҳматталаб аст, аммо он тамоми сарфу харҷҳоро мепӯшонад, таълимро шавқовартар мегардонад, дарс пурмуҳтавою ҷаззобтар мегардад. Омӯзгор ҳуқуқ дорад, ки технология ва методҳои худро интихоб намояд, аммо ҳар як омӯзгор вазифадор аст, ки барои беҳбудӣ ва рушди хонанда кӯшиш кунад. Усули муҳимтарин усули фаъолият ва фаъолмандӣ мебошад.



**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, таълим, омӯзгор, усул, фаъолияти маърифатӣ, хонанда, информатизатсия, таҳсилот, воситаи нави таълим, технологияҳои муосири таълим, рушд, муассисаҳои таҳсилотӣ.


## ПРИМЕНЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ ПРИ ОБУЧЕНИИ МАТЕМАТИКИ


Статья посвящена рассмотрению вопросов, связанных с использованием информационно-коммуникационных технологий при обучении математики. По мнению автора статьи, применение ИТК является одной из важных задач современного образования и связано с развитием научных основ образовательных учреждений, переподготовкой учителей и их адаптацией к новейшей системе образования. Применение новейших компьютерных технологий, считающихся новым средством обучения и сильным инструментом познания, требует развития и качественного улучшения методов и организационных форм обучения. Суммируя свои суждения, автор констатирует, что применение ИКТ в процессе обучения требует много усилий, однако оправдывает все затраты и усилия, так как урок становится более увлекательным и содержательным. Педагог имеет право выбирать свою технологию и методы, однако каждый педагог обязан прилагать усилия для развития учащихся. Важнейший принцип – принцип деятельности и активности.



**Ключевые слова:** информационно-коммуникационные технологии, образование, педагог, принцип, познавательная деятельность, учащийся, информатизация, обучение, новое средство обучения, современные средства обучения, развитие, образовательные учреждения.


## THE USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY IN THE TEACHING OF MATHEMATICS


The article is devoted to the consideration of issues related to the use of information and communication technologies in the teaching of mathematics. In the author's opinion, the use of ITC is one of the important tasks of modern education and is associated with the development of the scientific foundations of educational institutions, the retraining of teachers and their adaptation to the newest education system. The use of newest computer technologies, considered a new means of learning and a strong instrument of cognition, requires the development and qualitative improvement of methods and organizational forms of instruction. Summing up his judgments, the author states that the use of ICT in the learning process requires a lot of effort, but justifies all the costs and efforts, the lesson becomes more engaging and informative.

The teacher has the right to choose his own technology and methods, but every teacher is obliged to make efforts for the development of students. The most important principle is the principle of activity and activity.

**Key words:** information and communication technologies, education, teacher, principle, cognitive activity, student, informatization, training, new means of education, modern teaching aids, development, educational institutions.

**Сведения об авторе:** ***Акбарова Махрамби Нусратуллоевна*** – Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, ассистент кафедры начального обучения. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. Телефон: **988-26-14-34**. E-mail: **alimi-62@mail.ru**

**Information about the author:** ***Akbarova Mahrambi Nusratulloevna*** - assistant of the Department of elementary education of Kulob State University named after A.Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov St.16. Phone: **988-26-14-34**. E-mail: **alimi-62@mail.ru**

**УДК: 37+371+378+891, 550-1(575.3)**

# АҚИДАҲОИ ИҶТИМОИЮ ПЕДАГОГИИ АҲМАДИ ДОНИШ ОИБ БА МЕҲНАТДӮСТӢ ВА КАСБОМӮЗӢ

***Сабуров У.С.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ яке аз ҷузъҳои таркибии педагогикаи миллӣ ба шумор меравад, ки мадди назари олимону мутафаккирон қарор гирифта, бобати инъикос гардонидани он дар ҳаёти тарбиягирандагон афкори пешқадами тарбиявиро ҳамчун мерос боқӣ гузоштаанд, ки эҳё ва истифодаи он дар замони кунунии бархӯрди муносибатҳо ба тарбияи насли наврас ва баркамолрасандаи миллат беасар нахоҳад монд. Яке аз барӯмандтарин намояндаи адабиёти тоҷик, арбоби намоён, маъруфтарин шахси асри XIX ва пешвои маорифпарварони ин замон Аҳмад Махдуми Дониш мебошад, ки ба масъалаи мазкур диққати махсус додааст.

Аҳмади Дониш ҳамчун шахси фозилу доно дар баробари нақш гузоштан дар ҷодаи адабиёт, инчунин, сиёсатшинос, файласуф, хаттот, мунаҷҷим, мусиқачӣ, олим ва дар асоси андешаҳои маорифпарвариаш ҳамчун педагоги машҳур ном бароварда буд.

Андешаҳои ин мутафаккири бузург оид ба низоми маориф ва хосса таълиму тарбия дар натиҷаи се маротиба сафар намудан дар ҳайати сафорати Аморати Бухоро ба Петербургу Оренбург ва мушоҳида кардан аз ҳаёти нобаробари мардуми даврони худ ба миён омадаанд, ки атрофи меҳнатдӯстӣ ва тарбияи инсон дар рӯҳияи нав ҷолиби диққатанд. Дониш муҳимтарин андешаҳоро перомуни меҳнат ва касбу ҳунар дар асари худ «Наводир-ул-вақоеъ» дарҷ намудааст, ки ин асар саршори панду ахлоқ буда, таҷассумгари ҳаёти онвақтаи Аҳмади Дониш ва замони ӯ мебошад. Дар баробари фош намудани камбудиҳои онвақта ва ба танзим даровардану тарбия намудани насли наврас дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, ҷавонмардӣ, инсонгароӣ ва дӯстӣ дар замони шоир, инчунин истифодаи ақоиди вай дар пешрафту тараққиёти имрӯзи кишвар айни муддаост. Бинобар ин мо тасмим гирифтем, ки як қатор фикрҳои баландмазмуни педагогии ӯро оид ба меҳнатдӯстӣ ва касбу ҳунар мавриди таҳлил қарор дода, баҳри истифодаи он дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми аҳли меҳнат дар даврони мо пешниҳод намоем.

Назари таваҷҷуҳи Дониш ба таълиму тарбияи насли наврас бағоят калон буд ва асоси онро вазифаи падару модар дониста, аввал бо рафтор ва баъдан бо сахтгирию талаботи қатъӣ ба волидайн тавсия ва чунин маслиҳат додааст: «Чун таъдиби авлод дар зиммаи абавайн маъмур-ун-беҳ ва мансус аст, таълими адаб аввалан ба қавл ва феъл бувад, сонияи ба заҷр ва манъ. Бинобар ин ибтидо он чи гуфтанист бо шумо мегӯям ва шуморо ба офаридагоратон месупорам ва он чи аз зиндагонии маҳмуд, ки сулук дар он дину дунёи шуморо обод дорад, бо шумо менамоям, агар тавфиқи азалӣ ёратон бувад, ба ҳамон ватира рафтор мекунед ва агар не, мухторед ва маъзур» [2,с.172]. Мақсади нигориши ин суханони мутафаккир аз он иборат аст, ки дар ин гуфтор мазмуни амиқи таълимию тарбиявӣ ниҳон аст, ки асоси онро муроҷиати мутафаккир ба волидайн нисбати меҳнати софдилона намудани онҳо вобаста ба тарбияи фарзандон ташкил медиҳад. Барои ба инобат гирифтани суханони хеш бошад, дар хотимаи гуфтор салоҳияти баназаргирии онро ба зиммаи худи волидайн вогузор карда, узрхоҳӣ намудааст.

Аҳмади Дониш роҷеъ ба тарбияи меҳнатӣ ақидаҳои бузургони гузаштаро дар шароити нави таърихӣ инкишоф дод. Дар асоси омӯхтани ақидаҳои пешиниён ва сафарҳои худ ба Россия мутафаккир ақидаҳои пешқадами замонаро ба миён овард ва мехост ҳарчи зудтар халқи зери зулму золимӣ ва азобу шиканҷа мондаро аз вартаи ногувор раҳоӣ бахшад.

Сараввал Аҳмади Дониш ба омӯзиши касбу ҳунар эътибори ҷиддӣ дода, дар ин хусус дар бобҳои алоҳидаи асарҳояш махсус қайд кардааст. Соҳиб будан ба касби муайянро ба ҳар як фард тавсия дода, ҷонибдориашро аз рушд нишон медиҳад. Дар баробари маълумот додан дар бораи касбҳо, инчунин нозукии онҳоро шарҳ дода, ҳар яки онро воситаи ободии ҷаҳон шумоҳидааст: «Пешаҳое, ки махсуси аҳли сайф аст: силоҳу саворӣ ва тиру туфанг ва гӯштӣ ва донистани дақоиқи он ва илми ҷангу ҷидол. Пешаҳое, ки аҳли ҳираф бад-он тавағғул доранд: аз заргарӣ ва ҳадодӣ ва наҷҷорӣ ва гилкорӣ ва бофандагӣ ва ҳайётӣ ва таббохӣ ва ғайра золика. Ва он чи василаи аҳли деҳқанат аст: аз тарбияти ниҳол ва заръ ва боғу бӯстон ва нигоҳдошти меваҳо дар фусули сол ва саноеи баққолон бо фурӯоти мутакассира. Ҳамаи ин пешаҳо чун масолеҳи ободии ҷаҳонро воситаанд, маҳмуданд ва аз он ҷиҳат, ки дар ҷавҳари рӯҳ ва ақл нуқсон меоранд, мазмум» [2,с.197]. Мақсади аз бар намудани чунин шохаҳои касбро мутафаккир хизмат намудан ба халқу ватан ва расонидани нафъ ба ҷомеа медонад, вагарна баръакси он, яъне ба даст овардани молу чиз ва нон бошад, онро бад медонад: «…агар би-л-асолат нон матлаб бувад, ҳамаи он мазмум бошад» [2,с.197].

Дониш омӯзиши касбу ҳунарҳои гуногунро ба ҷавонон тавсия дода, мегӯяд, ки баҳри омӯхтани он сустӣ накунанд. Нафаре, ки соҳиби касбу ҳунар аст, дар зиндагӣ мутеи ягон нафар нашуда, роҳи ҳаёти худро ёфта, бо меҳнати ҳалол умр ба сар мебарад. Ин гуфтаҳо мисоли равшани ақидаҳои мутафаккир мебошанд: «… дар эҳрози фазоил ва ҳунар, халқро бад-он эҳтиёҷ меафтад, такоҳул ва такосул раво надоред ва салоҳи маданӣ ва манзилиро фи-л-ҷумла муин ва ёвар бошед. Ва касбу саъйи шумо то он ҷо, ки чашму дасти шумо аз дасту кисаи абнои ҷинс мустағнӣ бошад» [2,с.174].

Омӯхтани касбу ҳунарро на ба мақсади молу сарват ҷамъ намудан, балки бо мақсади нафъе расонидан ба ҷомеа, обод намудани кишвар ва пешрафти он шуморида, мегӯяд, ки касбе ки интихоб мекунӣ, манфиати онро, пеш аз ҳама, санҷида баро ва баъдан аз паси амали он шав: «…ба ҳар пешае, ки мубошир мешавед, аввало манофеи онро баршумоpед, ки барои чӣ мекунед. Ва ғарази шумо аз он ҳирфат нон ва таҳсили танаъум набувад, ки он бит-табаъ ҳосилшаванда аст» [2,с.174].

Ҳамин тавр, мақоми аҳли касбу ҳунар ва саҳми онҳо дар инкишофи ҷомеа аз назари Аҳмади Дониш дур намондааст, ки ӯ бо ташвиқу тарғиб намудани касбу ҳунар мехост сатҳи иқтисодӣ ва некуаҳволии мамлакатро баланд бардошта, бо ин роҳу васила тарбияи меҳнатии наслҳои давру замони гуногунро дуруст ба роҳ монад. Чун ба ақидаҳои мутафаккири бузург оиди меҳнатдӯстӣ назар афканем, сар то ба по аз таҷрибаи ҳаётии ҷомеа гирифта шудаанд, ки нисбати андешаҳои ӯ дар рисолаи номзадии Муродов О. В. чунин омадааст: «Дониш нисбат ба гузаштагони хеш дар маҷмӯъ намудҳои олӣ ва одии меҳнатро ба муқобили якдигар нагузоштааст, ки дар осори ӯ метавон дарк кард. Ба ақидаи нависанда меҳнати фикрӣ, ақл ва рӯҳи инсонро ташаккул дода, меҳнати ҷисмонӣ баданро обутоб, саломатиро қавӣ, қоматро рост ва инсонро такмил медиҳад. Барои инсон ҳардуи намуди меҳнат зарур аст» [8,с.36].

Ҷалб кардани диққати аҳли ҷомеа ба омӯхтани илмҳои замона ва касбу ҳунар яке аз хусусиятҳои хосси Дониш буд, ки вай мехост бо ин васила тарбияи меҳнатии насли наврасро дар асоси омӯзиши илму ҳунар баланд бардорад. Ӯ вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушдиояндаи кишварро маҳз дар ҳамин донистааст. Дар ин масъала мувazзаф будани худро дар тарбияи фарзандон ҳис намуда, пеш аз ҳама, фарзандони хешро насиҳат намуда, баҳри ба хатоӣ роҳ надодани онҳо чунин мефармояд: «Пеш аз он ки ба касб шуғл варзед, онро пурра омӯзед, ки интихоби шумо мувофиқи хоҳишатон бошад. Баъд аз ин шумо касеро наметавонед гунаҳкори бадию хубии ин касб донед» [5,с.106]. Вобаста ба андешаи зикршуда рафтори як қисмат ҷавонони замони муосирро мавриди таҳлил қарор медиҳем, ки асосан дар вақти интихоби касб саҳлангорӣ намуда, ҷиҳати дар амал татбиқ гардонидани ихтисоси интихобнамуда бошад, ба номуродиҳо дучор мешаванд. Масалан, дар байни 50 нафар пурсидашавандагон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таҳсил доранд, ба саволи «Ихтисосро ба хоҳиши кӣ интихоб кардед ва чӣ ҳадаф доред?» чунин натиҷа ба даст омад:

а) бо хоҳиши худам ва барои хизмат ба халқу Ватан - 11 нафар;
б) бо хоҳиши волидайн ва ояндадории ихтисос - 16 нафар;
в) бо тавсияи дӯстон ва бонуфузуии ихтисос - 10 нафар;
г) ҷавоб дода наметавонам - 13 нафар.

Мақсади дигари Дониш аз талқин намудани касбу ҳунар аз он иборат буд, ки вай мехост одамон на барои имрӯз, балки барои расонидани нафъ ба оянда меҳнат кунанд ваояндагон аз маҳсули касбу кори онҳо истифода бурда, бахраманд гарданд.

Дар баробари ин гуфтаҳо мутафаккир ҷамъ намудани молу сарватро амали нодуруст нигоштааст. Чуноне ки аз хотираҳои вай аз китоби Расул Ҳодизода бармеояд, баъди оне ки дар як муддати кӯтоҳ дӯсти наздики ӯ аз олам даргузашт, худ ба худ савол гузошта,

чунин гуфтааст: «Чаро худ ба худ ҷабру ситам карда, симу зар ҷамъ мекунад? Борҳо ба худ мегуфт:

- Ин ҷавон ба шиддату тундӣ дар як он монанди коҳбун ба сар-сари аҷал аз миён рафт. Ту бо ин пайкари наҳиф ва ҷуссаи заиф чаро ба нафси худ ранҷу ситам раво дидаӣ? Барои кӣ ва ҷиҳати чӣ ба ҳирси ҷамъ кардан афтодаӣ? Охир, мурдани одамӣ чунин саҳлу осон будааст, мабодо ки ногаҳон бимирӣ ва захираи ту насиби дигарон шавад» [9,с.27].

Дар ҳақиқат, ҷамъ намудани молу сарват ягон шакли маънавии ҳаётро дигаргун сохта наметавонад, чунки хушбахтии инсон дар доштани сарват зоҳир намеёбад. Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар асоси андешаҳои мутафаккир моро зарур аст, ки насли наврасро дар рӯҳияи амалигардонии манфиатҳои умум ва меҳнатдӯстӣ тарбия намоем, то мафкураи маънавии онҳо рушд кардаву ҳаёташон ба ҷамъоварии сарвати зиёд сарф нашавад.

Ба ҳамин мазмун дар мавриди ҷамъ намудани молу сарват А. Дониш аввал бурдани ранҷ, баъдан пос доштани он ва сипас бо ҳасрат гузаштан аз ин оламро чунин ба қалам додааст:

*Дар аввал чу хоҳӣ кунӣ ҷамъ мол,*
*Басе ранҷ бар хеш бояд гумошт.*
*Пас, аз баҳри он то бимонад ба ҷой,*
*Шабу рӯз мебоядат пос дошт.*
*В-аз ин ҷумла алҳол мушкилтар аст,*
*Ки охир бо ҳасрат бибояд гузашт [2,с.241].*

Аз нигоҳи маорифпарвари бузург аз ҳама гаронтарин лаҳза барои инсон бо ҳасрат гузаштани ӯ аз олам аст, ки молу сарвати ҷамънамударо бо худ бурда натавониста, афсӯсу надомат меҳӯрад ва ин дарси ҳаёт барои дигарон бояд бошад.

Ин ҳама ақидаҳои Аҳмади Дониш дар асоси мушоҳида бурдан аз ҳаёти халқ, қашшоқӣ ва бенавоии оммаи меҳнаткашон, аз тарафи дигар аз ҳисоби ғорат ва хонахароб намудани онҳо аз ҷониби сарватмандон ва соҳибқудратон, осудаҳолона ва бо айшу ишрат зиндагӣ ба сар бурдани табақаҳои ҳукмрон ба миён омад. Ӯ мехост бо ин осори худ дар дили ҳар як фард меҳру муҳаббат, раҳму шафқат ва интихоби касбу меҳнати ҳалол карданро бедор намояд ва зиндагии муътадили тамоми мардумро мароми асосии худ қарор дода буд.

Аҳмади Дониш нисбат ба амир ва сипоҳиён, ки аз ҳисоби ғорати меҳнаткашон айшу ишрат менамоянд ва рӯҳониёне, ки барои соҳиб шудан ба мансаб дар назди амир ва ашрофон лагандбардорӣ мекарданд, нафрат дошт. Нисбат ба онҳо ҳисси бадбинӣ зоҳир намуда, чунин менависад: «Амир, вазир, уламо ва умаро ҳама қадам бар қадами ҳам буванд… ҳама мазкур ва маҳкур бар касби мол буванд…ҳеҷ кас дар назари дигаре намеояд… ғайри худро дар ҷаҳон намедид ва ҳама саргарми тараддуди ин ки султон ӯро шиносад, қозӣ дар паҳлуи хеш нишонад ва ба раис ҳамкоса ва ба асас ҳамсоя бошад… Бас агар ҳоли султонро тафтиш кунӣ: фосиқе, золиме, саффоке; ва қозӣ марди мурташеъ ва ҳаромхоре, ғосибе; раис… бедиёнате; асас-мухаммар (арақхӯр) ва муқаммаре (қартабоз), саркардаи роҳзанон ва саркардаи сориқон (дӯздон) мебуд» [4,с.92].

Бояд гуфт, ки дар асоси осори пурғановати ҷамъиятӣ, сиёсӣ, фалсафӣ, маорифпарварӣ ва педагогии ин мутафаккир, олимон, таърихнигорон ва педагогҳои бузурги даврони шӯравӣ ва замони муосир дастурҳои ҷудогона ба табъ расонида, дар ин мавзӯъ якчанд рисолаҳои номзадиву докторӣ дифоъ намудаанд. Пажӯҳиши ин масъаларо бештар дар корҳои Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Е. Бертелс, С. Улуғзода, З. Раҷабов, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, А. Боҳовуддинов, Маъруф Орифӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Масалан, Маъруф Орифӣ ақидаҳои ин мутафаккири бузургро таҳлил карда, дар китоби «Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик» аҳамияти онро чунин шарҳ додааст: «Аҳамияти эҷодиёти Аҳмади Дониш ин аст, ки сохти амирии Бухороро ҷасурона танқид карда, ислоҳ намудани идораи давлатро талаб намуд, ба омӯхтани маданияти пешқадами рус ва фанҳои дунявӣ даъват карда, масъалаҳои муҳимми беҳбудии аҳволи халқи меҳнаткаш, ободонӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори мамлакат, инкишоф додани маорифу маданиятро пеш гузошт. Ин ҷиҳати эҷодиёти Аҳмади Дониш дар он шароити асримиёнагии Аморати Бухоро бечуну чаро аҳамияти прогрессивӣ дошт» [7,с.126].

Ё худ, дар ҷойи дигар ба ақидаҳои иҷтимоӣ-педагогии ин мутафаккир баҳои баланд дода, чунин қайд намудааст: «Ақидаҳои иҷтимоии педагогии Аҳмади Дониш баландтарин қуллаи тараққиёти афкори педагогии халқи тоҷик дар давраи пеш аз инқилоб буда, аз тарафи пайравони ӯ намояндагони пешқадами ҷараёни прогрессивии маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Шоҳин, Ҳайрат, С. Айнӣ ва дигарон давом дода шуд» [7,с.138].

Новобаста аз таҳлилҳои олимону муҳаққиқон, имрӯз бояд ба андешаҳои педагогии Аҳмади Дониш таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, бобати таъсиррасонии масъалаҳои тарбиявӣ ва махсусан, касбомӯзиву ҳунармандии насли наврас аз он истифода барем, ки

осори пурғановати маҳз ҳамин гурӯҳи абармардони илму маърифат омили муҳимми ташаккули муносибатҳои инсонӣ ва ғановати фарҳангиву иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ хоҳад гашт.

Хулоса, аҳамияти осори Аҳмади Дониш дар пешрафти илму фан, адабиёти тоҷику форс ва ҳамзамон педагогикаи халқӣ ниҳоят назаррас мебошад, ки дар баробари дигар ҷузъҳои таркибии тарбия перомуни тарбияи меҳнатӣ ақидаҳои худро дорад. Ба ин масъала рӯ оварда, чунин мепиндорем, ки тарбия намудани насли наврасу ҷавон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ дар замони муосир вазифаи аввалиндараҷаи ниҳодҳои иҷтимоӣ: оила, муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷомеа мебошад, ки ин ҳама дар пешрафти ҷомеа нақши муҳим мебозанд.

## АДАБИЁТ


1. Антология педагогической мысли таджикского народа / М. Лутфуллоев, С. Сулаймони, Х. Афзалов. - Душанбе: Матбуот, 2009. -448 с.
2. Аҳмади Дониш. Асарҳои мунтахаб. Бо тавзеҳоти ба чоп тайёркунандаи маҷмӯа Р. Ҳодизода. - Сталинобод, 1959. -286 с.
3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ Китоби 2. - Душанбе: Дониш, 1989. -339 с.
4. Аҳмади Дониш, Рисола. - Сталинобод, 1960
5. Ахмад Дониш. Путешествие из Бухары в Петербург. –Душанбе: Ирфон, 1976. - 278 с.
6. Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон. Китоби дуюм /Б. Ғафуров. -Душанбе: Ирфон, 1985. -409с.
7. М. Орифӣ. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик /Орифӣ М. -Душанбе Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. -185 с.
8. Муродов О.В. Педагогические основы трудовой деятельности молодёжи в условиях рыночной экономики и ее роль в формировании социально-активной личности: диссертация /О.В. Муродов. -Душанбе, 2006. - 165 с.
9. Расул Ҳодизода Аҳмади Дониш. /Ҳодизода Р. –Душанбе: Маориф, 1967. -190 с.
10. Раҷабов З.Ш. Маорифпарвар Адмади Дониш /З. Раҷабов. –Душанбе: Ирфон, 1964. -306 с.


## АҚИДАҲОИ ИҶТИМОИЮ ПЕДАГОГИИ АҲМАДИ ДОНИШ ОИБ БА МЕҲНАТДӮСТӢ ВА КАСБОМӮЗӢ


Мақолаи мазкур назарияҳои педагогиро бобати тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунии наврасон ва ҷавонон дар худ фарогир буда, асосан ба эҷодиёти яке аз барӯмандтарин мардони майдони маърифат, саромади маорифпарварони Осиёи Марказӣ Аҳмад Махдуми Дониш такя менамояд. Замони кунунии инкишофи илму техникаро бе истифодаи андешаҳои маорифпарваронаи бузургони илму адаб тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем ҷиҳати таъсиррасонӣ ба тарбияи насли наврас ба махзани маърифат рӯ оварда, перомуни меҳнатдӯстиву касбинтихобкунии онҳо мусоидат намоем. Баробари таълиф гаштани асарҳои калонҳаҷм, дастуру васоити таълимию тарбиявӣ ва рисолаҳо муҳтавои андешаҳои Аҳмади Дониш дар мақола ҷой дода шудааст, ки барои омӯзишу мавриди амал қарор додан дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ нақши муассир мебозад. Муҳтавои мақолаи мазкурро дастовардҳои назариявии Аҳмади Дониш ташкил дода, дар алоқамандӣ бо таҳлили олимону муҳаққиқон ҷиҳати дар амал татбиқ гардонидан як қатор таҳлилҳо низ оварда шудаанд, ки хусусияти роҳандозӣ шуданро доранд. Ин ҳама хонандаро водор менамояд, баҳри ғанӣ гардонидани моликияти моддӣ талош накарда, балки барои мавқеи иҷтимоии хешро устувор гардонидан ба омӯзиши касбу ҳунар бештар мароқ зоҳир намояд. Бинобар ин, ҳангоми таълифи мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода, як андоза назария бо амалия алоқаманд карда шуда, дар ҳошияи таъкидҳои мутафаккир байни муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар пурсишнома низ гузаронида шудааст.

Дар заминаи таҳлил ва татбиқи назарияи иҷтимоию педагогии Аҳмади Дониш хулосаи амиқ низ бароварда шуда, нақши осори ӯ дар тарбияи насли бакамолрасанда баланд арзёбӣ гардидааст.



**Калидвожаҳо:** тарбияи оилавӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳунармандӣ, касбомӯзӣ, ақидаҳои иҷтимоӣ, ақидаҳои пешқадам, ҷомеа, мафкураи маънавӣ, нақши тарбиявӣ.


## СОЦИАЛЬНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ИДЕИ АХМАДА ДОНИША О ТРУДОЛЮБИИ И ПРИОБРЕТЕНИИ ПРОФЕССИЙ


Данная статья включает в себя педагогические теории о трудовом воспитании и приобретении профессии среди подростков и молодёжи. В статье автор в основном опирается на произведения одного из величайших мыслителей и основателя просветительского движения в Центральной Азии Ахмада Махдума Дониша. Современный этап развития науки и техники невозможно представить без использования просветительских идей величайших учёных. В связи с этим, мы намерены, с целью влияния на воспитание подрастающего поколения обратиться к великим учениям о трудолюбии и приобретении профессии. Наряду с выпуском крупных произведений, методических и учебных пособий, диссертаций в рамках научной статьи рассмотреть учения Ахмада Дониша. Суть данной статьи заключается в теоретических достижениях Ахмада Дониша. В результате анализа учений других учёных и исследователей с целью реализации учений Ахмада Дониша приведен анализ, который поможет в процессе апробации этих идей. Эти учения наставляют читателей приобретать трудовые навыки не для материального обогащения, а для укрепления своего социального статуса. В связи с этим, в процессе составление статьи мы попытались связать теорию с практикой и в рамках учения мыслителя провели опрос среди учащихся высших учебных заведений. На основе анализа и реализации педагогических учений Ахмада Дониша, пришли к выводу что, роль его произведений в воспитании подрастающего поколения является важной.



**Ключевые слова:** семейное воспитание, трудолюбие, ремесла, приобретение профессии, социальные идеи, передовые идеи, общество, нравственные идеи, воспитательная роль.

**SOCIAL AND PEDAGOGICAL IDEAS OF AHMAD DONISH ABOUT TRIBUTE AND PURCHASE OF THE PROFESSION**

This article includes pedagogical theories about labor education and the acquisition of a profession among teenagers and young people. In the article, the author mainly relies on the works of Ahmad Mahdoom Donish, one of the greatest thinkers and founder of the Enlightenment Movement in Central Asia. The present stage in the development of science and technology can not be imagined without the use of the educational ideas of the greatest scientists. In this regard, we intend to influence the upbringing of the younger generation to address the great doctrines of hard work and the acquisition of a profession. Along with the release of major works, methodical and teaching aids, dissertations within the framework of the scientific article, we want to present the teachings of Ahmad Donish to readers. The essence of this article is the theoretical achievements of Ahmad Donish. As a result of the analysis of the teachings of other scientists and researchers with the aim of realizing the teachings of Ahmad Donish, a number of analyzes are presented that will help in the process of approbation of these ideas. These teachings instruct readers to acquire labor skills not for material enrichment, but for strengthening their social status. In this connection, in the process of drafting the article, we attempted to relate the theory to practice and, within the framework of the thinker's studies, conducted a survey among students in higher educational institutions. Based on the analysis and implementation of the pedagogical teachings of Ahmad Donish, we came to the conclusion that the role of his works in the upbringing of the younger generation plays an important role.

**Key words:** family education, hard work, crafts, purchase of the profession, social ideas, progressive ideas, society, moral ideas, educational role.

**Сведения об авторе:** ***Сабуров Убайдулло Сайдуллаевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **918-59-62-64.** E-mail: **ubaid-saburzod@mail.ru**

**Information about author:** ***Saburov Ubaidullo Sadulloevich*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanitarian Disciplines. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Street 64/14. Phone: **918-59-62-64.** E-mail: **ubaid-saburzod@mail.ru**

**УДК: 37 (575,3) Х-98**

# ПРИМЕНЕНИЕ ТЕСТИРОВАНИЯ КАК ЭФФЕКТИВНОГО СПОСОБА ПРОВЕРКИ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ ПО МЕХАНИКЕ

***Хусравбеков Л.Д., Шерматов Д.С., Бобоев Т.Б.***

**Таджикский государственный медицинский университет им. А. Сино,**
**Таджикский национальный университет**

Измерения и контроль в сфере образования призваны выяснить, на каком уровне сформированы знания, умения, навыки, способности к творческой деятельности, эмоционально-ценностные ориентации. Контроль призван, таким образом, установить степень достижения целей обучения. Поэтому педагогические измерения сводятся, как правило, к оценке уровни знаний [1,2].

Итоговый контроль по физике проводится накануне завершения темы или раздела предмета перед изучением материала следующего раздела и темы. Его задача состоит в том, чтобы зафиксировать уровень подготовки для решения вопроса о возможности дальнейшего изучения предметной программы. Особой формой итогового контроля являются контрольные работы промежуточной аттестации выпускников школы или студентов.

Для итогового контроля учащихся применяются разнообразные методы контроля: наблюдение, устный контроль, письменная проверка, тесты, практические работы и т.д.

Контрольные тесты представляют собой набор заданий по определенному материалу, измеряющих степень его усвоения. Тесты позволяют применять современные технические средства, автоматизировать контроль. Существуют разные по степени трудности категории тестов, от простейших тестов первого уровня сложности, так называемых тестов на узнавание, требующих найти правильный ответ из нескольких предлагаемых ответов, и до более сложных, предлагающих выстроить группу понятий в определенной логической последовательности или найти пары соответствующих друг другу понятий. Тестовый метод в последние годы стали применяться в нашей системе образования для определения уровня знаний выпускников средних школ в виде централизованного вступительного экзамена (ЦВЭ).

Одной из повседневных задач учительского труда является необходимость осуществлять контроль знаний учащихся. Формы контроля, применяемые учителями, очень разнообразны, но наиболее часто используются письменные или устные опросы. К сожалению, эти формы не лишены недостатков. При проведении устного опроса – это относительно большая затрата времени урока при небольшом количестве выставляемых оценок, при проведении письменных работ количество оценок возрастает, но много времени уходит на проверку [3, с.48].

В наши дни, наряду с задачами и развивающими вопросами, заметную роль приобрели задания в тестовой форме[4]. Обучение без заданий не эффективно, а нередко и вредно, потому

что отучает от мышления и от самостоятельности в учебной работе. Отсутствие или недостаток опыта самостоятельного решения учебных задач переносится и на неумение выпускника школы или вуза успешно решать затем и жизненные задачи. В подлинной образовательной деятельности ведущая роль отводится не только педагогу, но и заданиям. А потому в педагогике не случайно говорят о задачном подходе к организации обучения. Как писал один из сторонников этого подхода, понять новый учебный объект - значит решить какую-то, пусть маленькую, познавательную задачу [5,6, с.16].

С этой точки зрения, сложившаяся практика планирования, учёта и оценки педагогического труда по количеству проведенных лекций или уроков, без реального учёта количества и качества выполненных учащимися заданий, негативно влияет на улучшение образовательной деятельности.

Тестирование как эффективный способ проверки знаний находит в школе все большее применение[7]. Одним из основных и несомненных его достоинств является минимум временных затрат на получение надежных итогов контроля.

Тестирование – более независимый и справедливый метод. Все учащиеся находятся в равных условиях, как в процессе контроля, так и в процессе оценки, практически, исключая субъективизм преподавателя. Следует отметить, что именно тестирование постепенно становится и основной формой сдачи экзаменов. В данное время тестирование является основной формой итогового контроля для всех выпускников школ Таджикистана. С помощью тестовых технологий в течение года можно оценивать уровень усвоения материала учениками и формировать у них навык работы с тестовыми заданиями. Такие тренировки позволяют учащимся при сдаче централизованных вступительных экзаменов (ЦВЭ) реально повысить балл. Во время таких тренировок развиваются соответствующие навыки саморегулирования и самоконтроля. В связи с этим тестирование, как средство измерения и контроля знаний учеников, становится основным методом в таджикских школах.

Использование заданий в тесте и среди них части задания на знание и понимание, части заданий на применение знаний в стандартной и нестандартной ситуации[8], позволит учащимся получить сведения о своих достижениях по объективной условной шкале, сравнить свои успехи по разным предметам и иметь объективные критерии для выбора профиля дальнейшего обучения.

Нами разработан итоговый тест [9, 10, с. 25] для контроля знаний, учащихся по механике, который предназначен для дифференциации учеников 10 класса по уровню подготовки по физике с целью промежуточной аттестации за первую четверть.

**Спортсмен массой 50 кг в течение 10 с изменяет положение согласно закону $\boldsymbol{x = 100 + 2t + 0,03t^2 (м)}$.**

1. Каков вид движения спортсмена?

A) прямолинейно равномерное
)
прямолинейно равноускоренное

B) криволинейно равномерное
)
криволинейно равноускоренное

2. Определить конечную координату спортсмена.

A) 102 м B) 117 м C) 120 м D) 123 м

3.Установить соответствие между кинематической величиной, характеризующей движение спортсмена и её численным значением в СИ:

A) начальная координата 1) 2
B) начальная скорость 2) 100
C) конечная скорость 3) 2,6
D) ускорение 4) 0,03
5) 0,06

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **A** | | | | | |
| **B** | | | | | |
| **C** | | | | | |
| **D** | | | | | |

4. Каково изменение имульса спортсмена?

A) 30 кг·м/с B) 130 кг·м/с C) 230 кг·м/с D) 238 кг·м/с

5. Какую работу совершает спортсмен при движении?

A) 15 Дж B) 69 Дж C) 169 Дж D) 219 Дж

6. Определить мощность, развиваемую спортсменом при движении.

A) 6,9 Вт B) 59 Вт C) 79 Вт D) 690 Вт

7. Каково изменение кинетической энергии спортсмена?

Ответ: ☐☐☐☐ Дж

Ответы:

| 1. | 2. | 3. | 4. | 5. | 6. | 7. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| C | D | 2135 | A | B | A | 69 |

В настоящем тесте применили три формата вопросов, отличающихся по уровню сложности заданий [8]. Первый формат - тестовые задания с ответом на выбор, задачи от №1, №2, №4, №5, №6. То есть из четырёх данных вариантов ответа должны выбрать один, правильный.

Второй формат-тестовые задания на установление соответствия, задача № 3. Например, если экзаменуемый решил, что вопросу А соответствует ответ –2, В – 4, С – 1, D – 5, то он отметит их так, как показано на рисунке 1(а).

**Рис.1. Образец заполнения листа ответов тестового задания на соответствие(а) открытого формата(b)**
**Fig.1. The sample of the answer sheet matching (a) an open test format (b)**




Третий формат- тестовое задания с открытым ответом № 7. Например, если экзаменуемый решил, что правильным ответом на задание является число 10, то он отметит его так, как показан на рисунке 1(b).

Оценивание результатов теста осуществляется следующим образом. За каждый правильный ответ задания с ответами на выбор присвоится 1 балл, за установление соответствия по одному баллу за каждый правильный ответ, т.е. 4 балла за правильное решение задания, и 2 балла за правильного решения задания с открытым ответом [9].

Такие тесты удобно использовать для закрепления изученного материала, а также можно задать для домашней работы.

При распределении заданий теста по уровням сложности авторами был сделан упор на задания базового уровня, т.к. тест рассчитан на учащихся общеобразовательной школы.

При использовании теста принципиально важным является выбор критерия успешности его выполнения. Может показаться обоснованным такой критерий, как успешное выполнение всех заданий теста, не выходящих за пределы требований образовательного стандарта. Однако на практике такой критерий обычно не применяется как неоправданно жесткий по нескольким причинам.

Прежде всего, необходимо постоянно помнить, что каждый учебный предмет в общеобразовательной школе изучается не для запоминания и воспроизведения определенного набора фактов и правил, а для развития способностей учащихся, для последующего применения полученных знаний и умений в практической жизни и в процессе последующего обучения. Как установлено исследованиями психологов, приобретенные знания и умения по какому-либо учебному предмету в основном успешно применяются на практике и пополняются при последующем обучении, если учащийся овладевает более чем 70% содержания материала данного предмета. Поэтому за нижнюю границу для оценки «зачтено» при выполнении итогового теста может быть принято примерно 70% успешно выполненных заданий в пределах обязательных требований образовательного стандарта.

Безусловно, тестирование имеет ряд преимуществ по сравнению с другими формами контроля знаний. На сегодняшний день доступно множество различных форматов тестовых заданий и методов проведения тестирования. Поэтому авторами представлен вариант кратковременного теста, при помощи которого можно закрепить тему или раздел предмета, а также оценивать знание и навыки учащихся по пройденной учебной программе. Для того чтобы хорошо подготовиться и сдать ЦВЭ по физике нужно не только выучить все формулы и теорию, но и научиться быстро, четко и без ошибок решать за небольшое время много задач различной сложности и на различные темы. В этом ученикам могут хорошо помочь итоговые

тесты. Решение итоговых тестов позволяет абитуриентам систематизировать и повторить все необходимые знания, а также освежить навыки необходимые им для успешной подготовки и сдачи ЦВЭ. Лучше всего начинать работу с итоговыми тестами по предмету только после полного изучения всех учебных материалов по соответствующему предмету.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Воронцов А.Б. Некоторые подходы к вопросу контроля и оценки деятельности учащихся /А.Б. Воронцов // Начальная школа. – 1999. – №7. – С.61-71.
2. Воскерчьян С.И. Об использовании метода тестов при учете успеваемости школьников /С.И. Воскерчьян //Советская педагогика. – 1963.– №10. – С.28-37.
3. Аванесов В.С. Композиция тестовых заданий. –2-е изд. исп. и доп. – М.: Адепт, –1998, – 217 с.
4. Хусравбеков Л.Д., Шерматов Д.С. Составление разнообразных форматов тестовых заданий / Л.Д.Хусравбеков, Д.С. Шерматов // в сб.науч. статей 61-ой годичной с международным участием. Вклад медицинских наук в практическое здравоохранение. – Душанбе, – 2013. –С.22-24.
5. Костюк Г.С. Избранные психологические труды. – М.: –1988, – 304 с.

[Электронный ресурс]. URL: http://www.twirpx.com/

6. Балл Г.А. Теория учебных задач. – М.: Педагогика –1990, –184 с.
7. Шерматов Д.С., Хусравбеков Л.Д., Тест как инструмент измерения в системе образования /Д.С. Шерматов, Л.Д.Хусравбеков// В сб. науч. статей 61-ой годич. с международным. участием. Вклад медицинских наук в практическое здравоохранение. – Душанбе, – 2013. –С.22-24.
8. Хусравбеков Л.Д., Шерматов Д.С. Форматы тестовых заданий /Л.Д.Хусравбеков, Д.С. Шерматов // В сб. науч. статей 61-ой годич. с международным участием. Вклад медицинских наук в практическое здравоохранение. – Душанбе, – 2013. –С.117-118.
9. Султонмамадова Ф.О., Тесты по физике. Учебное пособие /Ф.О.Султонмамадова, М.Г.Хамроев, А.А. Гулов. – Душанбе: –2015. – 185 с.
10. Султонмамадова Ф.О., Физика. Воситаи таълимӣ / Ф.О.Султонмамадова, М.Г.Хамроев, А.А. Гулов. – Душанбе: – 2015. – 185 с.


## ТАТБИҚ НАМУДАНИ ТЕСТ, ҲАМЧУН УСУЛИ ФОИДАНОКИ САНҶИДАНИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН АЗ МЕХАНИКА


Мақсади мақола аз таҳия намудани тести санҷишӣ иборат мебошад, ки барои санҷиши дониши хонандагон аз рӯйи барномаи боби физикаи мактабӣ, истилоҳотҳои асосӣ, мафҳумҳо, муайянкуниҳои дар ин боб омӯхташаванда истифода мешавад. Тест дар таҷрибаи системаи маориф он функсияҳоеро иҷро мекунад, ки ба усулҳои анъанавии санҷиш хос нестанд. Тест таълимдиҳии инфиродӣ ва фарқияти сатҳи дониши хонандагон, кори мустақилонаи хонанадагонро муайян карда, барои худсанҷишкунӣ ва худомӯзӣ шароитро муҳайё месозад. Ин гуна санҷиш ба самти бавуҷудоии боварӣ ба баҳои объективӣ ва истифодаи навгониҳо дар таълим, барои ба даст овардани натиҷаҳои баланд таъсир мерасонад. Санҷиши хотимавии сатҳи азхудкунии донишҳои таълимии хонандагон натиҷаи муайянро медиҳад. Мақсади мақолаи мазкур пешниҳоди истифодабарии усули тест мебошад, ки яке аз усулҳои натиҷадиҳандаи баҳодиҳии дониши хонандагон ба ҳисоб меравад. Ин усул дар солҳои охир барои муайян кардани сатҳи дониши хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи таълимӣ, чи дар системаи маорифи Тоҷикистон ва чи дар тамоми дунё мавриди истифода қарор дорад. Муаллифон барои хонандагони муассисаҳои миёнаи таълимӣ тести хотимавиро пешниҳод кардаанд. Тест мувофиқи барномаи мактабӣ таҳия карда шудааст. Дар ин кори методӣ навъҳои гуногуни саволу масъалаҳои тест аз механика оварда шудаанд, ки аз рӯйи душворӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин тести кутоҳ, ки дар мақола оварда шудааст, вобаста ба боби механика мебошад, ки барои санҷиши дониши хонандагон доир ба ин боб пешниҳод карда шудааст. Хонандагон метавонанд масъалаю саволҳоро хонанд, нисбати онҳо фикру мулоҳиза кунанд, ва ҷавоби дурустро интихоб карда, онро дар ҷадвал нависанд. Мақолаи мазкур барои омӯзгорони фанҳои табиӣ - математикии муассисаҳои таълимии умумӣ пешниҳод карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** тестҳои санҷишӣ, таҳияи саволҳо, маориф, навъи саволҳо, қабули имтиҳонҳо, маҳорат, қобилият.


## ПРИМЕНЕНИЕ ТЕСТИРОВАНИЯ КАК ЭФФЕКТИВНОГО СПОСОБА ПРОВЕРКИ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ ПО МЕХАНИКЕ


Целью статьи является разработка итогового теста, который применяется для проверки знаний школьного курса физики, основных терминов, понятий, определений, изучаемых в данном курсе. Тестирование в образовательной практике выполняет такие функции, которые не свойственны традиционным методам контроля. Оно способствует индивидуализации обучения и дифференциации уровней подготовленности учащихся, стимулирует самостоятельную работу учащихся, создает условия для самоконтроля, самоорганизации и самообучения. Такой контроль воздействует в направлении формирования уверенности в объективности оценок и повышения учебной мотивации для достижения более высоких результатов. Итоговый контроль уровня усвоения учебных знаний учащихся констатирует определенный результат. Предлагаемая статья ставит своей целью применение тестового метода, как одного из эффективных способов педагогического измерения, которые в последние годы стали использовать всё шире как в системе образования нашей страны, так и во всём мире для определения уровня знаний выпускников средних школ. Авторами представлен итоговый тест для учащихся средней школы. Он составлен в соответствии с программой средней школы. В работе приводятся разные форматы теста по механике, которые отличаются по уровню сложности заданий, и их обсуждение. Предложен кратковременный тематический тест по механике для контроля знаний, учащихся по пройденной программе. Учащиеся самостоятельно читают задание, осмысливают его, выбирают правильный ответ и вписывают его в

табличку. Статья рассчитана на педагогов естественно-математических дисциплин общеобразовательных учреждений.

**Ключевые слова:** контрольные тесты, составление задачи, образование, формат вопросов, экзамены, навыки, умения**.**

**TESTING METHOD APPLICATION AS AN EFFICIENT METHOD OF CONTROLLING THE LEVEL OF KNOWLEDGE OF STUDENTS IN MECHANIC**

The purpose of this paper is the development of the final test, which is used to check the knowledge of the material of a school course of physics, basic terms, concepts, definitions studied in this course. Testing in educational practice performs such functions, which are not peculiar to traditional methods of control. It promotes individualized learning and differentiation of the levels of preparedness of students, stimulates independent work of students, and creates conditions for self-control, self-organization and self-study. This control acts in the direction of building confidence in the objectivity of the assessment and improvement of learning motivation to achieve better results. Final control of level of mastering of educational knowledge, students noted a certain result. The article, in a broad sense, aims at the application of the test method, as one of the effective ways of pedagogical measurement, which in recent years began to be used more in the education system of our country, and around the world, to determine the level of knowledge of graduates of secondary schools. The authors presented a final test for high school students. It is made in accordance with the primary school curriculum. The paper presents different formats of the test on mechanics, which differ in the level of complexity of tasks and discussion. The proposed short-term thematic test on mechanics for the control of knowledge of students on the program. Students read the test, comprehend it, choose the correct answer and enter it into the plate. This article is intended for teachers of natural mathematical disciplines educational institutions.

**Keywords:** tests, preparation tasks, education, format of questions, exams, skills, abilities.

**Сведения об авторах:** ***Хусравбеков Лоик Давлатбекович*** – отличник образования и науки Республики Таджикистан, ассистент кафедры медицинской и биологической физики с основами информатики ТГМУ имени А.Сино. **Адрес:** 734003,Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 139. E-mail: **loik.khusrawbekov.1977@mail.ru**. Телефон **93-569-63-76.**

***Шерматов Д.С.*** – доктор физико-математических наук, профессор, заведующий кафедрой медицинской и биологической физики с основами информатики ТГМУ имени А.Сино, **Адрес:** Таджикистан, 734003, г. Душанбе, Рудаки, 139. E-mail: **erkin_sermatov@list.ru**. Телефон **919-04-49-48.**

Бобоев Т.Б. – доктор физико-математических наук, профессор кафедры общей физики ТНУ, Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-558-69-06**.

**Information about the authors:** ***Khusrawekov Loik Dawlatbekovich*** – excellence of education and science of the Republic of Tajikistan, assistant of the Department of medical and biological physics with bases of Informatics TSMU named after A. Sino. Address: Tajikistan, 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue, 139. E-mail: **loik.khusrawbekov.1977@mail.ru** Phone **93-569-63-76.**

***Shermatov D. S.*** – doctor of physico-mathematical Sciences, Professor. Head of the Department of medical and biological physics with bases of Informatics TSMU named after A. Sino, Tajikistan, 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue, 139. E-mail: **erkin_sermatov@list.ru** Phone **919-04-49-48.**

***Boboev T. B.*** – doctor of physico-mathematical Sciences, Professor of the General physics Department of TNU, Address: Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **93-558-69-06.**

**УДК:373.167.1:811.11(575.3)**

# ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ҲАМЧУН АСОСИ АЗХУДКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ – ИДРОКИИ ДОНИШҶӮЁН

***Алиева Г.***

**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Фаъолияти таълимӣ ба маънии васеъ ҳамчун фаъолияти субъект оиди азхудкунии усулҳои ҷамъбасткардашудаи амалҳои таълимӣ ва худинкишофдиҳӣ дар раванди ҳалли вазифаҳои таълимӣ дида баромада мешавад, ки онҳоро омӯзгор махсус дар асоси назорат ва баҳогузории беруна гузоштааст, ки ба худназорат ва худбаҳодиҳӣ мегузарад. Аҳамияти фаъолияти таълимиро дар рушди психологии донишҷӯ асоснок намуда, Д.Б. Эколнин қайд намудааст, ки «…бо ҷамъиятӣ будан аз рӯйи маънӣ, мазмун, аз рӯйи шакли амалисозӣ, он инчунин дар як вақт аз рӯйи натиҷа фардӣ низ мебошад…» [6, с. 246] ва бо ин махсусияти асосии онро қайд кардааст. Дар раванди ташаккули хонанда ҳамчун субъекти фаъолият мақсаднокӣ, мустақилият ва худтанзимкунӣ ташаккул меёбанд, хусусиятҳои рӯҳӣ ва рафтори ӯ тағйир меёбанд; лекин ин тағйиротҳо аз натиҷаҳои амалҳои хусусии ӯ вобастагӣ доранд. Инсон ҳамчун субъекти фаъолияти назариявӣ,қайд намудааст Б.Г. Ананев, бо донишу маҳоратҳои, кор фармудани системаҳои махсусгардонидашудаи маълум тавсифот мешавад [1, с. 147]. Фаъолияти таълимӣ аз рӯйи сохтори худ маълумоти мураккаб арзёбӣ мегардад, ки ба таркиби он мақсадҳои таълимӣ–маърифатӣ, вазифаҳои таълимӣ ва мазмуни операторИи онҳоро таркибдиҳанда: амалиётҳои таълимӣ; назорат; баҳогузорӣ дохил мешаванд.

Тавсифоти муфассали сохтори фаъолияти таълимӣ дар асарҳои В.В. Давидов ва Д.Б. Элконин [2, с. 6] пешниҳод гардидааст, ҷанбаҳои ҷудогонаи он бошад, дар як қатор таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва мақолаҳо ошкор гардидаанд.

Фаъолияти таълимӣ танҳо дар чаҳорчӯбаи навъи махсуси мубодилоти фаъолиятҳо ба миён меояд, ки ҳамчун ҳалли муштараки вазифаҳо тақсимот мешавад, ки толибилмон дар асоси ҷамъбасткуниҳои мафҳумие, ки барои омӯзгор зарур аст, қабул кардаанд. Воридсозии хонанда ва омӯзгор ба ҷустуҷуйи муштарак на ба ҷудосозии функсияҳо байни онҳо, балки ба тақсимоти марҳилаҳои пай дар пайи ҳалли масъалаи таълимӣ такя менамояд ва бо ин ба худ характери фаъолияти муштарак тақсимотшударо касб менамояд.

Характери инкишофдиҳандаи фаъолияти таълимӣ бо мазмуни он алоқаманд аст, ки, дар навбати худ, методҳои ташкил ва характери амаликунии мутақобилаи иштирокчиёни онро шартнок месозад: омӯзгор бояд «оиди илмӣ будани мазмун, яъне оиди он ки кӯдакон низоми мафҳумҳои илмӣ ва усулҳои бадастории онҳоро аз худ намоянд ғамхорӣ намояд [3, с. 284].

Ҳамчун усулҳои фаъолияти таълимӣ амалҳои зеҳнӣ (амалиётҳои зеҳнӣ) баромад менамоянд; усулҳои аломатӣ ва шифоҳӣ, ки дар шакли онҳо мазмуни фанни таълимӣ аз худ карда мешавад, сатҳи худии донишҳо ёд гирифта мешавад, ки бо воситаи воридсозии донишҳои нав ба онҳо таҷрибаи фардӣ ба роҳ монда мешавад. Сохтори сеҷузъаи таркиботи психологӣ ташаккули фаъолияти таълимиро таъмин менамояд. Ба ташаккули хонанда ҳамчун субъекти он мусоидат намуда, фаъолнокии идрокии ӯро ҳавасманд мегардонад.

Ба баландбардории фаъолнокии идрокӣ ташкили ҳамкории таълимӣ мусоидат менамояд, ки дар ду ҷанба дида баромада мешавад: таъсири фаъолияти муштарак ба рушди кӯдак, маҳорати хонандагии ӯ, ташаккули гурӯҳ, коллектив ва омӯзиши худи амалиёти муштарак ва нақши он дар бамиёноии намудҳои нави фаъолияти кӯдакон.

Ҳамкорӣ ҳамчун фаъолияти муштарак, ҳамчун системаи ташкилии фаъолноки идрокии субъектҳои дорои амалиёти мутақобила, ҳамчун шакли муоширати дидактикӣ бо мушорикати дуҷонибаи фазоӣ ва муваққатӣ, ягонагии мақсад, ташкил ва идоракунии фаъолият, тақсимоти функсияҳо, амалҳо, бартарии муносибатҳои байнишахсиятӣ тавсиф мешавад. Уфуқҳои асосии ҳамкорӣ дар фаъолияти таълимӣ инҳо мебошанд: омӯзгор – хонанда – хонандагон, амаликунии мутақобилаи умумигурӯҳии хонанда ва омӯзгор «бо худ». Сатҳҳои зерини муоширати таълимӣ ҷудо карда мешаванд: «омӯзгор – хонанда», «омӯзгор – хонандагон», «хонанда – китоб», «хонанда–гузориши таълимӣ-озмоишӣ». Ғайр аз шаклҳои ишоратгардидаи муошират худи муошират низ хеле муҳим мебошад, ки онро психологҳо муоширати дохилӣ мегӯянд [4].

Принсипи амаликунии мутақобилаи педагогии омӯзгор ва хонандагон, ки на танҳо интиқоли мазмуни муайян, инчунин рушди шахсиятии онҳоро кафолат медиҳад.

Дар шароитҳои ҳамкорӣ вазифаҳои мушкили зеҳнӣ хубтар ҳалли худро меёбанд, малакаҳои иртиботӣ ташаккул меёбанд, чунин ҷузъҳои фаъолияти зеҳнӣ, ба монанди мақсадгузорӣ, назорат, баҳогузорӣ ташаккул меёбанд, я рефлексия инкишоф меёбад; кор дар гурӯҳҳо фаъолияти таълимии донишҷӯёнро фаъолнок ва мақсаднок мегардонад, ки ин ба ташаккули фаъолнокии идрокии онҳо мусоидат менамояд.

Самаранокии фаъолияти муштарак бо характери ташкили ҳамкорӣ, аз ҷумла батартибандозии берунаи фаъолияти иштирокчиён ба воситаи тақсимоти нақшҳо ва ё додани вазифаҳо оид ба фаъолияти муштарак муайян карда мешавад. Дар як қатор таҳқиқотҳо гуногунии ҳалли масъала оиди таркиби гурӯҳ, бартарияти корҳо дар дугонаҳо (диадаҳо), сегонаҳо (триадаҳо) ва ё дар гурӯҳ қайд карда мешавад. Таъсири муошират ба характери равандҳои зеҳнӣ аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад, ки дар байни онҳо Б.Ф. Ломов [4] хусусиятҳои фардии одамони дар фаъолияти муштарак иштироккунанда, таносуби қарорҳои аз ҷониби онҳо қабулшаванда, усулҳо ва воситаҳои муошират, муносибатҳои байнишахсиро ҷудо менамояд.

Фарқият дар усулҳои тақсимоти фаъолият байни иштирокчиён, ки дар таҳлил, азнавсозӣ ва моделикунонии усулҳои фаъолияти муштараке, ки калонсолон вазифа медиҳанд, имконият доданд, ки ду навъи асосии ташкили амалҳои муштараки таълимӣ ва механизмҳои ба он мувофиқи психологии танзимкуниро ҷудо намоем. Барои ташкили фаъолият аз рӯйи навъи якум рӯбардоркунии аниқи усулҳои тақсимоти фаъолият хос аст, ки аз ҷониби калонсолон дар шакли моделҳо ва схемаҳо пешниҳод мешавад. Ташкили кор аз рӯйи навъи дуюм имконияти азнавсозиро барои хонандагон ҳангоми иштирок ва ёрии муайяни калонсолон пешбинӣ менамояд, ки бо усули фаъолияти муштарак дода шудааст, ки ин куллан усули амаликунии мутақобилаи донишҷӯёнро байни ҳам ва калонсолон иваз намуда, ба барқарорсозии алоқаи мазмуннок . байни усули амаликунии мутақобила ва ҷустуҷӯйи ҳалли масъала мусоидат менамояд. Дар курсҳои поёнӣ кор асосан аз рӯйи навъи якум ба роҳ монда мешавад; азхудкунии навъи дуюми амаликунии мутақобила ҳангоми ташаккули мақсадноки он имконпазир аст.

Ҷустуҷӯйи муштараки маънии умумии фаъолияти дарпешистода, муайянсозии умумии мақсади асосии он мазмуни иртиботро шартнок месозад, ки ба он иштирокчиёни фаъолият дохил мешаванд ва бо ин ба он характери муоширатро ҳамроҳ менамояд. Муошират на танҳо мубодилоти афкорро пешбинӣ менамояд, инчунин мубодилоти афкор, ҳиссиётро талаб менамояд, ки бо ин предмет, баҳогузориҳои он ба миён меояд. Раванди инкишофи нутқ бо таълими гӯшкунӣ бевосита алоқаманд аст. Гӯшкунӣ ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва бо ин ба рушди тафаккур мусоидат менамояд: «… шунаванда низ ҳарф мезанад, …танҳо… бо худ дар дил» [4, с. 454]. Бо гӯш кардан, шунавиданро омӯхтан вазифаи муҳим аст назар ба они ки босаводона фикрҳои худро баён созӣ. Дар ҳолати мазкур маҳоратҳои муқоисасозии иттилоот дар якчанд матн аз рӯйи як масоил ва ошкорсозии умумият ва фарқияти онҳо ташаккул меёбад. Дарк ба воситаи шунавоӣ дар асоси як матн бо мураккабсозии мураттаби вазифаи аудитивӣ гузашта метавонад. Сохтори машғулият:

1. Муқоисаи якчанд реплика ва муайянсозии айният ва ё фарқияти ақидаҳои дар онҳо ифодаёфта. E. g.: Modern technology has a very bad effect upon nature. Modern technology is likely to ruin nature.

2. Муқоисаи фикри баёншуда аз рӯйи ҷадвали гузоришшуда. E. g.:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Due to automatization of industry, life in the future will become | easy<br>difficult<br>interesting | Because<br>people will | become lazy and more passive.<br>do more intellectual work.<br>be able to learn several jobs in a lifetime. |

3. Муқоисаи репликаҳои муфассал, ки дорои маълумотҳои гуногун мебошанд, бо мақсади муайянсозии он ки репликаи дуюм дорои иттилооти иловагӣ ва ё иттилооте ҳаст, ки бар репликаи якум мухолиф аст. E. g.: a) Air pollution is dangerous because it causes different bad diseases. You cannot guess what has ruined your health. b) No matter how hard you try to keep fit, it's hardly possible in a big city. There are too many factors - polluted air, noise of the traffic.

4. Гӯш кардани матни равон бо мақсади ҷудосозии масоили асосӣ.

5. Таҷдиди мазмуни матн дар намуди ҷавобҳо ба саволҳое, ки дар он мавҷуданд.

Ҳамин тариқ, дар тамоми марҳилаҳои машғулият ҷалби хонандагон ба муошırати корӣ ба амал меояд. Воридсозии хонанда ба чунин муошират ҳангоми бартарии се шарти пешакӣ ба амал меояд: мазмуни таълим, ба воситаи фаъолияте, ки байни омӯзгор ва хонанда тақсим карда шудааст; ташкили раванди таълим, дар шакли гуфтугӯ байни теъдоди зиёди муоширатчиён; иштироки донишҷӯён дар он ошкор ва аз худ карда мешавад. Дар натиҷаи мубодилоти афкор хонандагон ба дарки амиқи фан меоянд, ки ин имконият медиҳад боз ҳам устувор ва бомуваффақият амал кунанд. Ва ин таваҷҷуҳи кӯдаконро дар чунин мубодилот бо дӯстону омӯзгорон бедор месозад. Ҳангоми шароитҳои мусоид мубодилоти иттилоот ба талабот дар муошırати корӣ бо шарикон аз рӯи фаъолият ҳамчун шарти муҳимми муваффақиятнокии он мубаддал мегардад.

Дар як вақт хонандагон маҳоратҳои иртиботиро аз худ менамоянд – маҳоратҳои ифодаи асосноки ақидаҳои худ ва қабули дурусти ақидаи мусоҳиб ва принсипҳои асосии сохтани муошират: дарки якдигари иштирокчиёни муошират, манъи яквақтаи гузориши ақидаҳои худ, алоқаи иттилооти нав бо иттилооти пештар батабъррасида, пешниҳоди ақидаҳои худ дар шакли ҷумлаҳои пай дар пайи ба ҳам алоқаманд. Дар машғулиятҳои мазкур маҳоратҳои зерин коркард мегарданд: а) ҷамъбаст кардани гуфтаҳо; б) баёни нуқтаи назари худ; в) ҳифзи ақидаҳои худ бо ёрии далел овардан. Дар машғулиятҳои навъи зерин метавон тамоми амалиётҳои зеҳниро пешниҳод кард. Дар ҳолати зерин интихоб, гурӯҳбандӣ, таҳлил, ҷамъбасткунӣ истифода бурда мешаванд. Лекин амалиётҳои пешбар муқоиса аз рӯйи зиддият ва дар ёд доштан мебошанд.

Сохтори машғулият:

1. Гӯш кардани як қатор репликаҳои кӯтоҳ ва гурӯҳбандии онҳо: ImayspendthiseveninghowIwant. You have to speak to him. I may not look after her children. He must not give your baby those sweets.

2. Гӯш кардани репликаҳои равони баҳсталаб ва интихоби барзиёди далелҳое, ки ба нуқтаи назари ифодаёфта ҷавобгӯянд: Havingacarislikelytoshortenone'slife. For one thing, you pollute fresh air. Then you have a risk to get into an accident. And to finish with, …

… there coming the problems of repair and getting petrol.

… you don't get enough exercise.

… people will always be asking you to give them a lift.

3. Интихоби ҷумлае, ки репликаи муфассалро ҷамъбаст менамояд. E.g.: Having a car is dangerous.

Ҳамин тариқ, муошırати таълимӣ, ки дар раванди таълими таърих ва забони англисӣ ба миён меояд, шарти муҳимми ҳалли муваффақиятомези вазифаҳои минбаъдаи таълим, аз ҷумла вазифаи инкишофи нутқи донишҷӯён ва тафаккури онҳо мебошад. Самти асосии ин раванд гузариш аз нутқи худазхудрӯйдиҳанда ба танзими ихтиёрии он мебошад, ки интихоб ва ё дар хотир нигоҳ доштани воситаҳо ва шаклҳои нутқӣ мебошад, ки ба мақсадҳои боз ҳам мураккабшавандаи мазмуни муошırати таълимӣ ҷавобгӯянд. Ин гузариш ба қобилияти баҳогузории рефлексионии амалҳои худ, ки дар раванди муошırати таълимӣ, аз ҷумла иртиботӣ ташаккул меёбад, такя менамояд. Истифодаи методҳои муайяне, ки ба ташаккули малакаҳои зерин равона карда шудаанд, мувофиқи мақсад аст.

Таъмини фаъолнокии зарурии ҳаракатӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар машғулиятҳо бе ҷазб шудан ба ҷойи дигар кор кунанд ва тамоми диққати худро ба фанни омӯхташаванда равона созанд ва бо ин ба вайронсозии тартибот роҳ надиҳанд, ки дар серҳаракатии барзиёд ва фаъолнокии нутқӣ зоҳир мегардад.

Дар ташкили фаъолияти идрокӣ дар машғулиятҳо аз фанни таърих ва ё забони англисӣ ва инчунин фанҳои равияи гуманитарӣ вазифаи фаъолгардонии тафаккури донишҷӯён дар навбати аввал ҷой дорад.

Таълим ҳангоми маҳдудсозӣ танҳо бо функсияи интиқоли иттилооти барзиёд самараи кам меорад. Чунки миқдори зиёди иттилоот маънии ақли инкишофёфтаро надорад; балки иттилооти бадастомада ҳамчун бори нолозим дар хотираи толибилм нақш мебандад. Фаъолгардонии тафаккур дар сатҳҳои гуногуни фаъолияти идрокӣ ҳамчун захираи муҳимми такмили методикаи таълими фанҳои равияи гуманитарӣ дида баромада мешавад. Фаъолгардонии фаъолияти идрокӣ бояд муқоисаи нуқтаи назари гуногун, ақидаҳои имконпазирро бо амри воқеӣ ва зарурияти ташаккули тафаккури қатъиро пешбинӣ намояд. Инчунин, хонандагон бояд донанд, ки асосҳои тафаккури онҳо ҳеҷ гоҳ универсалӣ нестанд ва дигар системаҳои ҷаҳонбинӣ низ мавҷуданд. Лекин ҳуқуқи доштани фикру нуқтаи назари худро аз ҷониби хонандагон бо шарти маҳорати асосноксозии онҳо, ташкили идрок ҳамчун «ихтироъ» бояд эътироф намуд, ки дар рафти он омӯзгор ба хонанда методҳо ва воситаҳои азхудкунии мустақилонаи донишҳоро нишон медиҳад.

Яке аз шаклҳои имконпазири фаъолгардонии фаъолияти идрокӣ дар шароитҳои муосир истифодаи чунин воситаҳои методӣ, ба монанди дафтарҳои корӣ, масъалаҳои идрокӣ мебошад, ки бояд байни ҳамдигар бо воҳидҳои дидактикии маҷмӯи таълимӣ–методӣ алоқаманд бошанд. Дар мазмуни онҳо бояд масоили проблемавӣ барои ташкили кор дар сатҳҳои дигаргунсозанда ва ё эҷодӣ ва масъалаҳо барои такрори мавод бо ҷузъҳои тафаккур ҷой дошта бошанд, ки ба сатҳи тазаккурдиҳанда равона карда шудаанд, лекин вазифаҳои рушди малакаҳои амалиётҳои асосии тафаккуриро ба ҳисоб мегиранд. Троитский Ю.Л. ғояро дар бораи он ки воситаҳои методӣ чист, чӣ гуна дафтарҳои корӣ имконияти ивазкунии китобҳои дарсиро бо доро мебошанд, пешниҳод месозад [5]. Дар бораи мувофиқи мақсад будани ташкили системаи машқҳои идрокӣ ҳамчун воситаи дидактикии фаъолгардонии фаъолияти идрокӣ таҳқиқотҳои муҳаққиқон ва коркардҳои методии омӯзгорони таҷрибадор шаҳодат медиҳанд. Сохтори машғулият (амалиётҳои пешбари зеҳнӣ дар машғулиятҳо: таҳлил, ташхис, интихоб, дар хотир нигоҳ доштан):

1. Ҳудудгузорӣ байни тавсиф ва нақл кардан. E. g.: He sat, his teeth bared in his bloody face, while his spent arms flailed the impotent paddle at the water.
2. Ошкорсозии мақсади истифодабарии ҷузъиёт дар порчаи матн.
3. Мустақилона интихоб карда гирифтани ислоҳот барои хотима додани порчаи матн. He paddled on, (steadily and strongly), with a calculated husbandry of effort.

И.Я. Лернер қайд намудааст, ки вазифаҳои идрокӣ, ки дар система пешниҳод гардидаанд, имконият медиҳанд, ки фаъолияти идрокии донишҷӯёнро дар сатҳҳои гуногун идора созанд [3, с. 49-50].

Вазъи муосири кори идеологӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки гузариши ҳолати иҷтимоӣ ба педагогӣ ташкил карда шавад. Чунин муносибат баҳисобгирии таҷрибаи ҳаётии толибилмон, имконияти нишон додани амри воқеии муосирро дар тамоми ихтилофотҳои он пешбинӣ менамояд, ба хонандагон имконият медиҳад, ки бо ёрии омӯзгорон маънии воқеаҳоро дарк намоянд ва нуқтаи назари худро ташаккул диҳанд.

Бо донистани он ки фаъолияти омӯзгор бевосита ба таркиби фаъолияти хонанда дохил мешавад ва ба натиҷаҳои он таъсир мерасонад, метавон муайян намуд, ки дар чунин шароитҳо ҳарду тараф ҳамчун субъекти идрок баромад менамоянд, ки ин муносибатҳои субъект – объектиро ба муносибатҳои мутақобилаи субъектӣ иваз менамояд.

Хусусиятҳои асосии ташкили фаъолияти идрокии донишҷӯёнро ҷамъбаст намуда, махсусиятҳои зерини онро метавон қайд намуд:

1. Ташкили фаъолияти идрокӣ дар сатҳи дигаргунсозанда, ки дар он донишу маҳоратҳое, ки дар сатҳи тазаккурдиҳанда ба даст оварда шудаанд, бо мақсади азхудкунии мустақилона ва такмилдиҳӣ дар сатҳи эҷодӣ–ҷустуҷӯйӣ тағйир меёбанд.

2. Пайвасткунии муносибатҳои ҷудогона дар тадриси фанҳои гуманитарӣ плюрализми методологӣ ва бо ин ҳамгироии усулҳо ва воситаҳои ташкили фаъолияти идрокиро шартнок месозанд.

3. Хусусияти ташкили фаъолияти идрокиро метавон чунин ҳисобид, ки принсипи илмнокии мавод, ки барои фанни таълимӣ интихоб карда мешавад, асосан назар ба принсипи ғоя муназзам мебошад, ки онро бояд риоя кард. Ин принсип беш на дар раванди воқеии таълими олӣ, балки ҳангоми муайянсозии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти идрокӣ зоҳир мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Ананьев Б. Г. О проблемах современного человекознания / Б. Г. Ананьев. - С. Пб.: Изд-во «Питер», 2001. – 272 с.
2. Давыдов В.В. Психологическая теория учебной деятельности и методов начального обучения, основанных на содержательном обобщении / В.В. Давыдов. -Томск: Пеленг,1992.-112 с.
3. Лернер И.Я. Дидактические основы методов обучения / И.Я. Лернер. - М.: Педагогика, 1981.-186 с.
4. Ломов Б.Ф. Методологические и теоретические основы психологии / Б.Ф. Ломов; отв.ред. Ю. М. Забродин, Е.В. Шорохова. - М.: Наука, 1984. - 396 с.
5. Троицкий Ю.Л. Об инновационном стандарте исторического образования // История. - 1996, №36. - С.5.
6. Эльконин Д.Б. Психическое развитие в детских возрастах / Д.Б. Эльконин; под ред. Д. И.Фельдштейна. - М.: Изд-во «Ин-т практической психологии», Воронеж: НПО «МОДЭК», 1995.-416 с.


## ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ҲАМЧУН АСОСИ АЗХУДКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ – ИДРОКИИ ДОНИШҶӮЁН


Фаъолияти таълимӣ маънии васеъ ҳамчун фаъолияти субъект оиди азхудкунии усулҳои ҷамъбасткардашудаи амалҳои таълимӣ ва худинкишофдиҳӣ дар раванди ҳалли вазифаҳои таълимӣ дида баромада мешавад, ки онҳоро омӯзгор махсус дар асоси назорат ва баҳогузории беруна гузоштааст, ки ба худназорат ва худбаҳодиҳӣ мегузарад. Дар мақолаи мазкур муаллиф раванди таълими забони англисиро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки заминаи муҳимми ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои минбаъдаи таълим, аз ҷумла вазифаи инкишофи нутқи донишҷӯён ва тафаккури онҳо ба ҳисоб меравад. Самти асосии ин раванд гузариш аз нутқи худазхудрӯйидиҳанда ба танзими ихтиёрии он мебошад, ки интихоб ва ё дар хотир нигоҳ доштани воситаҳо ва шаклҳои нутқӣ мебошад, ки ба мақсадҳои боз ҳам мураккабшавандаи мазмуни муошırати таълимӣ ҷавобгӯянд. Бо донистани он ки фаъолияти омӯзгор бевосита ба таркиби фаъолияти хонанда дохил мешавад ва ба натиҷаҳои он таъсир мерасонад, метавон муайян намуд, ки дар чунин шароитҳо ҳарду тараф ҳамчун субъекти идрок баромад менамоянд, ки ин муносибатҳои субъект–объектро ба муносибатҳои мутақобилаи субъектӣ иваз менамояд.



**Ключевые слова:** формирование, деятельность, учебно-познавательная, работа, английский язык, процесс, внеучебный, вуз, программа.


## АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫК КАК ОСНОВА ОВЛАДЕНИЯ УЧЕБНО-ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ СТУДЕНТОВ


Учебная деятельность в широком смысле рассматривается как деятельность субъекта по овладению обобщенными способами учебных действий и саморазвитию в процессе решения учебных задач, специально поставленных педагогом на основе внешнего контроля и оценки, переходящих в самоконтроль и самооценку. В данной статье автором рассматривается процесс обучения истории английскому языку, который является важной предпосылкой успешного решения дальнейших задач обучения, в том числе задачи развития речи студентов, а значит, их мышления. Основным направлением этого процесса является переход от спонтанной речи к произвольному ее урегулированию предполагающему выбор, или конструирование речевых средств, форм, отвечающих всё усложняющимся целям и содержанию учебного общения. Зная, что деятельность учителя опосредованно входит в состав деятельности ученика и влияет на ее результаты, можно определить, что в таких условиях и те и другие выступают в качестве субъекта познания, что меняет субъект – объектные отношения на взаимосубъектные.



**Ключевые слова:** формирование, деятельность, учебно-познавательная, работа, английский язык, процесс, внеучебный, вуз, программа.


## ENGLISH LANGUAGE AS THE FOUNDATION FOR THE OVERSIGHT OF STUDENTS 'ACCOUNTING AND COGNITIVE ACTIVITY


Educational activity in a broad sense is regarded as the activity of the subject in mastering generalized methods of learning and self-development in the process of solving educational tasks, specially set by the teacher on the basis of external control and evaluation, Self-control and self-esteem. In this article, the author examines the process of teaching history and the English language, which is an important prerequisite for the successful solution of further learning tasks, including for giving development of students' speech, which means their thinking. The main direction of this process is the transition from spontaneous speech to its arbitrary resolution, suggesting the choice, or design, of speech media tv forms, corresponding to increasingly complex purposes and the content of educational communication. Knowing that the teacher's activity is indirectly part of the activity of the student and affects its results, it can be determined that in such conditions, others act as the subject of cognition, which changes the subject-object relations to the inter-subject relations.



**Key words:** formation, activity, educational and cognitive, work, English language, process, extracurricular, high school, program.

**Сведения об авторе:** ***Алиева Гулнора Сафаралиевна*** – к.п.н, преподаватель кафедры практического курса английского языка Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. **Адрес:** 735041, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул.Айни, 67. Телефон: **918 81 43 34.**

**Information about the author:** ***Aliyeva Gulnora Safaralievna*** - Kurgan-Tubin State University named after Nosir Khusrava, candidate of pedagogical sciences, teacher of the practical English course. **Address**: 735041, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini str., 67. Phone: **918 81 43 34.**

УДК: 371(575.3)

# ТАЪСИРИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР ТАРБИЯИ КӮДАКОН ВА РУШДИ ҲАМКОРИИ ОИЛА БО МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР ИН ЗАМИНА

***Тағоева М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Чи тавре ки маълум аст, оила ҳамчун мактаби бузурги ахлоқи ҳамида дар рушду такомули маънавиёти кӯдак саҳми басо калонро дорост. Зеро оила институти аввалин ва муҳимтарини иҷтимоии кӯдак мебошад. Бинобар ин бештари падару модарон роҳҳои дурусти ҳамкории оила ва муассисаҳои томактабиро меҷӯянд, зеро кӯдакон қисми бештари вақти худро дар муассисаҳои томактабӣ мегузаронанд. Ба тарбияи кӯдак дар боғча омӯзгороне машғуланд, ки бо барномаи амалкунандаи махсус коркардшуда фаъолият мекунанд. Аммо таъсири тарбияи оилавӣ дар ташаккулёбии шахсияти кӯдак басо муассир аст. Агар талабҳое, ки кӯдак аз волидайн мекунад, байни боғчаи бачагона ва оила мувофиқат накунад, он гоҳ тарбияи хуб ва манфиатнокро дарёфтан хеле мушкил мегардад. Зеро ҳар як комёбии бадастовардаи кӯдак тавассути борҳо такрор кардан мустаҳкам карда мешавад. Барои ҳамин ҳам, интихоби мавзӯи мо басо актуалӣ буда, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» волидайнро водор месозад, ки дар рушду такомул ва комёбии кӯдак саҳм гузоранд ва аз имконоту шароитҳои дастрас самаранок истифода баранд. Дар қонун омадааст: «Ба волидайн зарур аст, ки шакл, намуд ва усули таълим, муассисаҳои таълимиро, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо интихоб намоянд, агар ин шакл, намуд ва усул ба вазъи саломатӣ ва рушди маънавии фарзанд таъсири манфӣ нарасонад».

Ҳадафи қабули қонуни мазкур, пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, дар рӯҳияи меҳандӯстӣ, гуманистӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, фарҳангӣ тарбия намуда, инчунин дифоъ ва эҳтироми ҳуқуқҳои фарзанд мебошад.

Бинобар ин падару модар дар вақти интихоби муассисаҳои томактабтабӣ, ҳаматарафа ҷиҳатҳои мусбии таълиму тарбияи онро дарк ва эҳсос намуда, пасон кӯдакро бояд ба тарбияи он муассиса вогузор намоянд.

«Инкишофи инсоният - мегӯяд Б.Г. Ананев, шартан таъсири тарафайни бисёр омилҳо ба монанди ирсият, муҳит, тарбия ва фаъолияти хусусии амалии инсон мебошад; ин омилҳо на дар ҳолатҳои ҷудогона, балки дар якҷоягӣ дар сохтори мураккаби тарбия ба ҳамдигар таъсир намерасонанд» [7].

Имрӯзҳо мутҳаққиқони зиёде дар мавзӯи омӯзиши ҳамкории оила ва муассисаҳои томактабӣ, аз ҷумла нақш ва мақоми омӯзгор дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ таҳқиқотҳо анҷом додаанд. Таҳлили моҳият ва махсусияти боғчаҳои бачагона, ҷараёни таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар асарҳои Л.С. Виготский, А.Ф. Дементев, А.А. Дискин, Н.Н. Малафаев, О.С. Николскова, С.Л. Рубенштейн, Е.Р. Ярской – Смирнова ҳанӯз дар педагогикаи давраи Шӯравӣ тадқиқ шуда буданд. Вале ҷомеаи муосирислоҳоти муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ, шаклу усулҳои таълиму тарбия, тарбияи зебопарастӣ, ватанпарастиро тақозо карда, мураббиёнро вазифадор мекунад, ки то чӣ андоза зарур будани ҳисси масъулият дар ҷодаи тарбияи насли ояндаро пурра эҳсос намоянд. Муассисаи томактабии замони муосир, новобаста аз сохтору шакл - хусусӣ ё давлатӣ буданаш, бояд ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад. Дар муқоиса бо шароити давраҳои пеш аз истиқлолияти давлатӣ, муассисаҳои томактабӣ бо истифода аз имконоти

маҳдуди таълимӣ ва тарбиявӣ, танқисӣ аз таъминоти айёниятҳо, адабиётҳои тарбиявӣ, роҳнамоҳо барои мураббиёни навкор, фаъолият мекарданд. Шумораи умумии тарбиятгирандагон дар ҳар гурӯҳ низ аз меъёр зиёдтар мешуд.

Муассисаи томактабии замони муосир шакли навини макони тарбияи кӯдак мебошад. Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф масъалаи рушди таълиму тарбия дар муассисаҳои момактабиро пайваста меомӯзад ва роҳҳои беҳтар кардани шароити мусоиди тарбиявиро пешниҳод менамояд.

Имрӯз волидайн низ бояд ба тағйироти замон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ҷустуҷӯи усулҳои пешқадами тарбия ҳиссагузорӣ кунанд, яъне танҳо ба умеди боғча нашуда, фарзандонашонро ба фаъолият ҳарчи зудтар, аз синни тамоман хурд ҷалб намоянд. Қисмати зиёди кӯдакон, ки ба синни мактабравӣ мерасанд, аллакай аз уҳдаи қироати шеърҳои ватандӯстӣ, шинохтани ҳарфҳои алифбо, ҳисоб, нутқи хаттӣ, фаҳмиш оиди фигураҳои геометрӣ, фаслҳои сол, фаъолияти волидайн ва ғайраҳо ба хубӣ баромада метавонанд. Кӯдаки замони муосир дар оила, бо намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ фаро гирифта мешавад, ки ба диққат, таваҷҷуҳ, суханронӣ, саволу ҷавоб бо мураббӣ дар боғча таъсири мусбат мерасонад. Ин намуди хеле муҳимми тарбия дар ҳамкорӣ бо мураббӣ дар муассисаи томактабӣ, манфиати зиёд дорад, зеро кӯдак барои ҳаёту фаъолият дар боғча аз оила омодагӣ гирифтааст ва дорои фаҳмиши кофӣ оид ба одитарин унсурҳои одоб, таълим, ҳамкорӣ бо ҳамсолон мебошад. Кӯдакони замони муосир бо бозичаҳои одӣ бозӣ карданро ба уҳда намегиранд, балки бозичаҳои овоздор, ҳаракаткунанда, шаклашон тағйирдиҳандаро меписанданд. Онҳо ба ҳама чизи гӯё ва зинда таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Таъсири мусбат ва манфии технологияҳои муосир кӯдаконро мобилӣ гардондааст, ки рушди ҳаматарафаро мефаҳмонад. Кӯдаки дусола якчанд амали кори телефони мобилӣ, планшетро медонад ва ба зудӣ онро ба фаъолият медарорад. Онҳо аз уҳдаи акс бардоштан, ба кор даровардани бозиҳои гуногуни холгирӣ, ҳаракати нақлиётӣ, кор фармудани ҳайвоноти тасвириро тавассути телефон ё бо истифодаи компютер ба осонӣ баромада метавонанд.

Тасвирҳои видеоӣ, филмҳои тасвирии диққатҷалбкунанда ҷаҳонбинии кӯдаконро ба дараҷае инкишоф медиҳанд, ки онҳо худ низ омодаи иҷрои ҳаракатҳо ва одату шуғли қаҳрамонони филмҳо мегарданд.

Дар боғча низ филмҳои тасвирӣ бо мақсади рушди дунёи кӯдак, нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ, дӯстӣ байни рафиқон, кори якҷоя дар тим, ихтироот ба кӯдакон намоиш дода мешаванд. Бар замми ин забондонии кӯдакон низ рушд мекунад. Тахтаҳои электронӣ, сабтҳои дарсҳои вижа, барои сабукии кори омӯзгор, мураббӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи кӯдак ба ин ё он мавзӯи ахлоқӣ-таълимӣ, баланд бардоштани завқи омӯзиши ин ё он фан, забон дар омезиш бо усулҳои пешқадами таълимоти замонавӣ дар боғчаҳо дуруст ба кор монда шудаанд.

Масъулияти волидайн дар кори омодасозии фарзанд ба муассисаи мактабӣ, аз ҳамкорӣ бо муассисаи томактабӣ ҷараён мегирад. Барои ноил шудан ба комёбӣ дар ин замина ба оила низ зарур аст, ки фаъолияти худро бо барномаи тарбиявии муассисаи томактабӣ ҳамоҳанг гардонад.

Баъзе волидайн, фарзандро бо барномаҳои кӯдаконаи телевизионӣ, филмҳои тасвирӣ тарзе одат мекунонад, ки ӯ соатҳои тӯлонӣ аз назди оинаи нилгун ё планшет канда намешавад. Ин намуди муносибат ба тарбия ягон алоқамандӣ надорад, зеро кӯдак ба ҳоли худаш гузошта шуда, маводи даркор ё нодаркорро аз бар мекунад.

Технологияи муосир дар кори таълиму тарбияи кӯдакони мактабхон ва синни томактабӣ бешубҳа аҳамияти калидӣ дорад, ки тарафҳои мусбии онро мо дар боло зикр карда баромадем. Вале ногуфта намонад, ки аз меъёр зиёд истифода бурдани технологиҳо таъсири манфӣ низ мерасонад. Ин намуди муносибат ба саломатӣ зараровар мебошад. Кӯдаконе, ки зери таъсири технологияҳои уосир мондаанд, дамдузд, камгап, бетаваҷҷуҳ мегарданд, бо ҳамсолон муносибат кардан намехоҳанд. Баъзан амалҳои хатарноки қаҳрамони дӯстдоштаро такрор кардаӣ мешаванд. Чунин намуди

бемасъулиятии падару модар боиси ташвиш ва душвории кори мураббиёни муассиса мегардад. Оила барои кӯдак муҳити ҳаматарафа таъсиррасонанда мебошад. Муҳити солими оила бузургтарин омил дар рушду такомули олами маънавӣ ва биологию психикии шахс ба шумор меравад. Кӯдак дар симои падару модар, бародару хоҳар ҳама чизҳои неку бадро аз бар менамояд, бинобар ин вазифаи падару модар аз он иборат аст, ки дар тарбияи кӯдак ба хатокорӣ роҳ надиҳанд, ки боиси минбаъда ба роҳи бад даст задани ӯ гардад. Ҳамкории оила бо муассисаи томактабӣ тавассути шаклу усулҳои мухталиф ҷараён меёбад. Ҷалби кӯдакон ба бозиҳои варзишӣ дар боғчаҳо намуди беҳтарини тарбия, чи аз нуқтаи назари ҷисмонӣ ва чи рушди дӯстию ҳамкорӣ, ёрии байниҳамдигарӣ ба шумор меравад. Ширкат дар бозиҳои варзишии телевизионӣ, рӯ ба рӯ шудан бо ҳамсолони ношиноси худ, ҳис кардани масъулият баҳри ғолиб баромадани тим, худ мактаби бузурги дорои аҳамияти маънавӣ, фарҳангӣ, инсондӯстӣ мебошад. Дар оила, агар модар дорои донишҳои хуб ва одоби баланди инсонӣ бошад, ибрати ӯ ҳамчун бузургтарин омил дар ташаккулёбии кӯдак саҳм мегузорад. Падар бо меҳнати ҳалол, ҷасурӣ, ростқавлӣ, бовиҷдонӣ кӯдакро тарбия намуда, чунон бояд кӯшиш кунад, ки ҳар як ҳаракат, мимика, рафтору гуфтори ӯ барои фарзанд мактаби ибрат бошанд ва дар ҳаёти минбаъдаи ӯ хизмат расонад. Мураббӣ, омӯзгор мебошад. Агар касе тарбия наёфта бошад, ҳеҷ ҳуқуқи маънавӣ надорад, ки каси дигарро тарбия кунад. Аз ин ҷиҳат мураббияи муассисаи томактабӣ вазифаи басо муқаддасро ба дӯш дорад. Ӯ ҳар қадаре ки олами ҳасос, нозук ва беолоиши кӯдакро дарк ва эҳсос кунад, метавонад мақсади асосии худ - тарбияи инсони комилу асилро дар амал тадбиқ намояд. Кӯдак дар симои мураббӣ модари маънавии худро дарк ва эҳсос намуда, пайваста кӯшиш менамояд, ки ба ӯ пайравӣ намуда, ҷиҳатҳои ба худ мувофиқро аз бар намояд.

Чунки ин вобастагӣ кайҳо боз дар амалия истифода шудааст. Омӯзгори пуртаҷриба, ки дар тӯли солҳои зиёд бо кӯдакон корҳои тарбиявӣ бурдааст, ба як нигоҳи худ дарк ва эҳсос мекунад, ки кӯдак дар кадом оила тарбия гирифтааст ва то чӣ андоза ахлоқ ва маънавиёташ рушду такомул ёфтааст.

Дақиқан чунин аст, вақте ки бо волидайн ҳамсуҳбат мешавад, мураббӣ-омӯзгори таҷрибадор дақиқ дарк мекунад, ки чӣ хел кӯдак дар чунин оилаҳо тарбия меёбад [9].

Дар фарҷом бояд зикр кард, ки ҳусни тафоҳуми тарафайн ва ҳисси масъулият дар оила аз ҷониби падару модар ва дар боғча аз тарафи мураббиён нисбати тарбия кардани кӯдакони замони муосир омили калидӣ дар рушди ҷаҳонбинӣ, вазъи сиҳатмандӣ, саводнокӣ, одоб ва ахлоқи ба тақозои ҷаҳони муосир ҷавобгӯ мебошад. Тарбия тавассути истифодаи технологяиҳои навин ва усулҳои пешқадами таълиму тарбия дар кишвари дунявӣ ҳамкории оила ва муассисаҳои томактабиро тақозо дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Гафуров А. Роль семьи в подготовке школьников / А. Гафуров //Материалы научно-теоретической конференции. - Душанбе, 2011. – 130с.
2. Скаткин М.Н. Изучение и обобщение опыта школ и учителей / М.Н. Скаткин. - М., 1980. – 107с.
3. Калмыкова З.И. Психологические принципы развивающего обучения: методический материал / З. И. Калмыкова. - М.: Знание, 1979. - 48 с.
4. Терегулов Ф.Ш. Передовой педагогический опыт: теория распознавания, изучения, обобщения, распространения и внедрения / Ф.Ш. Терегулов. – М.: Педагогика, 1991. – 296 с.
5. Хозяинов Г.И. Основы акмеологии. Педагогический опыт как результат и опора самореализации творческого потенциала педагога / Г.И. Хозяинов. – М.: Бакалавр. – 116 с.
6. Бурдаков Н.В. Передовой педагогический опыт: формирование, обобщение, использование (методология, теория, практика) / Н.В. Бурдаков. – Красноярск: Изд-во КГПИ, 1992. – 192 с.
7. Турбовской Я.С. Педагогический опыт как источник развития теории и практики воспитания подрастающих поколений / Я.С. Турбовской. – М.: НИИ общей педагогики АПН СССР, 1991. – 237 с.


## ТАЪСИРИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР ТАРБИЯИ КӮДАКОН ВА РУШДИ ҲАМКОРИИ ОИЛА БО МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР ИН ЗАМИНА


Дар мақолаи мазкур усулҳои ҳамкории оила бо муассисаҳои томактабӣ, ба таъсири технологияҳои муосир дар тарбияи кӯдак ва масъулияти волидайн дар ташаккули ақлонӣ ва одоби кӯдак баррасӣ мегарданд. Муассисаи томактабии замони муосир шакли навини макони тарбияи кӯдак мебошад. Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф масъалаи рушди таълиму тарбия дар муассисаҳои момактабиро пайваста меомӯзад ва роҳҳои беҳтар кардани шароити мусоиди тарбиявиро пешниҳод менамояд. Имрӯз волидайн низ ба тағйироти замон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ҷустуҷӯи усулҳои пешқадами тарбия ҳиссагузорӣ мекунад, яъне танҳо ба умеди боғча нашуда, фарзандонашонро ба фаъолият ҳарчи зудтар, аз синни тамоман хурд ҷалб менамоянд. Қисмати зиёди кӯдакон, ки ба синни мактабравӣ мерасанд, аллакай аз уҳдаи қироати шеърҳои ватандӯстӣ, шинохтани ҳарфҳои алифбо, ҳисоб, нутқи хаттӣ, фаҳмиш оиди

фигураҳои геометрӣ, фаслҳои сол, фаъолияти волидайн ва ғайраҳо ба хубӣ баромада метавонанд. Кӯдаки замони муосир дар оила бо намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ фаро гирифта мешавад, ки ба диққат, таваҷҷуҳ, суханронӣ, саволу ҷавоб бо мураббӣ дар боғча таъсири мусбат мерасонад. Ин намуди хеле муҳимми тарбия дар ҳамкорӣ бо мураббӣ дар муассисаи томактабӣ, манфиати зиёд дорад, зеро кӯдак барои ҳаёту фаъолият дар боғча аз оила омодагӣ гирифтааст ва дорои фаҳмиши кофӣ оид ба одитарин унсурҳои одоб, таълим, ҳамкорӣ бо ҳамсолон мебошад. Кӯдакони замони муосир бо бозичаҳои одӣ бозӣ карданро ба уҳда намегиранд, балки бозичаҳои овоздор, ҳаракаткунанда, шаклашон тағйирдиҳандаро меписанданд. Онҳо ба ҳама чизи гӯё ва зинда таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Таъсири мусбат ва манфии технологияҳои муосир кӯдаконро мобилӣ гардондааст, ки рушди ҳаматарафаро мефаҳмонад. Кӯдаки дусола якчанд амали кори телефони мобилӣ, планшетро медонад ва ба зудӣ онро ба фаъолият медарорад. Онҳо аз уҳдаи акс бардоштан, ба кор даровардани бозиҳои гуногуни холгирӣ, ҳаракати нақлиёт, кор фармудани ҳайвоноти тасвириро тавассути телефон ё бо истифодаи компютер ба осонӣ баромада метавонанд.

**Калидвожаҳо:** таъсир, ҳамкорӣ, боғча, тарбияи кӯдакон, ҳисси масъулият, волидайн, рушд, рафтор, одат ва ҳаракат, бозиҳои компютерӣ, омилҳои одитарин, ҳамкорӣ бо боғча, фоидаи тарафайн, ислоҳот, доимӣ, омӯзиш, мушкилӣ, таълим.

## ВЛИЯНИЕ СОВРЕМЕННОЙ ТЕХНОЛОГИИ НА ВОСПИТАНИЕ ДЕТЕЙ И РАЗВИТИЕ СОВМЕСТНОЙ РАБОТЫ СЕМЬИ И ДОШКОЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ

В данной статье рассматривается влияние современной технологии и взаимодействие семьи и дошкольных учреждений в воспитании ребёнка, а также чувство ответственности родителей за его умственное развитие и поведение. Сегодня родители тоже проявляют большой интерес к переменам в передовых методах воспитания и вносят свой вклад в дело образования детей. Родители сами начинают подготовку своих детей к образованию с раннего возраста. Большинство детей, которые достигли школьного возраста, уже имеют навыки заучивания наизусть стихов, знают алфавит предпочитаемого языка, умеют писать буквы и символы, различают геометрические фигуры, умеют считать, описывают картинки и времена года. Сегодняшний ребёнок знакомится с различными методами воспитания в семье, и это оказывает положительное влияние на его сосредоточенность, речь и ответы на вопросы. Такие современные методы воспитания в сотрудничестве с воспитателями дошкольных учреждениях имеют взаимовыгодный эффект, так как ребёнок получает первичное достаточное знание и навыки об элементарных факторах воспитания в семье. Дети нового поколения не признают обычные игрушки, потому что предпочитают звуковые двигающиеся трансформеры. Они обращают внимание на “живые” игрушки. Положительное и отрицательное влияние технологии делает ребёнка мобильным. Двухлетний ребёнок с легкостью справится с мобильным телефоном, планшетом, снимать фото на телефон, поставить мультики, выполнить трюки и описать привычки любимых героев из мультфильмов. Видеофильмы привлекают внимание ребёнка, расширяют кругозор ребёнка.

**Ключевые слова:** влияние, сотрудничество, детское учреждение, воспитание детей, чувство ответственности, родители, развитие, поведение, привычки, компьютерные игры, мультфильмы.

## THE IMPACT OF MODERN TECHNOLOGY ON THE EDUCATION OF CHILDREN AND THE DEVELOPMENT OF THE JOINT WORK OF FAMILIES AND KINDERGATENS

This article discusses the impact of modern technology and the interaction of the family and preschool institutions in the upbringing of the child, as well as the sense of responsibility of parents in his mental development and behavior. Today, parents also show great interest in changes in advanced methods of education and contribute to the education of children. Parents themselves begin to prepare their children for education from an early age. Most children who have reached school age, already have the skills to memorize poems, know the alphabet of the preferred language, know how to write letters and symbols, distinguish geometric shapes, know how to count, describe pictures and seasons. Today's child will get acquainted with various methods of upbringing in the family, and this has a positive impact on its concentration, speech and answers to questions. This modern method of education in cooperation with educators in pre-school institutions has a mutually beneficial effect, as the child receives primary sufficient knowledge and skills about the basic factors of education in the family. Children of the new generation do not recognize the usual toys, because they prefer the sound of moving transformers. They pay attention to the «living» toys. The positive and negative impact of technology will make the child mobile. A two-year-old child can easily cope with a mobile phone, tablet, take a photo on the phone, put cartoons, and perform tricks and habits of favorite cartoon characters. Videos attract the attention of the child; expand the horizons of the child.

**Key words:** impact, cooperation, kindergartens, education of children, sense of responsibility, parents, development, behavior, habits and actions, positive and negative affect, computer games, elementary factors, cooperation with kindergarten, mutual benefit.

**Сведения об авторе:** ***Тагоева Мавчигул*** - Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-54-44-54**

**Information about the author:** ***Tagoeva Mavjigul*** - Tajik National University, assistant general university department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **988-54-44-54**

УДК 37:004+808.2 (575.3)

# СОЗДАНИЕ И ПРИМЕНЕНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ ТЕСТОВ В КОМПЬЮТЕРНОЙ ПРОГРАММЕ «MY TEST» НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА В ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЕ

*Саидов С. А.*

**Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода**

Тестирование – современная форма педагогического контроля, обеспечивающая эффективный способ проверки знаний учащихся с минимальными затратами времени и получения качественно объективных результатов. Слово «тестирование» произошло из английского языка и буквально означает «испытание» [3, с.1565]. Это справедливый метод, исключающий субъективизм учителя и ставящий всех учащихся в равные условия в процессе контроля и оценивания результатов ЗУН.

Согласно Указу Президента Республики Таджикистан от 10-го февраля 2014 года, №138 в республике создан Национальный центр тестирования, который с 2015 года осуществляет организацию и проведение централизованных вступительных экзаменов в вузы и средние профессиональные образовательные учреждения. Следует признать, что данный проект улучшил систему приёма студентов, повысил качество образования и заложил хорошую почву для создания национальной системы оценки знаний учащихся. Хорошо порекомендовала себя проводимая НЦТ на протяжении нескольких лет и республиканская олимпиада по школьным предметам путём тестирования, где выпускникам школ выставляется объективная и справедливая оценка. Однако, несмотря на ряд достижений, есть недостаток: ограничено количество часов на освоение тестовых технологий в системе обучения общеобразовательных учреждений (8-11 классы). В связи с этим, органам системы образования следует рассмотреть вопрос об обязательном включении в планирование учебного предмета усвоение со стороны учащихся разных типов тестовых заданий, практически применять их в процессе обучения с целью всесторонней подготовки и сдачи централизованных вступительных экзаменов (ЦЭВ).

Программа по русскому языку для общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения определяет тест как «…наиболее экономная с точки зрения времени форма контроля, с помощью которой можно оценить коммуникативные умения в диалогической и монологической речи, выявить уровень владения лексикой русского языка, сообразительность, остроумие школьника» [9, с.18].

Надо признать, что метод тестирования не в достаточной степени применяется учителями русского языка школ республики, не всегда данный вид работы имеет место в их календарно-тематическом планировании. Лишь ряд учителей русской словесности в своей педагогической деятельности применяют бумажные варианты тестов, а использование электронных – программированных вариантов имеет единичный характер.

Это связано, во-первых, с полным или частичным отсутствием оснащения учебных кабинетов современной техникой (компьютер, мультимедийный проектор), во-вторых, загруженностью учителей учебной нагрузкой и слабой компьютерной грамотностью, что сказывается на отсутствии свободного времени на самообразование - создание и реализации на своих занятиях компьютерного тестирования.

В связи с этим актуальными являются слова педагога В.А. Сухомлинского: «Пора понять, что чем меньше у учителя свободного времени, чем больше загружен он всевозможными планами, отчётами, заседаниями, тем больше опустошается его духовный мир, тем скорее наступит та фаза его жизни, когда учителю уже нечего будет отдавать воспитанникам…»[10, с.111].

При условии времени на самообразование, а также компьютерной грамотности учитель в течение учебного года с помощью компьютерного тестирования сможет оценить уровень усвоения учебных материалов учащимися-таджиками, помочь им в овладении навыками работы с тестовыми заданиями. Такие практические занятия позволят школьникам, во-первых, преодолеть психологический барьер (неуверенность, страх перед современной техникой), во-вторых, развить технические навыки работы на компьютере, в-третьих, при сдаче ЦВЭ показать хороший результат.

Автором уникальной интерактивной компьютерной программы «My Test» по созданию тестов является учитель Башлаков А. С. Каждое образовательное учреждение, учитель смогут бесплатно скачать её с Интернета и применять в своей деятельности.




**Рисунок 1. Интерактивная компьютерная программа «My Test».**

Учитель, имеющий элементарные навыки работы на компьютере, сможет без труда создать авторские тесты в программе «My Test». В ней учитель способен создать несколько типов заданий: **одиночный выбор ответа, множественный выбор ответа, указание порядка следования, сопоставление, установление истинности и ложности утверждений, ручной ввод числа, ручной ввод текста, часть изображения, перестановка букв.** В авторских тестах учитель сам определяет количество вопросов (от 5-ти и более), их сложность и систему оценивания, настраивает время для выполнения заданий, указывает правильный ответ (при обучающем режиме), перемешивает вопросы и варианты ответов. Последнее лишает учащихся возможности списывания и подсматривания друг у друга.




**Таблица 1. Типы заданий в программе «My Test».**

Использование тестовых заданий в обучающем режиме программы, являющийся эффективным методом по решению практических задач в обучении русскому языку-таджиков, позволяет обучаемым при вводе неверных ответов обнаружить свои ошибки и принять соответствующие меры по их устранению.

Использование интерактивной компьютерной программы «My Test» на уроках русского языка в таджикской школе способно обеспечить оптимизацию учебного процесса, повысить эффективность классной работы. Также она способна установить диагностику знаний всех обучаемых, установить реальную картину усвоения материала учащимися, реализовать такие дидактические принципы как наглядность, принцип единства и взаимосвязи обучения и контроля, осуществить обучение с учётом индивидуальных возможностей школьников, создать условия для формирования и совершенствования коммуникативных навыков и умений на русском языке и сэкономить время на контроль.

Так, при изучении темы «Глагол» в 8 классе с таджикской школы учащимся предлагается тест с заданиями закрытого типа с несколькими вариантами ответов. Ответы школьников фиксируются компьютером, и на их основе ставится оценка.

1. Укажите самостоятельные части речи:
- *Предлог*
+ *Глагол*
+ *Местоимение*
- *Междометия*
+ *Имя существительное*

2. Отметьте глаголы движения:
+ *Идти*
– *Читать*
+ *Бегать*
– *Сидеть*
+ *Ходить*

3. Укажите глаголы повелительного наклонения:
+ *Смотри*
– *Буду играть*
+ *Читай*
+ *Не играй*
– *Написать*

4. Перечислите произведения Льва Николаевича Толстого:
+ «Детство»
+ «Три медведя»
+ «Филиппок»
– «В Сибирь»
– «Осень»

5. Чем обычно занимался Л. Толстой у себя дома в Москве? (из текста «Дом Толстого» по учебнику, упр.76)
+ Занимался гимнастикой
+ Привозил на санках воду из Москва-реки
– Целыми днями гулял по городу
– Работал на поле
+ Писал произведения по 6-7 часов в день

Тип задания «Установление истинности и ложности утверждений» относится к тестам закрытого типа, где требуется ответ «да» или «нет», один из которых считается эталонной.

При изучении темы «Обращение. Творчество Н. В. Гоголя» в 9-ом классе таджикской школы предлагаем следующие вопросы:

1. Обращение – это слово или сочетание слов, называющее того, к кому обращаются с речью.

**а) да** б) нет

2. Является ли обращение членом предложения?

а) да **б) нет**

3. Выделяется ли обращение запятыми?

**а) да** б) нет

4. Н. В. Гоголь – автор произведений «Тарас Бульба», «Вечера на хуторе близ Диканьки»?

**а) да** б) нет

5. Николай Васильевич учился в Царскосельском лицее?

а) да **б) нет**

Перестановка букв – вид задания, в котором на мониторе компьютера высвечивается правильный ответ, однако в нём переставлены буквы. Данный вид тестирования проводим в 10-ом классе при изучении темы «Антонимы»:

1. Это слова, выражающие противоположные слова. Переставлены буквы – ИТОНЫНАМ, правильный ответ – АНТОНИМЫ.
2. Укажите антоним к слову **высокий.** Переставлены буквы – зикйин, правильный ответ – **низкий.**
3. Подберите антоним к слову **сильный.** Переставлены буквы – **байылс**, правильный ответ – **слабый.**
4. Вставь в предложении подходящий по смыслу антоним: *Ученье свет, а не ученье - … .* Переставлены буквы – **амьт**, правильный ответ – **тьма.**

5. Прочитайте предложение: *В Россию Тургенев **приезжал** каждый год, но не надолго.* (из текста «Тоска по Родине», стр. 35). Укажите антоним к выделенному слову. Переставлены буквы – **желазу,** правильный ответ – **уезжал.**

В заданиях открытого типа может быть пропущено слово или часть предложения. Получив тест, школьник приступает к его выполнению. Данный тест лучше использовать после проведения пройденных тем и учитель может диагностировать уровень их усвоения.

Данный тип тестирования предлагаем учащимся после изучения темы «Сложное предложение. Поэты серебряного века»:

1. *Сложное предложение состоит из двух и более ... предложений.*
2. *Кто не работает, ... не ест (пословица)*
3. *... в товарищах согласья нет, на лад их дело не пойдёт (И.А.Крылов).*
4. *Поэма А. Ахматовой «...» - это осуждение насилия над личностью.*
5. *Б. Пастернак писал: « ...совершала подвиги каждый день. Это были подвиги верности той единственной стране, подданным которой она была – поэзии». Кто это?*

Таким образом, использование интерактивных тестов в программе «My Test» способны качественно решить ряд задач: корректировать ЗУН школьников в процессе диалога с компьютерной технологией, индивидуализировать способ обучения, и, самое главное, достичь объективности в выставлении оценок учащимся.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Бабаева Р.Н., Бегматова Р.А., Махмудова М. О. Р. Русский язык: Учебник для 10 класса с таджикским языком обучения. – Душанбе: Граф-Полиграф, 2011. – 223 с.
2. Балыхина Т.М. Основы теории тестов и практика тестирования /Т.М. Балыхина. – М.: Просвещение, 2006. – 240с.
3. Большой Российский энциклопедический словарь. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2003. – 1888 с.
4. Гусейнова Т. В., Гусейнов Т. И. Русский язык: Учебник для 8-го класса школ с таджикским языком обучения. – Душанбе: Душанбинский полиграфкомбинат, 2013. – 144 с.
5. Гусейнова Т.В., Шабурова Д.Х. Русский язык: Учебник для 9-го класса общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения. – Душанбе: Душанбинский полиграфический комбинат, 2013. – 208 с.
6. Конышева А.В. Контроль результатов обучения иностранному языку/А.В. Конышева. –М.: Каро, 2004. – 144с.
7. Нагзибекова М.Б., Мягкая Л.В. Русский язык. Учебник для 11-ых классов общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения. – Душанбе, Маориф, 2015. –256 с.
8. Переверзев В.Ю. Критериально-ориентированное педагогическое тестирование: Учебное пособие/В.Ю. Переверзев. – М.: Логос, 2003. – 120с.
9. Программа по русскому языку для общеобразовательных школ с таджикским языком обучения (2-11 классы). – Душанбе, 2008. – 124 с.
10. Сухомлинский В.А. О воспитании. /В. А. Сухомлинский. – М.: Политиздат, 1985. – 270с.


## СОХТАН ВА ИСТИФОДАИ ТЕСТҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР БАРНОМАИ КОМПЮТЕРИИ «MY TEST» БАРОИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР МАКТАБҲОИ ТОҶИКӢ


Дар мақола мавзӯи истифодаи тестҳо ҳамчун шакли нави назорати омӯзгорон, ки усули самаранокии тафтиши дониши хонандаро бо сарфаи ками вақт ва ба даст овардани натиҷаи воқеии босифат таъмин мекунад, матраҳ гардидааст. Зикр гардидааст, ки мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми феврали соли 2014 таҳти № 138 дар ҷумҳурӣ Маркази миллии тестӣ таъсис ёфт, ки аз соли 2015 сар карда тавассути он имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба муассисаҳои олии таълимӣ ва миёнаи касбӣ сурат мегиранд. Лоиҳаи мазкур низоми қабули донишҷӯёнро беҳтар карда, ба болоравии сифати таълим мусоидат намуд ва барои сохтани низоми миллии баҳогузорӣ ба дониши хонандагон замина гузошт. Муаллиф иброз медорад, ки муаллими аз усулҳои оддитарини кор бо компютер истифодабаранда метавонад бе мушкилӣ тестҳои муаллифии худро (бо чанд усул) дар барномаи «My Test» созад ва онро дар дарси забони русӣ барои мактабҳои тоҷикӣ истифода барад. Аз ҷумла, дар мавод силсилаи саволҳо аз фанни забони русӣ барои хонандагони синфҳои 8-11-и мактабҳои забони таълимашон тоҷикӣ ба таври мисол оварда шудааст. Қайд гардидааст, ки истифодаи тестҳо интерактивӣ дар барномаи «My Test» метавонад дар ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат кунад: маҳорату малакаи хонандагонро дар ҷараёни кор бо технологияи компютерӣ таҳрир кунад, қобилияти инфиродии хонандаро такмил диҳад ва аз ҳама муҳимаш барои баҳои воқеӣ гузоштан ба дониши хонандагон мусоидат намояд.



**Вожаҳои калидӣ:** тестҳои интерактивӣ, барномаи компютерии «My Test», забони русӣ, мактаби тоҷикӣ, воқеияти баҳогузорӣ.


## СОЗДАНИЕ И ПРИМЕНЕНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ ТЕСТОВ В КОМПЬЮТЕРНОЙ ПРОГРАММЕ «MY TEST» НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА В ТАДЖИКСКОЙ ШКОЛЕ


В статье рассматривается вопрос о тестировании как современной формы педагогического контроля, обеспечивающая эффективный способ проверки знаний учащихся с минимальными затратами времени и получения качественно объективных результатов. Указывается, что согласно Указу Президента Республики Таджикистан от 10-го февраля 2014 года, №138 в республике создан Национальный центр тестирования, осуществляющий с 2015 года организацию и проведение централизованных вступительных экзаменов в вузы и средние профессиональные образовательные учреждения. И данный проект улучшил систему приёма студентов, повысил качество образования и заложил хорошую почву для создания национальной системы оценки знаний

учащихся. Отмечается, что учитель, имеющий элементарные навыки работы на компьютере, сможет без труда создать авторские тесты (несколько типов заданий) в программе «My Test» и эффективно применять их на уроке русского языка в таджикской школе. Приводятся примеры по созданию и использованию в компьютерной программе «My Test» вопросов по русскому языку в 8-11 классах с таджикским языком обучения. Подчёркивается, что использование интерактивных тестов в программе «My Test» способны качественно решить ряд задач: корректировать ЗУН школьников в процессе диалога с компьютерной технологией, индивидуализировать способ обучения, и, самое главное, достичь объективности в выставлении оценок учащимся.

**Ключевые слова:** интерактивные тесты, компьютерная программа «My Test», русский язык, таджикская школа, объективность оценки.

**CREATION AND APPLICATION OF INTERACTIVE TESTS I N THE «MY TEST» COMPUTER PROGRAMME AT RUSSIAN LESSONS IN A TADJIK LANGUAGE SCHOOL**

The article reviews the issue of testing as a modern form of pedagogical supervision, which provides an effective way of evaluating students' knowledge with minimal time – consuming and obtaining qualitatively objective results. It states that according to the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated February 10, 2014, No. 138, the National Testing Center was established in the republic, which has been organizing and conducting the centralized entrance examinations at universities and secondary vocational education institutions since 2015. The project is improving the students' admission system, improved the quality of education and laid a good foundation for creation of a national system for assessing students' knowledge. It is noted that a teacher with elementary computer skills can easily create interactive author tests (several types of tasks) in the «My Test» programmed and apply them effectively at a Russian language lesson in a Tajik language school. Making up and use of questions in Russian in 8-11 grades with the Tajik language of education as examples are given in the «My Test» computer programmed. It is emphasized that the use of interactive tests in the "My Test" programmed can solve a number of issues qualitatively: to correct KSA of schoolchildren in the process of dialogue with computer technology, to individualize the way of teaching and most importantly, to achieve objectivity in giving marks to students.

**Key words**: interactive tests, «My Test» computer programmer, Russian language, Tajik school, objectivity of evaluation.

**Сведения об авторе:** ***Саидов Сафарали Абдураимович*** – Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **saidov_s@inbox.ru** Телефон **888888707**

**УДК: 372.851+378 (575.3)**

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИДОШТА ДАР ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ МАТЕМАТИКИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲОИ ХАТТӢ

***Солиев М.Н. Раҳимов Р.М.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (20.03.2017) махсусан қайд намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат ба рушди илм, диққати махсус дода, ҷалби наврасону ҷавононро ба ин соҳаи муҳим аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷа мешуморад.

Аз ин рӯ сохторҳои илмию таълимии кишварро зарур аст, ки омӯзиши илмҳои муосир, бахусус, илмҳои табииву риёзиро ҷиддӣ ба роҳ монда, баргузории маҳфилу чорабиниҳои илмиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва муассисаҳои илмӣ бештар созанд ва ҷавононро ба чунин чорабиниҳо ҳарчи бештар ҷалб намоянд. Олимонро зарур аст, ки ба рушди минбаъдаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносиву техникӣ ва талаботи ҷомеа равона сохтани неруи илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, фаъолияти худро дар самти ихтирокъориву навоварӣ, ҳамчунин ҷалби ҷавонони болаёқат ба корҳои илмӣ ва ихтироъкорӣ боз ҳам ҷоннок намоянд». Бо мақсади мустаҳкам намудани алоқаи илм ба истеҳсолот ва дар истеҳсолоти ватанӣ татбиқ намудани дастовардҳои илм ва технологияҳои инноватсионӣ дар паём дастур дода шуда буд. Баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорро лозим аст, ки дар дарси муосир аз методҳои анъанавӣ даст кашида, роҳу усулҳои фаъоли таълимро дарёфт намояд, яъне усулҳои фаъоли таълимро сармашқи кори ҳаррӯзаи худ қарор диҳад.

Бо мақсади роҳ ёфтан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳадафҳои мушаххас муддатест, ки дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳои кишвар низоми нави таҳсил –низоми кредитӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳадафи асосии низоми кредитии таҳсил аз он иборат аст, ки донишҷӯ тарзу усулҳои мустақилона аз бар кардани донишро дар мактаби олӣ аз худ намояд, то ки фаъолияти минбаъдаи худро ҳамчун ихтисосманд ба роҳ монад. Барои ба ин ҳадафҳо расидан ва барои донишҷӯёнро ба донишҳои зарурие, ки завқи тарбияи эҷодӣ, роҳҳои кофтуков ва шавқи ҷустуҷӯии онҳоро бедор мекунад, мусаллаҳ намудан, нақши китоби дарсӣ, маводҳои методӣ ва махсусан омӯзгор ниҳоят бузург мебошад. Душвории дигар

дар он аст, ки методикаи хусусӣ, алалхусус дар давраи гузариш ба низоми кредитии таҳсил, омӯзиши математика барои ихтисосҳои тамоили иқтисодидошта ба паҳн намудани таҷрибаи корӣ асос кунонида мешавад. Ин таҷрибаҳо ҳоло кофӣ нестанд. Омӯзгор ҳар як мафҳумеро, ки ба донишҷӯён пешниҳод менамояд, бояд мазмуни иқтисодии онро бо мисолҳои мушаххас ҳаматарафа фаҳмонида диҳад [2]. Истифодаи оқилонаи мисолҳои мушаххаси мазмуни иқтисодидошта омӯзгорро водор месозад, ки дар баъзе мавридҳо аз такрори бемавқеи баъзе мафҳумҳои омӯхташаванда даст кашад. Зеро тавассути донистани мазмуни иқтисодии мафҳумҳои омӯхташаванда, сатҳи риёзидонии донишҷӯ инкишоф ёфта, дониши риёзии барои вай зарурбударо мегирад. Хондан ба одати доимии ӯтабдил меёбад, омилҳои шавқ, майл, ваҷҳ ва ғайраҳо дар ӯ меафзоянд ва қобилияташ мутамарказонида мешавад, ки ин яке аз **ҳадафҳои низоми кредитӣ** мебошад. Таҷрибаҳои методии муҳим бо натиҷаҳои индивидуалии тадқиқиқотҳои омӯзгорони пешқадаму пуртаҷриба пурра карда мешавад. Маводҳои пешниҳод шаванда қадаме барои ҳалли ин масъала мебошанд.

Ҳалли масъалаҳои дорои мазмуни амалидоштаро ба се зина: зинаи формализатсия, зинаи ҳалли моделҳои математикӣ ва зинаи шарҳдиҳӣ ҷудо кардан мумкин мебошад[1-5].

Тадбиқи ин гуна ба зинаҳо ҷудокуниро дар ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта ҳангоми омӯзиши ҳалли системаи муодилаҳои хаттӣ дида мебароем.[**]

Бояд қайд кард, ки дар зинаи дуюм мустақилона интихоб карда тавонистани методҳои ратсионалии ҳалли масъалаҳо аз сатҳи дониши математикӣ доштани донишҷӯ вобаста буда, барои ***тарбияи тафаккури математикии*** онҳо мусоидат менамояд.

Муайян намудани сабаб ва оқибатҳои вобастагии омилҳои иқтисодӣ дар амалиёти меҳнатии ҳамарӯза, дорои **арзиши зиёди тарбиявӣ** мебошад. Муайян намудани омилҳои иқтисодие, ки он барои зиёд намудани даромаднокии ҳолати мушаххаси дидабаромадашаванда, амалӣ зарурӣ мебошад, барои **донишҳои иқтисодӣ ва тарбияи асоси хоҷагидории донишҷӯён** мусоидат менамоянд.

Дар вақти ҳал намудани масъалаҳо дар ҳамаи се сатҳ, пеш аз ҳама, таҳлилҳои миқдорӣ, баъд сифатӣ-миқдорӣ ва ниҳоят миқдориро гузаронида, тафсири мафҳуми иқтисодиро дида баромаданамон ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин гуна пайдарпайи боиси мувофиқи нақша васеъ намудани донишҳои амиқи иқтисодӣ ва инкишофи тафаккури математикии донишҷӯён мегардад. Намудҳои таҳлили иқтисодии дар боло овардашуда байни ҳам алоқаманд мебошанд. Чунончи, шарҳи миқдорӣ-миқдорӣ дар базаи сифатӣ гузаронида шуда, шарҳи миқдорӣ дар базаи сифатӣ- миқдорӣ гузаронида мешавад.

Қайд менамоем, ки классификатсияи зинаҳои таҳлили иқтисодӣ ва номҳои он, ки дар ҳамин мақола қабул карда шудаанд, умумиқабулкардашуда ба ҳисоб намераванд. Вобаста ба мазмуни иқтисодӣ дараҷаи мураккабии масъалаҳо ва махсусияти синнусолии донишҷӯён зинаи сеюм–зинаи шарҳдиҳӣ дорои шаклҳои гуногуни зерин мебошад: а) саволу ҷавоб; б) суҳбат аз рӯйи натиҷаи ҳалли масъала; в) гузориши проблемаҳои иқтисодӣ, вобаста ба зарурияти зиёдшавии даромаднокӣ, зиёдшавии ҳосилнокии меҳнат, пастшавии арзиши аслӣ, реҷаи иқтисодӣ ва ғ. ҳ. Моҳияти методикаи коркардабаромадашуда дар мисоли омӯзиши мавзӯъҳои зерин кушода мешавад: функсияи хаттӣ, муодилаи яктағйирёбанда, системаи муодилаҳои хаттии дуномаълума, муодилаи квадаратӣ ва системаи муодилаҳо, нобаробариҳои хаттӣ, прогрессияҳои арифметикӣ ва геометрӣ, ҳосила ва тадбиқи он, системаи муодилаҳо ва нобаробариҳо, тадбиқи интегралҳои муайян ва ғ. Мо дар ин ҷо моҳияти ин методро дар мисоли ҳалли системаи ду муодилаи хаттии дуномаълума дида мебароем.

Академик П.С. Александров дар системаи омӯзиши математика муодиларо ҳамчун ***воситаи дарк намудани табиат*** дониста ба он аҳамияти ҷиддӣ дода, аз ҷумла қайд намудааст: «Аз рӯйи матни масъала, тартиб додани муодила роҳи асосие мебошад, ки ба воситаи он математика ба фанҳои табиатшиносӣ ва техникӣ тадбиқ карда мешавад. Бе муодила, метематика ҳамчун воситаи дарк намудани табиат вуҷуд надорад» [1].

---

[**] *-шарҳи пураи зинаҳои ҷудокардашуда дар мақолаи [2] оварда шудааст.

Нисбати он, ки чӣ тавр муодила аз рӯйи шарти масъалаи математикии мазмуни амалидошта тартиб дода мешавад, ягон қоидаи умумии устуворро додан мумкин нест, ки он имконияти ҳалли ҳамаи масъалаҳоро диҳад. Аммо як қатор нишондодҳои хусусияти умумидоштаи аз чаҳор нукта иборатбударо, ки дар адабиёти [3] оварда шудаанд, истифода бурдан мумкин аст.

Барои дар масъалаҳои математикӣ дохил намудани мафҳумҳои иқтисодӣ аз категорияи "ҳосилнокии меҳнат" оғоз намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин на ба он хотир, ки хонандагон ба ин мафҳум аз таърих ё физика шинос мебошанд, балки барои он ки самаранокии ҳама гуна истеҳсолоти ҷамъиятӣ асосан бо арзиши ҳосилнокии меҳнат андозагирӣ карда мешавад. Категорияҳои "арзиши аслӣ" ва "музди меҳнат"–ро бояд ба матни шарти масъала чунон дохил намоем, ки донишҷӯён ба таври кифоя ва ба осонӣ мазмун ва моҳияти ин мафҳумҳоро аз худи шарти масъала дарк намоянд.

Дар раванди омӯзиши ин мавзӯъ, масъалаҳои дорои мазмуни иқтисодидоштаи дараҷаи якум омӯхта мешаванд, ки ҳалли онҳо барои дар хонандагон ташаккул додани мафҳумҳои асосии иқтисодӣ мусоидат менамоянд, ки бе онҳо аз рӯйи натиҷаи дар зинаи шарҳдиҳӣ бадастовардашуда дар зинаи дуюм ва сеюм таҳлили элементарии иқтисодӣ гузаронидан амри маҳол мебошад.

Масъалаҳои иқтисодии сатҳи якум ба таври элементарӣ ҳал карда шуда, ба донишҷӯён ягон душвориро пеш намеоранд, барои ҳамин ҳам зинаи формализатсияро на ҳама вақт дида баромадан лозим аст. Диққати асосиро ба зинаи шарҳдиҳӣ (интерпретатсия) равона кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Як қатор мисолҳоро дида мебароем.

**Масъалаи 1.** Комбайнчӣ баъди се рӯзи корӣ ба комбайн таҷҳизоти навро васл намуд. Дар натиҷа ҳосилнокии меҳнати ҳамарӯзаи ӯ 50 сентнер зиёд гашт. Дар даҳ рӯзи корӣ вай 17500 сентнер гандумро кӯфта тайёр намуд. Ҳосилнокии меҳнати якрӯза то ва баъди васл намудани таҷҳизоти нав муайян карда шавад.

**Ҳал:**

**Зинаи формализатсия.** Муаллим: Дар натиҷаи кадом амал комбайнчӣ ҳосилнокии меҳнатро зиёд намуд?

Донишҷӯ А: Дар натиҷаи васл намудани таҷҳизоти нав.

Муаллим: Ҳосилнокии меҳнат чӣ қадар зиёд шуд?

Донишҷӯ Б: Ҳосилнокии меҳнат 50 сентнер зиёд шуд.

Муаллим: Чандто тағйирёбандаи номуайянро ёфтан лозим аст?

Донишҷӯ С: Ду тағйирёбандаро.

Муаллим: Дуруст. Оё дар зери мафҳуми ҳосилнокии меҳнат, ҳаҷми якрӯзаи корро фаҳмидан зарур мебошад?

Донишҷӯ Н: Зарур нест. Дар зери мафҳуми ҳосилнокии меҳнат мо метавонем кори дар як воҳиди вақт иҷро кардаи коргарро фаҳмем.

Аз ҷавоби донишҷӯён маълум мегардад, ки баъзе аз донишҷӯён моҳияти ин категорияи иқтисодиро дуруст дарк намудаанд, чунки он аз худи шарти масъала равшан гардидааст.Дар охир таърифро ба донишҷӯён хотиррасон менамоем. «Ҳосилнокии меҳнат гуфта –қобилияти коргарро меноманд, ки он дар муддати вақти ҷудокардашудаи корӣ (соат, рӯзи корӣ ва ғ.ҳ.) миқдори муайяни маҳсулотро тайёр менамояд».

Муаллим: Кадом тағйирёбандаҳоро? Бояд ҷавобҳоятон асоснок бошанд, то ки ҷавоби шумо фаҳмо бошад.

Донишҷӯ А: Бояд ҳосилнокии меҳнатро то дохил кардани таҷҳизоти нав ва баъди дохил намудани он ёбем.

Муаллим: Дуруст. Ин масъаларо бо дохил намудани як ва ё ду тағйирёбанда ҳал намудан мумкин аст?

Донишҷӯ Б: Масъаларо мо метавонем бо ёрии дохил намудани як ва ё ду тағйирёбанда ҳал намоем.

Бигзор, $y$ -ҳосилнокии меҳнати якрӯза то васл кардани таҷҳизоти нав буда, $x$-ҳосилнокии меҳнати якрӯза баъди васл кардани таҷҳизоти нав бошад.

Муаллим: Баъди васл намудани таҷҳизоти нав ҳосилнокии меҳнати якрӯзаи комбайнчӣ чӣ қадар афзуд?

Донишҷӯ Б: $x - y = 50$

Муаллим: Ҳосилнокии меҳнати комбайнчӣ дар се рӯзи аввал чӣ қадар аст?

Донишҷӯ А: Ҳосилнокии меҳнати комбайнчӣ ба $3y$ баробар аст.

Муаллим: Дуруст. Ҳосилнокии меҳнат баъди васл намудани таҷҳизоти нав чӣ?

Донишҷӯ А: Ба $7x$ баробар аст.

Муаллим: Маҳсулоти дар 10 рӯзи корӣ тайёркардаи комбайнчӣ чӣ гуна ифода карда мешавад?

Донишҷӯ Б: $3x + 7y = 17500$

Муаллим: Ҳамин тариқ, мо системаи муодилаҳои хаттии дуномаълумаи зеринро ҳосил намудем:

$$\begin{cases} x - y = 50 \\ 7x + 3y = 175000 \end{cases}$$

**Зинаи ҳалли модели математикӣ.**

$$\begin{cases} x - y = 50 \\ 7x + 3y = 17500 \end{cases} \Rightarrow \begin{cases} 3x - 3y = 150 \\ 7x + 3y = 17500 \end{cases}$$

Ҷавоб: $10\,x = 17650$ , $x = 1765$ баъди васл намудани таҷҳизоти нав дар як рӯз;

$y = x - 50 = 1765 - 50 = 1715$ пеш аз васл намудани таҷҳизоти нав -дар як рӯз.

**Зинаи шарҳдиҳӣ:** Муаллим: Ҳосилнокии меҳнат гуфта чиро меноманд?

Донишҷӯ С: Ҳосилнокии меҳнат гуфта, ҳамин қадар миқдори гандумро меноманд, ки комбайнчӣ дар як рӯз кӯфта тайёр кардааст.

**Масъалаи 2.** Ду бригадае, ки аз 10 ва 12 одамӣ иборатанд, технологияи истеҳсолиро такмил дода, натиҷаи ҳосилнокии меҳнатро мувофиқан 20% ва 10% зиёд намуданд, ҳарду бригада дар як баст ба ҷойи 710 детал 816 детал мебаровардагӣ шуданд. Ҳосилнокии меҳнатӣ ҳар кадоме аз коргарони бригадаҳои якум ва дуюмро дар як баст то ва баъди такмил додани технологияи истеҳсолот ёбед.

**Ҳал. Зинаи формализатсия.**

Муаллим: Аз кадом ҳисоб бригадаҳо ҳосилнокии меҳнатро зиёд намуданд?

Донишҷӯ А: Аз ҳисоби такмил додани технологияи истеҳсолӣ.

Муаллим: Маҳсулнокии меҳнатро чӣ қадар зиёд намуданд?

Донишҷӯ Б: Бригадаи якум 20% ва бригадаи дуюм 10% зиёд намуданд.

Муаллим: Дар якҷогӣ ҳосилнокии меҳнат чӣ қадар афзуд?

Донишҷӯи В: Ба 816 – 710 = 106 детал.

Муаллим: Чандто бузургии матлубро ёфтан лозим аст?

Донишҷӯ Г: Дуто бузургии матлубро ёфтан лозим.

Муаллим: Кадомҳо. Ҷавобҳоро муфассал диҳед, то ки дар бораи чӣ сухан меронед, фаҳмо бошад.

Донишҷӯ Д: Ҳосилнокии меҳнати ҳар кадоми коргарҳои бригадаи якум ва дуюмро то ва баъди такмил додани технологияи истеҳсолӣ ёфтан лозим аст.

Муаллим: Дуруст. Ин масъаларо бо як, ё ки ду номаълум ҳал кардан мумкин аст?

Донишҷӯ А: Масъаларо ҳам бо як ва ҳам бо ду номаълум ҳал намудан мумкин аст.

Бигузор $x$ – детал ҳосилнокии меҳнатӣ коргарони бригадаи якум дар як баст буда, $y$ – детал ҳосилнокии меҳнатӣ коргарони бригадаи дуюм дар як баст то такмил додани технология бошад, он гоҳ $10\,x + 12\,y = 710$ ҳосилнокии меҳнати ҳарду бригада дар як баст мешавад.

Азбаски ҳосилнокии меҳнат мувофиқан 20 ва 10% афзудааст, бинобар ин муодилаи дуюмро дар шакли зерин ҳосил менамоем:

$$2\,x + 1{,}2\,y = 106$$

Ҳамин тариқ, системаи ду муодилаии дуномаълумаи

$$\begin{cases} 10x + 12y = 710 \\ 2x + 1{,}2y = 106 \end{cases}$$ -ро ҳосил намудем.

**Зинаи дуюм- ҳалли модели математикии масъала:**

$$\begin{cases} 10x + 12y = 710 \\ 2x + 1{,}2y = 106 \end{cases}$$

Аз ин ҷо: $6y = 180$, $y = 30$; $x = 35$.

Баъди такмилдиҳӣ дар як баст бригадаи якум $x_1 = x + 20\% = 35 + 7 = 42$ детал ва бригадаи дуюм $y_2 = y + 10\% = 30 + 3 = 33$ детал истеҳсол намудаанд.

**Ҷавоб:** Бригадаҳо то такмилдиҳӣ мувофиқан 35 ва 30 детал, баъди такмилдиҳӣ 42 ва 33 детал истеҳсол кардаанд.

**Зинаи шарҳдиҳӣ.**

Муаллим: Ҳосилнокии меҳнат гуфта чиро мефаҳмед?

Донишҷӯ Н: ҷавоби дуруст медиҳад.

Муаллим: Дар зери мафҳуми технологияи истеҳсолӣ чиро мефаҳмед?

Донишҷӯ Д: Технология ин ҳамон, чӣ гунае ки истеҳсол мекунанд.

Муаллим: Ба фикри ман дуруст мебуд, ки чунин гӯем: Дар зери мафҳуми технологияи истеҳсолӣ тарзҳои коркардеро меноманд, ки он барои тайёр кардани ин ё он маҳсулот истифода бурда мешавад. Беҳтар мебуд, ки таърифи ин мафҳумро ба дафтаратон нависед.

**Масъалаи 3.** Арзиши аслии 16 детали навъи якум ва 20 детали навъи дуюм 62 сомонӣ аст. Дар мавриди арзиши аслии детали навъи якум ба 25 ва детали навъи дуюм паст гардидан, арзиши аслии деталҳо то ва баъди пастшавӣ муайян карда шавад.

**Ҳал.**

**Зинаи формализатсия** ва ҳалли модели математикиро донишҷӯён бомуваффақият иҷро менамоянд. Бинобар ин зинаи шарҳдиҳиро дида мебароем.

**Зинаи шарҳдиҳӣ:** ба саволи арзиши аслии маҳсулот ва ҳосилнокии меҳнат донишҷӯён дуруст ҷавоб доданд.

Муаллим: Оё арзиши аслии маҳсулот ба ҳосилнокии меҳнат алоқаманд аст? Арзиши аслӣ ва ҳосилнокии меҳнатро ба хотир биёред.

Донишҷӯ С: Арзиши аслӣ аз ҳосилнокии меҳнат вобастагӣ дорад. Агар ҳосилнокии меҳнат зиёд шавад, он гоҳ арзиши аслӣ паст мешавад.

Муаллим: Ҳама вақт барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат кӯшиш бояд кард. Вале дар ин маврид чиро бояд фаромӯш накунем?

Донишҷӯ Д: Дар бораи он ки хушрӯй ва зебо бояд иҷро кард.

Муаллим: Боз чӣ?

Донишҷӯ Д: Бояд устувор бошад.

Муаллим: Дуруст.

Дар ин маврид таассуроти аудитория хайрхоҳона мебошад. Ин ҳолат пурра фаҳмо аст, онҳо дар бораи вобастагии арзиши аслӣ аз ҳосилнокии меҳнат “ кашфиёт” намуданд, дар ин маврид зарур аст, ки маҳсулоти истеҳсолкардашуда бояд зебо ва устувор бошад, бояд бо ибораи дигар - дорои сифати баланд бошад, маънидод карда шавад.

**Масъалаи 4**. Ду бригадаи аз 10 ва 15 кас иборатбуда, дар як баст 620 детал тайёр намуданд. Баъди такмил додани технология, ҳосилнокии меҳнат дар як баст то 702 детал зиёд гардид. Ҳосилнокии меҳнат чанд фоиз зиёд мегардад, агар ҳар як коргари бригадаи якум ба ҳисоби миёна ҳосилнокиро ба 20%, коргарони бригадаи дуюм ба 10% зиёд карда бошанд. Маоши миёнаи якмоҳаи коргарони бригадаҳои 1 ва 2–ро баъди беҳтар намудани технологияи истеҳсолӣ ёбед, агар барои ҳар як детали барзиёд иҷрошуда 5 сомонӣ пардохт карда шавад (дар як моҳ 22 рӯзи кори ҳисобида шавад).

**Ҳал. Зинаи формализатсия.**

Муаллим: Дар кадом асос ҳосилнокии меҳнат зиёд карда шудааст?

Донишҷӯ А: Аз ҳисоби такмил додани технологияи истеҳсолот.

Муаллим: Ҳосилнокии меҳнати якҷояи ин бригадаҳо чӣ қадар зиёд гаштааст?

Донишҷӯ Т: Ба 82 детал дар як баст.

Муаллим: Бузургиҳои матлубро номбар кунед.

Донишҷӯ В: Пеш аз ҳама, ҳосилнокии меҳнати коргарони бригадҳои 1 ва 2–ро дар як баст ёфта, баъд маоши миёнаи якмоҳаи коргаронро муайян намудан лозим аст.

Муаллим: Ҳамин тариқ, бузургиҳои номаълум чӣ қадар будаанд?

Донишҷӯ В: Чорто.

Муаллим: Дуруст. Оё аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки масъаларо бо чор номаълум ҳал намудан лозим аст?

Донишҷӯ А: Не.

Донишҷӯ К: Бо ду номаълум ҳал кардан лозим.

Муаллим: Дуруст. Бо $x$–чиро ишора менамоем?

Донишҷӯ А: Бо $x$-ҳосилнокии меҳнати ибтидоии коргарони бригадаи 1–ро дар як баст ва бо $y$–ҳосилнокии меҳнати ибтидоии коргарони бригадаи 2–ро ишора мекунем.

Муаллим: Кифоя аст. Музди меҳнатро чӣ кор менамоем? Кулли донишҷӯён ба фикру хаёл фурӯ рафтанд.

Донишҷӯ В: Инро баъдтар ҳисоб намудан мумкин аст.

Муаллим: Чӣ хел, баъдтар?

Донишҷӯ В: Вақте ки мо ҳосилнокии меҳнати коргарони бригадаҳои 1 ва 2-ро дар як баст меёбем.

Муаллим: Дуруст. Масъаларо ҳал намоед.

Донишҷӯ А: масъаларо дар тахтаи аудитория ҳал менамояд. Аз қисми якуми шарти масъала муодилаи зеринро ҳосил менамоем:

$$10x + 15y = 620$$

Баъди такмил додани технологияи истеҳсолот, ҳосилнокии коргарони бригадаи 1 ба 20% афзоиш ёфта, коргарони бригади 2 бошад, ба 10%, дар натиҷаи он ҳосилнокии меҳнати ҳарду бригада ба 702 детал – 620 детал = 82 детал дар як баст афзоиш ёфтааст.

Аз ин ҷо муодила намуди

$$\frac{10x}{100} \cdot 20 + \frac{15y}{100} \cdot 10 = 82$$ - ро мегирад.

Ҳамин тариқ, системаи ду муодилаи хаттии дуномаълумаи

$$\begin{cases} 10x + 15y = 620 \\ 2x + 1{,}5y = 82 \end{cases}$$

- ро ҳосил намудем. Ин системаи муодилаҳоро ҳал намуда, ба натиҷаи зерин доро мегардем: бригадаҳо дар як баст мувофиқан то такмил додани технология $x = 20$ детал, $y = 28$ детал тайёр намуда, баъди такмил додани технологияи истеҳсолӣ онҳо дар як баст мувофиқан 24 детал, 30,8 ≈ 31 детал тайёр мекардагӣ шуданд. Вале барои музди меҳнат бошад, тамоми деталҳои тайёркардашударо ба ҳисоб мегиранду халос.

Музди меҳнати коргарони бригадаи 1–ум: 24 · 5сом · 22 = 2640 сом.

Музди меҳнати коргарони бригадаи 2–ум: 30 · 5сом · 22 = 3300 сом.

**Зинаи шарҳдиҳӣ.**

Муаллим: Музди меҳнат гуфта чиро мефаҳмед?

Донишҷӯ П: Музди меҳнат он чизе мебошад, ки коргар, ё ки хизматчӣ ба ивази меҳнаташ мегирад.

**Муаллим:** Дуруст. Дар бораи музди меҳнат боз чиро медонед?

Аз ҷавоби донишҷӯён аён мегардад, ки баъзеи онҳо дар бораи мавҷудияти мукофотпулӣ ва иловапулиҳои кварталӣ, дар бораи маоши 13–ум ҳамчун мукофотпулии яквақта дар охири сол тасаввурот доранд.

Дар асоси таҷрибаҳои ҳосилкардаамон мо ба хулосае омадем, ки дар вақти омӯзиш мавзӯъҳои “ Муодилаи яктағйирёбандадор” ,“ Системаи ду муодилаҳои хаттии дуномаълума” истифодабарии мафҳумҳои “ҳосилнокии меҳнат”, “арзиши аслӣ” ва “музди меҳнат” дар ҳалли масъалаҳои математикӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва коллеҷҳо дар вақти такрори ин мавзӯъҳо, ҳатто барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ низ ба таври пурра дастрас мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Апанасов Н.Т. Сборник математических задач с практическим содержанием /Н.Т. Апанасов, Н.Н. Апанасов. – М: «Просвещение», 1997.
2. Раҳимов Р.М. Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодӣ дошта дар ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши муодилаҳои якномаълумаи хаттӣ / Р.М. Раҳимов, М.Н. Солиев // Паёми ДМТ. – 2017. -№3/4. –С.286-291.
3. Солиев М.Н. Дар бораи як модели ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши муодилаҳои квадратӣ / М.Н. Солиев, Р.М. Раҳимов // Паёми ДМТ. – 2017. -№3/7. -С.326-332.
4. Терешин Н.А. Прикладная направленность школьного курса математики / Н.А.Терешин. -М: Просвещение, 1990.
5. Шапиро И.М. Использование задч с практическим содержанием в преподавании математики / И.М.Шапиро. – М: Просвещение, 1990. -96 с.

## ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИДОШТА ДАР ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ МАТЕМАТИКИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲОИ ХАТТӢ

Дар алоқа бо гузариш аз низоми одии таълим ба низоми кредитӣ дар макотиби олӣ амсилаҳои математикӣ ва мафҳумҳо дар иқтисод хеле васеъ истифода бурда мешаванд. Дар мақолаи мазкур ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки дар системаи муодилаҳои хаттӣ оварда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** тарбияи иқтисодии донишҷӯён, ҷараёнҳо, ҳодисаҳои иқтисодӣ, моделҳои математикӣ, алоқамандии байнифаннии математика, фанҳои иқтисодӣ, системаи муодилаҳои хаттӣ, кам кардани ҳаҷми хараҷотҳо, захираи музди меҳнат, арзиши аслӣ, ҳосилнокии меҳнат.

## РЕШЕНИЕ ЗАДАЧ С ЭКОНОМИЧЕСКИМ СОДЕРЖАНИЕМ В РАЗВИТИИ МАТЕМАТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ СТУДЕНТОВ ПРИ ИЗУЧЕНИИ СИСТЕМ ЛИНЕЙНЫХ УРАВНЕНИЙ

В связи с переходом от обычной системы обучения к кредитной системе в ВУЗ-ах, в экономике широко применяются математические модели и понятия. В данной статье изучается экономическое воспитание студентов в процессе решения математических задач с экономическим содержанием, которые приводятся к системе линейных уравнений.

**Ключевые слова:** математическое мышление, системы линейных уравнений, формализация, математическая модель, экономические интерпретации, себестоимость, производительность труда, заработная плата.

## SOLVING TASKS WITH THE ECONOMIC SUBSTANCE IN THE DEVELOPMENT OF MATHEMATICAL THINKING OF STUDENTS IN THE STUDY OF SYSTEMS OF LINEAR EQUATIONS

In connection with the transition from the traditional training sustem to the credit sustem in the institutes, mathematical models and concepts are widely uesd in the economy. In this article, we stady the economic education of students in the process of solving mathematical tasks with an economic substance, which are given in a sustem of linear aquations.

**Key words:** Mathematical thinking, the sustem of lenear equations, formalization, mathematical model, economic interpretations, cost price, labor productivity and wages.

**Сведения об авторах:** ***Солиев Мирзон Норович*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры высшей математики. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Нахимова 64/14. Телефон: **989.03.48.42**

***Рахимов Рашид Маджидович*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, профессор кафеды высшей математики. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Нахимова 64/14. Телефон: **918.99.77.22.**

**Information about the authors:** ***Soliev Mirzon Norovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, senior lecturer of the Department of Higher Mathematics. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Avenue 64/14. Phone: **989.03.48.42**

***Rakhimov Rashid Majidovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Professor of the Higher Mathematics Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Avenue 64/14. Phone: **918.99.77.22.**

## МУНДАРИЧА - СОДЕРЖАНИЕ

## ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ - ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ


***Саидов Абдукахор*** Отрицательное влияние противостояния Бухарского и Хивинского ханств на жизнь оседлего населения в XVII в………… *5*

***Расулиён Қ.Р.*** Ориёиҳо поягузорони улум дар ҷаҳонанд………… *9*

***Баҳодуров Б.Ф.*** Ислоҳоти ҳукумати Амонуллоҳхон – марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон *13*

***Сангинов Далер*** Таърихи мадрасаҳои бекии Ҳисор дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX…… *20*

***Сия Жань*** Серебряные монеты Сасанидов, найденные в Китае………… *25*

***Ҳақназаров А., Насриддинов Х.*** Нақши фарҳанги ориёӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ………… *31*

***Бониёзов И.Х*** Этапы развития фортификации Таджикистана (Южный и Центральный Таджикистан)………… *36*

***Собиров Ш.*** Вклад русскоязычного населения в социально-экономическое развитие Гиссара…… *40*

***Кобилова М.П.*** Вышитые платья таджичек: истоки искусства и композиционные особенности узора………… *47*

***Улугова М.Х.*** Научные труды профессора М.Р. Шукурова в историографии культурной жизни Таджикистана………… *52*

***Саидова Б. М., Зубайдуллоев С.Х.*** Булбули санъати тоҷик - Шоиста Муллоҷонова………… *56*

***Мирзоев Ғ.*** Таркиби динӣ дар муносиботи байналмилалӣ………… *59*

***Қурбонова Ширин*** Фаъолияти ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар матбуоти даврӣ………… *65*

***Шарофов Э.У.*** Ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллии ҷавонон………… *68*

***Меъроҷиддини Насридин*** Хатарҳои муосири амниятии кишварҳои Осиёи Марказӣ………… *72*

***Қамаров А.З.*** Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Араб дар даврони шӯравӣ………… *76*

***Холов Ш.И.*** Ҳамкориҳои байналмилалии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб………… *83*

***Нурова Л.Н.*** Ташаккул ва таҳаввули робитаҳои сиёсии Тоҷикистон ва Россия дар даврони истиқлолият………… *86*

***Зоири Гафур Махмудзода*** Отображение геральдики населенных пунктов таджикской сср в фалеристике советской эпохи………… *91*

***Негматова Т.М.*** Классификация международных санкций и критерии их легитимности………… *99*

***Шарипов Ҷ.С.*** Инъикоси таҳқиқи масоили ҳиндуаврупоиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон………… *108*

***Муҳаммад Довуд Иброҳимхел*** Шаклгирии ифротияти исломӣ дар Покистон: аз аҳдофи миллӣ, митақаӣ то аҳдофи ҷаҳон………… *113*

***Қараев Ф.*** Шуҷоат ва мардонагии тоҷикистониён дар набарди назди Сталинград………… *118*


## ФАЛСАФА - ФИЛОСОФИЯ


***Рахимов М. Х.*** Ибн Сина о поэтическом искусстве………… *125*

***Суленёва Н. В.*** Интеллигентность и звучащее слово: «былое и думы»………… *130*

***Карамхудоев Ш.Х.*** Критерий человечности и проблема рационального и иррационального воспитания человека в учениях Носира Хусрава и Джалолуддина Руми………… *134*

***Қодиров К.*** Ирфон ва фалсафа: фарзияи инсон ва ҷаҳон………… *139*

***Маҳмадиев Н.Д.*** Тамоюлоти асосии инкишофи терроризму ифротгароӣ дар Тоҷикистон………… *143*

***Абӯбакри Мирзоаҳмади Грезода*** Нақши ахлоқ аз нигоҳи Насируддини Тӯсӣ………… *148*

***Гиёсов Б.Р.*** Категория справедливости в трудах мыслителей Греции и Востока………… *154*

***Маҳмадиев Н.Д.*** Терроризми байналмилалӣ ҳамчун проблемаи ҷаҳонӣ………… *157*

***Раҳмонов Ҳ.А.*** Шахсият ҳамчун сабаб ва маҳсули рушди таърихӣ………… *161*


## ПЕДАГОГИКА


***Файзулло Шарифзода*** Андешаҳо нисбати ташаккули рағбати маърифатҷӯии талабагон дар шароити таълими ҳамгиро ва гуногунфарҳангӣ………… *166*

***Рузиева Л.Т., Негматов С.Э.*** Прецедентно-значимые тексты в системе лингвокультурно-ориентированного обучения русскому языку студентов неязыкового вуза………… *172*

***Азизов А.А., Яхьяев Ф.Н., Ганиева М.А.*** Устное словесное рисование на занятиях по основам изобразительного искусства художественно-графического факультета………… *180*

***Погорелова Н.В., Николаева Л. А.*** Фестиваль как форма организации досуга студенческой молодёжи. *185*

*Иззатова М.И., Иззатова Н.И.* Тарбияи кӯдакон заҳмати бештар талаб мекунад…………………. *190*
*Джонмахмадова Г.Ш.* Обеспечение коммуникативной компетенции в обучении неродному языку – важнейшая цель современной инновационной политики………………………………………………. *194*
*Малова Д.В.* Роль технологий социально-культурной деятельности в формировании этнокультурной компетентности студентов вуза………………………………………………………………………………. *201*
*Бобохонов Х. Ю.* Зарурати таълим ва тарбияи фарҳанги иттилоотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ………………………………………………………………………………………… *205*
*Васихов М.М.* Хизматрасонии муосир дар осорхона……………………………………………………….. *209*
*Шоева М.Ё.* Педагогические аспекты повышения культуры общения между преподавателями и студентами в вузах Таджикистана………………………………………………………………………………. *214*
*Сафаров М.В.* Теоретическое обоснование и принципы неформального образования………………….. *220*
*Алиев А.* Размышления об особенностях внедрения компетентностного обучения в Таджикистане…… *223*
*Мирзоева С.Р., Гоибова Н.А.* Современные научно-педагогические подходы к организации и содержанию ученического самоуправления по формированию творческой личности школьника……… *227*
*Саидаҳмадов М.М.* Методикаи таълими шеваи зиндагии Имоми Аъзам (Р) ва аҳамияти тарбивии он…………………………………………………………………………………………………………….. *231*
*Гулова Наҷиба* Этикаи касбии омӯзгорон: вазъият ва дурнамои инкишофи он …………………….. *236*
*Давлатов Д.Р.* Методические особенности построения занятий для развития физической активности и физической формы………………………………………………………………………… *240*
*Гулрӯи Сӯҳроб* Шароитҳои педагогӣ ва хусусиятҳои марҳилаи дуюми ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик…………………………….. *245*
*Сабзаали Раджаб* Мотивации в формировании иноязычно-речевых и языковых способностей *251*
*Акмалова М.А., Каюмова Х.Т.* Состояние и пути совершенствования системы профессионального образования………………………………………………………………………………………………… *255*
*Шарипов Б.Р.* Технологические решения как фактор повышения эффективности образовательного процесса…………………………………………………………………………………………………………. *259*
*Наимов У.Т.* Эффективное использование информационно-коммуникационных технологий руководителем академических групп в процессе обучения ……………………………………………… *264*
*Шомардова С.С.* Ташаккули фарҳанги педагогии муоширaт………………………………………… *269*
*Холматова М.М.* Моделҳои таҷрибавӣ-таҳлилии ташкили ҷараёни таълим ва тарбия зимни татбиқи ғояҳои педагогикаи муосир……………………………………………………………………… *272*
*Акбарова М.Н.* Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ зимни таълими математика…………………………………………………………………………………………………… *276*
*Сабуров У.С.* Ақидаҳои иҷтимоию педагогии аҳмади дониш оиб ба меҳнатдӯстӣ ва касбомӯзӣ *280*
*Хусравбеков Л.Д., Шерматов Д.С., Бобоев Т.Б.* Применение тестирования как эффективного способа проверки знаний учащихся по механике………………..…………………………………………………… *284*
*Алиева Г.* Забони англисӣ ҳамчун асоси азхудкунии фаъолияти таълимӣ – идрокии донишҷӯён… *288*
*Тағоева М.* Таъсири технологияҳои муосир дар тарбияи кӯдакон ва рушди ҳамкории оила бо муассисаҳои томактабӣ дар ин замина.......................................................................................... *293*
*Саидов С. А.*Создание и применение интерактивных тестов в компьютерной программе «My test» на уроках русского языка в таджикской школе……………………………………………………………….... *297*
*Солиев М.Н. Раҳимов Р.М.* Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши системаи муодилаҳои хаттӣ...................... *301*

**ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»**

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста. Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2018. № 5.**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 38,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 29.08.2018 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.